ВАЗОРАТИ МАОРИФИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Мактаби Олӣ

## (Қисми аввал)

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ

**Душанбе – 2007**

**Мураттибон: Раҳимов Ф., Муллоев А., Саидов Н.,Шодиев М.,
Атахонов М., Расулов А.
Муҳандиси компютерӣ: Азимов А.**

**Санадҳои меъёрии
ҳуқуқии соҳаи
таҳсилоти олии касбӣ
Зери таҳрири
Вазири маорифи
Хумҳурии Тоҷикистон
Раҳмонов А.А.**

**Мундариҷа**

Сарсухан…………………………….…………………
1. Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

2. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2015

3. Қоидаҳои донишҷӯӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

4. Дарс - лексия

5. Қоидаҳои қабул ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

6. Низомнома дар бораи татиби додани унвонҳои илмӣ ба кормандони муассисаҳои илмии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони илмию педагогии муассисаҳои таълимии маълумоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимии иловагии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

7. Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ

8. Дар бораи пайваста тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо роҳи шартномавӣ
9. Дастурамали қабули духтарон ва писарон ба мактабҳои олӣ ( беимтиҳон) тибқи квотаи Президентӣ

2.1. Низомнома оид ба литсензионидани муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………..
2.2. Низомнома дар бораи аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон……......
2.3. Меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………….....
2.4. Низомнома дар бораи аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон………...
2.5. Тартиби дида баромадани ҳуҷҷатҳо дар вақти гузаронидани аккредитатсияи давлатии мактабҳои олии касбиии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………...
2.6. Номгӯи ҳуҷҷатҳои муассисаҳои таълимии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан аз аккредитатсияи давлатӣ…………………………………
2.7. Методикаи истифодаи технологияи таълими фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва таҳсилоти иловагии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…………....
2.8. Талаботи иҷозатномадиҳӣ {ангоми ташкили раванди таълим бо истифодаи технологияи фосилавӣ дар асоси барномаҳои таълимии таҳсилоти мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
………………………………..
2.9. Дастури методӣ оид ба ташкили гузаронидани худаттестатсиякунонии муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, олӣ ва баъди мактаби олиро амалӣ мегардонанд……………....
2.10. Низомномаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................
2.11. Низомномаи Раёсати таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва баъди муассисаи олии

касбӣ…………………………....
2.12. Низомномаи Шерои ректорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………….....
2.13. Низомномаи Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………….
2.14. Низомномаи шӯъбаи кадрҷои муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………….
2.15. Низомномаи шӯъбаи коргузории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………....
2.16. Низомномаи нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (филиалҳо, факултетҳо ва зершӯъбаҳо)………………...
2.17. Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………...
2.18. Низомномаи Шӯрои олимони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон……......
2.19. Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………...
2.20. Низомномаи Шӯъбаи тайёрии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………….
2.21. Низомномаи рухсатии академии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....................................................................
2.22. Низомномаи гирифтани таҳсилоти иловагии баъд аз муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тохикистон……………………………………….…
2.23. Низомнома дар бораи гузаронидан, барқароркунӣ ва хориҷ намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон……………….........
2.24. Низомнома дар бораи комиссияи имтиҳоноти давлатӣ дар мактабҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…….
2.25. Низомномаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти кабии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикисон…………………………………….
2.26. Низомномаи тартиби додани унвонҳои илмӣ ба кормандони илмию омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мауссисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон………………....
2.27. Низомнома дар бораи бакалавриат……………………..
2.28. Низомнома дар бораи тайёр кардани «мутахассис»…...
2.29. Низомнома дар бораи гузаронидани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии тоҷикистон аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳҳои ройгон…………………………………………………….
2.30. Низомномаи таъин ва пардохти стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………..
БОБИ III. Намунаи феҳрасти ҳуҷҷатгузории муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Дар мисоли Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон)………..
БОБИ IV. Фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………………
4.1. Дар бораи тасдиқ намудани талаботи минимуми барномаи ҳатмии Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба фанҳои умумӣ-гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ…………………………………………………
4.2. Дар бораи тасдиқ намудани талаботи минимуми барномаи ҳатмии Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба фанҳои риёзӣ ва умумии табиатшиносӣ
4.3. Тавзеҳи фанҳои таълимии блокҳои 1 ва 2-юми нағшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………..
БОБИ V. Замимаҳо………………………………………………
5.1. Талаботи минимуми Стандарти давлатӣ бо ҳаҷми умумии соатҳо, соатҳои аудиторӣ, соатҳои кори мустақилона ва шакли назорати донишҷӯ аз блоки фанҳои умумигуманитарӣ ва иҷтимоию

иқтисодии нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………...
5.2. Талаботи минимуми Стандарти давлатӣ бо ҳаҷми умумии соатҳо, соатҳои аудиторӣ, соатҳои кори мустақилона ва шакли назорати донишҷӯ аз блоки фанҳои риёзӣ ва умумии табиатшиносии нағшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтисосҳои гуманитарӣ...
5.3. Талаботи минимуми Стандарти давлатӣ бо ҳахми умумии соатҳо, соатҳои аудиторӣ, соатҳои кори мустақилона ва шакли назорати донишҷӯ аз блоки фанҳои риёзӣ ва умумии табиатшиносии нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтисосҳои табиатшиносӣ, техникӣ ва тиббӣ……………………..
5.4. Тақсимоти ҳафтаҳо……………………………….
5.5. Тақсимоти соатҳои нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар блокҳои фанҳои умумигуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ (блоки I) ва риёзию умумитабиатшиносӣ (блоки II)………………………………………………..
5.6. Тақсимоти соатҳои блоки 3 ва 4-и нақшаҳои таълимӣ..

---

# БОБИ I

## Санадҳои меъёриву ҳуқуқии батанзимдорорандаи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Қонуни мазкур сиёсати давлатро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муайян намуда, ба фароҳам овардани шароит дар таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар шахс барои дарёфти таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудааст.

## БОБИ ЯКУМ

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд:

**таҳсилоти олии касбӣ** - дараҷаи таҳсилотест, ки шахс дар муассисаи олии таълимӣ дар натиҷаи раванди пайдарпай, бонизом ва ҳадафманди фарогири мазмуни таълим, ки он ба таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ асос ёфта, бо дарёфти тахассуси муайян аз рӯи ҷамъбасти аттестатсияи давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад;

таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ-таҳсилотест, ки ба ҳар шахс имкони боло

бурдани сатҳи таҳсил ва тахассусро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ медиҳад;
**аккредитатсия** - тартиби муайян намудани мақоми муассисаи таълимии навъи муайян барои фаъолияти таълимӣ мутобиқи стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ;
**аспирант -** шахсе, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ буда, мутахассис аст ё дараҷаи магистрро дорад ва дар аспирантураи муассисаи олии таълимӣ ва ё муассисаи илмӣ ба мақсади таҳияи рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илм таҳсил мекунад;
**аттестатсия** - тартиби муқаррар кардани мувофиқати мазмун, сатҳ ва сифати омодагии хатмкардагони муассисаи олии таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи соҳаҳои таълим (ихтисос);
аттестатсияи ниҳоии давлатии донишомӯзон - тартибест, ки барои муайян кардани дараҷаи фарогирии онҳо ба стандарти ҳатмии давлатии сатҳи марбутаи таълим анҷом дода мешавад ва аз рӯи натиҷаи ҳосилшуда ҳуҷҷати дорои таҳсилоти марбута дода мешавад;
бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси касбӣ - таълиме, ки мутобиқи сатҳи таҳсилоти касбӣ, ба мақсади такмили ихтисос аз ин ё он касб дода мешавад;
**бакалавр -** дараҷаи аввали (базавӣ) таҳсилоти олии касбӣ буда, мутахассиси дорои ин таҳсилот доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбӣ ҳосил менамояд;
**докторант -** шахсе, ки дараҷаи илмии номзади илм дошта, ба докторантура барои дарёфти дараҷаи доктори илм қабул шудааст;
**донишҷӯ -** шахсе, ки бо тартиби муқарраршуда ба муассисаи олии таълимӣ қабул шуда, дар шӯъбаи рӯзона, шабона, ғоибона ё экстернат бо мақсади дарёфти дараҷаи муайяни таълим ва ихтисос таҳсил мекунад;
**ихтисос -** маҷмӯи дониш ва маҳорату малака, ки аз роҳи омодагии ҳадафнок ва таҷрибаи корӣ хосил шуда, барои навъи муайяни фаъолият зарур мебошад ва бо ҳуҷҷатҳои мувофиқ дар бораи таҳсилот тасдиқ карда мешавад;
**касб -** намуди асосии шуғл ва фаъолияти меҳнатии инсон буда, бо ҳуҷҷати марбут ба таҳсилот тасдиқ мегардад;
курсант - шахсе, ки бо тартиби муқарраршуда ба муассисаи олии таълимии ҳарбӣ (ва ё махсус) қабул шуда, барои ба дараҷаи муайяни таҳсилот ва ихтисос соҳиб шудан таҳсил мекунад;
литсензиякунонӣ - тартиби эътироф кардани имконоти муассисаи олии таълимии навъи муайян барои оғози фаъолияти таълимӣ, ки бо гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва ихтисос мутобиқи талаботи стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин, талаботи давлатӣ нисбат ба таъмин будан бо кадрҳо, таъминоти илмию методӣ ва моддию техникӣ алоқаманд аст;
**магистр -** дараҷаи таҳсилоти олии касбӣ, ки пас аз супоридани имтиҳони давлатӣ ё ҳимояи рисолаи магистрӣ ба хатмкунандагони муассисаҳои олии касбии таълимӣ медиҳанд. Магистр, асосан, ба соҳаи муайяни илм машғул шуда, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебарад ва аз рӯи ихтисос дар муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва дигар вазифаҳое, ки ба сатҳи таҳсилоташ мувофиқанд, кор мекунад;
**мазмуни таълим -** сохтор, мундариҷа ва ҳаҷми барномаи таълимист, ки аз худ намудани он ба шахс имкони гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва ихтисоси муайянро таъмин менамояд;
муассисаи олии касбии таълимӣ - муассисаи таълимӣ, таълимии илмӣ, ки барномаи таълимӣ-касбии таҳсилоти олиро аз рӯи стандарт ва самти муайяни таълим ва маърифату тахассус татбиқ менамояд, таълиму тарбия ва тайёрии касбии шаҳрвандонро вобаста ба майлу хоҳиш, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин мекунад, инчунин фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро амалӣ мегардонад;
муассисаи олии касбии таълимии давлатӣ-муассисаи олии таълимие, ки аз ҷониби давлат таъсис дода шуда, аз буҷети давлатӣ ё дигар манбаъҳо маблағгузорӣ мешавад ва ба мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад;
муассисаи олии касбии таълимии ғайридавлатӣ - муассисаи олии таълимие, ки ба моликияти ғайридавлатӣ ва хусусӣ асос ёфта, ба муассис (муассисон) тобеъ аст;
**мутахассис -** шахсе, ки соҳиби таҳсилоти олии касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбӣ дошта, қобилияти навиштани кори илмиро дорост;
**озодии академӣ -** озодии баёни мазмуни таълим аз рӯи салоҳдиди худ дар доираи барномаҳои таълимӣ, интихоби мавзӯъ барои тадқиқоти илмӣ ва ҳалли он бо методҳои худ, инчунин озодии

омӯзандагон дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ;
стандарти таҳсилоти олии касбӣ - маҷмӯи меъёрҳое, ки мазмуни таҳсилоти олии касбӣ, моҳияту мӯҳлати таълим ва усулҳои ташхиси сифати таҳсилоти олиро бо назардошти дастовардҳои умумибашарӣ муайян мекунанд;
**тахассус -** намуд ва дараҷаи омодагии касбии хатмкунанда барои иҷрои фаъолияти касбӣ ё давом додани таҳсил, ки дар ҳуҷҷати дорои таҳсилоти марбута инъикос мешавад;
**таҳсилот -** раванди муттасили таълиму тарбия, ки мақсад аз он ноил шудан ба сатҳи баланди инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии аъзои ҷамъият мебошад;
таҳсилоти иловагӣ-раванди тарбия ва таълим, ки дар асоси барномаҳои маърифатии иловагии ҳама сатҳҳо бо мақсади қаноатмандгардонии ҳамаҷонибаи талаботи маърифатии шаҳрванд, ҷамъият ва давлат сурат мегирад;
таълими фосилавӣ (таълим дар масофа) - яке аз шаклҳои таълим, фаъолияти мақсадноки методии таълимӣ-идрокӣ ва инкишофии шахс, ки аз муассисаи таълимӣ дар масофаи дур воқеъ гаштаанд ва тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ маълумот мегиранд;
**унвонҷӯ -** шахсе, ки таҳсилоти олии касбӣ дошта, ба аспирантура ва ё докторантураи муассисаи олии таълимӣ ё муассисаи илмӣ вобаста шудааст ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм бе таҳсили давраи аспирантура рисолаи илмӣ менависад ва ё шахсе, ки дорои дараҷаи илмии номзади илм буда, барои гирифтани дараҷаи илмии докторӣ бе таҳсили давраи докторантура рисолаи илмӣ менависад;
фаъолияти таълимӣ - фаъолияте, ки аз роҳи анҷоми хадамот барои дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва додани ҳуҷҷати дорои таҳсилоти марбута алоқаманд аст;
худидораи муассисаи таълимӣ - мустақилӣ дар интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, татбиқи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
**экстерн -** шахсе, ки омӯзиши мустақили фанҳоро аз рӯи барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи таълим (ихтисос) интихоб намудааст ва минбаъд дар муассисаи олии таълимӣ аз аттестатсияи ҷорӣ ва ниҳоӣ мегузарад;
**экстернат -** омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ мутобиқи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самти интихобнамудаи тайёрӣ (тахассус) бо аттестатсияи ниҳоӣ (ҷорӣ ва ниҳоӣ) дар муассисаи олии таълимӣ.

**Моддаи 3. Сиёсат ва кафолатҳои давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва тахсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба чунин усулҳо асос меёбад:
дастрасии баробари ҳама барои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти қобилияти ҳар як шахс;
фароҳам овардани шароити дастрасии таҳсилоти олии касбӣ барои занон;
муайян намудани самтҳои афзалиятноки пешрафти илму техника, технология ва ҳамчунин тайёр намудани мутахассисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон;
тарбияи шаҳрвандӣ;
нигоҳ доштан ва рушди дастовардҳо ва анъанаҳои мактаби олии касбӣ;
ҳамоҳанг сохтани системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фазои ҷаҳонии таҳсилот;
пайдарпайӣ ва давомдории раванди таълим;
пуштибонии давлат дар роҳи тарбияи мутахассисон, самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.
Давлат бартарии рушди таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз роҳҳои зерин таъмин менамояд:
таъмини маблағ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ё грантҳо, ҳамчунин аз роҳи фароҳам овардани шароити мусоид барои худтаъминкунии молиявӣ тайёр намудани мутахассисон ва кормандони илмию омӯзгорӣ тибқи меъёрҳои муқарраршуда;
тибқи дархости иҷтимоӣ дастраси шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон гардонидани таҳсилоти

олии касбӣ аз роҳи маблағузории давлатии дорои кафолат;
таъмини ҳуқуқ ва ҳимояи иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва дигар донишомӯзон дар системаи давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
фароҳам овардани шароити баробар барои дастрасии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
мусоидат дар таъсис ва фаъолияти муассисаҳои олии таълимии ғайридавлатӣ, аз роҳи ҷудо намудани грантҳо ва қарзҳои дарозмуддати боимтиёз аз буҷаи давлат дар асоси озмун барои довталабони сазовор, ки дар муассисаҳои олии таълимии ғайридавлатӣ таҳсил кардан мехоҳанд.
Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дода мешавад, ки тибқи дархости иҷтимоӣ дар муассисаҳои олии таълимии давлатӣ дар ҳудуди стандартҳои давлатии таълим аз роҳи озмун ва ба таври ройгон таълими олии касбӣ ва таълими касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ гиранд, агар шаҳрвандон дар ин сатҳ бори аввал таълим мегирифта бошанд.
Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад, то шакли дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, муассисаи таълимӣ ва соҳаи тахассусро озодона интихоб намоянд.
**Моддаи 4. Худмухтории муассисаҳои олии таълимӣ ва озодиҳои академӣ**
Худидоракунӣ шакли таъсисотии озодиҳои академӣ ва шарти зарурии кафолати пурраи иҷро кардани ӯҳдадориҳои муассисаҳои олии таълимӣ мебошад.
Худидоракунии дастаҷамъӣ ва роҳбарии муносиби академӣ муҳимтарин қисми таркибии худмухторӣ мебошад.
Худмухторӣ шакли олии раванди таълим ва чорабиниҳои академӣ буда, масъулияти давлатӣ дар назди муассис мебошад.
Худмухтории муассисаи олии таълимӣ - мустақилияти муассисаи олии таълимӣ дар интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, татбиқи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайра мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи олии таълимӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.
Муассисаи олии таълимӣ метавонад технологияи фосилавии донишомӯзиро барои татбиқи барномаҳои таълимӣ қисман ё дар ҳаҷми пурра (ба истиснои баъзе аз машғулиятҳо) ба тартибе, ки мақоми давлатии идораи маориф муқаррар кардааст, истифода барад.
Назорат барои мувофиқати фаъолияти муассисаи олии таълимӣ бо назардошти маромҳои он, ки дар Оинномааш пешбинӣ шудааст, аз ҷониби муассиси (муассисони) муассисаи олии таълимӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф, ки дар ҳудуди салоҳияти худ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатнома (литсензия) додаанд, амалӣ мегардад.
Ба кормандони соҳаи омӯзгорӣ аз ҷумлаи ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯёни муассисаи олии таълимӣ, аз ҷумла ба омӯзгори муассисаи олии таълимӣ озодиҳои академӣ дода мешавад, то мавзӯи дарсро (таълимро) бо усули худ дар доираи барномаҳои таълимӣ баён кунанд, мавзӯи таҳқиқоти илмиро интихоб намоянд ва бо тарзу усулҳои худ онро гузаронанд ва ҳамчунин ба донишҷӯ озодӣ дода мешавад, ки бо майлу талаботи худ дар доираи барномаҳои таълимӣ дониш андӯзад.
Озодиҳои академӣ масъулияти академии муҳайё кардани шароити мусоиди ҷустуҷӯи озодонаи ҳақиқат, баёну интишори озодонаи онро ифода менамоянд.
**Моддаи 5. Вазъи ҳуқуқӣ, навъ ва номгӯи муассисаи олии таълимӣ**
Вазъи ҳуқуқии муассисаи олии таълимӣ вобаста ба навъи он, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва натиҷаи аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштани он муайян карда мешавад.
Муассисаи олии таълимӣ шахси ҳуқуқӣ буда, ба муассисаи ғайритиҷоратӣ мансуб аст.
Дар Ҷумхурии Тоҷикистон навъҳои зерини муассисаҳои олии таълимӣ муқаррар карда мешаванд: донишгоҳ, академия, донишкада.
Донишгоҳ муассисаи олии таълимиест, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯи доираи васеи соҳаҳо (ихтисосҳо) амалӣ мегардонад;
кормандони баландихтисос, илмӣ ва илмиву омӯзгориро тайёр намуда, донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;

дар соҳаҳои гуногуни илм таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ анҷом медиҳад;
дар соҳаҳои фаъолияташ маркази пешбари илмӣ ва методӣ мебошад.
Академия муассисаи олии таълимиест, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ мегардонад;
кормандони баландихтисосро барои соҳаи муайяни фаъолияти илмӣ ва илмиву омӯзгорӣ тайёр намуда, донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;
дар яке аз соҳаҳои илм ё фарҳанг таҳқиқоти бунёдӣ ва амалиро анҷом медиҳад;
дар соҳаҳои фаъолияташ маркази пешбари илмӣ ва методӣ мебошад.
Донишкада муассисаи олии таълимиест, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва ҳамчун қоида, барномаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар як ё якчанд самти ҷудогона амалӣ мегардонад;
кормандони баландихтисосро барои соҳаи муайяни фаъолияти касбӣ тайёр ва донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;
таҳқиқоти бунёдӣ ва ё амалӣ мебарад;
Мақоми муассисаи олии таълимӣ дар номгӯи он ифода меёбад. Номгӯи муассисаи олии таълимӣ ҳангоми таъсисёбӣ муқаррар гардида, дар сурати тағйири мақоми он ба таври ҳатмӣ тағйир дода мешавад. Дар ҳолате ки дар номгӯи муассисаи олии таълимӣ номи махсус истифода мегардад (консерватория, омӯзишгоҳи олӣ ва дигар номҳо), дар баробари он навъи муассисаи олии таълимӣ нишон дода мешавад.

## БОБИ ДУЮМ

## СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

### Моддаи 6. Сохтори системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Сохтори системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз маҷмӯи зерин иборат аст:
стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои таълимие, ки новобаста ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон барои таълими таҳсилоти марбутаи иловагии касбӣ литсензия доранд;
пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, бюроҳои конструкторӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, стансияҳои таҷрибавӣ, марказҳои таълимию методӣ ва иттилоотиву таҳлилӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкилоту муассисаҳои илмӣ, лоиҳакашӣ, клиникӣ, муолиҷавию профилактикӣ, фармасевтӣ (дорусозӣ), фарҳангию маърифатӣ, ки бо таҳқиқоти илмӣ машғуланд ва амалу рушди таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро таъмин мекунанд;
мақомоти идораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва ҳамчунин корхона, муассиса ва ташкилотҳои тобеи онҳо;
иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (иттифоқҳои эҷодӣ, ассотсиатсияҳои касбӣ, ҷамъиятӣ, шӯроҳои илмӣ ва методӣ ва дигар иттиҳодияҳо).

### Моддаи 7. Стандартҳои давлатии таълимӣ ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ барои таъмини муқаррароти зерин таъйин шудаанд:
сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
ягонагии фазои таълим;
эътироф ва муқаррар намудани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.
Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи

олии таълимӣ иборатанд аз:
талаботи умумӣ ба барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
талабот ба ҳадди ақали ҳатмии мазмуни барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста ба шароити амалӣ гардонидани онҳо, аз ҷумла нисбат ба таҷрибаи таълимию истеҳсолӣ, аттестатсияи ниҳоии хатмкунандагон ва дараҷаи тайёр намудани онҳо аз рӯи соҳаҳои алоҳидаи таълим (ихтисос);
мӯҳлати фаро гирифтани барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва хусусӣ;
ҳаҷми ниҳоии сарбории донишҷӯён ва шунавандагон.
Таснифи равияҳо ва ихтисосҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 8. Зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мӯҳлат ва шаклҳои аз бар кардани он**

Барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ метавонанд муттасил ва зина ба зина амалӣ гардонда шаванд.
Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаҳои зерини таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешаванд:
таҳсилоти олии касбие, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи ниҳоӣ бомуваффақият гузашта тахассуси (дараҷаи) «бакалавр» дода мешавад;
таҳсилоти олии касбие, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи ниҳоӣ бомуваффақият гузашта тахассуси «мутахассис» дода мешавад;
таҳсилоти олии касбие, ки барои тасдиқи он ба шахси аз аттестатсияи ниҳоӣ бомуваффақият гузашта тахассуси (дараҷаи) «магистр» дода мешавад.
Таҳсилоти шахсоне, ки омӯзишро аз рӯи барномаи таълимии асосии таҳсилоти олии касбӣ ба итмом нарасонидаанд, аммо аз аттестатсияи фосилавӣ бомуваффақият гузаштаанд (на камтар аз ду соли таҳсил), таҳсилоти олии касбии нопурра шуморида мешавад ва бо додани ҳуҷҷати шакли муқарраршуда тасдиқ карда мешавад. Ба шахсоне, ки азхудкунии барномаи таълимии асосии таҳсилоти олии касбиро ба итмом нарасонидаанд, ҳуҷҷати академии шакли муқарраршуда дода мешавад.
Мӯҳлати фарогирии барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ:
барои дарёфти тахассуси (дараҷаи) «бакалавр» на камтар аз чор сол;
барои гирифтани тахассуси «мутахассис» на камтар аз панҷ сол, ба истиснои ҳолатҳое, ки стандарти давлатии таълимӣ дахлдор пешбинӣ намудааст;
барои дарёфти тахассуси (дараҷаи) «магистр» на камтар аз ду сол.
Шахсоне, ки дар бораи таҳсилоти олии касбии зинаи муайян ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро гирифтаанд, мутобиқи ихтисос ҳуқуқ доранд, аз рӯи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии зинаи минбаъда таълимро идома диҳанд.
Аз бар намудани барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии дараҷаи мувофиқ дар муассисаи олии таълимии аккредитатсияи давлатидошта ба шахс барои ишғоли вазифаи мувофиқ дар муассисаҳои давлатӣ ва гирифтани музди кор ва музди изофа ба он асос мебошад. Барои шахсоне, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти олии тиббӣ ва таҳсилоти олии фармасевтиро аз бар намудаанд, барои ишғоли вазифаҳои нишондода тайёрии яксолаи баъди муассисаи олии таълимӣ (ординатура), ки он бо шаҳодатномаи шакли муқарраршуда тасдиқ шудааст, асос мебошад.
Тахассуси (дараҷаи) «бакалавр» ҳангоми ба кор қабул намудан ба шаҳрвандон ҳуқуқи ишғоли вазифаеро медиҳад, ки барои он мутобиқи талаботи тахассусӣ таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудааст.
Ишғоли вазифаҳои хидмати давлатӣ бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сурат мегирад.
Таҳсилоти аввалин, ки шахс аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии зинаҳои гуногун гирифтааст, ҳамчун таҳсилоти дуюми олии касбӣ гирифтаи ӯ дониста намешавад.
Барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро донишҷӯён метавонанд дар шаклҳои зерин вобаста ба ҳаҷми машғулиятҳои ҳатмии корманди соҳаи омӯзгории муассисаи олии таълимӣ бо донишомӯзон аз бар намоянд: рӯзона, шабона, ғоибона, дар шакли экстернат.
Омӯзиши шаклҳои гуногуни дарёфти таҳсилоти олии касбӣ роҳ дода мешавад. Номгӯи соҳаҳои

таълим (ихтисос), ки аз рӯи онҳо имкони дарёфти таҳсилоти олии касбии шакли таҳсили шабона, ғоибона ва ё экстернат мумкин нест, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Низомнома оид ба экстернат аз ҷониби мақомоти давлатии идораи маориф тасдиқ мегардад.
Шахсоне, ки лар мактабҳои олии аккредитатсияи давлатинадошта таҳсил мекунанд ё ин муассисаи олии таълимиро бомуваффақият хатм кардаанд, ҳуқуқ доранд дар мактабҳои олии дорои аккредитатсияи давлатӣ дар асоси шартҳои экстернат аз аттестатсияи давлатии ҷорӣ ва ниҳоӣ гузаранд.

**Моддаи 9. Ҳуҷҷатҳо доир ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Ба шахсоне, ки таҳсилро аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ анҷом додаанд ва аз аттестатсияи ниҳоӣ гузаштаанд, ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти марбута дода мешавад.
Муассисаи олии таълимие, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, ба хатмкунандагон дар бораи таҳсилоти марбута ҳуҷҷати намунаи давлатии дорои нишонаи расмии давлатӣ ва нишони сарисинагии намунаи муқарраршуда медиҳад. Шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ ва нишони сарисинагиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.
Намудҳои зерини ҳуҷҷатҳое муқаррар карда мешаванд, ки хатми зинаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбиро тасдиқ менамоянд:
дипломи бакалавр;
дипломи мутахассис;
дипломи магистр;
ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти олии касбии нопурра;
ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи таҳсилоти олии касбии нотамом.
Аз рӯи натиҷаи ҳимояи рисолаи илмӣ бо тартиби муқарраршуда дипломи номзади илм ё дипломи доктори илм дода мешавад.
Тартиби додани ҳуҷҷатро дар бораи такмили ихтисос бо роҳи гузаштани курсҳои гуногун мақоми давлатии идораи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.
Муассисаи олии таълимӣ пас аз гузаштани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ ҳуқуқи додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пайдо мекунад.
Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор доранд.

**Моддаи 10. Вазифаҳо ва сохтори муассисаҳои олии таълимӣ**

Вазифаҳои асосии муассисаи олии таълимӣ аз инҳо иборат аст:
қонеъ гардонидани талаботи шахс дар инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи ба даст овардани таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
рушди илму ҳунар ба воситаи таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва таҳсилкунандагон, истифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот;
омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили тахассуси кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва кормандони илмию омӯзгории баландихтисос;
парвариш додани мавқеи шаҳрвандии таҳсилкунандагон, қобилияти кору зиндагӣ дар шароити тамаддуни имрӯза;
ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеа;
густариши дониш дар байни аҳолӣ, боло бурдани савияи таҳсилоту фарҳанги он;
таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯён.
Муассисаҳои олии таълимӣ дар ташаккул додани сохтори худ, ба истисноӣ филиалҳояшон мустақиланд.
Бахшҳои сохтории муассисаи олии таълимӣ метавонанд барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии ҳамагонӣ, асосии ҳамагонӣ, миёнаи (пурраи) ҳамагонӣ, ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчунин барномаҳои таълимии омӯзиши иловагиро дар сурати литсензия доштани муассисаи олии таълимӣ амалӣ гардонанд.

Филиалҳои муассисаҳои олии таълимӣ бахшҳои махсуси сохторӣ буда, дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо воқеъ нестанд.
Филиалҳои муассисаҳои олии таълимии давлатӣ бо мувофиқаи мақоми давлатии идораи маориф ва мақоми ҳокимияти маҳаллии макони ҷойгиршавии филиал аз тарафи муассис (муассисон) кушода мешаванд.
Низомномаи намунавӣ (низомномаи) оид ба филиалҳои муассисаҳои олии таълимии давлатӣ ва тартиби ташкили онҳо аз ҷониби мақомоти давлатии идораи маориф таҳия ва тасдиқ карда мешавад.
Филиалҳои муассисаҳои олии таълимӣ литсензиякунонӣ ва аттестатсияро мустақилона, аммо аккредитатсияи давлатиро дар ҳайати муассисаи олии таълимӣ мегузаранд.

**Моддаи 11. Тартиби таъсис, аз нав ташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ, литсензиякунонӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои олии таълимӣ**
Муассисаи олии таълимӣ бо дархости муассис (муассисон) мутобиқи қарори он ва ё шартҳои қарордоди таъсисдиҳӣ ташкил, аз нав ташкил ва барҳам дода шуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.
Муассисаи олии таълимӣ аз замони ба қайди давлатӣ гирифтани он таъсисгардида дониста мешавад. Аз рӯзи гирифтани литсензия ҳуқуқ пайдо мекунад, ки нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро амалӣ гардонад ва аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ бахравар гардад.
Литсензияи пешбурди фаъолияти таълимиро аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мақоми давлатии идораи маориф дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ медиҳад.
Литсензиякунонии фаъолияти таълимии муассисаи олии таьлимӣ дар соҳаҳои нави таълим (ихтисосҳо) новобаста ба литсензия доштан ё надоштани муассисаи олии таълимӣ дар асоси қоидаҳои умумӣ гузаронида мешавад.
Литсензия ба муассисаҳои олии таълимӣ, новобаста ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, танҳо дар сурате дода мешавад, ки онҳо ҳуқуқи моликият, идораи оперативӣ, иҷора ё худ заминаи таълимию моддии зарурӣ дошта бошанд.
Аттестатсияи муассисаи олии таълимӣ бо дархости муассисаи олии таълимӣ ё худ бо ташаббуси мақоми идораи давлатии маориф гузаронида мешавад.
Мақсад ва мӯҳтавои аттестатсия муқаррар кардани мувофиқати мазмун, сатҳ ва чигунагии сифати таълими хатмкунандагони муассисаи олии таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи соҳаҳои таълим (ихтисос) мебошад.
Аккредитатсияи давлатии муассисаи олии таълимӣ дар асоси натиҷаҳои аттестатсияи давлатӣ, ки тартиби онро ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, гузаронида мешавад.
Шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ вазъи (статуси) муассисаи олии таълимӣ, феҳристи соҳаҳои таълим (ихтисосҳо)-ро, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд ва аз рӯи он муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ дорад ба хатмкунандагон ҳуҷҷати намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ диҳад ва ҳамчунин зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ихтисос (дараҷа) - ро муқаррар менамояд.
Муассиси муассисаҳои олии таълимии татбиқкунандаи барномаҳои ҳарбии касбии таълимӣ (муассисаҳои таълимии ҳарбӣ) танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонад.
Иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯи барномаҳои ҳарбии касбӣ танҳо ба муассисаҳои олии таълимии давлатӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.
Филиалҳои муассисаҳои олии касбии таълимии давлатҳои хориҷӣ дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ мутобиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода, баъди гирифтани литсензияи мақомоти давлатии идораи маориф фаъолият менамоянд.
**Моддаи 12. Қабул ба муассисаи олии таълимӣ ва тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**
Қабул ба муассисаи олии таълимӣ мувофиқи аризаи шахсони дорои таҳсилоти миёнаи (пурраи)

умумӣ ё таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси озмун аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ, ба истисноиҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.
Тартиби ягонаи ба муассисаи олии таълимӣ қабул кардани шаҳрвандон дар он қисме, ки дар қонуни мазкур муқаррар нашудааст, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
Шартҳои озмун бояд риоя шудани ҳуқуқи шаҳрвандонро дар соҳаи маориф кафолат диҳад ва ба он мусоидат намояд, ки шаҳрвандони бештар қобилиятнок ва ба омӯхтани барномаҳои таълимии дараҷа ва ё зинаи дахлдор омода қабул шаванд.
Муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ дорад қабули шаҳрвандонро танҳо дар сурати мавҷуд будани литсензия эълон намояд. Муассисаи олии таълимӣ вазифадор аст дохилшавандаро бо ин литсензия ва ҳамчунин бо шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ доир ба ҳар соҳаи таълим (ихтисос), ки ба муассисаи олии таьлимӣ ҳуқуқи ҳуҷҷати намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ медиҳанд, шинос намояд. Бо шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намудани дохилшаванда оид ба кадом соҳаи таълим (ихтисос)-ро интихоб кардани ӯ ва ё набудани чунин шаҳодатнома дар ҳуҷҷатҳои қабул қайд карда мешавад ва ба он дохилшаванда имзо мегузорад.
Равияи таълим (ихтисос) дар асоси литсензия муайян карда мешавад. Мазмуни ҷараёни таьлими ҳар соҳа (ихтисос), мӯҳлати аз худ кардани барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз тарафи муассисаи олии таълимӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандарти марбутаи давлатии таълим муайян карда мешавад.
Барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи касбии риштаи марбута бо қарори Шӯрои илмии муассисаи олии таълимӣ дарёфти таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи барномаи маҳдуд ё суръатноки омӯзишии муассисаи олии касбии таълимӣ иҷозат дода мешавад.
Шумораи умумии донишҷӯён ва тартиби қабули онҳоро, ки барои таҳсил аз ҳисоби маблағи буҷет қабул карда мешаванд, ҳар сол мақомоти марбутаи давлатӣ мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи ҳамин Қонун муайян менамояд.
Шахсоне, ки муассисаҳои таълимии миёнаи (пурраи) умумӣ ё таълими касбии ибтидоии аккредитатсияи давлатидоштаро бо медалҳо ва инчунин шахсоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии аккредитатсияи давлатидоштаро бо баҳои «аъло» хатм намудаанд, ба муассисаҳои олии таълимӣ аз рӯи натиҷаи сӯҳбат, ба истисноисанҷиши касбӣ аз рӯи равияҳое, ки аз ҷониби муассисаи олии таълимӣ метавонад муқаррар шавад, қабул карда мешаванд.
Шахсони номбаршуда, ки аз сӯҳбат нагузаштаанд, ҳуқуқ доранд, ки имтиҳонҳои қабулро мутобиқи қоидаҳои умумӣ супоранд.
Барои ба муассисаҳои олии таълимӣ қабул шудан, пас аз бо баҳои мусбат супурдани имтиҳонҳои қабул бачагони ятим ва бачагоне, ки бо парастори падару модарон мондаанд, маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки аз рӯи хулосаи комиссияи экспертии тиббии меҳнат дар муассисаҳои олии таълимӣ таҳсил карда метавонанд ва ҳамчунин дигар гурӯҳҳои шаҳрвандони дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бартарӣ доранд.
Довталабон ба таълими ғайриройгон танҳо баъди супоридани имтиҳонҳои қабул ва пардохти ҳаққи таълим (мувофиқи шартнома) қабул карда мешаванд. Аз таълими ғайриройгон ба таълими ройгон гузаштан манъ аст, ба истисноиҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Ба аспирантураи муассисаҳои олии таълимӣ, муассисаю ташкилотҳои илмӣ дар асоси озмун шахсоне, ки таҳсилоти олии касбӣ (мутахассис ё магистр) доранд, мутобиқи ҳамин Қонун қабул карда мешаванд. Таълим дар ин муассисаю ташкилотҳо рӯзона ё худ ғоибона буда метавонад.
Таълими рӯзона дар аспирантураи муассисаи олии таълимии давлатӣ аз се сол ва таълими ғоибона аз чор сол беш буда наметавонад.
Ба докторантураи муассисаҳои олии таълимӣ, муассисаю ташкилотҳои илмӣ шахсоне, ки дараҷаи номзади илм доранд, қабул карда мешаванд.
Мӯҳлати таҳсил дар докторантураи ин муассисаю ташкилотҳо то се сол мебошад.
Шаҳрвандони хориҷӣ ба аспирантура ва докторантураи муассисаҳои олии таълимӣ, муассисаю ташкилотҳои илмӣ мутобиқи карордодҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байниҳукуматӣ қабул карда мешаванд.

**Моддаи 13. Идоракунии муассисаи олии таълимӣ**

Муассисаи олии таълимӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон идора карда мешавад.

Мақоми олии идоракунии муассисаи олии таълимӣ муассис (маҷлиси умумии муассисон)-и он мебошад.

Бо мақсади пеш бурдани корҳои ҷории фаъолияти муассиса дар асоси усулҳои мувофиқати яккасардорӣ ва дастҷамъӣ мақоми иҷроияи ба мақоми олии муассиса ҳисоботдиҳанда таъсис дода мешавад, ки онро ректор роҳбарӣ менамояд.

Ректор аз тарафи муассис (маҷлиси умумии муассисон) ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Тартиби ба вазифа таъйин кардан ва аз вазифа озод намудани ректор, ваколатҳои мақомоти иҷроияи муассисаи олии таълимӣ, тартиби қабули қарор аз тарафи онҳо ва намояндагӣ намудан аз номи муассисаро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи олии касбии таълимии дахлдор муайян мекунад.

Оинномаи муассисаи олии касбии таълимӣ аз тарафи муассис (маҷлиси умумии муассисон) тасдиқ карда мешавад.

Ба ваколатҳои истисноии мақоми олии муассисаи олии касбии таълимӣ инҳо дохил мешаванд:

а) тасдиқ намудан ва тағйир додани Оинномаи муассиса, тағйир
додани андозаи сармояи оинномавии он;

б) таъсиси мақоми иҷроия бо таъйин намудани роҳбари он ба вазифа ва озод намудани он аз вазифа;

в) тасдиқи ҳисоботи солона ва тавозуни муҳосибавии муассисаи олии таълимӣ;

г) қабули қарор дар бораи азнавтаъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи олии таълимӣ.

Ба Оинномаи муассисаи олии касбии таълимӣ, ба ваколатҳои истисноии мақоми олии он ҳалли масъалаҳои дигар низ вогузор шудан метавонанд. Масъалаҳое, ки ба ваколати истисноии мақоми олии муассисаи олии касбии таълимӣ мансубанд, метавонанд ба ваколати мақоми иҷроияи муассиса гузошта шаванд.

**Моддаи 14. Иттиҳодия (ассотсиатсия, иттифоқ)-ҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ новобаста ба шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияташон, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии амволӣ, метавонанд дар асоси шартнома иттиҳодияҳои ғайритиҷоратиро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳанд.

Дар ҳолати бо қарори иштирокчиён ба зиммаи ассотсиатсия гузоштани фаъолияти соҳибкорӣ ассотсиатсия бояд бо тартиби пешбининамудаи қонун ба ҷамъият ё ширкати истеҳсолӣ табдил дода шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ассотсиатсияҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ доранд, ки ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд.

Ассотсиатсияҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ шахси ҳуқуқӣ мебошанд.

Аъзои ассотсиатсияҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мустақилият ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд.

Ассотсиатсияҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзои худ масъулият надоранд.

Аъзои ассотсиатсияҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои ассотсиатсия ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия пешбинишуда масъулияти субсидарӣ доранд.

Номи фирмавии ассотсиатсияҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бояд ишора бо мақсади асосии фаъолияти он ва мақсади асосии фаъолияти аъзои онро бо иловаи калимаҳои «ассотсиатсия» ё «иттифоқ» дар бар гирифта бошад.

**Моддаи 15. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Манфиати донишомӯзони муассисаҳои олии таълимиро иттиҳодияҳои ҷамъиятии донишомӯзон ҳимоя менамоянд. Муносибатҳои мушаххаси маъмурияти муассисаи олии таълимӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии донишомӯзон бо Оинномаи муассисаи олии таълимӣ ва шартномаи байни маъмурияти он ва ташкилоти ҷамъиятии донишомӯзон муайян карда мешаванд.
Дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии навъи иттиҳодияҳои таълимию методии муассисаҳои олии таълимӣ, шӯрою комиссияҳои илмию методӣ, илмию техникӣ ва ғайра таъсис дода шуда метавонанд.
Мақоми давлатии идораи маори
ф, шӯроҳои илмии муассисаҳои олии таълимӣ дар фаъолияти худ тавсияи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ баррасӣ менамоянд ва ба назар мегиранд.
Мақоми давлатии идораи маориф ҳуқуқи дасттирӣ намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дорад.

## БОБИ СЕЮМ

## ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ, МЕТОДӢ ВА ИЛМИИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

**Моддаи 16. Забони таълим**
Забони таълимро дар муассисаҳои олии таълимӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забон муайян мекунанд.
**Моддаи 17. Мазмуни таълим**
Фаъолияти таълим дар муассисаҳои олии таълимӣ мутобиқи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории соҳаи маориф тасдиқ шудааст, амалӣ гардонида мешавад.
Мушаххас сохтани мазмуни таълим дар нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо, ки шӯроҳои илмии муассисаҳои олии таълимӣ тасдиқ кардаанд, муайян карда мешавад.
**Моддаи 18. Ташкили корҳои таълимӣ ва методӣ**
Муассисаи олии таълимӣ донишҷӯён, курсантҳо, шунавандагон, аспирантҳоро бо васоити таълим таъмин карда, барои таълим, меҳнат ва зиндагӣ шароити мусоиди солим ва безарар муҳайё месозад.
Муассисаи олии таълимӣ дар интихоби системаи баҳогузорӣ, шаклу тартиби гузарондани машғулиятҳо, аттестатсияи донишҷӯён ва шунавандагон мустақил аст.
Дур намудани донишҷӯён ва шунавандагон аз раванди таълим манъ аст, агар он ба фаъолияти таълим вобаста набошад.
Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, ки онро стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пешбинӣ кардааст, дар асоси шартномаҳои байни муассисаи олии таълимӣ ва корхонаю муассиса ва ташкилотҳо сурат мегирад, ки мувофиқи онҳо ин корхонаю муассиса ва ташкилотҳо новобаста ба шакли моликият ва тобеияти идоравии худ ӯҳдадоранд барои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаи олии таълимии давлатӣ ва аккредитатсияшудаи ғайридавлатӣ ҷой диҳанд ва шароити мувофиқ муҳайё созанд.
Фарогирии нақшаи таълимии муассисаи олии таълимӣ бо аттестатсияи ҳатмии ниҳоии хатмкунандагон хотима меёбад.
Муассисаи олии таълимӣ кори методиро ташкил мекунад ва мегузаронад. Ҳамоҳангсозии кори методӣ дар муассисаи олии таълимии давлатӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои (марказҳои) таълимию методӣ амалӣ мегардад.
Вазифаҳои тарбиявии муассисаи олии таълимӣ дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолии донишҷӯён ва омӯзгорон амалӣ гардонида мешавад.
**Моддаи 19. Ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва эҷодӣ**
Вазифаҳои асосии корҳои илмию таҳқиқотии муассисаи олии касбии таълимӣ аз инҳо иборатанд:
таҳияи проблемаҳои бунёдӣ (назариявӣ) ва амалӣ;

таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълим;
иҷрои корҳои таҳқиқотии дорои хусусияти илмию методӣ.
Таҳқиқотҳои илмие, ки дар муасиссаҳои олии касбии таълимӣ ба роҳ монда мешаванд, бо назардошти афзалиятнокии онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ, маблағи аз иҷрои корҳои шартномаҳои хоҷагӣ бадастомада, қарзи бонкҳо, маблағҳои худӣ, хайрияҳо ва дигар манбаъҳо маблағгузорӣ карда мешаванд.
Принсипи асосии илм дар муассисаи олии таълимӣ аз ҳамоҳанг сохтани он бо ҷараёни таълим, инчунин бо илмҳои академӣ ва соҳавӣ иборат аст.
Муассисаи олии таълимӣ таҳқиқоти илмӣ ва корҳои эҷодиро аз рӯи нақшаи мавзӯӣ, ки онро шӯрои илмӣ тасдиқ менамояд, амалӣ сохта, истифодаи судманд ва босамари имкониятҳои илмии худ, сифати корҳои иҷрошаванда ва шароити бехатари меҳнат, ҷалби васеи мутахассисони баландихтисос, донишҷӯён, курсантҳо, шунавандаҳоро дар иштирок ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва эҷодӣ таъмин мекунад.

## БОБИ ЧОРУМ

## СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ ИЛМӢ ДАР СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ, ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

**Моддаи 20. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯи муассисаи олии таълимӣ**
Донишҷӯ шахсест, ки дар асоси тартиби муқарраршуда ба муассисаи олии таълимӣ қабул гардида, дар шӯъбаи рӯзона, шабона, ғоибона ё экстернат бо мақсади ба дараҷаи муайяни таҳсилот ва ихтисос соҳиб шудан таҳлил мекунад.
Ба донишҷӯи муассисаи олии таълимӣ шаҳодатномаи донишҷӯ ва дафтарчаи имтиҳоноти намунаи муқарраргардида дода мешавад.
Донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ ҳуқуқ доранд:
дар ташкил намудани мундариҷаи таълими худ ба шарти риояи талаботи стандартҳои давлатии таълими таҳсилоти олии касбӣ иштирок намоянд. Ин ҳуқуқи онҳо бо шартҳои қарордоди байни донишҷӯи муассисаи олии таълимӣ ва шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба онҳо барои таҳсил ва бо кор таъмин кардан мусоидат мекунад, маҳдуд шуда метавонад;
хонишҳои факултативӣ (барои самти нишондодашавандаи таълим (ихтисос) ва элективӣ (ба таври ҳатмӣ интихобнамуда), ки аз ҷониби факултет ва кафедраи дахлдор пешниҳод мегарданд, интихоб намоянд;
ғайр аз фанҳои таълимии (ихтисосӣ) соҳаи интихобшуда ҳар гуна фанҳои дигареро, ки дар ин муассисаи олии таълимӣ таълим дода мешаванд, бо тартиби муқарраргардидаи Оинномаи он ва ҳамчунин фанҳои дар муассисаҳои олии таълимии дигар таълимдодашавандаро (бо ризояти байни роҳбарони ин муассисаҳои олии таълимӣ) аз бар намоянд;
аз рӯи тахассуси ҳарбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим гиранд;
тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шакли таълими ғайриройгон ба шакли таълими ройгон гузаранд;
дар муҳокима ва ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои муассисаҳои олии таълимӣ, аз ҷумла, ба воситаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақоми давлатии идораи маориф ширкат варзанд;
аз хадамоти китобхонаҳо, фондҳои иттилоотии муассисаҳои олии таълимии давлатӣ, бахшҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ ва бахшҳои дигари муассисаи олии таълимӣ ба таври ройгон бо тартиби муқарраргардидаи Оинномаи муассисаи олии таълимӣ истифода намоянд;
дар ҳама навъҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, конференсияву симпозиумҳо ва маҳфилу озмунҳо иштирок намоянд;
асарҳои худро барои чоп, аз ҷумла дар нашрияҳои муассисаи олии таълимӣ пешниҳод кунанд;
аз амру фармонҳои маъмурияти муассисаи олии таълимӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунанд.
Донишҷӯёни муассисаи олии таълимии давлатӣ, ки дар шӯъбаҳои рӯзона мехонанд ва аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ таълим мегиранд, ба андозаи муқарраргардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон стипендия мегиранд. Тартиби таъйин намудан ва гирифтани стипендия аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.
Донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ ҳуқуқ доранд стипендияи таъйинкардаи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқиро, ки онҳоро барои таҳсил фиристодаанд ва ҳамчунин стипендияҳои номиро дар асоси Низомномаи дахлдор гиранд.
Ба донишҷӯи муассисаи олии таълимӣ аз рӯи нишондоди тиббӣ ва дар ҳолатҳои дигари истисноӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми давлатии идораи маориф рухсатии академӣ дода мешавад.
Барои донишҷӯёни шакли рӯзонаи таҳсилот, ки дар муассисаҳои олии таълимӣ таҳсил мекунанд, мӯҳлати даъват ба хидмати ҳарбӣ мутобиқи қонун дар давраи таҳсил ба таъхир андохта мешавад.
Донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ ҳуқуқ доранд, ки аз хидмати китобхонаҳои давлатӣ ройгон истифода баранд ва ҳамчунин ройгон вориди осорхонаҳои давлатӣ шаванд.
Барои донишҷӯёни шӯъбаҳои рӯзона ва шабона дар як соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад.
Донишомӯзи мӯҳтоҷи манзил дар хобгоҳ, (ба шарте, ки муассисаи олии таълимӣ фонди дахлдори манзил дошта бошад) бо ҷойи хоб таъмин карда мешавад. Бо ҳар донишҷӯи сокини хобгоҳ шартнома баста мешавад, ки намунаашро мақоми давлатии идораи маориф тасдиқ менамояд.
Донишҷӯёни муассисаи олии таълимӣ барои комёбиҳои таҳсил ва иштироки фаъолона дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мутобиқи Оинномаи муассисаи олии таълимӣ бо мукофотҳои маънавӣ ва ё моддӣ сарфароз гардонида мешаванд.
Донишҷӯ аз муассисаи олии таълимӣ дар мавридҳои зерин хориҷ карда мешавад;
бинобар вазъи саломатӣ дар асоси ҳуҷҷати комиссияи тиббию машваратӣ;
бо сабаби гузаштан ба муассисаи олии таълимии дигар;
барои давомоти нокифоя;
барои қарздории академӣ;
ба таълим шурӯъ накардан баъд аз рухсатии академӣ;
дар сурати саривақт напардохтани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома;
дар ҳолати дар мӯҳлат насупоридани се ва зиёда аз он санҷишу имтиҳон;
барои содир кардани ҷиноят;
ҳангоми фавт;
барои вайрон кардани интизоми таълим, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Оинномаи муассисаи олии таълимӣ.
Барои риоя накардани ӯҳдадориҳое, ки дар Оинномаи муассисаи олии таълимӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд, донишҷӯ метавонад ба танбеҳи интизомӣ кашида шавад ва ҳатто аз муассисаи олии таълимӣ хориҷ гардад.
Донишҷӯи муассисаи олии таълимиро танҳо пас аз он ки аз ӯ баёноти хаттӣ гирифта мешавад, танбеҳи интизомӣ додан ва аз ҷумла аз муассисаи олии таълимӣ хориҷ кардан мумкин аст.
Танбеҳи интизомӣ ба донишҷӯ на дертар пас аз як моҳи ошкор шудани аъмоли ӯ ва на дертар пас аз шаш моҳи содир гардидани чунин аъмол дода мешавад, ки ба ин мӯҳлати бемории донишҷӯ ва (ё) вақти таътили ӯ дохил намешавад.
Донишҷӯ баъди ихтиёран ё худ бо сабабҳои узрнок тарк кардани муассисаи олии таълимӣ зимни боқӣ мондани ҳамон шакли таълим (ройгон ё ғайриройгон), ки мутобиқан қабл аз хориҷ шудан таҳсил мекард, ҳақ дорад тибқи қоида дар мӯҳлати то панҷ соли хориҷ гаштан барои таҳсил ба муассисаи олии таълимӣ барқарор гардад. Донишҷӯёнро дар ҳолати беморӣ, таътил, рухсатии академӣ ё худ рухсатии ҳамл ва таваллуд хориҷ кардан мумкин нест.
Ба донишҷӯёни муассисаи олии таълимӣ кафолати ба таври озод ба дигар муассисаи олии таълимӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми давлатии идораи маориф гузаштан дода мешавад.
Дар мавриди гузаштани донишҷӯ аз як муассисаи олии таълимӣ ба муассисаи дигар тамоми ҳуқуқҳое, ки барои донишомӯз бори аввал дар ин зинаи таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудаанд, маҳфуз мемонанд.
Донишҷӯёни муассисаи олии таълимӣ ӯҳдадоранд, ки донишҳои назариявӣ, маҳорати амалӣ ва методҳои муосири таҳқиқро аз рӯи ихтисоси интихобнамудаашон аз худ кунанд, дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ҳамаи супоришҳои дар нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ пешниҳодгардидаро иҷро намоянд, арзишҳои миллӣ, умумиинсонӣ ва маънавиро пос доранд ва Оинномаи муассисаи

олии таълимӣ, қоидаи хобгоҳҳо ва дигар талаботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.
Дигар ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯёнро қонунгузорӣ ва (ё) Оинномаи муассисаи олии таълимӣ метавонад муқаррар намояд.
Мақоми донишҷӯи муассисаи олии таълимии ғайридавлатӣ, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои академӣ, ба истиснои ҳуқуқи гирифтани стипендияи давлатӣ, баробари мақоми донишҷӯи муассисаи олии таълимии давлатӣ мебошад.
Мақоми донишҷӯи муассисаи олии таълимии ғайридавлатӣ, ки аккредитатсияи давлатӣ надорад, дар асоси Оинномаи ҳамин муассисаи олии таълимӣ муқаррар карда мешавад.
Донишҷӯёни муассисаи олии таълимие, ки барои пурра амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ технологияи фосилавиро истифода мебаранд, инчунин филиалҳои муассисаи олии таълимии зикршуда, ҳангоми аз ҷониби онҳо амалӣ намудани раванди таълим (ба истисноси машғулиятҳои алоҳида) дар филиалҳо ва тамоми намудҳои аттестатсияи донишомӯзони ин филиалҳо, ҳамаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишомӯзони ҳамин шакли мутаносиби дарёфти таҳсилро доранд.
**Моддаи 21. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои олии таълимӣ**
Бо кор таъмин намудани хатмкардагони шӯъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои олии таълимӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.
**Моддаи 22. Имтиёзҳо ба шахсоне, ки дар баробари кор дар муассисаи олии таълимӣ таҳсил мекунанд**
Ба шахсоне, ки дар муассисаҳои олии таълимии дорои аккредитатсияи давлатӣ бомуваффақият таҳсил менамоянд, новобаста ба шакли таълими ғоибона ва шабона аз ҷои корашон ба мақсадҳои зерин рухсатии иловагӣ дода шуда, музди миёнаи корашон, ки бо тартиби муқарраргардидаи рухсатии ҳарсола ҳисоб карда мешавад (бо имкони якҷоя кардани рухсатии иловагии таълимӣ ва рухсатии ҳарсола), пардохт мегардад:
барои супурдани санҷишу имтиҳонот дар курсҳои якум ва дуюм баробар ба 30 рӯзи тақвимӣ, дар курсҳои минбаъда баробар ба 40 рӯзи тақвимӣ;
барои навиштан ва дифои лоиҳаи (кори) дипломӣ якҷоя бо супоридани имтиҳоноти давлатӣ чор моҳ;
барои имтиҳоноти давлатӣ як моҳ.
Рухсатии иловагии бе пардохти музд аз ҷои кор ба ашхоси зерин дода мешавад:
ба шахсоне, ки ба имтиҳоноти қабули муассисаи олии таълимӣ роҳ дода шудаанд - понздаҳ рӯзи тақвимӣ;
ба донишҷӯёни шӯъбаи рӯзонаи муассисаҳои олии таълимӣ, ки дар баробари таҳсил кор мекунанд, барои супурдани санҷишу имтиҳонот-понздаҳ рӯзи тақвимӣ дар соли таҳсил; барои навиштан ва дифои лоиҳаи (кори) дипломӣ якҷоя бо супурдани имтиҳоноти давлатӣ-чор моҳ; барои супурдани имтиҳоноти давлатӣ - як моҳ;
ба шунавандагони шӯъбаи тайёрии муассисаҳои олии таълимӣ барои супоридани имтиҳоноти хатмкунӣ - понздаҳ рӯзи тақвимӣ.
Ба донишҷӯёни шӯъбаи ғоибонаи муассисаҳои олии таълимии дорои аккредитатсияи давлатӣ ташкилоти кордиҳанда як бор дар соли таҳсил харҷи рафту омадро то маҳалли муассисаи олии таълимӣ барои иҷрои корҳои лабораторӣ, супурдани санҷишу имтиҳонот ва ҳамчунин барои супурдани имтиҳоноти давлатӣ, навиштан ва дифои лоиҳаи (корҳои) дипломӣ мепардозад.
Намунаи маълумотнома-даъватномаро, ки ба донишҷӯ аз ҷои кор ҳуқуқи гирифтани рухсатии иловагиро медиҳад ва аз имтиёзҳои вобаста ба таҳсил дар муассисаи олии таълимии дорои аккредитатсияи давлатӣ бархурдор мегардад, мақоми давлатии идораи маориф тасдиқ мекунад.
Барои кормандони корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста ба шакли ташкили ҳуқуқӣ ва шакли моликият, ки дар баробари кор дар муассисаҳои олии таълимӣ таҳсил мекунанд, дар шартномаи коллективӣ ё шартномаи меҳнатӣ (қарордод) дароз кардани мӯҳлати рухсатиҳои иловагӣ, додани рухсатии бо пардохти маош ба ҷой рухсатии бе пардохти маош ва имтиёзҳои дигар пешбинӣ шуда метавонад.
Агар донишҷӯ дар баробари кор дар як вақт дар ду муассисаи олии таълимӣ таҳсил намояд, имтиёзҳои зикршуда фақат барои яке аз ин муассисаҳои олии таълимӣ (бо интихоби донишҷӯ) дода мешаванд.

**Моддаи 23. Шунавандагони муассисаҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Шунавандагони муассисаҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ шахсонеанд, ки дар таълимгоҳҳои зерин таҳсил мекунанд:

дар шӯъбаҳои тайёрии муассисаҳои олии таълимӣ, факултетҳо ва муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандон;

дар муассисаи олии таълимии дигар, агар онҳо дар як вақт ба дарёфти таҳсилоти дуюми олии касбӣ пардозанд;

дар ординатураи муассисаи олии таълимии тиббӣ.

Вазъи ҳуқуқии шунавандагони муассисаҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар бахши соҳиб гаштан ба таҳсилот ба статуси донишҷӯи муассисаи олии таълимии шакли марбутаи таълим баробар аст.

Шахсоне, ки дар ординатура таҳсил мекунанд ё таҳсили тахассусии баъдидипломиро дар муассисаҳои олии таълимии тиббӣ аз ҳисоби буҷет идома медиҳанд, бо стипендияи давлатӣ таъмин карда мешаванд ва аз таътили ҳарсолаи 24 - рӯза истифода мебаранд.

**Моддаи 24. Докторантҳо, аспирантҳо, унвонҷӯён**

Шаклҳои асосии тайёр кардани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгории баландихтисос аспирантура ва докторантура мебошад.

Аспирантура ва докторантура барои таҳсилоти муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмии шаҳрвандон ва дарёфти дараҷаи илмии номзад ё доктори илм шароит фароҳам меоранд.

Ба шахсоне, ки ба супурдани имтиҳоноти аспирантура роҳ дода шудаанд, ба мӯҳлати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатӣ дода мешавад ва зимни ин корхона музди миёнаи корашонро мепардозад.

Ба шахсоне, ки дар аспирантура аз ҳисоби маблағи буҷет рӯзона таҳсил мекунанд, стипендияи давлатӣ на камтар аз маоши ассистент муайян карда мешавад ва ҳар сол ба муддати ду моҳ ба таътил мебароянд.

Аспирантони бахши ғоибона ҳуқуқ доранд ҳар сол аз ҷои корашон ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагӣ ва зимни ин музди миёнаи корашонро гиранд.

Аспирантони бахши ғоибона ҳар ҳафта ба як рӯзи аз кор озод ҳуқуқ доранд, ки барои он панҷоҳ фоизи музди меҳнат пардохта мешавад. Ташкилоти кордиҳанда ҳуқуқ дорад ба аспирантҳо мувофиқи хоҳишашон дар соли чоруми таҳсил ба таври илова ҳар ҳафта ду рӯзи аз кор озод бе пардохти музд диҳад.

Аспирантони бахши ғоибона дар давраи супурдани имтиҳонот ва навиштани рисолаи илмӣ бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд (ба шарте, ки муассисаи олии таълимӣ фонди манзил дошта бошад).

Ба докторантҳо стипендияи давлатӣ ба андозаи на камтар аз маоши дотсент ва ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад. Ҳуқуқҳои дар ҷои кор пеш аз дохил шудан ба докторантура доштаи докторантҳо (ҳуқуқи гирифтани манзил, дараҷаи илмӣ ва дигар ҳуқуқҳо) ва ҳамчунин ҳуқуқи баргаштани онҳо ба ҷои кори пешина боқӣ мемонанд.

Ба ҳар аспиранту докторанте, ки аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунад, барои хариди китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кӯмакпулӣ дода мешавад.

Унвонҷӯёне, ки барои навиштани рисолаи доктори илм кор мекунанд ва аз рӯи проблемаҳои рӯзмарраи иҷтимоию иқтисодӣ ё самтҳои бартариятноки таҳқиқоти илмии бунёдӣ ба натиҷаҳои назаррас комёб шудаанд, метавонанд ба вазифаҳои кормандони илмӣ ба мӯҳлати то ду сол барои таҳияи рисолаи дараҷаи илмии доктори илм гузаронида шаванд. Ба унвонҷӯёни ба вазифаи кормандони илмӣ гузаронидашуда маоши вазифавии пешинаи онҳо нигоҳ дошта шуда, ҳуқуқи ба ҷои пешинаи корашон гузаштан дода мешавад.

Барои анҷоми рисолаи илмии дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм ба кормандони корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо аз ҷои корашон ба мӯҳлати баробар бо се ва шаш моҳ бо нигоҳ доштани музди кор рухсатии эҷодӣ дода мешавад.

Низомнома оид ба докторантҳо, аспирантҳо ва унвонҷӯён аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

**Моддаи 25. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони муассисаҳои олии таълимӣ**

Дар муассисаҳои олии таълимӣ вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ (ҳайати профессорону

муаллимон, кормандони илмӣ), инженериву техникӣ, маъмурию хоҷагӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёрирасон ва ғайра пешбинӣ гардидааст.
Ба ҳайати профессорону муаллимон вазифаҳои декани факултет, мудири кафедра, профессор, дотсент, муаллими калон, муаллим, ассистент мансуб аст.
Ишғол намудани ҳамаи вазифаҳои кормандони илмӣ-педагогӣ дар муассисаи олии касбии таълимӣ, ба истиснои вазифаҳои декани факултет ва мудири кафедра мувофиқи шартномаи меҳнатӣ, ки ба мӯҳлати то панҷ сол имзо карда мешавад, сурат мегирад. Ҳангоми ишғоли вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ пеш аз имзои шартномаи меҳнатӣ, интихоби озмунӣ гузаронида мешавад. Низомнома оид ба тартиби ишғоли вазифаҳои нишондодашуда аз ҷониби мақомоти давлатии идораи маориф сурат мегирад.
Кормандони илмию омӯзгории муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ доранд:
бо тартиби муқарраргардида ба Шӯрои олимони муассисаи олии таълимӣ интихоб кунанд ва интихоб шаванд;
дар муҳокима ва ҳаллу фасли масъалаҳои бо фаъолияти муассисаи олии таълимӣ алоқаманд ширкат намоянд;
аз хадамоти китобхонаҳо, фондҳои иттилоотӣ, шӯъбаҳои илму таълим ва ҳамчунин аз хадамоти шӯъбаҳои иҷтимоию маишӣ, табобатӣ ва шӯъбаҳои дигари сохтории муассисаи олии таълимӣ мувофиқи оинномаи он ва (ё) шартномаи коллективӣ ба таври ройгон истифода баранд;
мазмуни курсҳои таълимиро мутобиқи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муайян кунанд;
тарзу усул ва воситаҳои таълимро, ки ба хусусиятҳои ҳар кадоми онҳо бештар ҷавобгӯ мебошанд ва сифати баланди раванди таълимро таъмин менамоянд, интихоб намоянд;
ба амру фармонҳои маъмурияти муассисаи олии таълимӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шикоят кунанд.
Кормандони илмию омӯзгории муассисаи олии таълимӣ ӯҳдадоранд:
самараи баланди раванди кори омӯзгорӣ ва илмиро таъмин кунанд;
Оинномаи муассисаи олии таълимиро риоя намоянд;
донишомӯзонро дар рӯҳи мустақилият, ташаббускорӣ тарбия кунанд, қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф диҳанд;
арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавиро эҳтиром намоянд;
барои такмили ихтисоси худ пайваста ҷидду ҷаҳд намоянд.
Кормандони илмии муассисаҳои олии таълимӣ ҳақ доранд усулҳо ва воситаҳои гузаронидани таҳқиқотҳои илмиеро, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб медиҳанд, ба қобилияти инфиродии онҳо бештар мувофиқанд ва сифати баланди ҷараёни илмиро таъмин менамоянд, интихоб намоянд.
Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони маъмурию хоҷагӣ, инженерию техникӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёридиҳанда ва дигар кормандони муассисаи олии таълимиро қонунгузории оид ба меҳнат, Оинномаи муассисаи олии таълимӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи олии таълимӣ ва дастурҳои вазифавӣ муайян мекунанд.
**Моддаи 26. Омодагӣ ва такмили ихтисоси кормандони илмию омӯзгорӣ**
Кормандони илмию омӯзгорӣ дар аспирантура ва докторантураи муассисаи олии таълимӣ, муассиса ё ташкилотҳои илмӣ ва ҳамчунин бо роҳи вобаста намудани унвонҷӯён ба ин муассисаю ташкилотҳо барои навиштан ва дифои рисолаи номзади илм ё доктори илм ё бо роҳи ба вазифаи кормандони илмӣ гузаронидани кормандони соҳаи омӯзгорӣ ҷиҳати навиштани рисолаи докторӣ тайёр карда мешаванд.
Муассисаи олии таълимӣ шаклҳои зерини такмили ихтисосро низ муқаррар мекунад:
таҷрибаомӯзии илмӣ, омӯзгорӣ, эҷодӣ, аз ҷумла, дар корхонаҳо, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, бюроҳои конструкторӣ, дар муассисаҳои олии таълимӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла дар хориҷа;
рухсатиҳои эҷодӣ барои хатми рисолаи илмӣ;
такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар институтҳо, дар факултетҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;
бозомузӣ ва таълим дар факултетҳо ва курсҳои махсуси назди муассисаҳои олии таълимӣ.
Давлат муҳайё кардани шароити заруриро барои на кам аз як маротиба дар панҷ сол такмил додани ихтисоси кормандони илмию омӯзгории ташкилоту муассисаҳои давлатии системаи

таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро кафолат дода, ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлат маблағи зарурӣ ҷудо мекунад.
Ихтисоси кормандони илмию омӯзгориро ҳамчунин аз рӯи шартномае, ки шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ бо муассисаҳои олии таълимӣ ва ташкилоту муассисаҳои илмӣ мебанданд, аз ҳисоби маблағи шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ метавон такмил дод.
Тартиб, навъу шаклҳои такмили ихтисосро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим накардааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 27. Унвонҳои илмӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмии профессор ва дотсент муқаррар карда мешавад.
Унвони илмии профессор ба шахсе дода мешавад, ки маъмулан дараҷаи илмии доктори илм дошта, дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ корҳои омӯзгорӣ, илмӣ ва методӣ мебарад.
Унвони илмии дотсент ба шахсе дода мешавад, ки маъмулан дараҷаи илмии номзади илмро дошта, дар муассисаҳои олии таълимӣ ба омӯзгорӣ ва корҳои илмию методӣ машғул аст.

**Моддаи 28. Эътироф ва муқаррар кардани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва унвонҳои илмӣ**

Таҳти мафҳуми эътирофи ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар бораи унвонҳои илмӣ мувофиқати мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ нисбат ба эътибори қонунӣ доштани ин ҳуҷҷатҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида мешавад.
Муқаррар кардани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар бораи унвонҳои илмӣ дар ҳамин Қонун ба он маънист, ки мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ба дорандагони ин ҳуҷҷатҳо, чун ба дорандагони ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои академӣ ва (ё) касбиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар бораи унвонҳои илмӣ медиҳад.
Эътироф ва муқаррар намудани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дорандагони ин ҳуҷҷатҳоро ӯҳдадор месозад, ки талаботи умумии ба муассисаҳои таълимӣ ё ба кор қабул шуданро, ки бо низомномаҳои дахлдор муқаррар карда шудаанд, риоя намоянд.
Масъалаи эътироф ва муқаррар кардани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар бораи унвонҳои илмӣ мутобиқи тартиби муқаррргардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал мегардад.
Эътироф ва муқаррар кардани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар бораи унвонҳои илмӣ бо шаҳодатнома, ки аз тарафи мақоми давлатии идораи маориф дода мешавад, тасдиқ мегардад.

## БОБИ ПАНҶУМ

## ИДОРАИ СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

**Моддаи 29. Мақомоти идоракунии системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Идораи системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф ба амал бароварда мешавад.
Мақоми давлатии идораи маориф ба муассисаҳои олии таълимӣ, қатъи назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравияшон роҳбарии умумии методиро амалӣ мегардонад.
Оинномаи муассисаи олии таълимии ғайридавлатӣ аз тарафи муассисон тасдиқ ва мутобиқи тартиботи қонунгузорӣ ба қайд гирифта мешавад.

Муассисаҳои олии таълими ҳарбӣ фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунанд.

**Моддаи 30. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз инҳо иборат аст:

муайян кардан ва амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур;

ҷудо кардани маблағ аз буҷет барои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

таҳия кардани лоиҳаи қонунҳо, қабул намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки татбиқи системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро муайян мекунанд;

муқаррар намудани тартиби литсензиякунонӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои олии таълимӣ;

таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои олии таълимии давлатӣ;

ба имзо расондан ва амалӣ гардонидани шартномаҳои байналмилалӣ ва байнидавлатие, ки масъалаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро танзим мегардонанд;

тасдиқ намулани стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;

муқаррар намудани номгӯи соҳаҳои таълимӣ (ихтисоси) таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

муайян кардани меъёри талабот ба кадрҳои соҳаҳои гуногун ва дар ин асос ба танзим даровардани тартиби тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

**Моддаи 31. Салоҳияти мақомоти давлатии идораи маориф дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Мақомоти давлатии идораи маориф оид ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ салоҳиятҳои зерин дорад:

якҷоя бо дигар мақомоти марбутаи соҳавии дорои муассисаҳои олии таълимӣ таҳия кардан ва амалӣ гардонидани фаслҳои марбутаи барномаҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва таҳсилоти марбутаи иловагӣ;

таҳия ва татбиқи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;

тасдиқи ҷузъҳои давлатии стандартҳои дахлдори давлатии таълимӣ, тасдиқ намудани низомномаҳо дар бораи аттестатсияи ниҳоии давлатии донишҷӯён ва дар бораи экстернат дар муассисаҳои олии таълимии давлатӣ;

таҳия ва тасдиқи нақшаҳои намунавии таълим ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ташкили нашри китобҳои дарсӣ ва тайёр кардани васоити аёнии таълим;

кӯмак барои рушд ривоҷ додан ва амалӣ гардонидани технологияҳои нави самарабахши таълим дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

литсензиякунонии фаъолияти муассисаҳои олии таълимӣ новобаста ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо ва муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти дахлдори иловагӣ ва ҳамчунин ба онҳо додани аккредитатсияи давлатӣ;

муқаррар намудани шакли ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, муайян намудани тартиби эътироф ва муқаррар кардани баробарии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва дар хусуси унвонҳои илмӣ, додани шаҳодатнома дар бораи муқаррар кардани баробарии ҳуҷҷатҳои мазкур;

иштирок дар кори таҳқиқи талабот ба мутахассисон; дурнамои тайёр намудани мутахассисон;
таҳияи пешниҳод доир ба ҳаҷми маблағе, ки аз буҷет барои муассисаҳои олии таълимӣ, дигар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва таҳсилоти марбутаи иловагӣ ва ҳамчунин ба ташкилотҳои илмӣ ва бахшҳои сохтории онҳо ҷудо карда мешавад; таҳияи пешниҳод оид ба ҳаҷми сохтмони асосии корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои мазкур;
ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои олии таълимӣ, системаҳои соҳавӣ ва минтақавии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва муайян кардани ҳаҷму сохтори тайёр намудани мутахассисон, ташкили иттиҳодияи (кооператсияи) байнисоҳавӣ ва байниминтақавии соҳа;
муқаррар намудани тартиби қабули донишҷӯён, аспирантҳо ва докторантҳо ба муассисаи олии таълимӣ ва муассисаҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ;
кушодани аспирантура ва докторантураҳо дар муассисаҳои олии таълимии давлатӣ, ташкилотҳои илмӣ нӯвобаста ба тобеияти онҳо (ба истисноӣ муассисаҳое, ки дар системаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва академияи илмҳои соҳавӣ, ки мақоми давлатӣ доранд), тасдиқ кардани Низомнома дар бораи таълими кормандони илмию омӯзгорӣ, аз ҷумла кормандони илмӣ;
пешбинӣ кардани инкишофи шабакаи муассисаҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқа кардани таъсиси муассисаҳои нави давлатии системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти дахлдори иловагӣ;
ташкили иштироки муассисаҳои олии таълимӣ ва ташкилотҳои илмии системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар барномаҳои давлатии илмию техникӣ, тартиб додан ва тасдиқ кардани барномаҳои байни муассисаҳои олии таълимӣ доир ба соҳаҳои афзалиятноки илм, бо маблағу воситаҳо таъмин намудани ин барномаҳо ва назорати иҷрои онҳо;
якҷоя бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ андешидани тадбирҳо ва амалӣ гардонидани онҳо барои ҳифзи иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо, шунавандагон ва кормандони системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ оид ба беҳтар кардани шароити таълим, кор, маишат, истироҳат ва хизматрасонии тиббӣ ба онҳо;
маблағгузорӣ ба фаъолияти муассисаҳои олии таълимӣ, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои тобеи онҳо;
тасдиқ кардани низомнома дар бораи тартиби ишғоли вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ;
тартиб додан ва тасдиқ кардани низомномаи намунавӣ дар бораи филиалҳои муассисаи олии таълимии тобеи мақомоти ҳокимияти иҷроия, тартиби ташкили филиалҳои мазкур:
нашри санадҳои меъёрӣ дар доираи салоҳияти худ;
мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани шартномаҳои байналмилалии дорои хусусияти байниидоравӣ.

**Моддаи 32. Салоҳияти Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии мақомоти идораи давлатӣ**

Салоҳияти Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии мақомоти идораи давлатӣ:
назорат ба риояи стандартҳои давлатии таълим дар тамоми муассисаҳои олии таълимии дорои аккредитатсияи давлатӣ новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо;
таъмини илмию методии аттестатсияи ниҳоӣ ва назорати сифати таълими дастпарварон пас аз анҷоми сатҳу савияи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
баррасии пешниҳодҳо ва қабул кардани қарори ба муассисаи олии таълимӣ фиристодани арзу шикоят аз сифати таълим ва (ё) номувофиқ будани таълим ба талаботи стандартӣ дахлдори давлатии таълим;
ташкили фаъолияти системаи мақомоти минтақавии хадамоти давлатии аттестатсионӣ ва аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ.

**Моддаи 33. Назорати давлатӣ ба сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

Назорати давлатӣ ба сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии

таълимӣ ба таъмин намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, боло бурдани сифати тайёр намудани мутахассисон, оқилона харҷ кардани маблағи буҷет, ки барои системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҷудо карда мешавад, равона шудааст.
Назорати давлатиро ба сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мақоми давлатии идораи маориф мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф амалӣ месозанд.
Муассисаи олии таълимие, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ на кам дар панҷ сол як бор аз аттестатсияи давлатӣ мегузарад.

## БОБИ ШАШУМ

## ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

**Моддаи 34. Моликият дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**
Муассис (муассисон) бо мақсади таъмини фаъолияти дар Оиннома пешбинишудааш биною иншоот, комплексҳои амвол, таҷҳизот ва ҳамчунин дигар амволи зарурии истеъмолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо ҳуқуқи идораи оперативӣ ба муассисаи олии таълимӣ вобаста менамояд.
Муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардани маблағу амвол ва дигар намудҳои моликиятеро, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барояш тӯҳфа намудаанд, ба тариқи хайрия додаанд ё худ мерос мондаанд, самараи меҳнати зеҳнӣ ва эҷодкориро, ки натиҷаи фаъолияти муассисаи олии таълимӣ мебошад ва ҳамчунин даромади фаъолияти худ ва объектҳои моликияти аз ҳисоби ин даромад харидаашро дорад.
Муассисаҳои олии таълимӣ ҳуқуқ доранд ба сифати иҷорагир ва (ё) иҷорадиҳандаи моликият амал намоянд. Ба иҷора додани объектҳои моликият ва инчунин қитъаҳои замин аз ҷониби муассисаи олии таълимии давлатӣ бе ҳуқуқи харидорӣ бо розигии Шӯрои олимони муассисаи олии таълимӣ бо нархҳое, ки аз нархҳои дар ин минтақа мавҷудбуда паст нестанд, сурат мегирад. Маблағҳое, ки муассисаи олии таълимӣ ба сифати ҳаққи иҷора мегирад, барои таъмин ва инкишофи ҷараёни таълим истифода бурда мешаванд.
Ваколатҳои моликон дар бобати ихтиёрдорӣ намудани амволи давлатии системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ нисбати амволи моликияти давлатӣ ба мақоми давлатии идораи маориф вобаста карда мешаванд, ки ин ваколатҳоро ҳамроҳи мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки муассисаҳои олии таълимӣ дар ихтиёраш мебошанд, амалӣ мегардонанд.
**Моддаи 35. Маблағгузории муассисаҳои олии таълимӣ**
Маблағро барои фаъолияти таълимии муассисаҳои олии таълимии давлатӣ мақоми давлатии идораи маориф ё худ мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки ин муассисаҳо дар ихтиёрашон мебошанд, аз ҳисоби маблағи буҷет мутобиқи супориши давлатӣ барои тайёр намудани мутахассисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи давлатӣ, аз ҷумла меъёрҳои идоравии маблағгузорӣ ҷудо мекунанд.
Фаъолияти муассисаҳои олии таълимии ғайридавлатӣ аз ҷониби муассис (муассисон) мутобиқи шартномаи байни худ маблағгузорӣ карда мешавад. Аз рӯи шартномаи байни муассис (муассисон) ва муассисаи олии таълимӣ ин фаъолият метавонад қисман ё пурра бо худмаблағгузорӣ ба амал бароварда шавад.
Барои таҳқиқотҳои илмие, ки муассисаҳои олии таълимии давлатӣ анҷом медиҳанд, мақоми давлатии идораи маориф ва (ё) мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки ин муассисаҳои олии таълимӣ дар ихтиёри онҳо мебошанд, маблағ ҷудо менамоянд.
Муассисаҳои олии таълимии давлатӣ соҳаву тартиби истифодаи маблағеро, ки аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои дигари манънакардаи қонунгузорӣ гирифтаанд, мустақилона муайян мекунанд.
Маблағи дар давраи ҷорӣ (сол, семоҳа, моҳ) истифоданакардаи муассисаҳои олии таълимии давлатиро пас гардонида гирифтан ё худ ба ҳаҷми маблағгузории давраи минбаъдаи муассисаи

олии таълимӣ ҳисоб кардан мумкин нест.
Муассисаи олии таълимӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои дигари қарздиҳӣ барои нигоҳ доштани пул ва ҳар навъ ҳисобу китоб, амалиёти қарздиҳӣ ва додугирифт, аз ҷумла додугирифти асъор суратҳисобҳо кушода метавонад.

**Моддаи 36. Фаъолияти пулии муассисаи олии таълимӣ**
Муассисаи олии таълимӣ мутобиқи Оинномаи худ дар соҳаи таълим ва соҳаҳои дигар, ба шарте, ки он бар зиёни фаъолияти асосии он набошад, метавонад фаъолияти пулиро ба роҳ монад. Фаъолияти пулии таълим дар муассисаи олии таълимӣ ба ивази фаъолияти таълимӣ ва дар доирае, ки барои он аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешавад, амалӣ шуда наметавонад. Дар акси ҳол маблағи дар натиҷаи чунин фаъолият бадастомада мувофиқи қонун мусодира карда мешавад.
Муассисаи олии таълимии давлатӣ ҳуқуқ дорад дар доираи муқаррарнамудаи литсензия аз ҳисоби маблағи ҷудокардаи буҷет илова ба иҷрои супоришҳои давлатӣ оид ба қабули донишҷӯён аз рӯи шартномаҳои дахлдор, ба шарти аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пардохтани хароҷоти таълим дар ҳаҷми бо мақоми ҳокимияти давлатӣ мувофиқашуда мутахассисонро тайёр намояд.
Масъалаҳои бастани шартнома барои фаъолияти пулии таълимии муассисаҳои олии таълимӣ аз ҷониби муассисаҳои олии таълимӣ дар асоси шартномаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи олии таълимӣ мухолиф нестанд, ба амал бароварда мешавад.

## БОБИ ҲАФТУМ

## ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ

**Моддаи 37. Ҳамкории байналмилалӣ**
Ҳамкории байналмилалии муассисаҳои олии таълимӣ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба шариккории ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.
Мақомоти идораи маорифи ҳамаи зинаҳо, муассиса, корхонаю ташкилотҳои таълимии системаи маориф ҳуқуқ доранд бо муассиса, корхонаю ташкилотҳои хориҷӣ робитаи бевосита муқаррар намоянд, барномаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро амалӣ гардонанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятии таълимӣ ва илмӣ шаванд.
Давлатҳои иштироккунанда дар ташкилотҳои байналмилалии соҳаи маориф дар доираи созишномаю шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба сиёсати мувофиқашударо пеш мегиранд.
**Моддаи 38. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ**
Мақоми давлатии идораи маориф, муассисаҳои таълимӣ, корхонаю ташкилотҳои таълимии системаи маориф ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона амал мекунанд. Онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳанда (кредитӣ) кушодани суратҳисоби асъорро доранд.
Асъоре, ки муассисаи таълимӣ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меоварад, қонунан моликияти он буда ва ба он ҳуқуқи ихтиёрдории пурра дошта, онро ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун мусодира кардан мумкин нест. Ин маблағ барои инкишофи соҳаи маориф ва пойдор сохтани заминаи моддию техникии он сарф карда мешавад.

## БОБИ ҲАШТУМ

## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 39. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**
Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**ПРЕЗИДЕНТИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН Э.РАҲМОНОВ**

**ш.Душанбе**
**8 декабри соли 2003 №48**

**Бо қарори мушовараи Вазорати**
**маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 254 аз1 августи**
**с. 2005 тасдиқ шудааст**

# НИЗОМНОМАИ
## намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-муассисаи олии таълимӣ) дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» таҳия гардидааст.

### 1.Муассисаи олии таълимӣ, вазифаҳо ва сохтори он

1.Муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи таълимии дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ буда, барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро аз рӯи стандартҳои давлатии таҳсилот муайян, равияҳои таҳсилот ва дараҷаҳои маърифатӣ-тахассусиро татбиқ намуда, таълиму тарбия ва тайёрии касбии шаҳрвандонро мувофиқи мақсад, шавқу завқ, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин ва фаъолияти илмӣ, илмӣ-техникиро амалӣ мегардонад.
2.Муассисаи олии таълимии давлатӣ аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис, аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад.
Муассисаи олии таълимии ғайридавлатӣ аз тарафи муассис (муассисон) таъсис, аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад.
3.Муассисаи олии таълимӣ шахси ҳуқуқӣ буда, ба муассисаи ғайритиҷоратӣ мансуб мебошад.
4.Муассисаи олии таълимӣ аз тарафи давлат таъсисёфтаи аз буҷети давлат ва дигар манбаъҳо маблағгузоришаванда, ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии давлатӣ мансуб буда, ба мақомоти идоракунии системаи маориф тобеъ мебошад.
5.Муассисаи олии таълимӣ дар асоси моликияти шахсӣ ва ғайридавлатӣ таъсисёфта ба муассисаи таълимии таҳсилоти ғайридавлатӣ тааллук дошта, тобеи муассис (муассисон) мебошад. Муассисаи олии таълимии ғайридавлатӣ чун қисми таркибии системаи таҳсилот дорои ҳамаи ҳуқуқҳою ӯҳдадориҳое мебошад, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии давлатӣ доранд.
6. Шаклҳои зерини мактабҳои олӣ муқаррар карда шудааст: донишгоҳ, академия, донишкада.
Донишгоҳ муассисаи олии таълимие мебошад. ки:
- барномаҳои таьлимии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз
муассисаи олии таълимиро аз рӯи доираи васеъи соҳаҳо (ихтисосҳо) амалӣ мегардонад;
- кормандони баландихтисос, илмӣ ва илмиву омӯзгориро тайёр намуда, бозомӯзӣ, донишу ихтисоси онҳоро такмил медиҳад;
- дар соҳаҳои гуногуни илм тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ анҷом медиҳад;
- дар соҳаҳои фаъолияташ маркази пешбари илмӣ ва методӣ мебошад.
Академия муассисаи олии таълимие мебошад, ки:
- барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ мегардонад;
- кормандони баландихтисосро барои соҳаи муайяни фаъолияти илмӣ ва илмиву омӯзгорӣ тайёр

намуда, дониши онҳоро такмил медиҳад;
- тадқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалиро дар яке аз соҳаҳои илм ё фарҳанг иҷро менамояд;
- маркази пешбари илмӣ ва методии соҳаи фаъолияти худ мебошад.
Донишкада муассисаи олии таълимие мебошад, ки:
- барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва чун қоида, барномаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯи як ё якчанд самти ҷудогона амалӣ мегардонад;
- тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандонро барои соҳаи муайяни фаъолияти касбӣ амалӣ менамояд;
- тадқиқоти илмии бунёдӣ ва амалӣ мебарад.
7.Мақоми муассисаи олии таълимӣ дар номгӯи он ифода меёбад:
номгӯи муассисаи олии таълимӣ ҳангоми таъсисёбӣ муқаррар шуда, дар сурати тағйир ёфтани мақомаш ҳатман тағйир дода мешавад. Дар ҳолате, ки дар номгузории мактаби олӣ номи махсус истифода мегардад (консерватория, омӯзишгоҳи олӣ ва дигар номҳо) дар радифи он шакли муассисаи олии таълимӣ нишон дода мешавад.
8.Таълими шаҳрвандон дар муассисаҳои олии таълимии давлатӣ мувофиқи фармоиши давлат дар асоси озмун бепул амалӣ карда мешавад.
Муассисаи олии таълимии давлатӣ ҳуқуқ дорад, ки дар доираи муқаррарнамудаи иҷозатнома (литсензия) илова ба иҷрои супоришоти давлатӣ дар асоси шартномаҳои дахлдор бо шахсони ҳуқуқӣ ва вокеӣ мутахассисонро тайёр намояд.
9.Вазифаҳои асосии муассисаи олии таълимӣ иборатанд, аз:
- қаноатбахш намудани талаботи шахсият дар инкишофи зеҳни фарҳангӣ ва маънавӣ бо роҳи гирифтани таҳсилоти олӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- инкишофи илму санъат аз тариқи тадқиқоти илмӣ на фаъолияти эҷодии кормандони илмӣ-педагогӣ ва таълимгираидагон, истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълим ва истеҳсолот;
- тайёр кардан, бозомузӣ ва такмили ихтисоси кормандони таҳсилоти олидор ва кормандони илмӣ-педагогии дорои дараҷаи тахассуси олӣ;
- дар донишҷӯён ташаккул додани мавқеи шаҳрвандӣ, қобилияти меҳнатӣ ва ҳаётӣ дар шароити тамаддуни муосир;
- нигаҳдорӣ ва афзунгардонии арзишҳои миллӣ, ахлокӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеа;
- паҳн намудани дониш дар миёни мардум ва боло бурдани сатҳи маърифатӣ ва фарҳангии он;
- таъмини шароити мусоид ҷиҳати ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои истеҳсолӣ ва педагогӣ.
Ҷузъҳои сохтории муассисаи олии таълимӣ барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ, умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, инчунин барномаҳои таҳсилоти иловагиро дар сурати иҷозатнома (литсензия) доштани мактаби олӣ амалӣ карда метавонанд.
11.Муассисаи олии таълимӣ метавонад дорои филиалҳо, факултетҳо, кафедраҳо, шӯъбаҳои тайёрӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, лоиҳакашӣ, магистратура, ординатура, аспирантура докторантура, ҷузъҳои таълимии таҳсилоти касбии иловагӣ, китобхона, дармонгоҳҳо, марказҳои таълимии ҳисоббарорӣ, бюрои конструкторӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, стансияҳои таҷрибавӣ, марказҳои таълимию методӣ ва иттилоотию таълимӣ, воҳидҳои истеҳсолӣ ва дигар ҷузъҳои сохторӣ бошад.
12.Таъсиси ҷузъҳои сохтории муассисаи олии таълимӣ (ғайр аз филиалхо) мутобиқи тартиботи муқарршуда дар асоси оинномаи муссисаи олии таълимӣ амалӣ карда шуда, ба муассис иттилоъ дода мешавад.
Филиалҳои муассисаи олии таълимии давлатӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои назди муассисаи олии таълимиро бо пешниҳоди муассис Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон таъсис медиҳад.
Кушодани магистратура, аспирантура, докторантура ва вазифаи ходимони илмӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, бо иҷозати мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф амалӣ мегардад.
13.Низомномаи намунавии филиалҳои муассисаи олии таълимии давлатӣ ва тартиби таъсис додани онҳо аз тарафи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

14.Филиалҳои муассисаи олии таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ мустақилона аз аттестатсия гузашта, аккредитатсияи давлатиро бошад дар сохтори муассисаи олии таълимӣ мегузаранд.
15.Фаъолияти муассисаи олии таълимӣ ҳамчун комплекси воҳиди таълимӣ-илмӣ-истехсолӣ бо роҳҳои зайл таъмин карда мешавад:
- иштироки ҳатмии ҷузъҳои илмӣ ва тамоми дигар сохторҳои муассисаи олии таьлими дар сохторои муассиаси олии таълимӣ дар таълимӣ донишҷӯён, аспирантҳо ва ташкили таъмини раванди таълим;
- аз тарафи ҳамаи ҷузъҳои сохторӣ иҷро намудани қарорҳои шӯрои илмӣ ва роҳбарияти муассисаи олии таълимӣ;
- таъсиси хазинаҳои марказонидашуда дар мактаби олӣ аз ҳисоби ҷудо намудани маблағҳои шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ.
Тартиби истифодаи ин маблағҳо аз тарафи шӯрои илмӣ муқаррар карла мешавад.
16.Шаклҳои мушаххас ва мазмуни муносибатҳои ташкилию ҳуқуқии комплскси воҳиди таълимӣ-илмӣ-истеҳсолиро оинномаи мактаби олӣ муайян менамояд.

**2.Тартиби таъсис, аз нав ташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи олии таълимӣ. Ҳисобот ва баҳисобгирӣ.**

17.Муассисаи олии таълимии давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис, аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад.
18.Муассисаи олии таълимии ғайридавлатӣ бо дархости муассис (муассисон) тибқи қарори он ё шартҳои қарордоди таъсисдиҳӣ ташкил, аз нав ташкил ва барҳам дода шуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикнстон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.
19.Муассисаи олии таълимӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтани он таъсисшуда ҳисобида мешавад.
20.Ҳуқуқи татбиқи нақшаҳо ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ аз лаҳзаи ба мактаби олӣ додани иҷозатнома (литсензия) амалӣ мешавад.
21.Муассиси олии таълимии татбиққунандаи барномаҳои ҳарбии касбии таълимӣ (муассисаҳои таълимии ҳарбӣ) танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонад.
22.Филиалҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, баъди гирифтани иҷозатномаи (литсензияи) мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф фаъолият менамоянд.
23.Муассисаи олии таълимӣ натиҷаҳои фаъолияти молиявию муҳосиботи худро ба ҳисоб мегирад, ҳисоботи оморӣ ва муҳосиботиро дар шакли муқарраршуда пеш мебарад, ба муассис дар бораи маблғҳои воридшуда ва масрафшуда ҳисобот пешниҳод менамояд.
24.Шоирони роҳбарикунандаи муассисаҳои олии таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ барои вайрон кардани ҳисоботҳо ва баҳисобгириҳои муқарраpнамудаи қонунгузорӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**3. Қабул ба мактаби олӣ ва тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ ва таҳсалоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

25.Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, ки дар асоси озмун дар мактабҳои олии давлатӣ ба таври ройгон маълумоти олии касбӣ гиранд, агар ин сатҳи таҳсилот бори аввал гирифта шавад.
26.Мактаби олӣ ҳаҷм ва сохтори қабулро мутобиқи иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълими дар мувофика бо мақомоти идоракунии системаи маориф муқаррар менамояд.
27.Барои шахсоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбиро бо баҳои аъло хатм намудаанд, ё ки дигар нишондиҳандаҳои сатҳи тайёрӣ доранд, шартҳои махсуси қабулро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар менамояд.
28.Қабул ба мактаби олӣ дар асоси озмун ва аризаи шахсии шаҳрвандон, ки таҳсилотӣ миёнаи

умумӣ ё миёнаи касбӣ доранд, аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ, ки бо мақсади муайян намудани имконияти аз худ кардани барномаҳои таълимии таҳсилоти олӣ гузаронида мешавад, сурат мегирад. Шартҳои озмун бояд қабул намудани довталабони аз ҳама боистеъдод ва қобилиятнокро кафолат диҳанд, агар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои дигар пешбини нашуда бошанд.
29.Мактаби олӣ танҳо дар сурати доштани иҷозатнома (литсензия) ҳуқуқи эълони қоидаҳои қабули шаҳрвандонро дорад.
30.Мактаби олӣ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатнома (литсензия), шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ аз рӯи ҳар як равияӣ (ихтисоси) тайёр намудани мутахассисон, ки ҳуқуқи додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ оид ба таҳсилоти олии касбиро дорад, шинос намояд.
31.Шахсоне, ки коллеҷҳои мустақил ва сохтории мактабҳои олиро бо дипломи аъло хатм намудаанд, дар ҳолати мувофиқати равия ва ихтисосҳо ба тариқи сӯҳбат ба ҷойҳои ҷудошуда ба курси сеюми муассисаи таҳсилоти олӣ қабул карда мешаванд.
Шахсоне, ки коллеҷҳои мустақил ва сохтории мактабҳои олиро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, дар ҳолати мувофиқати равия ва ихтисосҳо баъди гузаштан аз аттестатсия ва озмун ба ҷойҳои ҷудошуда ба курси сеюми муассисаи таҳсилоти олӣ қабул карда мешаванд.
32.Шахсоне, ки мактабҳои миёнаи касбӣ (техникум ва омӯзишгоҳ)-ро бо дипломи аъло хатм намудаанд, дар ҳолати мувофиқати равия ва ихтисосҳо ба тариқи сӯҳбат ба ҷойҳои ҷудошуда ба курси дуюми мактаби олӣ қабул карда мешаванд.
Шахсоне, ки мактабҳои миёнаи касбӣ (техникум ва омӯзишгоҳ)-ро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, дар ҳолати мувофиқати равия ва ихтисосҳо баъди гузаштан аз аттестатсия ва озмун ба ҷойҳои ҷудошуда ба курси дуюми мактаби олӣ қабул карда мешаванд.
33.Мазмуни раванди таълим аз рӯи ҳар як равияву ихтисос, мӯҳлати азхудкунии барномаи таълимии таҳсилоти олӣ ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълими мувофиқи стандарти давлатӣ муайян карда мешавад.
34.Миқдори умумии қабули донишҷӯён барои таҳсил аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва тартиби қабули онҳо ҳар сол аз тарафи мақомоти дахлдори идоракунин системаи идории маориф мутобқи меъёрҳои муайяншуда муқаррар карда мешавад.
35.Шахсоне,ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумиро бо медал хатм намудаанд дар вақти қабул ба мактаби олӣ аз сӯҳбат мегузаранд.
Ба шахсоне, ки аз сӯҳбат нагузаштаанд, ҳуқуқи дар асоси муқаррароти умуми супорндани имтиҳонҳон қабул дода мешавад.
36.Берун аз озмун дар сурати бо муваффақият супоридани имтҳнҳои дохилшави ба мактабҳои олӣ имтиёз дар навбати аввал ятимон ва бепарасторони аз тарбияи падару модар маҳруммонда, маҷруҳони гурӯҳи I на 2, ки дар асоси хулосаи комиссияи тиббӣ-экспертӣ, ки таҳсил дар муасслсаҳои таълимии таҳсилоти олӣ барои онҳо манъ нашудааст, инчунин шаҳрвандҳои гурӯҳҳои дигар, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини намудааст, дода мешавад.
37.Довталабон ба таълими ғайрироигон танҳо баъди супоридан имтиҳонҳои қабул ва пардохтӣ маблағи таҳсил (тибқи шартнома) қабул карда мешаванд. Аз таълими ғайрироигон ба таълими ройгон гузаштан манъ аст, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбинамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Донишҷӯёне, ки ба оилаҳои камбизоат тааллуқ доранд ва дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ касбии давлатӣ дар асоси шартнома пулакӣ таълим мегиранд ва имтиҳонҳои ҷориро бо баҳои 4 (ҷуб) ва 5 (аъло) супоридаанд, имкондоранд ба гурӯҳҳои марбутаи ройгон гузашта таҳсилро идома диҳанд. Тартиби ба таври истисно ба гурӯҳҳои ройгон гузаронидани чунин донишҷӯёнро комиссияи марбутаи мақомоти давлатии идораи маориф муайян мекунад.
38.Дар имтиҳонҳои дохилшавии мактабҳои олӣ бояд вазъи ором у хайрхоҳона таъмин шавад, то ин ки довталабон сатҳи дониш ва маҳорати худро пурра нишон дода тавонанд.
39.Довталабони баҳои ғайриқаноатбахш гирифта, ба имтиҳонҳои минбаъда роҳ дода нашуда, озмунро тарк мекунанд.
40.Тартиби дида баромадани аризаҳои шикоятиро мактаби олӣ дар асоси қоидаҳои қабул, ки мақомоти чумҳуриявии давлатии идораи маориф тасдиқ намудааст, муқаррар менамояд.

41.Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳои довталабон ба курси якуми шакли рӯзонаи таҳсил ва мӯҳлати қабули донишҷӯён ба мактабҳои олиро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар менамояд.
42.Аз довталабони мактабҳои олӣ талаб карда мешавад, ки ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият (шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд), ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ
ё таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ (аслаш), маълумотномаи тиббӣ ва ба миқдори зарурӣ сурат пешниҳод намоянд.
Ҳуҷҷатҳои дигар дар мавриде пешниҳод карда мешаванд, ки агар довталаб талабгори имтиёзҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда бошад, ё агар имкониятҳои дохилшавӣ ба муассисаи олии таълимӣ (ихтисоси) интихобкардааш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд шуда бошанд.
43.Бо мақсади ҳамкории мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар тайёр кардани кадрҳо ҷиҳати ҳал намудани масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ муассисаи олии таълимӣ метавонанд дар ҳаҷми рақамҳои назоратӣ барои қабули мақсаднок миқдори муайяни ҷойҳо ҷудо намуда, ба ин ҷойҳо озмуни алоҳида ташкил намоянд ва бо ин мақсад шӯъбаҳои тайёриро истифода намоянд, ки қоидаҳои қабули онҳоро мактаби олӣ муқаррар менамояд. Дар ин маврид мактаби олӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ шартнома мебандад.
44.Қоидаҳои қабул барои муассисаи олии таълимӣ аз тарафи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.
45.Ба аспирантураи муассисаи олии таълимӣ дар асоси озмун шахсоне қабул карда мешаванд, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ (мутахассис, магистр) бошанд.
Таҳсил дар аспирантура дар шаклҳои рӯзона ва ғоибона амалӣ карда мешавад. Таҳсил дар аспирантураи муассисаҳои олии таълимии давлатӣ дар шакли рӯзона 3 сол ва дар шакли ғоибона аз 4 сол зиёд буда наметавонад.
46.Ба докторантураи муассисаҳои олии таълимӣ шахсони дорои унвони номзади илм қабул карда мешаванд.
Мӯҳлати таҳсил дар докторантура аз се сол зиёд буда наметавонад.
47.Қабули шаҳрвандони хориҷӣ ба аспирантура ва докторантураи муассисаи олии таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикнстон амалӣ мегардад.

**4.Фаъолияти таълимӣ, методӣ ва**
**илмии муассисаи олии таълимӣ**

48.Дар муассисаи олии таълимӣ вобаста ба мӯҳлат ва зинаи тайёрии касбии мутахассисон барномаҳои гуногуни таълимии таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва бозомӯзии мутахассисон амалӣ гардонида мешавад.
49.Муассисаи олии таълимӣ бо роҳи ташкили мақсадноки ҷараёни таълим, интихоби шаклҳо, методҳо, воситаҳои таълим шароити зарурироба барои аз худ кардани барномаҳои таълимии касбии донишҷӯён муҳайё мекунад.
50.Муассисаи олии таълимӣ нақша ва ҷадвали раванди таълимро, аз ҷумла барои омӯзиши инфиродии ашхоси алоҳида бо назардошти сатҳи тайёрии пешакӣ ва қобилияти онҳо мувофиқи низомномаҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ мекунад.
51.Дар муассисаи олии таълимӣ намудҳои зерини машғулиятҳои таълимӣ муқаррар карда мешаванд: лексия, консултатсия, семинар, машғулняти амалӣ, кори лабораторӣ, кори контролӣ, коллоквиум, кори мустақилона, таҷрибаомӯзӣ, танзими нақшаи лоиҳасозӣ (кори курсӣ), танзими нақшаи рисола (навиштани рисолаи дипломӣ, кори магистрӣ). Муассисаи олии таълимӣ метавонад, ки намудҳои дигари корхои таълимиро низ гузаронад. Барои ҳамаи намудҳон машғулиятҳои аудиторӣ 45 дақиқа вақти академӣ муқаррар карда мешавад.
52.Донишҷӯён, ордииаторҳон шӯъбаҳои рӯзонаи муасснсаҳои олии таълимии давлати тибқи тартиб ва андозаи муқарраршуда стипендияи давлатӣ ё стипендия аз тарафи корхонаҳо ва созмонҳо муқарраршударо мегиранд.
53.Барои донишҷӯён ва ординаторҳои таҳсили рӯзона ва рӯзона-ғонбона (шабона) дар давоми соли

таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда шудааст, ки муддати умумии он 7-10 ҳафта мебошад.
54.Вазифаи тарбиявии мактаби олӣ, ки аз табиати башардӯстонаи таълим, афзалияти арзишҳои инсонӣ бармеоянд, дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии толибилмон ва омӯзгорон татбиқ карда мешавад.
55.Муассисаи олии таълимӣ дар интихоби системаи баҳогузорӣ, шаклҳо, тартиби гузаронидани машғулиятҳо, аттестатсияи донишҷӯён ва шунавандагон мустақил мебошад.
56.Ба дигар корҳо ҷалб намудани донишҷӯёну шунавандагон, ки ба фаъолияти таълимӣ алоқаманд нест, манъ аст.
57.Таҷрибаи таълимӣ ва истеҳсолӣ, ки стандарти давлатии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пешбинӣ намудааст, дар асоси шартномаҳои байни мактаби олӣ ва корхона, муассиса, ташкилотҳо гузаронида шуда, мувофиқи ин шартномаҳо корхона, муассиса ва ташкилотҳои мазкур новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ барои гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимии давлатӣ ва ғайридавлатии аз аккредитатсия гузашта ҷой ва шароит муҳайё менамоянд.
58.Азхудкунии нақшаи таълимии муассисаи олии таълимӣ баъди аттестатсияи ҳатмии ҷамъбастии хатмкунандагон ба итмом мерасад.
59.Муассисаи олии таълимӣ дар ташкил ва гузаронидани раванди таълим, истифодаи технологияи нав, шакл ва методҳои пешқадами таълимро ҷустуҷӯ намуда, баҳри баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон истифода менамояд.
60.Забони таълим дар муассисаи олии таълимӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
61.Муассисаи олии таълимӣ корҳои методиро ташкил карда мегузаронад. Ҳамоҳангсозии корҳои таълимӣ-методиро дар муассисаи олии таълимии давлати муассис дар амал татбиқ мекунад.
62.Вазифаҳои асосии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки дар муассисаи олии таълимӣ гузаронида мешаванд, иборатанд, аз:
- коркарди масъалаҳои назариявӣ ва бунёдӣ;
- таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ;
- иҷрои корҳои тадқиқотии характери илмӣ ва илмӣ-методи дошта
63.Тадқиқотҳои илмие, ки дар мактаби олӣ бо назардошти афзалиятнокии онҳо гузаронида мешаванд, аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағҳои аз иҷрои шартномаҳои хоҷагӣ ба даст омада, қарзҳои бонкӣ, маблағҳои худи, хайрия ва дигар манбаъҳо маблағгузорӣ карда мешаванд.
64.Принсипи асосии илмии мактаби олӣ, ин ҳамгирони он бо ҷараёни таълим, инчунин илмҳои соҳавӣ ва академӣ мебошад.
65.Мактаби олӣ корҳои илмӣ ва тадқиқотҳои эҷодкоронаи илмии худро аз рӯи нақшаи тематики анҷом медиҳад, ки аз тарафи шурои илмӣ тасдиқ карда шудааст, захираҳои илмии худро таъмин намуда, оқилона ва самаранок истифода мебарад, сифати корҳои иҷрошудаистода ва беҳатарии шароити меҳнат, ҷалби васеи мутахассисони баландихтисос, курсант, донишҷӯ, шунаванда ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва эҷодӣ мебошад.
66.Мактаби олӣ бо тартиби хатмӣ тадқиқотҳои бунёдӣ, ҷустуҷӯӣ ва амалиро, ки қисми таркибии тайёр кардани мутахассисон аст, татбик мекунад.

**5. Худмухтории муассисаи олии таълимӣ ва озодиҳои академӣ**

67.Муассисаи олии таълимӣ дар қабули қарорҳо ва амалӣ намудани фаъолияташ, ки аз оинномаи он бармеояд, худмухтор ва мустақил аст.
68.Дахолати мақомоти идораи давлатӣ ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ-хоҷагӣ ва фаъолияти дигари муассисаи олии таълимӣ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.
69.Муассисаи олии таълимӣ бо мақсади аккредитатсияи ҷамъиятии худ ҳуқуқ дорад ба дилхоҳ ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалии мурочиат намояд. Чунин аккредитасия ӯҳдадории маблағгузории иловагиро аз тарафи давлат талаб намекунад.
70.Муноснбати байнни муассис ва муассисаи олии тиълимиро шартнома муайян мекунад.

71.Худидоракунӣ шакли озодиҳои академӣ мебошад ва шарти зарурӣ барои кафолати иҷрои ӯҳдадориҳои мактаби олӣ аст.
72.Худидоракунии дастаҷамъӣ ва роҳбарии муносиби академӣ қисми муҳимтарини таркибии худмухторӣ мебошад.
73.Худмухторӣ шакли муҳимтарини ташкили раванди таълим, тадбирҳои академӣ мебошад ва масъулняти давлатии муассисаи олии таълимиро назди муассис мегузорад.
74.Муассисаи олии таълимӣ дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таьлимӣ, илмӣ, молиявию хоҷагӣ ва дигар фаъолият мутобиқи қонуегузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи мактаби олӣ мустақил аст.
75.Муассисаи олии таълимӣ метавонад технологияи таълими фосилавиро ҷиҳати татбиқи барномаи таълим» қисман ё дар ҳаҷми пурра (ба истиснои баъзе машғулиятҳо) бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф истифода намояд.
76.Муассисаи лии таълимӣ дар мувофиқа бо мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф метавонад таълимро дар асоси «соатҳои кредити» ташкил ва ҷорӣ намояд.

## 6.Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Зинаҳон таҳсилот

77.Стандартҳои давлатии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ барои таъмини фаъолиятҳои зерин пешбинӣ шудааст:
- сифати таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- ягонагии фазоӣ таҳснлот;
- эътироф ва муқаррар намудани баробарэътибории ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ дар бораи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ.
78. Стандартҳои давлатии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ иборатанд аз:
- талаботи умумӣ ба барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- талаботи минималии ҳатмӣ оид ба мазмуни асосии барномаҳои таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба шароити татбиқи онҳо аз ҷумла ба таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, аттестатсияи ҷамъбастии хатмкунандагон, дараҷаи тайёрии хатмкунандагон аз рӯи соҳаҳои алоҳидаи таҳсилот (ихтисос);
- мӯҳлатҳои аз худ намудани барномаҳои таълимии асосии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии таҳсилот;
- муайян намудани ҳаҷми максималии сарбории таълимии донишҷӯён ва шунавандагон.
79.Таснифоти равияҳо ва ихтисосҳои таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.
80.Барномаҳои таҳсилоти» касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба шаҳрвандони маълумоти олидошта имконият медиҳад, ки дараҷаи тахассусии илмию педагогии худро баланд намуда, барои иҷрои корҳои дарёфти дараҷаҳои илмии номзад ё доктори илм тайёр шаванд.
81.Вобаста бо назардошти талабот ва имкониятҳои шахсият барномаҳои таълимӣ дар шаклҳои фарққунандаи гуногуни ҳаҷми дарсҳои асосии муаллим бо донишҷӯ метавонад аз худ карда шаванд: шакли рӯзона, рӯзона-ғойибона (шабона), ғойибона, экстернат.
82.Экстернат дар муассисаи олии таълимӣ аттестатсияи шахсе аст, ки фанҳоро мустақилона мувофиқи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ (нақшаи таълимӣ) аз рӯи ихтисоси интихобкардааш азхуд кардааст. Гирифтани ихтисоси якуми олӣ дар асоси экстернат бепул аст.
83.Шаҳрвандон дар муассисаи олии таълимӣ метавонанд таҳсилро бо таври муттасил ё ба таври зинагӣ гиранд.
84. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаҳон зерини таҳсилоти олии касбӣ муқаррар шудаанд:
- таҳсилоти олии касбӣ ба шаҳрванде дода мешавад, ки бо муваффакият аз аттестатсияи ҷамъбастии тахассуси «бакалавр» гузаштааст;
- таҳсилоти олии касбӣ ба шаҳрванде дода мешавад, ки бо муваффақият аз аттестатсияи

ҷамъбастии тахассуси «мутахассис» гузаштааст;
- таҳсилоти олии касбӣ ба шахрванде дода мешавад, ки бомуваффақият аттестатсняи ҷамъбастии дараҷаи «магистр»-ро гузаштааст.
85.Шахсоне, ки таҳсилро аз рӯи барномаи асосии таҳсилоти олии касбӣ ба итмом нарасонидаанд, вале аз аттестатсияи мобайнӣ бомуваффакият гузаштаанд (на кам аз ду соли таҳсил) таҳсилоти онҳо ҳамчун таҳсилотии олии касбии нопурра эътироф ва бо додани ҳуҷҷат тасдиқ карда мешавад. Ба шахсоне, ки омӯзиши барономаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбиро ба итмом нарасонидаанд, ҳуҷҷатҳои академии намунаи муқарраршуда дода мешавад.
86. Мӯҳлати аз худкунии барномаҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ чунин муқаррар шудааст:
- барои гирифтани ихтисоси «бакалавр» на камтар а:) чор сол;
- барои гирифтани ихтисоси «мутахассис» на камтар аз панҷ сол, ба истиснои ҳолатҳое, ки мувофиқи стандартҳои давлатии таҳсилот пешбинӣ шудааст;
- барои гирифтани дараҷаи «магистр» на кам аз ду сол баъди бакалавриат.
87.Шахсони дорандаи ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар борaи таҳсилоти олии касбӣ зинаи муайян, мувофиқи ихтисосашон ҳуқуқ доранд, таҳсилро бо барномаҳои таҳсилоти олии дараҷаи минбаъда давом диҳанд.
88.Шахсоне, ки барномаи таълимии таҳсилоти олии касбиро мувофиқи зинаҳои таҳсилоти олӣ дар муассисаӣ олии таълимии дорои аккредатсияи давлатӣ дошта азхуд намудаанд, он барои ишғоли вазифаи муайян дар ташкилоти давлатӣ асос шуда метавонад.
Шахсоне, ки барномаҳои таълимии тиббӣ ва фарматсевтии олиро аз худ намудаанд, он барои ишғол намудани вазифаҳои мувофиқ тайёрии аввалини яксола ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таьлими (ординатура) ки бо шаҳодатномаи намунаи муқарргардида тасдиқ шудааст, асос буда метавонад.
89.Назорати татбиқи стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои олии таълимӣ новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо ва моликият, мансубиятн соҳавӣ аз тарафи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маорифи амалӣ мегардад.

## 7. Идоракунии муассисаи олии таълимӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Назорат аз болои фаъолияти муасснсаҳои олии таълимӣ. Иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия, ва аккредитатсияи муасснсаҳои олии таълимӣ.

90.Идоракунии муассисаҳои олии таълимӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва оинномаи муассисаи олии таълимӣ амалӣ карда мешавад.
91.Оинноман муассисаи олии таълимӣ аз тарафи муассис (маҷлиси умумии муассисон) тасдиқ карда мешавад ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.
92.Роҳбарии умумии муассисаҳои олии таълимиро шурои илмӣ, роҳбарии бевоситаро ректор сарварӣ менамояд ва амалӣ менамояд. Мӯҳлати ваколатҳои шӯрои илмӣ наметавонад аз 5 сол зиёд бошад. Аз нав интихобкунии аъзоёни шӯрои илмӣ пеш аз мӯҳлат бо талаби на камтар аз нисфи аъзо, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи оинномаи муассисаи олии таълимӣ гузаронида мешавад. Тартиби интихоби ҳайати аввали шӯрои илмиро маҷлиси умумӣ (муассисон), омӯзгорон, кормандони илмӣ, намояндагони гурӯҳи дигари кормандон ва донишҷӯён муайян мекунад. Ба хайати шурои илмӣ намояндагони тамоми гурӯҳҳои кормандон ва донишҷӯёни муассисаи олии таълимӣ, созмонҳо ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ интихоб шуда метавонанд.
93.Дар муассисаи олии таълимӣ вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти он шӯроҳои дигар низ таъсис дода мешаванд. Тартиби интихоб, ҳайат, ваколатҳо ва дигар масъалаҳои марбути фаъолияти шӯроҳо тибқи оинномаи муассисаи олии таълимӣ муайян карда мешавад.
Тартиби интихоби вакилони маҷлиси умумӣ (конфренсия)-ро шӯрои амалкунанда бо иштироки ҳамаи гурӯҳҳои кормандон, созмонҳои ҷамъиятӣ ва донишҷӯён муайян менамояд, дар ин маврид намояндагони аъзои шӯрои илмӣ набояд аз 30 % шумораи умумии вакилон зиёд бошад.

94.Дар муассисаҳои олии таълимии давлатии навташкил то созмон ёфтани шурои илмӣ пурра кардани ҳайати омӯзгорон, кормандони илмӣ ва дигар гурӯҳҳои кормандон, оиннома аз тарафи муассис ба муддати на бештар аз як сол тасдиқ карда мешавад. Масъалаҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва касбӣ дар доираи шартномаи коллективӣ ҳал шуда, қабул ва татбиқи онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.
95.Роҷбарии бевоситаи муассисаҳои олии таълимиро ректор амалӣ менамояд.
96.Ректори муассисаи олии таълимии давлатиро бо пешниҳоди мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф, вазорат ва идораҳои дахлдоре: ки дар тобеъияташон муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ доранд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз| вазифа озод менамояд.
97.Ректори муассисаи таълимии таҳсилоти олии ғайридавлатиро муассис (маҷлиси умумии муассисон) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.
98.Ректори муасснсаи олии таълимӣ (новобаста аз шакли моликият) тамоми масъулияти вазъи раванди таълиму тарбия, корҳои илмӣ-тадқикотӣ ва фаъолияти молиявию хочагидории муассисаи таълимии таҳснлоти олиро ба ӯҳда дорад.
99.Доираи ваколатҳои ҳуқуқии байни аъзоёни шӯрои илмӣ ва ректор мутобиқи оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ муайян карда мешавад.
100.Ба ректори муассисаи олии таълимӣ ишғоли дигар вазифаҳои роҳбарикунанда, ба ғайр аз роҳбарии илмӣ, илмию методӣ дар дохили муассисаи олии таълимӣ ё берун аз он манъ аст. Ректор дар доираи салоҳияти худ амру фармонҳо мебарорад, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандон ва донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ ҳатмӣ мебошад.
101.Ректор метавонад, ки иҷрои қисме аз ваколатҳои худро ба ӯҳдаи муовинон ва дигар кормандони муассисаи олии таълимӣ вогузор намояд.
102.Муовинони ректори муассисаҳои олии таълимии давлатиро ректор аз ҷумлаи олимони баландихтисос, мутахассисони обрӯманде, ки дараҷаи доктори илм номзади илм доранд дар мувофиқа бо муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.
Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии ғайридавлати муовинон бо пешниҳоди ректор аз тарафи муассис (муассисон) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.
103.Роҳбаии факултетро декан ба ӯҳдадорад, ки он тибқи қонун ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.
104.Роҳбарии кафедраро мудир ба ӯҳда дорад, ки фаъолияти он тибқи Низомномаи намунавии кафедраи муассисаи олии таълимӣ амалӣ карда мешавад.
105.Низомномаҳо дар бораи кафедраҳо ва дигар сохторҳои таркибии муассисаи таҳсилоти олӣ дар асоси Низомномаи намунавии аз тарафи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф тасдиқгардида таҳия ва тасдиқ карда мешавад.
106.Ба вазифаи ректор роҳбари Филиали муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ, муовинҳо ва деканҳои факултетҳо шахсони то ба синни нафақа нарасида пешбарӣ карда мешаванд.
108.Ҳуқуқи дар амал татбиқ намудани нақша ва барномаҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муасснсаи олии таълимӣ ва имтиёзҳо мувофиқӣ, аз лаҳзаи додани иҷозатнома (литсензия) ба муассисаи таҳсилоти олӣ дода мешавад.
108.Иҷозатнома (литсензия) барои пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз тарафи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф дар асоси хулосаи комиссияҳои экспертӣ дода мешавад.
109.Иҷозатномаи (литсензияи) фаъолияти таълимии муассисаи олии таълимӣ аз рӯи равияҳои нав тайёр кардани мутахассисон (ихтнсосҳо) новобаста аз доштани иҷозатномаи муассисаи олии таълимӣ аз нав гузаронида мешавад.
110.Иҷозатнома (литсензия) ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ новобаста аз шаклҳои ташкилию-ҳуқуқии онҳо, дар ҳолате дода мешавад, ки агар онҳо ҳуқуқи моликият, идоракунии оперативӣ, иҷоравӣ ва манбаи таълимию - моддии заруриро дошта бошанд.
111.Аттестатсияи муассисаи олии таълимиро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф бо аризаи муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ ё бо ташаббуси худи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф мегузаронад. Мақсад ва мазмуни аттестатсия муқаррар кардани мувофиқати мазмун, дараҷа ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олӣ ба талаботи

стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи самтҳо тайёр кардани мутахассис мебошад.
112.Аккредитатсияи давлатии муассисаи таҳсилоти олӣ дар асоси натиҷаҳои аттестасияи давлатӣ бо тартиби муқарраркардаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.
113.Шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ мақоми муассисаи таҳсилоти олӣ, номгӯи равияҳои тайёр намудани ихтисосҳоро, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд ва аз рӯи онҳо муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ, ба хатмкунандагон ҳуқуқи додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва тахассусро муқаррар менамояд.

## 8. Донишҷӯёни муассисаи олии таълимӣ, ҳуқуқ ва ӯҳададориҳои онҳо. Шунавандагони муассисаи олии таълимӣ

114.Донишҷӯ шахсе мебошад, ки бо тартиби муқарраршуда ба муассиаи олии таълимӣ қабул карда шудааст ва дар шӯъбаҳои рӯзона, рӯзона-ғойибона (шабона) ғойибона ё экстерн бо мақсади гирифтани зинаи муайяни таҳсилот ва ихтисос таҳсил менамояд.
115.Ба донишҷӯи муассисаи олии таълимӣ намунаи муқарра шудаи билети донишҷӯӣ ва дафтарчаи санҷишу имтиҳонҳо дода мешавад.
116. Донисҷӯёни муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ доранд;
- дар ташаккули мазмуни таҳсилоти худ ҳангоми риояи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ иштирок намоянд;
- курсиҳои факултативие, ки аз тарафи факултет ва кафедраҳои дахлдор пешниҳод мешавад, интихоб намоянд;
- дойр ба ихтисоси харбӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилот гиранд;
- дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои муҳимтарин фаъолияти муассисаи олии таълимӣ, аз ҷумла тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф иштирок намоянд;
- дар муассисаи олии таълимии давлатӣ аз китобхонаҳо, хазинаи иттилоот, хизматгузории ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ-муолиҷавӣ ва монанди инҳо тибқи тартиботи муқараркадаи оинномаи муассисаи таҳсилоти олӣ бепул истифода баранд;
- дар ҳамаи намудҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо, маҳфилҳо ва озмунҳо иштирок намоянд;
- корҳои илмии худро барои чоп, аз ҷумла дар нашриётҳои муассисаи олии таълимӣ пешниҳод кунанд;
- аз болои фармон ва амрҳои роҳбарияти муассисаи олии таълимӣ тибқи тартиботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунанд.
117.Донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимии давлатӣ, ки дар шӯъбаи рӯзона таҳсил намуда, аз ҳисоби буҷети давлатӣ таълим мегиранд дар ҳаҷми муқаррарнамудаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стипендия таъмин карда мешаванд.
118.Донишҷӯёни муассисаҳон олии таълимӣ ҳуқуқ доранд, аз шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки барои таҳсил ба онҳо роҳхат додаанд стипендияи номӣ гиранд.
119.Дар асоси нишондоди тиббӣ ва дигар ҳолатҳои истисноӣ ба донишҷӯи муассисаи олии таълимӣ тибқи тартиби муқарраркардаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф, рухсатии академикӣ дода мешавад.
120.Донишҷӯёни шакли рӯзонаи таълим, ки дар муассисаҳои олии таълимӣ ва коллеҷҳои сохтории онҳо таҳсил менамоянд аз даъват ба хизмати ҳарбӣ дар муддати таҳсил озод карда мешаванд.
Донишҷӯёни шакли рӯзонаи таълими муассисаҳои олии таълимӣ ва коллеҷҳои сохтории онҳо, ки аз муассисаҳои таълимӣ хориҷ шудаанд аз ин имтиёз маҳрум карда мешаванд.
121.Ҳар як донишҷӯи ба манзилгоҳ эҳтиёҷ дошта бо хобгоҳ таъмин карда мешавад дар сурати дар муассисаи олии таълимӣ мавҷуд будани фонди манзилӣ. Бо ҳар як донишҷӯи сокини хобгоҳ бо шакле, ки мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар намудааст шартнома байни муассисаи олии таълимӣ ва донишҷӯ баста мешавад.
122.Барои комёбиҳо дар таҳсил, иштироки фаъолона дар корҳои илмию тадқиқотӣ, донишҷӯён мувофиқи оинномаи муассисаи олии таълимӣ аз лиҳози моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида

мешаванд.
123.Доницӯ аз муассисаи олии таълимӣ дар ҳолатҳои зерин хориҷ карда мешавад:
- бинобар вазъи саломатӣ, дар асоси маълумотномаи комиссияи тиббӣ машваратӣ;
- бо сабаби ба дигар муассисаи таълими гузаштан;
- бо сабаби ба дарсҳо иштирок накардан (на камтар аз 36 соат бе сабаб иштирок накардан ба дарсҳо
- барои қарзҳои академӣ;
- дар ҳолати сари вақт пардохт накардани маблағи таҳсил тибқи шартнома;
- дар ҳолати сари вақт насупоридани се ё зиёда аз он санҷишу имтиҳонҳо;
- барои содир кардани ҷиноят;
- барои вайрон кардани тартиботи дохилӣ ва оинномаи муассисаи таҳсилоти олӣ.
124.Донишҷӯи муассисаи олии таълимиро танҳо пас аз он ки аз ӯ баёноти хаттӣ гирифта мешавад, танбеҳи интизомӣ додан аз муассисаи таълими таҳсилоти олӣ хориҷ кардан мумкин аст.
125.Танбеҳи интизомӣ ба донишҷӯ на дертар пас аз як моҳи ошкор шудани аъмоли ӯ ва на дертар пас аз шаш моҳи содир гардидани чунин аъмол дода мешавад, ки ба ин мӯҳлати бемории донишҷӯ ва (ё) вақти таътили ӯ дохил намешавад.
126.Донишҷӯёнро дар ҳолати беморӣ, таътил, рухсатии академӣ ё худ рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд хориҷ кардан мумкин нест.
127.Донишҷӯёни муассисаҳои олии таълими кафолати ба дигар муассисаҳои олии таълими гузаштанро мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф доранд. ҳангоми гузариш ба муассисаи олии таълимии дигар ҳамаи ҳуқуқҳои донишҷӯён дар ин зинаи таҳсилоти олии касбӣ нигоҳ дошта мешаванд.
128.Донишҷӯёни муассисаҳои олии таълими ӯҳдадоранд, ки донишҳои назариявӣ, маҳоратҳои амалӣ ва усулҳои тадқиқотии муосирро аз рӯи ихтисос интихоб намуда, аз худ намоянд, сари вақт тамоми супоришҳоро аз рӯи нақша ва барномаи таълими иҷро намоянд, арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, маънавиро эҳтиром намоянд, оинномаи муассисаи олии таълимӣ, қоидаҳои зист ва дигар талаботро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, риоя намоянд.
129.Мақоми донишҷӯи муассисаи олии таълимии ғайридавлатии аккредитатсияи давлатидошта нисбати ҳуқуқ ва озодиҳои академӣ ба истиснои ҳуқуқи гирифтани стипендияи давлатӣ бо мақоми донишҷӯи муассисаи таълимии таҳсилоти олии давлатӣ баробар аст.
130.Мақоми доницӯи муассисаи-олии таълимии ғайридавлатиро, ки аккредитстсияи давлатӣ надорад оинномаи ҳамин муасссисаи олии таълимӣ муқаррар менамояд.
131.Донишҷӯёни муассисаи олии таълимие, ки барои ба пуррагӣ амалӣ намуда барномаҳои таълимӣ технологияи нави фосилавиро истифода мебаранд, инчунин филиалҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии зикршуда, ҳангоми аз ҷониби онҳо амалӣ намудани раванди таълим (ба истиснои машғулиятҳои алоҳида) дар филиалҳо ба тамоми намудҳои аттестатсияи донишомӯзони ин филиалҳо ҳама ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯёни ҳамин шакли муносибати дарёфти таҳсилро доранд.

132.Ба донишҷӯёни шӯъбаи ғоибонаи муассисаҳои олии таълимии дорои аккредитатсияи давлати ташкилоти кордиҳанда як бор дар соли таҳсил харҷи рафту омадаро то маҳалли муассисаи олии таълимӣ барои иҷрои-корҳои лабораторӣ супоридани санҷишу имтиҳонот ва ҳамчунин барои супоридани имтиҳоноти давлатӣ, навиштан ва дифои лоиҳаи (корҳои) дипломӣ мепардозад.
133. Барои кормандони корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, ки дар баробари кор дар муассисаҳои олии таълимӣ таҳсил мекунанд, дар шартномаи коллективӣ ё шартномаи меҳнатӣ (қарордод) дароз кардани мӯҳлати рухсатиҳои иловагӣ додани рухсатии бо пардохти маош ба ҷои рухсатии бе пардохти маош ва имтиёзҳои дигар пешбинӣ шуда метавонад.
134.Ба донишҷӯёни шӯъбаи рӯзонаи муассисаҳои олии таълимӣ, ки дар баробари таҳсил кор мекунанд, барои супоридани санҷишу имтиҳонот понздаҳ рӯзи тақвимӣ дар соли таҳсил, барои навиштан ва дифои лоиҳаи (кори) дипломӣ якҷоя бо супоридани имтиҳоноти давлатӣ-чор моҳ, барои супоридани имтиҳоноти давлатӣ як моҳ дода мешавад.
135.Шунавандагони системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии

таълими шахсонеанд, ки дар шӯъбаҳои тайёрии муассиаҳои олии таълимӣ, факултетҳо, муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд муассисаҳои олии таълимӣ, ординатураи муассисаҳои олии таълимии тиббӣ таҳсил мекунанд.
136.Мақоми ҳуқуқии шунавандагони муассисаҳои олии таълимии системаи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муасснсаи олии таълимӣ дар бахши сохиб гаштан ба таҳсилот ба мақоми донишҷӯи муассисаи олии таълимии шакли марбута баробар аст.
137.Шахсоне, ки дар ординатура таҳсил мекунанд ва ё таҳсили тахассусии баъди дипломиро дар муассисаҳои олии таълимии тиббӣ аз ҳисоби маблағи буҷет идома медиҳанд бо стипендия таъмин карда мешаванд ва аз таътили ҳарсолаи 24 рӯза истифода мебаранд.

## 9. Докторантҳо, аспирантҳо, унвончиён

138.Шаклҳои асосии тайёр кардани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгорни баландихтисос аспирантура ва докторантура мебошад.
139.Аспирантура ва докторантура барои таҳсилоти муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмии шаҳрваидон ва дарёфти дараҷаи илмии номзад ё доктори илм шароит фароҳам меоранд.
140.Ба шахсоне, ки барои супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ба аспирантура роҳдода шудаанд, ба мӯҳлати сӣ рӯзи тақвими рухсатӣ дода мешавад ва зимни ин аз ҷои кор музди миёнаи корашон дода мешавад.
141.Ба шахсоие, ки дар аспирантура аз ҳисоби маблағи буҷет рӯзона таҳсил мекунанд, стипендияи давлатӣ на камтар аз маоши ассистент муайян карда мешавад ва ҳар сол ба муддати ду моҳ ба таътил мебароянд.
142.Аспирантони бахши ғонбона ҳуқуқ доранд ҳар сол аз ҷои корашон ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагӣ ва зимни ин музди миёнаи корашонро гиранд.
143.Аспирантони бахши ғоибона ҳар ҳафта ба як рӯзи аз кор озод ҳуқуқ доранд, ки барои он панҷоҳ фоизи музди меҳнат пардохта мешавад. Корфармо ҳуқуқ дорад ба аспирантҳо мувофиқи хоҳишашон дар соли чоруми таҳсил ба таври илова ҳар ҳафта ду рӯзи аз кор озод бе пардохти музд диҳад.
144.Аспирантони бахши ғоибона дар давраи супоридани имтиҳонот ва навиштани рисолаи илмӣ бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд (ба шарте ки муассисаи олии таълимӣ фонди манзил дошта бошад).
145.Ба докторантҳо стипендияи давлатӣ ба андозаи на камтар аз маоши дотсент ва ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад. ҳуқуқҳои дар ҷои кор пеш аз дохил шудан ба докторантура доштаи докторантҳо (ҳуқуқӣ гирифтани манзил, дараҷаи илмӣ ва дигар ҳуқуқҳо) ва ҳамчунин ҳуқуқӣ баргаштани онҳо ба ҷои кори пешина боқи мемонад.
146.Ба ҳар аспиранту докторанте, ки аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунанд, барои харидани китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кумакпулӣ дода мешавад.
147.Унвонҷӯне, ки барои навиштани рисолаи доктори илм кор мекунанд ва аз рӯи проблемаҳои рӯзмарраи иҷтимоию иқтисодӣ ё самтҳои бартариятноки тадкиқоти илмии бунёдӣ ба натиҷаҳои назаррас комёб шудаанд, метавонанд ба вазифаҳои кормандони илмӣ ба мӯҳлати то ду сол барои таҳияи рисолаи дараҷаи илмии доктори илм гузаронида шаванд. Ба унвонҷӯёни ба вазифаи кормандони илмӣ гузаронидашуда маошӣ вазифаи пештараи онҳо нигоҳ дошта шуда, ҳуқуқӣ ба ҷои пештараи корашон гузаштан дода мешавад.
148.Барои анҷоми рисолаи илмии дарачаи илмии номзади илм ё доктори илм ба кормандони корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо аз ҷои корашон мувофиқан ба мӯҳлати баробар бо се ва шаш моҳ бо нигоҳ доштани музди кор рухсатии эҷодӣ дода мешавад.

## 10.Кормандони муассисаҳои олии таълимӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо

149.Дар муассисаҳои олии таълимӣ вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ (ҳайати профессорону муаллимон, кормандони илмӣ), инжenериву техникӣ, маъмурию хоҷагӣ, истеҳсолӣ,

таълимию ёрирасон ва ғайра пешбини гардидааст.
150.Ба ҳайати профессорону муаллимон вазифаҳои декани факултет, мудири кафедра, профессор, дотсент, муаллими калон, муаллим, ассистент мансуб аст.
151.Ишғол намудани ҳамаи вазифаҳои кормандони илмӣ-омӯзгорӣ дар муассисаи олии таълими ба истиснои вазифаҳо муовини ректор, декани факултет ва мудири кафедра мувофиқи шартномаи меҳнатӣ, ки ба мӯҳлати то 5 сол имзо карда мешавад. сурат мегирад. Ҳангом ищғоли вазифаҳои-кормандони илмию омӯзгорӣ пеш аз имзои шартномаи меҳнатӣ интихоби озмунӣ гузаронида мешавад. Низомнома оид ба тартиби ишғоли вазифаҳои нишондодашуда аз ҷониби мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф сурат мегирад.
152.Омӯзгорони муассисаҳои олии таълимӣ тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи кори 6 - соата, ҳафтаи кори кӯтоҳкардашуда ва рухсатии дарозмуддати меҳнатии музднок доранд.
Сарбории таълимии профессорону омӯзгорон аз тарафи муассисаи олии таълимӣ мустақилона бо назардошти тахассус ва хусусятҳои фаъолияти онҳо муайян шуда наметавонад зиёда аз 800 соати таълимиро дар давоми соли хониш диҳад.
153.Кормандони илмию омӯзгории муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ доранд:
- бо тартиби муқарраргардида ба шӯрои илмии муассисаи олии таълимӣ интихоб кунанд ва интихоб шавинд;
- дар муҳокима ва халлу фасли масьалаҳои бо фаьолияти муассисаҳои олии таълимӣ алоқаманд ширкат намоянд;
- аз хадамоти китобхонаҳо, фондҳои иттлоотӣ, шӯъбаҳои илму таълим ва ҳамчунин аз хадамоти шӯъбаҳои иҷтимоию маишӣ, табобати ва шуъбаҳои дигари сохтории муассисаи олии таълими мувофиқи оиниомаи он ва (ё) шартномаи коллективи ба таври ройгон истифода баранд;
- мазмуни курсҳои таълимиро мутобики сттандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ муайян кунанд;
- тарзу усул ва воситаҳои таълимро, ки ба хусусиятҳои ҳар кадоми онҳо бештар ҷавобгӯ мебошанд ва сифати баланди раванди таълимро таъмин менамоянд, интихоб намоянд.
154.Кормандонии илмӣ-омӯзгорни муассисаҳои олии таълимӣ ӯҳдадоранд:
- самараи баланди раванди кори омӯзгорӣ ва илмиро таъмин кунанд;
- онномаи муассисаи олии таълимиро риоя намоянд;
- ҳангоми баҳогузорӣ ба дониши донишҷӯён воқеъбинона рафтор кунанд;
- донишомӯзонро дар руҳияи мустақилият ташаббускорӣ тарбия кунанд, қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф диҳанд;
- арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавиро эҳтиром намоянд;
- барои такмили ихтисоси худ пайваста ҷидду ҷаҳд намоянд.
155.Кормандони илмии муассисаҳои олии таълимӣ ҳуқуқк доранд усулҳо ва воситаҳои гузаронидани тадқиқотҳои илмиеро, ки ба талаботҳон беҳатарӣ ҷавоб медиҳанд, ба қобилияти инфиродии онҳо бештар мувофиқанд ва сифати баланди ҷараёни илмиро таъмин менамоянд, интнхоб намоянд.
156.Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони маъмурию хоҷагӣ, инженерию техникӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёридиҳанда ва дигар кормандони муассисаи олии таълимиро қонунгузорӣ оид ба меҳнат, оинномаи муасисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ муайян мекунанд.

## 11.Тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони илмию омӯзгорӣ

157. Кормандони илмию омӯзгорӣ дар аспирантура ва докторантураи муассисаҳои олии таълимӣ, муассиса ё ташкилотҳои илмӣ ва ҳамчунин бо роҳи вобаста намудани унвонҷӯён ба ин муассисаю ташкилотҳо барои навиштан ва дифои рисолаи номзади илм ё доктори илм ё бо роҳи ба вазифаи кормандони илмӣ гузаронидани кормандони соҳаи омӯзгорӣ ҷиҳати наваштани рисолаи доктори тайёр карда мешаванд.
158.Муассисаи олии таълимӣ шаклҳои зерини такмили ихтисосро муқаррар мекунад:
- таҷрибаомӯзии илмӣ, омӯзгорӣ, эҷодӣ, аз ҷумла дар корхонаҳо, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, бюроҳои конструкторӣ, дар муассисаҳои олии таълимӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла дар хориҷа;

- рухсатиҳои эҷодӣ барои хатми рисолаи илмӣ;
- такмили ихтисос ва бозомӯзи дар институтҳо, дар факултетҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;
- бозомӯзӣ ва таълим дар факултетҳо ва курсҳои махсуси назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ.
159.Давлат муҳайё кардани шароити зарурироро барои на кам як маротиба дар панҷ сол такмил додани ихтисоси кормандони илмию омӯзгории ташкилоту муассисаҳои давлатии системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро кафолат дода, ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағи зарурӣ ҷудо мекунад.
160.Ихтисоси кормандони илмию омӯзгориро ҳамчунин аз рӯи шартномае, ки шахсони вокей ва (ё) ҳуқуқӣ бо муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои илмӣ мебанданд, аз ҳисоби маблағи шахсони воқеи ва (ё) ҳуқуқӣ метавонад такмил дода шавад.

## 12.Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаи олии таълимӣ

161.Муассис (муассисон) бо мақсади таъмини фаъолияти дар оинномa пешбинишуда биною иншоот, комплексҳои амвол, таҷҳизот ва ҳамчунин дигар амволи зарурии истеъмолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо ҳуқуқи идораи оперативӣ ба муассисаи олии таълимӣ вобаста менамояд.
162.Муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардани маблағу амвол ва дигар намудҳои моликиятеро, ки шахсони вокей ва ҳуқуқӣ барояш тӯҳфа намудаанд, ба тарикӣ хайрия додаанд. ё худ мерос мондаанд, самараи меҳнати зеҳнӣ ва эчодкориро. ки натиҷаи фаъолияти муассисаи олии таълимӣ мебошанд ва ҳамчунин даромади фаъолияти худ ва объектҳои моликняти аз ҳисоби ин даромад харидаашро дорад.
163.Муассисаи олии таълимӣ ғайр аз муассисаҳои давлатӣ ҳуқуқ дорад ба сифати иҷорагир ва (ё) иҷорадиҳандаи моликият баромад намояд.
164.Маблағҳое, ки муассисаи олии таълимӣ ғайр аз муассисаҳои давлатӣ ба сифати ҳаққи иҷора мегирад, барои таъмин ва инкншофи ҷараёни таълим истифода бурда мешаванд.
165.Ваколатҳои моликон дар бобати ихтиёрдорӣ намудани амволи давлатии системаи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ нисбати амволи моликияти давлатӣ ба мақоми давлатии идораи маориф вобаста карда мешавад, ки ин ваколатҳоро ҳамроҳи мақомоти маҳаллии ичроияи ҳокимияти давлатӣ, ки муассисаҳои олии таълимӣ дар ихтиёраш мебошанд, амалӣ мегардонад.
166.Маблағро барои фаъолияти таълимии муассисаҳои олии таълими мақоми давлатии идораи маориф ё худ мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки ин муассисаҳо дар ихтиёрашон мебошанд, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ мутобиқи супориши давлатӣ барои тайёр намудани мутахссисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи давлатӣ аз ҷумла меъёрҳои идоравӣ маблоғгузорӣ мекунанд.
167.Фаъолияти муассисаҳои олии таълимии ғайридавлатӣ аз ҷониби муассис (муассисон) мутобиқи шартноми байни онҳо маблағгузорӣ карда мешавад.
168.Барои тадқиқотҳои илмие, ки муассисаҳои олии таълимии давлатӣ анҷом медиҳанд, мақомоти давлатии идораи маориф ва (ё) мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки ин муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ дар ихтиёри онҳо мебошанд, маблағ ҷудо менамоянд.
169.Муассисаҳои олии таълимии давлатӣ соҳаву тартиби истифодаи маблағеро, ки аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои дигари маньнакардаи қонунгузорӣ гирифтаанд, мустақилона муайян мекунанд. Маблағи дар давраи ҷорӣ (сол, семоҳа, моҳ) истифоданакардаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии давлатиро ғайр аз муассисаҳои буҷетӣ пас гардонида гирифтан ё худ ба ҳаҷми маблағгузории давраи минбаъдаи муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ ҳисоб кардан мумкин нест.
170.Муассисаи олии таълими ғайр аз муассисаҳои буҷети дар бонкҳо ва ташкилотҳои дигари қарздиҳӣ суратҳисобҳо кушода метавонад.
Муассисаҳои олии таълимии буҷетӣ тариқи суратҳисоби ягона ва суратҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетии хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаҳои маҳалли он хизматрасонӣ карда мешаванд.
171.Муассисаҳои олии таълимӣ мутобиқи оинномаи худ дар соҳаи таълим ва соҳаҳои дигар, ба

шарте ки он бар зиёни фаъолияти асосии он набошад, метавонад фаъолияти пулиро ба роҳ монад.
172.Фаъолияти пулакии таълим дар муассисаи олии таълимӣ ба ивази фаъолияти таълимӣ ва дар доирае, ки барои он аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешавад, амалӣ шуда наметавонад. Дар акси ҳол маблағи дар натиҷаи чунии фаъолият ба дастомада тибқи қонун мусодира карда мешавад.
173.Масъалаҳои бастани шартнома барои фаъолияти пулакӣ аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар асоси шартномаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассисаи олии таълимӣ мухолиф нестанд, ба амал бароварда мешавад.

## 13. Фаъолияти байналмилалӣ

174.Ҳамкории байналмилалии муассисаҳои олии таълимӣ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба шариккории ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.
175.Мақомоти идораи маорифи ҳамаи зинаҳо, муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқ доранд бо муассисаҳои таълимии хориҷӣ робитаи бевосита муқаррар намоянд, барномаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ ва илмӣ-тадқиқотиро амалӣ гардонад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятии таълимӣ ва илмӣ шаванд.
176.Мақоми давлатии идораи маориф, муассисаҳои таълимӣ, корхонаю ташкилотҳои таълимии системаи маориф ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона амал мекунанд. Онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳанда (кредитӣ) кушодани суратҳисоби асъорро доранд.
177.Асъоре, ки муассисаи олии таълимӣ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меоварад, қонунан моликияти он буда ва ба он ҳуқуқи ихтиёрдории пурра дошта, онро ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун мусодира кардан мумкин нест. Ин маблағ барои инкишофи соҳаи маориф ва мустаҳакам кардани заминаӣ моддию техникии он сарф карда мешавад.

## 14. Ҳуҷҷатҳо доир ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

178.Ба шахсоне, ки таҳсилро аз рӯи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ анҷом додаанд ва аз аттестатсияи ҷамъбастӣ гузаштаанд, ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти марбута дода мешавад.
179.Муассисаи олии таълимие, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, ба хатмкунандагон дар бораи таҳсилоти марбута ҳуҷҷати намунаи давлатии дорои нишонаи расмии давлатӣ ва нишонаи сарисинагии намунаи муқарраршуда медиҳад. Шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ ва нишонаи сарисинагиро ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.
180.Намудҳои зерини ҳуҷҷатҳо муқаррар карда мешаванд, ки хатми зинаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбиро тасдиқ менамоянд:
- дипломи бакалавр;
- дипломи мутахасис;
- дипломи магистр;
- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти олии касбии нопурра;
- ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи таҳсилоти олии касбии нотамом.

181.Аз рӯи натиҷаҳои ҳимояи рисолаи илмӣ бо тартиби муқаррашуда дипломи номзади илм ё дипломи доктори илм дода мешавад.
182.Тартиби додани ҳуҷҷатро дар бораи такмили ихтисос бо роҳи гузаштани курсҳои гуногун мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.
183.Муассисаи олии таълимӣ пас аз гузаштани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ ҳуқуқи додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муасисаҳои олии таълимӣ пайдо мекунад.

184.Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми, ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд.

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 майи соли 2002
№200 тасдиқ шудааст

**Консепсияи**
**мафҳумҳои асосие, ки дар Консепсияи миллии маълумоти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд**

Бонки маълумот маҷмӯи маводҳои таълимию иттилоотие, ки тавассути шабакаҳои гуногуни техникӣ ба марказҳои компютерӣ ворид гардида, барои таҳлил, иттилоот, омӯзиш, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва маълумотгирӣ истифода мешавад.
**Бакалавр -** яке аз дараҷаҳои маълумоти олии касбӣ.
**Валеология -** маҷмӯи фанҳои таълимӣ доир ба ҳифзи саломатии инсон.
Дифференсатсия - тафриқа, таълими тафриқадор, равияҳои гуногуни таълимӣ.
**Инноватсия -** нав, муҷаддад, навсозӣ, навгарой.
**Интегратсия -** ҳамиарой, якҷояшавӣ, пайванд.
**Коллеҷ -** мактаби маълумоти миёнаи касбӣ.
**Консепсия -** консепсия, нуқтаи назар, системаи муайяни ақидаҳо, бунёди назариявии ягон раванд.
Коммуникатсия - коммуникатсия, коммуникативӣ, гуфтугӯи шифоҳӣ, муколамаи ду ё якчанд шахс, сухан, ахбор, иттилоот.
**Магистр -** дараҷаи илмие, ки пас аз супоридани имтиҳон ё ҳимояи рисолаи дипломӣ ба хатмкунандагони мактабҳои олии касбӣ медиҳанд.
**Маориф -** системаи иҷтимоие, ки раванди идораи таълим тарбия, маълумот ва умуман, маърифати ҷомеаро ба низом медарорад.
**Маълумот** - равандест, ки дараҷаи фарогирии дониш, малака, маҳорат ва ахлоқи инсонро муайян мекунад.
Менталитет - менталитет, сифати ақл, фаъолияти маънавӣ, тарзи тафаккур ва қобилияти фикрии инсон: маҷмӯи сифатҳое, ки ба ин ё он халқияту миллат хос аст.
Модернизатсия – модернизатсия ба чизе намуд ва симои муосир бахшидан (модернизатсияи таълим, модернизатсияи маълумот).

**1. Муқаддима**

Консепсияи миллии маълумот ҳуҷҷати муҳими давлатӣ буда, дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маълумот муайян мекунад ва тамоюлоти инкишофи ин системаи аҳамияти стратегидоштаро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба танзим медарорад. Ҷузъҳои таркибии мазмуну мундариҷаи ин ҳуҷҷат мақом, мақсад ва вазифаҳои маълумотро дар марҳалаи нави таърихӣ муқаррар менамояд.
Дар Консепсия масъалаҳои дарки худшиносии таърихӣ, аз худ намудани муқаррароти суннатию башарӣ ва дар ҳамин замина ҳосил намудани фаросати олии ворисият ба ҳувият ва анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ, идоракунии демократӣ, фаъолу пажӯҳанда будан барои ба даст овардани комёбиҳои илм, техника, фарҳанг ва ғайра тарҳрезӣ гардидааст.
Консепсия зимни тағйиротҳои сифати мазмуну мундариҷаи маълумот барои инкишофи системаи маориф заминаҳои нави ҳуқуқ фароҳам меорад, ки дар асоси он қонун ва дигар муқаррароти расмии соҳаи маориф ва соҳаҳои ба он алоқаманд таҷдиди назар мегарданд ва таҳриру такмил дода мешаванд.
Консепсия тақозо менамояд, ки бо иштироки тамоми вазорату кумитаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ,

созмонҳои байналмилалӣ ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ барномаҳои мухталифи давлатии рушди соҳаи маориф таҳия, тасдиқ ва амалӣгарданд.

## 2. Зарурати таҳия ва қабули Консепсияи миллии маълумот

1.Маълумот аз ҷумлаи проблемаҳои глобалии асри XXI буда, дар системаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ самти афзалиятдошта ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ташкили фазои ягонаи (умумии) маълумот як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими давлатиро ба имзо расонидааст, ки тағйирпазирӣ ва такмил додани мазмуну мундариҷаи маълумотро тақозо менамоянд. Дар ин раванд талабот нисбат ба маънавият ва маҳорати касбии инсон баланд мегардад. Тибқи он бояд низоми сифати нави маълумот эҳё шавад, ки мазмуну мундариҷаи он ба беҳдошти сифати инсон асар гузорад, тафаккур, заковати фитрӣ, шуури маънавӣ ва ҳунари эҷодгарии ӯро ба ҳаракат оварад.
2. Таи даҳ соли охир мақсаду вазифаҳои маълумот бо роҳи ислоҳоти ҷузъӣ таҷдиди назар шуда бошанд ҳам, вале сифати маълумот, дараҷаи маълумотнокӣ талаботи шахс, ҷомеа ва давлатро қонеъ намегардонад. Дониш, малака ва маҳорати хонандагону донишҷӯён ба талаботи стандартҳои давлатии маълумот ҷавоб намедиҳанд. Ҳоло шумораи зиёди кӯдакони синну соли мактабӣ ба таълим фаро гирифта нашудаанд, ҷавонони дорои маълумоти миёнаи асосӣ низ хеле зиёданд. Тамоми соҳаҳои истеҳсолот ва идора ба мутахассисони касбӣ эҳтиёҷ доранд. Дар мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ муаллимон намерасанд. Мутахассисони ҷумҳурӣ ба такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ниёз доранд. Дар мактабҳои олии касбии ҷумҳурӣ муаллимони соҳибунвон каманд. Тадқиқотҳои илмӣ дар сатҳи паст анҷом ёфта, аксаран амалӣ намешаванд. Ҳамаи ин тақозо менамояд, ки мақом, мақсад, вазифа ва мазмуни маълумот таҷдиди назар шавад, сифати маълумот беҳтар гардад.
3. Бӯҳрони амиқе, ки соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, маънавияти инсонро коста гардонид ва ба густариши эҳсосҳои бадбинӣ, нафрат, ҷангу хунрезӣ, терроризм, харобкорӣ ва ғайра мусоидат намуд. Ҷомеи ҷаҳонӣ бар хилофи ин ҷараёни номатлуб пеш аз ҳама ба гуманизатсияи ҳаёти ҷомеа талош дорад, то ки ба ҳайси як ангезаи ақлӣ зуҳур намуда, дурустию ростии ахлоқу андешаи инсонро дар саросари ҷамъият таъмин созад. Ин равандро гуманизастсияи мазмуни маълумот низ ба низом даровардa, беҳтарии ҳаёти инсон ва ҷамъияту табиатро таъмин карда метавонад. Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ба чунин раванди арзишманд нерӯҳои зеҳнию ақлонии хешро сафарбар менамояд.
Бо назардошти инҳо таҳияи Консепсияи миллии маълумот зарурати воқеӣ дошта, ба иҷрои он тамоми сохторҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ва ҷомеа масъул дониста мешаванд.

## 3. Сиёсати давлатӣ ва кафолати давлатии маълумот дар Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муайян намудани сиёсати давлатии маълумот соҳибихтиёр буда, сиёсати давлатии маълумотро дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ муайян менамояд. Барои рушди системаи маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- ҳуқуқи конститутсионии ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳуриро, сарфи назар аз миллат, нажод, эътиқод, ҷинс ва забон ба маълумоти босифат, аз ҷумла, ба маълумот ва тарбияи томактабии барои ҳама дастрас;
- маълумоти асосии ҳамагонии ҳатмӣ;
- маълумоти миёнаи ҳамагонӣ ва ибтидоии касбии барои ҳама дастрас;
- маълумоти миёнаи касбӣ, маълумоти олии касбӣ ва маълумоти баъди хатми мактаби олӣ дар асоси озмун, маълумоти иловагӣ ва маълумоти махсус барои шаҳрвандоне, ки имконияти маҳдуди саломатӣ доранд, таъмин менамояд;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстии маълумотро дар ҳамаи намуди таълимгоҳҳо (давлатӣ, ғайридавлатӣ, ба истисноӣ мадрасаҳо) ба эътибор мегирад;
- ба мубоҳисаҳои динӣ, мазҳабӣ ва мунокишаҳои аҳзоби сиёсӣ дар муассисаҳои таълимӣ роҳ, намедиҳад;

- ба анъанаҳои халқи тоҷик, дигар халқҳои сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишҳои умумибашарӣ ва фазои ягонаи маълумот алоқаманд будани маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ менамояд;
- дар бораи муҳофизати ҳаёт ва саломатии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дар кӯдакистонҳо ва таълимгоҳҳо ғамхории ҳаматарафа зоҳир менамояд;
- демократикунонии идораи маълумотро вусъат мебахшад;
- таъмини маълумоти муттасилро кафолат медиҳад;
- дар ҳаллу фасли масъалаҳои гендерӣ, пеш аз ҳама, ба соҳибмаълумот шудани духтарону занон шароит фароҳам меорад;
- муаллимонро аз чиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳифз намуда, имтиёзҳои ба онҳо муқарраршударо амалӣ мегардонад;
- дар мактабҳои миёнаи ҳамагонии ки таҳсилашон ба забонҳои ғайридавлатӣ ба роҳ мондани омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷикӣ, таърихи халқи тоҷикӣ ва географияи Тоҷикистонро зарур меҳисобад;
- аз ҳисоби буҷети давлат соҳаи маорифро маблағгузорӣ менамояд ва барои аз ҷониби шахсони ҳуқуқию воқеӣ дастгирӣ ёфтани ин соҳа шароит фароҳам меорад;
- дар доираи стандартҳои давлатӣ бори аввал бепул гирифтани маълумотро дар ҳамаи муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад;
- сармоягузории ватанию хориҷиро барои инкишофи соҳаи маориф ҷалб менамояд;
ба тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонони болаёқат эътибори махсус медиҳад;
- кӯдакону наврасони ятиму бепарастор, маъюб ва аз ҷиҳати ақлонӣ инкишофнаёфтаро дар паноҳи худ мегирад;
- инкишофи муассисаҳои таълимию тарбиявии ғайридавлатиро таҳкими қонунӣ мебахшад;
- асноди меъёрию ҳуқуқиро барои гирифтани маълумот тасдиқ мекунад;
- сифати маълумотро дар ҳамаи шаклу намуди муассисаҳои таълимӣ назорат менамояд;
- инкишофи мактабҳои олии касбиро ҳамчун маркази маълумот, фарҳанг, илм ва технология таъмин мегардонад;
- ҳамоҳангии фаъолияти вазорату кумитаҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, маҳаллӣ ва шахсони ҳуқуқию воқеиро барои рушду нумӯи соҳаи маълумот таъмин месозад;
- барои баланд бардоштани масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатию маҳаллӣ ва падару модарон (ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) барои вайрон кардани ҳуқуқҳои конститутсионии бачагон оид ба гирифтани маълумоти асосии ҳамагонии ҳатмӣ чораҳо меандешад;
- воситаҳои ахбори умумро барои тарғиби амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои асосии маълумот сафарбар менамояд.

## 4. Мафҳум, мақсад ва вазифаҳои маълумот

Маълумот падидаи иҷтимоиест, ки ба иқтисодиёт, фарҳанг, тараққиёти илму техника, ҳифзи муҳити зист (экология), истеҳсолот ва сиёсат робитаи ногусастанӣ дорад ва як қисми ҷудонопазири шуури ҷомеа мебошад.
Маълумот равандест, ки моҳиятан ба манфиати шахс, ҷамъият, давлат ва табиат нигаронида шудааст. Соҳибмаълумот инсонест, ки дар рӯҳи суннату анъанаҳои халқи худ, фарҳанги миллӣ, арзишҳои умумибашарӣ тарбия гирифта, муттасил дар бораи ҷамъият, тафаккури инсон, табиат ва ҳифзи он, техника, технология ва тарзи ҳаёти солим, дониш, малака ва маҳорати муназзаму зарурӣ ҳосил карда, кори шахсӣ ва давлатию ҷамъиятии хешро дар дараҷаи баланд саришта мекунад, эҳтироми худ ва халқҳои дигарро ба ҷо меорад, зиндагии хешро бошуурона ва мустақилона эҷод карда, фарзандону пайвандони хешро дар ҳамин рӯҳия тарбия мекунад.
Дар ҳамин замина мақсад аз таҳия ва қабули Консепсияи миллии маълумоти Тоҷикистон аз инҳо иборат мешавад:
1.Бунёди заминаи (базиси) муосири маълумот дар асоси арзишҳои миллию башарӣ ва дар ҳамин замина соҳибият ба худшиносии таърихию фалсафӣ, шуури маънавӣ, ташаккули менталитети шахсию ҷамъиятӣ ва ворисият ба арзишҳои фарҳангию ҳувияти миллӣ.
2. Ворид гардидан ба фазои ягонаи байналмилалии маълумот ва алоқамандӣ бо фарҳангу

маърифат ва тамаддуни башарӣ
Амалӣ гаштани мақсадҳои мазкур ва пайдо кардани мазмуну мундариҷаи нави маълумот ба риояи принсипҳои зерин вобаста аст;
- рӯи кор овардани таҳқиқотҳои бунёдие, ки дорои арзишҳои баланди илмию амалӣ бошанд, моҳияти фалсафаи маълумоти муосирро кушоянд, равандҳои судманди тарбия ва таълимро дар асоси барномаҳои нав (инноватсионӣ) фаро гиранд;
- стандартҳои нави давлатии маълумот дар асоси меъёрҳои мавҷудаи маълумоти байналмилалӣ такмил ва тарҳрезӣ шаванд;
- ҳамгироии воқеии илм, таълим ва истеҳсолот ба вуҷуд ояд;
- технологияи ҷадиде ҷорӣ гардад, ки муқаррароти илмию фарҳангӣ, техникӣ ва ахлоқию тарбиявии башариро ба инсон дастрас гардонад, ҳаракати фикри ӯро ба самти фарогирии дониш, ростию покии ахлоқ, фаросати олӣ, арзишҳои асили миллию башарӣ равона созад, дастовардҳои илмию техникӣ ба манфиати инсон ва бехатарии ҳаёти ҳамарӯзаи ӯ бошад.
- модернизатсияи муттасили системаи маълумот дар асоси моделҳои эътирофшуда ва арзишманди системаҳои маълумоти ҷаҳони мутамаддин танзим ёбад.
Бо назардошти мақсад ва принсипҳои мазкур вазифаи асосии маълумот дар маҷмӯъ иборат аз мунтазам қонеъ гардонидани талаботи инсон ба инкишоф, равона кардани қобилиятҳои ӯ ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тарзи ҳаёти солим, таъмини рушди иҷтимоии ҷамъият, давлат ва ҳифзи табиат мебошад.
Маълумот бояд:
- ба инсон шуури маънавӣ эҳё кунад, донишҳои зарурӣ ва арзишҳои миллию умумибашариро омӯзонад, барои ҳифзи Ватан, забон ва фарҳанги миллат омода созад, ба забон, фарҳанг ва анъанаҳои миллии халқҳои дигар эҳтиром ба ҷо оварданро тарбия намояд;
- инкишофи илму фарҳанг, техника, иқтисодиёту истеҳсолотро барои инсон, ҷамъият ва давлат таъмин созад;
- эҳтиёҷоти инсонро ба маълумоти муттасил дар тӯли ҳаёташ таъмин гардонад;
- технологияи нави аз худ намудани дониш, малака ва маҳоратро пайдо намояд;
- барои ба системаи маълумоти ҷаҳонӣ ҳамгиро намудани маълумоти ҷумҳурӣ ва ба ин васила аз худ намудани арзишҳои тамаддуни башарӣ шароит фароҳам оварад;
- шаклу усулҳои нави мактабдорӣ ва идоракунии системаи маорифро ташаккул диҳад;
- мутахассисони соҳибмаърифат, олифаросат ва баландпоя, ки фишанги рушди ҷомиаро идора карда метавонанд, ба камол расонад.

## 5. Мазмуни маълумот

Асри XXI марҳалаи нави инкишофи тамаддун аст. Он асри ҷомеаи иттилоотӣ, коммуникатсия, техника ва технология, асри муносибати эҳтиёткорона ба муҳити зист ва саломатии инсон аст. Давраи нави инкишоф, пеш аз ҳама, ҳусни тафоҳумеро тақозо менамояд, ки навсозиҳои маълумот ба манфиати шахс, ҷамъият, табиат ва давлат бошанд.
Тибқи низоми нави маълумот бояд донишҳои илмӣ ба талабот ва шароитҳои иҷтимоӣ ва маишии инсон мувофиқ бошанд, қонунҳои инсоният, ҷамъият ва табиат ҳамгиро шаванд, мазмуни маълумот муқтадирии инсонро барои созандагӣ таъмин гардонад.
Мазмуну мундариҷаи нави маълумот дар нақша, барнома ва дастурҳои таълимӣ инъикос мегарданд. Мувофиқи синну сол, ҷаҳонбинӣ, қобилият, завқу хоҳиш ва маданияти миллии шахс ба вуҷуд овардани барномаю китобҳои дарсии нав ниҳоят зарур аст.
Вобаста ба ихтисос бояд васеъ ва дақиқ, омӯхтани мероси адабӣ, фалсафӣ, афкори педагогии халқи тоҷик, риёзӣ, тиб, нуҷум, мусиқӣ табиатшиносӣ ва дигар илмҳои қадим ба ҳукми анъана дароянд.
Барномаҳои ҳунаромӯзии мактаббачагон аз рӯи шавқу рағбат бояд пайваста амалӣ гарданд.

**Мазмуну мундариҷаи маълумот барои инсон аз ҷиҳати илмӣ мушаххасу асоснок, аз чиҳати ахлоқӣ ҳуқуқбунёд ва аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ ҳавасмандӣ дошта бошад.**

Дар ин раванд тарбия, ки як қисмати азими мазмуни маълумотро ташкил медиҳад, муҳаррики асосии инкишофи шахсият буда, бо мафҳуму мазмуни таълим ҳамгирой ва пайванди ногусастанӣ пайдо мекунад. Гуманизатсияи маълумот ҳамгирой ва пайванди таълиму тарбияро таъмин мегардонад ва тафаккури созандагию бунёдкорӣ низ аз он сарчашма мегирад. Дар инсон тарбия намудани малака ва маҳорати дидану шинохтан, шунидану мафҳум кардан, гуфтану амал кардан ниҳоят аҳамият касб мекунад ва дороии ин ҳолатҳо асоси инкишоф буда, феълияти инсонро танзим мебахшад. Такмил додани ин раванди судманд яке аз вазифаҳои мубраму замонавии педагогикаи амалӣ ба ҳисоб меравад,

Маълумот шахсро аз як зина ба зинаи дигари инкишоф мерсонад. Маълумот дар зинаҳои аввал чӣ қадаре ки бунёдӣ бошад, рушди босифати инсонро дар зинаҳои минбаъда ҳамон қадар бештар таъмин месозад.

Мазмуну мундариҷаи маълумоти томактабӣ дар муҳити оила ва кӯдакистонҳо аз инкишофи қобилиятҳои равонӣ, ҷисмонӣ ва фикрии кӯдакон дар асоси арзишҳои баланди маънавӣ иборатанд. Давлат, ҷамъият ва шаҳрвандон вазифадоранд, ки ба хотири солимии миллат ва ҷомеаи солим ба ҳаллу фасли проблемаҳои демографӣ, танзими оила, омода намудани волидон ба тарбияи кӯдак, танзими ҳуқуқу вазифаҳои волидон дар тарбияи фарзанд, паст намудани сатҳи камбизоатии шаҳрвандон, аз ҷумла кӯмаки моддию маънавӣ ба волидони ҷавон, ташвиқу тарғиби маърифати педагогӣ дар байни волидон ва нашри адабиёти кӯдакона муваффақ шаванд.

Маълумот ҳамчун раванд рушди сифатҳои инсонро аз рӯзи таваллуд барои як умр таъмин мегардонад. Идомаи ташаккули шахсияти кӯдак дар оила аз дараҷаи савод, маълумот, маърифату ҷаҳонбинӣ, тарзи ташкили рӯзгордории волидон, муҳайё намудаии шароит ба¬рои парвариши кӯдакон ва ғайра вобастагӣ дорад.

Ба мактаб тайёр кардани кӯдакон яке аз вазифаҳои ҳатмии волидон аст. Дар ин кор ба ҷуз кӯдакистонҳо марказҳои тарбиявӣ давлатӣ, хусусӣ ва Ғ.) ва мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ низ ба онҳо бояд ёрии амалӣ расонанд.

Фаъолияти тамоми намуди муассисаҳои томактабӣ ба инкишофи кӯдак дар муҳити солим нигаронида мешавад. Усулҳои муомила бо кӯдакон бояд қобили мулоҳизаи волидон, олимон, омӯзгорон, мураббиҳо, шоирону нависандагон ва тамоми зиёиён бошад. Барои гуфтугӯ қолабҳои муомилае эҳё гардад, ки асолати забони тоҷикӣ дар он таҷассум ёфта бошад. Мундариҷаи маълумот дар муҳити хонаводагӣ аз забономӯзӣ оғоз ёбад. Ба ин восила волидон бояд ба ҳамбастагии саволу маънавияти фарзандони хеш ибтидо гузоранд.

Кӯдакистонҳо бояд дар тарбия ва таълими кӯдакон вазифаҳои зеринро анҷом диҳанд:

- ҳифзи саломатии кӯдакон;
- муҳайё намудани шароит барои инкишофи қобилятҳои равонӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонӣ;
- тарбияи маънавият ва одоби хуби муносибати гуманистӣ дар синну соли тифлӣ.
- тайёр намудани кӯдакон аз хурдсолӣ ба иҷрои вазифаҳои суннатӣ дар назди волидон ва ҷомеа;
- ташаккул додани майлу рағбати кӯдакон ба ҳама гуна амалҳои неку шоиста ва пешгирӣ намудани рафтору амалҳои барои онҳо мамнӯъ.
- босифат ва ҳаматарафа тайёр намудани кӯдакон ба мактаб.
- эътибори махсус ба кӯдакони болаёқат.

Мазмуну мундариҷаи маълумоти ибтидоӣ ба он нигаронида мешавад, ки кӯдак тавассути он ба одаму олам шиносоии бештаре дошта бошад, меҳру муҳаббат ва дилбастагӣ пайдо кунад, асосҳои ахлоқ ва донишҳоеро, ки барои зинаҳои минбаъдаи маълумот ва муносибати фардии ӯ бо ҷамъият ва табиат заруранд, аз худ кунад. Дар ташаккули кӯдакони ин синну сол омӯзиши забон, адабиёт, таърих, суруду мусиқӣ, ахлоқ, инсон ва муҳити зист нақши асосӣ хоҳанд дошт.

Маводи таълимӣ дар зинаи ибтидоӣ бояд мушаххасу шавқовар ва ибратомӯз бошад, дар хонандагон малакаҳои худшиносию худогоҳиро таъмин кунад. Кӯдак дар ин синну сол он чизеро аз худ кунад, ки ба инкишофи имрӯзи ӯ мусоидат намояд. Мустақилона ҷустуҷӯ намуданро дар ҳамин синну сол ба онҳо бояд омӯзонд. Вақти бештари кӯдаконро ба ҳифзи маводи пурмаънӣ, луғату истилоҳоти зарурӣ, ҳисоб, ҳифзи саломатӣ ва бехатарии ҳаёт, расмкашӣ, бозиҳои серҳаракат, супоришҳои тафаккурро таҳрикдиҳанда ва ғайра сарф бояд кард. Мазмуни матн ва супоришоти китобҳои дарсӣ барои кӯдак намунае бошад, ки тимсоли онро вай берун аз китоб низ пайдо карда тавонад.

Асоси мундариҷаи маълумотро дар мактабҳои маълумоти миёнаи умумӣ омӯзиши забони модарӣ (тоҷикӣ), адабиёт, ахлоқ, забонҳои хориҷӣ, риёзӣ, таърих, ҷомеашиносӣ, география, биология, физика, химия информатика, санъат, технология, валеология ва ғайра ташкил медиҳанд, ки доир ба ҳар кадоми он стандартҳои давлатии таълим таҳия ва тасдиқ мегарданд Таълими фанҳои мазкур дар асоси таълими тафриқадор ва ё ҳамгиро ба роҳ монда мешаванд. Мазмуну мундариҷаи маълумоти ибтидоии касбӣ, миёна ва олии касбӣ аз пайванди дониш бо касб, шуғл ва истеҳсолот таркиб ёфта,таълими фанҳо дар асоси дониш ва технологияи баланди касбӣ тарҳрезӣ мегардад.
Касбомӯзии донишҷӯён дар мактабҳои олии касбӣ мувофиқи моделҳои муосири маълумот сурат мегиранд.
Фанҳои забон ва адабиёти тоҷик аз муҳити хонаводагӣ сар карда, то зинаҳои охирини маълумот дар асоси маводи асил, мероси пурарзиши адибони гузаштаю муосир омӯзонида мешавад. Осори суханварони бузурги дунёро низ дар тарҷумаҳои беҳтарин аз кӯдакистонҳо сар карда бояд омӯхт. Дар синфҳои ибтидоӣ низ ҷои маводҳои камарзишро бо осори устодони сухани гетӣ пур кардан лозим аст, чунки дунёшиносии кӯдак аз шинохти адибону фарҳангиёни дунё ибтидо мегирад.
Забономӯзии кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар тамоми зинаҳои маълумот ба таълими сухандонию суханшиносию суханварӣ бояд омезиш ёбад. Тарзҳои гуногуни баён амалан омӯзонида шаванд. Мактабиён услуби расмӣ-коргузориро комилан фарогир бошанд, имлои забони тоҷикиро риоя намоянд, хати меросиро хонда тавонанд.
Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ, англисӣ ва арабӣ дар ҳамбастагӣ бо забони модарӣ аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад ва тамоми марҳалаҳои маълумотро фаро мегирад. Зарурати омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогресси илмию техникӣ ва воситаи муошироти байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифт.
Омӯзиши таърих, бахусус, таърихи халқи тоҷик, марҳалаи асосии худогоҳии таърихию фарҳангии насли оянда аст, ки аз боғча то мактаби олӣ давом мекунад. Таълими таърих аз таърихи зодгоҳ, ноҳия, шаҳр, вилоят оғоз ёфта, минбаъд таърихи кишвар ва таърихи дунёро фаро мегирад. Яъне таълими таърих мактабиёнро аз худшиносии маҳаллӣ ба худшиносии миллӣ ва дунёшиносӣ мерасонад.
Омӯзиши таърихи халқҳои дунё аз мактаби ибтидоӣ оғоз ёфта, дар синфҳои боло ҳам бо роҳи ҳамгароӣ (интегратсия) ва ҳам бо роҳи таълими тафриқадор (диференсатсия) сурат мегирад. Фанни ахлоқ яке аз фанҳои ҳатмии таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои маълумот ба ҳисоб меравад ва дар ҳамбастагӣ бо соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, таълим дода мешавад. Рафтор, гуфтор ва кирдор дар доираи меъёрҳои ахлоқие, ки ҷомеа ва давлат тавассути қонун барои инсон муайян кардаанд, омӯзонида мешавад. Дарсҳои ахлоқ танҳо барои хондани панду андарз набуда, балки гуфтугӯи озоду мақсадноки муаллиму хонанда (донишҷӯ) дар доираи меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқҳоест, ки риояи онҳоро ҳар як шаҳрванд вазифадор аст. Хонан¬да ва ё донишҷӯе, ки аз ахлоқ баҳои ғайриқаноатбахш дорад, тоислоҳи он ба синф ё курси дигар гузаронида намешавад. Меъёрҳои ахлоқ дар асоси қонун ва дигар асноде, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба танзим медоранд, дар низомнома ва оинномаҳои муассисаҳои таълимӣ муқаррар мегарданд.
Барои танзими оила ва вусъат бахшидани ҳаллу фасли масъалаҳои демографӣ дар синфҳои боло ва мактабҳои маълумоти касбӣ ҷорӣ намудани омӯзиши масъалаҳои демографӣ ба мақсад мувофиқ аст.
Яке аз ҳадафҳои маълумот ин расидан ба сатҳи маълумоти дунёист. Бинобар ин фанҳои риёзӣ, физика, кимиё, биология, технология, нуҷум ва ғайра дар доираи барномаҳое таълим дода мешаванд, ки мазмуну мундариҷаи онҳо ба мазмуну мундариҷаи маълумоти ҷаҳонӣ мувофиқ бошанд. Дар ин сатҳ лозим аст, ки барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии ин фанҳо бо роҳи ҳамгароӣ ва модернизатсияи маълумот таълиф ёбанд. Моделҳои муосири барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, усулҳои омӯзиш (технологияи таълим) таҳия ва таълиф шаванд. Дар ин самт модернизатсияро на ба маънои нусхабардорӣ, балки бо роҳи эҷодӣ ва ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар мамлакатҳои дунё амалӣ бояд кард. Танҳо ба роҳ мондани ҳамкории илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ Тоҷкистонро ба маълумоти сатҳи ҷаҳонӣ ворид намуда, рақобатпазирии сифати маълумотро таъмин мегардонад.

## 1. Сохтори маълумот

Системаи маълумот дар Ҷумҳурии Тоҳикистон аз таълим ва тарбияи томактабӣ, маълумоти миёнаи ҳамагонӣ, маълумоти ибтидоии касбӣ, маълумоти миёнаи касбӣ, маълумоти олии касбӣ, маълумоти пас аз хатми мактаби олӣ ва маълумоти иловагӣ иборат аст.
Таълиму тарбияи томактабии кӯдакон дар оила, кӯдакистонҳои оилавӣ, давлатӣ, ғайридавлатӣ ва дигар муассисаҳои ба он баробар ташкил мегардад.
Оила заминаи нахустини ташаккули шахс ва оғози раванди маълумот дар парвариши кӯдак аст. Кӯдакистон муассисаест, ки барои инкишофи кӯдак муҳити солим фароҳам меорад. Маълумоти ин сатҳ тавассути забони шевою гуворо, анъанаҳои миллӣ, муколама аз рӯи расму суратҳо, шунидани мусиқӣ, қироати шеъру афсона, риояи бехатарии ҳаёт, бозӣ, сайру саёҳат, расмкашӣ, тамошои театр, кино, телевизион ва ғайра ба худшиносию дунёшиносии кӯдакон ибтидо мегузорад.
Маълумоти миёнаи ҳамагонӣ пойдевори системам иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравад ва дараҷаи маълумотнокии миллатро муайян карда, дар маҷмӯъ насли ҷавони ояндасози миллатро ба ҳаёт тайёр менамояд. Сохтори маълумоти миёнаи ҳамагонӣ чунин аст:
1. Маълумоти ибтидоии ҳамагонӣ (синфҳои I - IV 4 сол идома ёфта, аз инкишофи он тасаввуротҳое, ки кӯдакон доир ба одаму олам дар давраи томактабӣ ҳосил кардаанд, шурӯъ шуда, одоби муомила, хондан, навиштан, ҳисоб кардан, расмкашӣ, муҳити зистро меомӯзанд.
Кӯдакон доир ба таърих, география, табиатшиносӣ, ҳифзи саломатӣ ва ғайра дар ҳамин зина маълумоти ибтидоӣ ҳосил мекунанд.
2. Маълумоти асосии ҳамагонӣ (синфҳои V - IX) равандест, ки бояд тавассути он мактаббача ба мафҳумҳои "Ман"-у "Дунё" сарфаҳм равад, мақсадҳои маънавии худро мустақилона муайян созад, тарзи ҳаёти солимро дарк карда, вазифа ва ҳуқ|уқҳои хешро донад. Дар ин зинаи маълумот ӯ аз дараҷаи саводомӯзӣ тадриҷан ба дараҷаи маърифатӣ расад. Маълумоти ин зина ба муносибатҳои фаъолу муфид ва зарурӣ ҳосил кардани кӯдакону наврасон барои муомила карда тавонистан бо ҳамсолону калонсолон дар мактаб, хона ва ҷойҳои ҷамъиятӣ мувофиқ бошад.
Маълумоти асосӣ бояд кӯдакону наврасонро ба маърифате соҳиб гардонад, ки дороии он худидоракунӣ, интихоби касб, шуғли дӯстдошта, эҳтироми илму фарҳанг, анъанаҳои миллӣ, эътиқод ва ахлоқи ҳамидаи кӯдакро таъмин созад. Барои алоқаманд будан бо тамаддуни башарӣ яке аз забонҳои хориҷиро омӯзад ва донад.

Маълумоти асосӣ барои ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳатмӣ аст.
3. Маълумоти миёнаи ҳамагонӣ (синфҳои X-XI) равандест, ки тавассути он қобилиятҳои ақлонию ҷисмонии мактаббачагон инкишоф ёфта, онҳо имконияти амалӣ кардани мақсадҳои дар зинаи асосии маълумот пешгузоштаи худро васеъ мегардонанд.
Маълумотҳои ин сатҳ, ба наврасон барои амиқтар омӯхтани фанҳои интихобшуда имконият фароҳам меорад, барои дастрас намудани зинаҳои олии маълумот онҳоро ҳавасманд мегардонад. Бинобар ин таҳсил дар мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияту завқи наврасон ба равияҳо ҷудо мегардад. Мақсади ташкили тамоилҳо фароҳам овардани шароит барои инкишоф, шахсият пайдо намудани наврасон ва рушди камолоти маънавии онҳо мебошад. Маҳдуд кардани ҳуқуқи онҳо барои гирифтани маълумоти миёнаи ҳамагонӣ раво нест.
Барои расидан ба сатҳи маълумоти байналмилалӣ маълумоти миёнаи ҳамагонӣ таҳсили 12-соларо тақозо менамояд, ки ҳангоми гузариш ба он шароиту имкониятҳои воқеии мактаб ва шаҳрвандонро низ ба эътибор гирифтан зарур аст. Имрӯз аксарияти мамолики дунё таҳсили 12-соларо пазируфтаанд. Барои чунин сохтори мактабҳо барномаю китобҳои дарсии нав, дастурҳои методӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ лозиманд. Вале шароити мавҷуда масъалаи гузариш ба таҳсили 12-соларо ҳаллу фасл карда наметавонад, чунки афзудани шумораи кӯдакон, нарасидани синфхонаҳо, мутахассисон, муҳайё набудани шароити якхелаи таълим ва ғайра имкон намедиҳад, ки мактабҳо саросар дар як вақт ба таҳсили 12-сола гузаранд. Барои қабули ин сохтор афкори умум ва тайёрии ҷиддӣ лозим аст. Дар марҳалаи аввал Академияи илмҳои педагогӣ асосҳои илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва иқтисодии сохтори мазкурро бояд мавриди баррасӣ қарор диҳад. Гузариш

ба таълими 12-соларо ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.
Маълумоти ибтидоии касбӣ талаботи инсон, ҷамъият ва давлатро ба тамоми касбҳои зарурӣ таъмин менамояд. Низоми маълумоти ибтидоии касбӣ ба талаботи бозори меҳнат бояд мувофиқ бошад.
Мутахассисони ин дараҷаи маълумот тавассути омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, марказҳои таълимӣ, мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ, курсҳои таълимӣ ва дигар муассисаҳои таълимии ба инҳо баробар тайёр карда мешаванд. Ба чунин муассисаҳои таълимӣ ҷавонон пас аз хатми мактаби асосӣ ва мактаби маълумоти миёнаи ҳамагонӣ қабул мегарданд.
Барои шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун маълумоти асосӣ ё касбӣ нагирифтаанд, мувофиқи майлу хоҳишашон курсҳои касбомӯзӣ ташкил шуда, ба онҳо шаҳодатнома ва ё сертифакат медиҳанд. Ба хатмкунандагони мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ дар баробари шаҳодатномаи маълумоти миёнаи ҳамагонӣ сертификат ё гувоҳномаи тахассусӣ дода мешавад. Стандарти давлатии маълумоти ибтидоии касбӣ дар заминаи фарҳанги миллӣ таҳия шуда, бояд ба сатҳи маълумоти байналмилалӣ мувофиқ бошад.
Мӯҳлати таҳсил дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва дигар омӯзишгоҳҳои ба ҳамин сатҳ баробар, ки маълумоти миёнаи ҳамагонӣ низ медиҳанд, на камтар аз 3 сол аст.
Маълумоти миёнаи касбӣ дар заминаи маълумоти асосӣ, маълумоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи ҳамагонӣ дар мактабҳои миёнаи касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбӣ, техникумҳо, коллеҷҳо ва дигар муассисаҳои ба инҳо баробар) ва ё дар заминаи муассисаҳои таълимии маълумоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.
Мутахассисони дорои маълумоти миёнаи касбӣ дар соҳаҳои мухталиф ба сифати мутахассиси хурд машғули кор мешаванд.
Маълумоти миёнаи касбӣ ҷавононро барои гирифтани маълумоти олӣ ҳавасманд мегардонад.
Онҳое, ки коллеҷу техникумҳоро бомуваффақият хатм мекунанд, имконияти давом додани таҳсилро дар мактабҳои олӣ аз рӯи барномаҳои махсус, бо назардошти кам кардани мӯҳлати таҳсил пайдо менамоянд. Таҳсил дар баъзе муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ танҳо дар заминаи маълумоти миёнаи ҳамагонӣ сурат мегирад.
Барои ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ намудани маълумот техникумҳои мавҷуда тадриҷан ба коллеҷҳо табдил дода мешаванд. Коллеҷҳо метавонанд дар сохтори мактаби олӣ ва ё мустақил бошанд.
Маълумоти олии касбӣ сатҳи баланди инкишофи инсон, нумӯи нисбатан пурраи қобилиятҳои инфиродии шахс, маънан ва ҷисман тайёр намудани ӯ ба меҳнати мустақилона ва бошуурона, зиндагии шахсӣ ва иҷрои вазифаҳои ҷамъиятию давлатӣ мебошад.
Маълумоти олии касбӣ ба донишҷӯён пеш аз ҳама бояд одамият омӯзонад, ба онҳо сифатҳои олии инсонӣ, камолоти маънавӣ, дониши амиқ тафаккури эҷодӣ ва маҳорати касбӣ бахшад ва ҳамчун фишанги асосии идоракунии сиёсату иқтисодиёт ва иҷтимоиёт бошад.
Донишҷӯён ба маълумоти олии касбӣ дар донишгоҳ, академия, донишкада, консерватория ва дигар муассисаҳои таълимии ба инҳо баробар дар асоси Принсипи бисёрзинагӣ фаро гирифта мешаванд. Дар ҳар як зинаи маълумот донишҷӯ соҳиби дараҷаи (бакалавр, мутахассис, магистр) муайяни маълумот мегардад.
Бакалавр мутахассиси маълумоти олидор аст, ки доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбӣ ҳосил кардааст. Шаҳрванде, ки маълумоти дараҷаи "бакалавр" дорад, аз рӯи ихтисосаш ба вазифаҳое, ки сатҳи маълумоти олии касбиро талаб мекунанд, ба кор қабул карда мешавад. Мӯҳлати таҳсил барои гирифтани дараҷаи "бакалавр" на кам аз 4 сол (барои соҳаи тиб на кам аз 5 сол) аст. Бакалавр дар зинаҳои дигари маълумоти олии касбӣ ҳуқуқи идомаи таҳсил дорад.
Магистр баъди гирифтани дараҷаи "бакалавр", таҳсилро дар магистратура на кам аз 2 сол давом медиҳад ва пас аз гузаштани аттестатсияи ҷамъбастӣ дараҷаи "магистр" мегирад. Магистр, асосан, ба соҳаи муайяни илм машғул шуда, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебарад ва аз рӯи ихтисосаш дар муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва дигар вазифаҳое, ки ба сатҳо маълумоташ мувофиқанд, кор мекунад.
Дар мактабҳои маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои Идтиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шахсоне, ки 5 сол (ба истисноИ донишгоҳи тиббӣ) таҳсил намуда, аз

аттестатсияи ҷамъбастӣ бомуваффақият мегузаранд, дипломи дараҷаи "мутахассис" дода мешавад.
Мактабҳои олии касбии ҷумҳурӣ дар сатҳи мутахассиси хурд низ кадр тайёр мекунанд. Сатҳи маълумоти мазкур ба сатҳи маълумоти миёнаи касбӣ ё маълумоти олии нопурра баробар аст, ки муҳассил пас аз ду соли таҳсил (барои соҳаи тиб аз се соли таҳсил) ба он муваффақ мегардад.
Барои ба низом даровардани касбу вазифаҳои тахассусӣ бо дарачаҳои маълумот ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд номгӯи вазифаҳои тахассусии ҳамаи соҳаҳоро мувофиқи дараҷаҳои маълумоти касбӣ тасдиқ намояд, то ки сатҳи маълумот бо вазифаҳои тахассусии шаҳрвандон муайян ва мувофиқ гардад.
Барномаҳои таълимӣ дар мактабҳои олии касбӣ дар асоси модернизатсияи маълумот, моделҳои муосири, таълим, талаботҳои Консепсияи мазкур ва бо назардошти сатҳи байналмилалии маълумот аз нав таҳия ва тасдиқ мешавад.
Минбаъд бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони маълумоти олидор дар заминаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд.
Маълумот пас аз хатми мактаби олӣ (аспирантура, докторантура) хусусияти инфиродӣ дошта, бо роҳи худталошӣ, нумӯи қобилиятҳои баланди инсон барои донишофарӣ ва кашфиётҳои илмӣ нигаронида шудааст.
Маълумоти иловагӣ фарогирии тамоми шаҳрвандон ба дониш техника ва технологияи нав, эҷодкорӣ, дарёфти ихтисоси нав, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва ғайра мебошад, ки онро шахс дар мактаб ҳангоми таҳсил, пас аз хатми мактаб ва баъди гирифтани диплом низ соҳиб шуда метавонад.
Маълумоти иловагӣ бо мақсади тақвият бахшидани маълумоти базавӣ, мутобиқ сохтани шахс ба муҳити нави иҷтимоӣ, маънан ва ҷисман дастгирӣ намудани ӯ дар шароити нави муносибатҳои истеҳсолӣ, самаранок ба манфиати шахс, ҷомеа ва давлат гузаронидани вақти холии шаҳрвандон, ривоҷи илму фан ва истеҳсолот ташкил карда мешавад. Маълумоти иловагӣ новобаста ба синну сол ва маҳдудият барои тамоми шаҳрвандон дар шаклу намудҳои гуногун пешниҳод мегардад:
1. Маълумоти иловагии баъдидипломӣ барои шаҳрвандоне, ки ин ё он зинаи маълумоти касбӣ (маълумоти ибтидоии касбӣ, маълумоти миёнаи касбӣ, маълумоти олии касбӣ)-ро гузашта, соҳиби ихтисоси муайян гаштаанд. Шаҳрвандон тавассути мактабҳои олӣ ё курсҳои махсуси таълимӣ барои гирифтани ихтисоси дигар аз нав таҳсил ва ё бозомӯзӣ мекунанд. Курсҳои кӯтоҳмуддати касбӣ низ имконият медиҳад, ки шаҳрвандон вобаста ба талабу дархости бозори меҳнат касбашонро дигар карда, соҳиби ихтисоси нав шаванд.
Чунин намуди курсҳо дар сохтори омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, марказҳои таълимӣ, марказҳои иҷтимоӣ–соҳибкорӣ ва ё дар назди муассиса ва корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ таъсис меёбанд.
2. Маълумоти иловагӣ барои ихтисосе, ки шаҳрванд мувофиқи он машғули кор асту дониш, малака ва маҳорати хешро дар семинару курсҳои махсуси такмили ихтисос, академия, донишкадаю донишгоҳҳо, марказҳои таълимӣ ва тавассути таълими фосилавӣ (дистансионӣ) такмил медиҳад.
3. Барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ шаклу намудҳои гуногуни маълумоти иловагиро пешбинӣ мекунад: маълумоти иловагӣ барои гирифтани ихтисоси дуюм бо назардошти қобилияти донишҷӯ ва зиёд намудани мӯҳлати таҳсил, монанди тарҷумон-омӯзгор, писхолог-ҳуқуқшинос, технолог-тарҷумон, рӯзноманигор-тарҷумон, агроном-муҳандис, муаллими забони тоҷикӣ бо ихтисоси иловагии забони русӣ ва ё англисӣ, муаллими синфҳои ибдидоӣ бо ихтисоси иловагии забони англисӣ,русӣ ва ё тоҷикӣ ва ғайра, маълумоти иловагие, ки тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат донишҷӯ соҳиби ин ё он касб мегардад (курсҳои махсуси дӯзандагӣ, компютерӣ, ронандагӣ, рассомӣ,коргузорӣ, муҳосибӣ ва ғайра) ва ба ӯ дар ин хусус сертификат дода мешавад.
4. Маълумоти иловагӣ барои кӯдакону наврасон дар заминаи маълумоти миёнаи ҳамагонӣ дар мактабҳо. Академияи хурди илмҳо, марказҳои фарҳангӣ, касбинтихобкунӣ, техникӣ, варзишӣ, кишваршиносӣ ва ғайра ташкил ёфта, маълумоти ибтидоӣ, асосӣ ва миёнаи онҳоро пурра мегардонад ва барои интихоби касб заминаи устувор фароҳам меорад. Муассиси чунин муассисаҳо давлат ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ буда метавонанд, ки дар асоси литсензияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, идора ва шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ҳуқуқи фаъолият кардан доранд.

**7. Роҳҳои амалӣ гардонидани Консепсияи миллии маълумот**

Омилҳои асосии амалӣ гаштани Консепсияи милии маълумот инҳоянд, ки давлат асосҳои ҳуқуқии онҳоро таҳким мебахшад:
Омилҳои ҳуқуқӣ
Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф.
Таҳияи санадҳои дигари ҳуқуқию меъёрӣ барои инкишофи муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои хусусии таълиму тарбия, пайдо намудани имтиёзҳо дар андозбандии соҳаи маориф бо мақсади таъмин намудани рақобатпазирии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Омилҳои иқтисодӣ
Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатӣ" ҳамчун соҳаи афзалиятдошта эътироф намудани соҳаи маориф.
Таҳия ва тасдиқи меъёрҳои муосири музддиҳии кормандони соҳаи маориф.
Таҳияи барномаҳои иқтисодӣ барои дастгирии рушди соҳаи маориф.
Ба вуҷуд овардани рақобат дар бозори хизматрасонии соҳаи маълумот.
Омилҳои ташкилӣ
Таҳияи барномаи комплексӣ барои амалӣ намудани Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Такмили минбаъдаи стандартҳои давлатии маълумот.
Таҳияи барномаҳои давлатӣ доир ба модернизатсияи маълумот ва ба ҳалли проблемаҳои соҳаи маориф ҷалб намудани тамоми ҷомеа.
Тайёр намудани гузориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нерӯи зеҳнии миллат"
Чорабиниҳои тиббӣ доир ба пешгирии бемориҳо дар муассисаҳои таълимӣ барои ҳифзи мунтазами саломатии кӯдакон ва наврасон.
Ташкили низоми сифатан нави системаи оморӣ ва иттилоотӣ, ки ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад.
Вазорати маориф ҳаллу фасли масъалаҳои зерини соҳаи маорифро амалӣ мегардонад:
ворид намудани тағйиротҳои сифатӣ ба мазмуну мундариҷаи маълумот тавассути:
- гуманизатсияи мазмуни маълумот;
- такмили стандартҳои давлатии маълумот;
- аз нав таҳия намудани нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ;
- таҳияи талаботи ягонаи тарбияи кӯдакону наврасон дар оила, мактаб ва ҷамъият;
- ташкили системаи корҳои тарбиявие, ки волидон ба сифати шарики мактабу муаллим ширкат меварзанд.
Назорати доимии сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагону донишҷӯён дар ҳамаи намуди муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ;
Тавассути аттестатсия ва аккредитатсия баҳои давлатӣ додан ба раванди таълиму тарбия ва сифати тайёр кардани мутахассисон дар ҳамаи намуди таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ.
Якҷоя бо вазорату кумитаҳо, мақомоти идоракунии маҳаллӣ, ташкилоту муассисаҳо, шахсони ҳуқуқию воқеӣ:
тадбирҳои амалӣ намудани Консепсия ва барномаи рушди соҳаи маорифро таҳия намуда, иҷрои онҳоро таъмин мегардонанд;
низомномаи нави пардохти музди меҳнати кормандони системаи педагогиро аз рӯи принсипи фаъолият ва нақши мутахассис дар ҷараёни таълиму тарбия (аз рӯи талаботи стандартҳои давлатӣ) таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳои менамоянд;
системаи маълумоти Тоҷикистонро бо роҳҳои зерин ба системаи маълумоти ҷаҳонӣ ҳамгиро менамоянд;
- васеъ намудани ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи маълумот;
- вусъат бахшидан ба модернизатсияи системаи маълумот дар асоси системаҳои маълумоти пурарзиши ҷаҳони мутамаддин;

- ҷорӣ намудани компютеризатсияи системаи маълумот;
- таъсис додани Марказҳои компютерӣ дар шаҳру навоҳӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ бо мақсади ташкил намудани Бонки маълумот барои таҳлил, алоқа, ҳамкорӣ ва бозомӯзию такмили ихтисоси кадрҳо;
- таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ширкат ва мавқеъ доштан дар кори якҷояи инсоният барои инкишофи имкониятҳои судманди қобилияти инсон.

Роҳу усулҳои нави тайёр кардани кадрҳо ва такмили ихтисоси онҳоро ба ин тарз ҷорӣ менамояд:
ҳамгироии маълумоти миёнаи ҳамагонӣ ва миёнаи касбӣ, бахусус мактабҳои равиядор, бо мактабҳои олии касбӣ;
ҷорӣ намудани таълими фосилавӣ дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва дигар таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ барои бозомӯзӣ, такмили ихтисоси кадрҳо, гирифтани маълумоти миёнаи махсус, маълумоти олии касбӣ ва ихтисоси дуюм (барои донишҷӯён ва дигар хоҳишмандон);
таъсис додани кафедраю лабораторияҳо дар сохтори мактабҳои маълумоти миёнаи умумии равиядор, гимназияю литсейҳо. Марказҳои маълумоти иловагӣ, Академияҳои хурди илмӣ ва ғайра;
ҳамкории кафедраҳои методикаи таълим бо мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ бо мақсади ошноӣ бо маҳорати касбӣ, аз худ кардани моделҳои нави таълим ва усулҳои фаъоли (интерактивии) таълим;
дар хориҷи кишвар ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии профессорону устодони кафедраҳои технологӣ, методикаи таълим ва ба воситаи аспирантура ва докторантура дар хориҷи кишвар тайёр кардани мутахассисони ин соҳа;
дар заминаи мактабҳои олии касбӣ гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони ҳамаи зинаҳои маълумот (миёнаи ҳамагонӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ) мутахассисони гуногунсоҳа, аз ҷумла дар кафедраҳои методика, педагогика ва равоншиносии донишгоҳҳои омузгорӣ ба роҳ мондани бозомӯзии мураббиҳо, омӯзгорон ва роҳбарони мактабҳо;
ҷорӣ намудани ихтисосҳои иловагӣ барои донишҷӯёни қобилиятнок (иқтисодчӣ бо ихтисоси иловагии ҳуқуқшинос, технолог бо ихтисоси иловагии химия ё биология, забони тоҷикӣ бо ихтисоси иловагии забони англисӣ ё русӣ, технолог-тарҷумон, филолог-тарҷумон ва ғайра);
Қонеъ намудани ниёзмандии шахсу ҷомеа ба инкишоф ва омӯзиши илму фарҳанги дунё:
иштироки тамоми институтҳои сиёсӣ", иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар тарбияи кӯдакон (педагогизатсияи муҳити ҷамъиятӣ);
таҳияи барномаи давлатии "Кӯдакону наврасони Тоҷикистон" барои кӯдакону наврасони ятиму бепарастор, маъюб ва болаёқат;
ба таълим пурра фаро гирифтани кӯдакони синну соли мактабӣ;
ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои паҳнгаштаи дунё, аз ҷумла забонҳои англисию русӣ, арабӣ, немисӣ, романӣ ва забонҳои давлатии мамлакатҳое, ки бо Тоҷикистон робитаҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ доранд, аз ҷумла забонҳои чинӣ, ҳиндӣ, туркӣ, урду ва ғайра;
Муаллим ва мураббӣ барои иҷрои Консепсияи мазкур соҳиби чунин сифатҳо буданро ӯҳдадор бошанд;
асосҳои назарӣ ва амалии ихтисоси худро хуб донанд, педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълимро фаро гирифта бошанд;
шахсияти шогирдони худро эҳтиром намоянд;
ҷаҳонбинӣ ва диди васеи илмӣ дошта бошанд;
раванди тарбия ва таълимро эҷодкорона ба роҳ монанд;
сифати таълиму тарбияро натиҷаи ниҳоии фаъолияти хеш донанд;
ба стандартҳои давлатии маълумот ҷавобгӯ будани дониш, малака ва маҳорати шогирдони хешро кафолат диҳанд.

**8. Натиҷагирӣ аз Консепсияи миллии маълумот**

Татбиқи амалии Консепсияи мазкур ҳаллу фасли масъалаҳои зеринро таъмин мегардонад;

1.Омӯзиши амиқ ва иҷрои нишондодҳои Консепсия педагогизат¬сияи муҳити ҷамъиятиро таъмин сохта, доир ба мақсад ва вазифаҳои нави маълумот афкори умум ба вуҷуд меорад. Маълумот барои шахс, давлат ва ҷамъият ҳамчун дороии моддию маънавӣ ва раванди бо низоми инкишоф қабул мегардад.
2.Заминаи (базис) муосири маълумот, ки дар асоси арзишҳои фарҳанги миллию башарӣ сохта мешавад, менталитети наслҳоро ба дараҷаи худшиносии таърихию фалсафӣ расонида, ворисияти наслҳои ояндаро ба арзишҳоиҳои миллӣ таъмин месозад.
3.Маълумоти босифат ташкили тарзи ҳаёти солимро ташаккул дода, ба ҳаллу фасли масъалаҳои демографӣ ва танзими оила асар мегузорад.
4.Риояи меъёрҳои ахлоқӣ талаботи ҳатмии давлат ва ҷомеа гашта, сатҳи маънавияти ҷомеа баланд мегардад.
5.Тарбия бо мазмуни таълим ҳамгироӣ ва пайванди ногусастанӣ пайдо карда, гуманизм - дӯст доштани инсон, эҳтироми мақом ва муҳити моддию маънавии вай ҳадафи асосии тарбия қарор мегирад.
Педагогикаи амалӣ ба ташаккули малака ва маҳорати дидану шинохтан, шунидану дарк кардан ва гуфтану амал намудани афроди ҷомеа ноил мегардад.
Тарбияи шаҳрвандии насли ҷавон беҳтар шуда, мафҳумҳои дӯст доштани зодгоҳ, сарзамин, Ватан ҳамгироӣ пайдо мекунанд.
6.Шумораи муассисаҳои томактабӣ зиёд шуда, кӯдакон тавассути марказҳои алоҳида, кӯдакистонҳои оилавӣ (хусусӣ), давлатӣ ғайридавлатӣ, мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ ва ғайра ба мактаб тайёр карда мешаванд. Масъулияти волидон ба тарбия ва ба мактаб тайёр кардани кӯдакон баланд мегардад. Барои тарбияи томактабии кӯдакон китобҳои таълимии босифат таҳия ва нашр мешаванд.
7.Дар сатҳи маълумоти ибтидоӣ тамоми кӯдакони ин синну сол ба мактаб фаро гирифта шуда, дар хондан, навиштан, ҳисоб кардан, риояи бехатарии ҳаёт ва фаъолияти коммуникативӣ ӯҳдабаро мегарданд. Барои омӯзгорону волидон имконияти интихоби китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ба вуҷуд меояд.
8.Маълумоти сифатноки миёнаи ҳамагонӣ талаботи асосии шахс, ҷомеа ва давлат қарор мегирад. Ба маълумоти асосии ҳатмӣ тамоми кӯдакону наврасони Тоҷикистон фаро гирифта мешаванд. Барои онҳое, ки маълумоти асосӣ, миёнаи ҳамагонӣ ва ё имконияти таҳсили рӯзона надоранд, мактабҳои шабона, ғоибона ва ё таълими фосилавӣ ташкил карда мешавад. Дар мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ (синфҳои X(XI)-XI(XII) мактаббачагон дар асоси шавқу завқ ва қобилияташон ба равияҳои таълимӣ ҷудо мешаванд.
9.Омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва дигар муассисаҳои таълимии ба онҳо баробар ба касбу кори муосир ҷалб намудани ҷавононро таъмин манамоянд. Дараҷаи маълумоти ин сатҳ ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ шуда, мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар низ аз рӯи касби хеш кор карда метавонанд.
10.Маълумоти олии касбӣ сифатан беҳтар мешавад. Соҳиби маълумоти олӣ шахсе мешавад, ки камолоти маънавӣ, тафаккури эҷодӣ ва маҳорати баланди касбӣ дорад. Идоракунии соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ҳисоби рушди сифати инсон тавассути маълумоти олии касбӣ батадриҷ беҳтар мегардад.
11.Маълумоти иловагӣ доираи васеи ҷамъиятро фаро мегирад. Маълумот барои ҳама талаботи ҷомеа ва давлат қарор меёбад. Қобилияту фаҳмиши техникӣ ва фаъолияти коммуникативии шаҳрвандон аз омӯзиши техника ва технологияи муосир рушд меёбад. Аз ҳамгироии илму истеҳсолот зиндагии инсон сифатан беҳтар мешавад.
12.Тамоми таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ бо кадрҳои ихтисосманд таъмин мешаванд. Шумораи олимон афзуда, таҳқиқотҳои илмии сифатнок ва тамоюли амалидошта рӯи кор меоянд.
13. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон барои гирифтани маълумоти босифат васеъ мешавад. Шумораи мактабҳои хусусӣ меафзоянд. Заминаҳои ҳуқуқии чунин муассисаҳо аз ҷониби давлат таъмин мегарданд. Давлат хароҷотҳои соҳаи маорифро ба субъектҳо бештар равона месозад. Барои волидон имконияти интихоби таълимгоҳҳо пайдо мешавад. Давлат, волидон ва донишҷӯён аз маълумоти бесифати таълимгоҳҳо ҳуқуқи пас гардонидани маблағҳои шахсию давлатиро пайдо мекунанд. Дар соҳаи маориф қонунгузории амалкунанда такмил ёфта, қонунҳои нав (Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маълумоти олии касбӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсили 12-сола", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муассисаҳои таълимии хусусӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи кӯдак ва наврас" ва ғайра) таҳия ва тасдиқ мешаванд.
14.Доир ба рушди соҳаи маориф барномаҳои давлатии "Рушди соҳаи маориф", "Тайёр намудани кадрҳои илмию педагогӣ", "Кӯдакону наврасони Тоҷикистон", "Сохтмони таълимгоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Консепсияи маблағгузорӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2004-2015" ва ғайра таҳия, тасдиқ ва амалӣ мегарданд.
15.Маоши кормандони соҳа мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" амалӣ мешавад.
16.Забони давлатӣ рушду нумӯ меёбад. Сатҳи сухандонӣ, суханронӣ ва маданияти гуфтори ҷомеа ташаккул ёфта, аксарияти ҷавонон дар баробари забони давлатӣ бо забонҳои англисӣ ва русӣ озодона гуфтугузор мекунанд.
17.Маблағҳои инвеститсионӣ, асосан, ба сохтмони мактабҳо, биноҳои иловагӣ, хобгоҳҳо ва мустаҳкам намудани базаи таълимии таълимгоҳҳо сарф мешаванд. Таълими себаста (сесменагӣ) дар мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ барҳам мехӯрад.
18.Компютеризатсияи мактабҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таъмин мегардад. Марказҳои компютерӣ барои омӯзиш, бозомӯзӣ ва иттилоот соҳиби Бонки маълумот мегарданд.
19.Ҳамкорӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ дар соҳаи маориф ривоҷ ёфта, муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобатпазирии сифати маълумотро таъмин мегардонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи маълумоти байналмилалӣ ворид мегардад.

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 ноябри соли 2006**
**№ 484 тасдиқ шудааст**

## КОНСЕПСИЯИ
## рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

### МУНДАРИҶА

**Муқаддима**
1. Мафҳумҳои асосие, ки дар Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд
2. Зарурати таҳия ва қабули Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Сиёсати давлатӣ ва кафолати давлатии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ
5. Таҳлили вазъи кунунии системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ
6. Мақсад ва вазифаҳои асосии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ
7. Мазмун ва мундариҷаи системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ
8. Аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ
9. Самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ
10.Заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ
11.Маблағгузории системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ
12.Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ
13.Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ
14.Роҳҳои амалигардонии Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
15.Натиҷагирӣ аз Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Муқаддима

Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Консепсия) дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи маорифи кишвар (аз 22 декабри соли 2005) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти касбӣ дар се зина амалӣ мешавад: таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ. Азбаски бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2004 №387 «Дар бораи Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ тасдиқ шудааст, бинобар ин Консепсияи мазкур танҳо рушди таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар бар мегирад.

Консепсия тамоюли инкишофи сиёсати давлатиро дар системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва ташаккули фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ амалӣ мегардонад.

Консепсия дар марҳилаи муосир бо назардошти рушди ҷомеа ва навсозии системаи ҷаҳонии таҳсилот таҳия шуда, барои инкишофи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хизмат менамояд. Он талаботи рӯзафзуни бозори меҳнатро ба мутахассисони баландихтисос таъмин намуда, мазмуну мундариҷа ва мақсаду вазифаҳои системаи таҳсилоти миёна ва олии касбиро муайян менамояд.

Консепсия дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, арзишҳои миллию башарӣ, эҳёи дарки худшиносии таърихӣ, ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илмию техникӣ ва ғайра таҳия шудааст. Он имконият медиҳад, ки ислоҳоти системаи таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил таъмин гардад. Тавассути ин Консепсия таҳсилоти босифати шаҳрвандон новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, динӣ, қавмӣ, ҷинсӣ ва забонӣ муяссар мегардад.

Консепсияи мазкур дурнамои ислоҳоти таҳсилоти миёна ва олии касбиро муайян намуда, аз вазорату кумитаҳо, идораҳои дахлдор, сохторҳои давлатӣ ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ татбиқи онро тақозо мекунад.

### 1. Мафумҳои асосие, ки дар Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст:

Аккредитатсияи давлатӣ - тартиби эътирофи мақоми давлатии муассисаи таълимӣ, ҳуқуқи ба хатмкунандагон додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи меъёри марбутаи таҳсилот;

**Аттестатсия -** муқаррар намудани мутобиқати мазмун, дараҷа ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилот;

**Бакалавр -** дараҷаи аввали таҳсилоти олии касбӣ буда, мутахассиси дорои ин таҳсилот доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбӣ ҳосил менамояд;

Бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси касбӣ - низоми таълимие, ки мутобиқи сатҳи таҳсилоти касбӣ, ба мақсади такмили ихтисос оид ба ин ё он касб дода мешавад;

**Бонки маълумот -** маҷмӯи маводи таълимию иттилоотие, ки тавассути шабакаҳои мухталифи иттилоотӣ истифода мешавад;

**Инноватсия -** навсозӣ, навгонӣ, навоварӣ;

**Ихтисос -** маҷмӯи дониш ва маҳорату малакае, ки дар натиҷаи омодагӣ ва таҷрибаи корӣ ҳосил шуда, барои навъи муайяни фаъолият зарур мебошад ва бо ҳуҷҷати мувофиқ дар бораи таҳсилот тасдиқ карда шудааст;

**Магистр -** дараҷаи таҳсилоти олии касбӣ, ки пас аз супоридани имтиҳон ё ҳимояи рисолаи магистрӣ ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ медиҳанд;

**Маориф -** системаи иҷтимоие, ки ҷараёни таълим, тарбия, маълумот ва умуман, маърифати ҷомеаро ба танзим медарорад;

**Таҳсилот -** равандест, ки дараҷаи дониш, малака, маҳорат, қобилият ва маданияту ахлоқи инсонро муайян мекунад;
**Муассисаи таълимӣ -** шахси ҳуқуқие, ки раванди таълимро ба роҳ монда, якчанд барномаи таълим ва тарбияи хонандагону донишҷӯёнро амалӣ мегардонад;
**Мазмуни таълим -** сохтор, мундариҷа ва ҳаҷми барномаи таълимиест, ки аз худ намудани он ба шахс имконияти гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва ихтисоси муайянро таъмин менамояд;
Муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ - муассисаи таълимие мебошад, ки барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар амал татбиқ намуда аз коллеҷ, техникум ва омӯзишгоҳ иборат аст;
Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ - муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбие, ки аз ҷониби давлат таъсис дода шуда, аз Буҷети давлатӣ ё дигар манбаъҳо маблағгузорӣ мешавад ва ба мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад;
Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ - муассисаи таълимӣ, таълимию илмӣ, ки барномаи таълимию касбии таҳсилоти олиро аз рӯи стандарт ва самти муайяни таълим ва маърифату тахассус амалӣ менамояд, таълиму тарбия ва тайёрии касбии шаҳрвандонро вобаста ба майлу хоҳиш, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин мекунад, инчунин фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро амалӣ мегардонад;
Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ - муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбие, ки ба моликияти ғайридавлатӣ ва хусусӣ асос ёфта, ба муассис (муассисон) тобеъ аст.
**Машғулияти инфиродӣ** - машғулияти омӯзгор бо хонанда ё донишҷӯи алоҳида дар асоси истифода аз усулҳои фаъоли таълим;
Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ - маҷмӯи меъёрҳои талаботи соҳавии таҳсилоти касбии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ ва таснифоти ихтисосҳои маълумоти миёнаи касбиро дар бар мегирад;
**Стандарти таҳсилоти олии касбӣ -** маҷмӯи меъёрҳое, ки мазмуни таҳсилоти олии касбӣ, моҳияти таълим ва усулҳои ташхиси сифати таҳсилоти олиро бо назардошти дастовардҳои умумибашарӣ муайян мекунад;
**Системаи маориф** - маҷмӯи барномаҳои таълимӣ, стандартҳои давлатии таълимӣ, шабакаи муассисаҳои таълимии амалкунанда, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, мақомоти идораи маориф, муассисаю ташкилоти он, хонандагон ва тарбиягирандагон, донишҷӯён, пажӯҳишгарон, омӯзгорон ва дигар кормандон, иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ, воҳидҳои зерсохторӣ ва дигар таркибҳое мебошанд, ки ба мақсади татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф амал менамоянд;
**Таҳсилоти миёнаи касбӣ -** дараҷаи таҳсилотест, ки шахс дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва миёнаи ибтидоии касбӣ ба он соҳиб шуда, ихтисоси муайянро дарёфт менамояд;
**Таҳсилоти олии касбӣ -** дараҷаи таҳсилотест, ки шахс дар муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар натиҷаи раванди пайдарпай, бонизом ва ҳадафманди фарогирии мазмуни таълим, ки он аз таҳсилоти миёнаи умумӣ асос ёфта, бо дарёфти тахассуси муайян аз рӯи ҷамъбасти аттестатсияи давлатӣ ба анҷом мерасад, соҳиб мегардад;
Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи таълимии олии касбӣ - таҳсилотест, ки ба ҳар шахс дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ имконияти баланд бардоштани сатҳи таҳсил ва тахассусро фароҳам меоварад;
**Тахассус** - намуд ва дараҷаи омодагии касбии хатмкунанда барои иҷрои фаъолияти касбӣ ё давом додани таҳсил, ки дар ҳуҷҷати дорои таҳсилоти марбута инъикос мешавад;
**Таҳсилот -** раванди муттасили таълиму тарбия, ки мақсад аз он ноил шудан ба сатҳи баланди инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, фитрӣ ва салоҳияти касбии аъзои ҷамъият мебошад;
**Таҳсилоти иловагӣ** - тарбия ва таълиме, ки дар асоси барномаҳои маърифатии иловагии ҳама сатҳҳо бо мақсади қонеъгардонии ҳамаҷонибаи талаботи маърифатии шаҳрванд, давлат ва ҷамъият сурат мегирад;
**Таълими фосилавӣ** - яке аз шаклҳои таълим, фаъолияти мақсадноки методии таълимӣ буда, тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ сурат мегирад;
**Таҳсилоти муттасил** - имконияти таҳсил ва баланд бардоштани ихтисос дар давоми тамоми ҳаёти инсон;

**2. Заруратии таҳия ва қабули Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар ҷаҳони имрӯза раванди гуманизатсия ба мазмуни таҳсилот ворид шуда, бехатарии амнияти иҷтимоӣ ва фарҳангиро таъмин намуда истодааст. Кишвари моро низ зарур аст, ки тавассути таҳсилот ин равандро дастгирӣ намояд ва онро дар ҷараёни таълим татбиқ гардонад.
Вобаста ба ин муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олиро зарур аст, ки нақшаҳои нави таълимиро таҳия намоянд, барномаҳои мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ қабул кунанд ва шаклу воситаҳои таълимро беҳтар намуда, базаи моддиву техникии худро таҳким бахшанд. ҳамчунон, барои дигар шудани тафаккури зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии устодон курсҳои бозомӯзии муаллимонро дар дохил ва хориҷи кишвар ба роҳ монда, онҳоро ба воситаҳои муосири таълимӣ, бахусус, технологияи иттилоотӣ таъмин намоянд. Дар баробари ин, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои нави таълимиро таҳия карда, донишҷӯи имрӯзаро бо маълумоти мукаммали муосир, ки асосашро худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои милливу умумибашарӣ ташкил медиҳад, мусаллаҳ намоянд.
Заруратии таҳияи Консепсияи мазкур аз ҳамин нуктаҳо сарчашма гирифта, дигаргунсозӣ ва ҳалли вазифаҳои муҳими стратегии системаи таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ талаб менамояд.

**3. Сиёсати давлатӣ ва кафолати давлатии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар охири асри XX Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил эътироф гардид ва дар системаи таҳсилоти миёна ва олии касбии худ дигаргуниҳои амиқи сифатиро ворид намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар даврони истиқлолият бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии муҳимро таҳия ва мавриди амал қарор дод, ки онҳо барои рушди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ заминаи хуб фароҳам оварданд.
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки соҳаи маориф, ки системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад, эътибори ҷиддӣ медиҳад. Давлат тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ» шароит муҳайё намуда, фаъолияти самараноки муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбиро таъмин менамояд.
Таҳсилоти миёнаи касбӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахс барои гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ва гирифтани тахассус дар соҳаи фаъолияти касбии интихобнамуда фаъолият менамояд ва барои рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ, инчунин қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият ба мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ амал менамояд.
Таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун зинаи олии тайёр намудани мутахассисони касбӣ ба ҳисоб рафта, бо назардошти дастовардҳо ва анъанаҳои системаи ҷаҳонии таҳсилот амал мекунад. Он дар асоси фароҳам овардани шароити мусоиди дастрасии раванди таҳсилот амал карда, самтҳои афзалиятноки рушди илму техникаи муосир, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ҳамоҳангсозӣ ва ягонагии мазмуни таҳсилот, муттасилӣ ва пайдарҳамии ҷараёни таълиму тарбия, тадқиқоти бунёдӣ ва илмиро муайян менамояд.
Рушди таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҳисоби маблағгузории Буҷети давлатӣ ва грантҳо, қарзҳои миёнамӯҳлат ва дарозмуддати имтиёзнок, ҳамчунин худтаъминкунии молиявӣ таъмин карда шуда, барои ҳимояи иҷтимоии донишҷӯён, аспиранту докторантҳо шароити мусоид фароҳам меоварад. Давлат дар сиёсати худ, инчунин, муассисаҳои таълимии ғайридавлатиро таъсис дода, инкишофи бемайлони онҳоро таъмин менамояд. Бо ин мақсад барои қабул ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ новобаста аз шакли моликияташон ба хотири интихоби донишҷӯёни арзанда ва таъмини шаффофияти қабул Маркази ягонаи тестӣ бунёд менамояд.

Дар сиёсати давлатӣ оид ба таҳсилоти касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама намуди таълимгоҳҳо ҷанбаи илмӣ ва дунявии таҳсилотро ба эътибор гирифта, ба мубоҳисаҳои динӣ, мазҳабӣ ва муноқишаҳои ҳизбҳои сиёсӣ роҳ намедиҳад. Анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашариро эътироф карда, барои демократикунонии идории таҳсилот, воридшавӣ ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот ва шакли кредитии таълим, қабули духтарону писарон тибқи квотаи президентӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва иқтисодии кормандону омӯзгорон, маблағгузорӣ ва сармоягузории соҳаи маориф, рушди заминаҳои моддию техникӣ ва афзунгардонии Буҷети давлатӣ ва сармоягузории ватанию хориҷӣ имконият фароҳам меоварад. Давлат инчунин ба тарбияи солими шаҳрвандон махсусан ҷавонони лаёқатманду эҷодкор, аспиранту докторантҳо эътибори махсус дода, ба шахсони камбизоат, ятиму бепарастор, маъюбон ва аз ҷиҳати ақлонӣ ва ҷисмонӣ ноқис кӯмак мерасонад. Давлат ҳамчунин дар асоси риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои гирифтани таҳсилот, баланд бардоштани сифати таълим ва маърифати занону духтарон дар ҳамаи намуди муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд. Ба инкишофи муассисаҳои таълимию тарбиявии ғайридавлатӣ имконият фароҳам меоварад.
Давлат барои таҷдиди назар намудани Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаву барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон чораҷӯӣ намуда, роҳбарии самараноки соҳаи маорифро кафолат медиҳад.
Оид ба таъсис ва барҳамдиҳии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ҷузъу томҳои онҳо чораҳои дахлдор андешида, тартиби додани иҷозатнома, гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро муайян мекунад.
Низоми давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ барои дастрасии ҳадафҳои асосӣ дар тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби дорои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мусоидат карда, барои таъмини кадрҳои баландихтисос, беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии кормандони маориф ва донишҷӯён, инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамгироӣ дар системаи ҷаҳонии таҳсилот ва умуман, ба рушди воқеии қонунии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ имконият фароҳам меоварад.
Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар ихтиёрашон муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ доранд, барои таъмин ва рушди ҳамаҷонибаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ вазифадор мебошанд.

**4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

Дар муддати понздаҳ соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тағйироти назарраси сифатӣ ва миқдорӣ ба вуҷуд омад. Дар ҷумҳурӣ донишгоҳ, академия, донишкада, филиал, шӯъба, коллеҷ, техникум, омӯзишгоҳ ва намояндагиҳои ватаниву хориҷӣ таъсис дода шуданд, ки ҳар кадоми онҳо мансубияти ҳуқуқию идориро ба худ гирифта, барои тайёр намудани мутахассисон машғул мебошанд. Қисми зиёди ин муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба рақобати иқтисоди бозоргонӣ тоб оварда, ба таври ройгон ва ғайриройгон мутахассис тайёр менамоянд.
Дар оянда ин муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки баҳри тайёр кардани мутахассисони баркамол, ки аз истифодаи воситаҳои нави технологияи информатсионӣ огоҳ мебошанд, диққати махсус диҳанд ва барои ҷалби донишҷӯён аз хориҷи кишвар шароит фароҳам оваранд ва барои дарёфти аккредитатсияи байналмилалӣ замина муҳайё намоянд.
Ба ин хотир муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олиро зарур мебошад, ки барои ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ заминаи моддиву техникӣ ташкил диҳанд ва таҷрибаи пешқадаму фаъолро дар ҷараёни таълим татбиқ гардонанд. Ҳамчунон барои тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои тахсилоти миёнаи касбӣ: тахассуси миёнаи касбӣ ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шакли бисёрзинагӣ: бакалавр, магистр ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқиро таҳия карда, нақшаи таълимиашонро дар асоси Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ омода гардонанд.
Санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар солҳои истиқлолияти кишвар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба танзим медароранд, инҳоянд:
1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон - 6 ноябри соли 1994 дар райъпурсии

умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд;
2. Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз соли 1993, таҳрири нав аз 17 майи соли 2004;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 8 декабри соли 2003;
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 1996 №96 «Дар бораи тасдиқ намудани Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 1999 №353 «Дар бораи тасдиқ шудани стандарти давлатии маълумоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 майи соли 2002 №200;
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2003 №54 «Дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2003 №470 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
10.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004 №291 «Дар бораи Нақшаи татбиқиислоҳоти маориф барои солҳои 2004-2009»;
11.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2004 №435 «Дар бораи Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010»;
12.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 № 264 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
13.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июли соли 2006 №309 «Дар бораи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон».
Ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида самтҳои стратегии рушди системаи таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозанд.

**5. Таҳлили вазъи кунунии системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

Дар системаи таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ 48 муассисаи таълимӣ, аз он ҷумла 24 коллеҷ, 4 техникум ва 20 омӯзишгоҳ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо 2480 нафар омӯзгор иҷрои вазифа менамоянд. Аз ин миқдор 193 (7,7%) нафарашон дорои унвон ва дараҷаҳои илмианд.
Дар 15 соли истиқлолият миқдори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 28% кам шудааст. Агар дар соли 1992 теъдоди донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 40,7 ҳазор нафарро ташкил намояд он дар соли 2006 ба 31,7 ҳазор нафар расидааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи 20 равия ва 103 ихтисос мутахассисон барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, кишоварзӣ, иқтисодиёт ва саноат тайёр карда мешаванд.
Дар системаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ айни замон 28 муассисаи таълимӣ, аз он ҷумла, 13 донишгоҳ, 12 донишкада ва 3 академия фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 7623 нафар омӯзгор адои вазифа мекунанд. Аз ин миқдор 483 нафарашон (6,3%) докторони илм ва 2221 нафар (29%) номзадҳои илм мебошанд.
Дар понздаҳ соли охир миқдори донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ 191% зиёд шудааст. Агар дар соли 1992 теъдоди донишҷӯён 69,3 ҳазор нафарро ташкил намояд, он дар соли 2006 ба 132 ҳазор нафар расидааст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ба 10000 нафар аҳолӣ 188 нафар донишҷӯ рост меояд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ паст мебошад. Ба ғайр аз ин, зиёда аз 50% донишҷӯён дар ихтисосҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ таҳсил менамоянд. Дар ихтисосҳои табиатшиносӣ ва техникӣ бошад, донишҷӯён камтар таҳсил карда, сатҳи дониш ва малакаи азхудкунии онҳо ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат ҷавобгӯ намебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз рӯи 167 ихтисос мутахассис тайёр карда шавад ҳам, он ба пуррагӣ талаботи хоҷагии халқи ҷумҳуриро қонеъ карда наметавонад.
Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти олиро зарур аст, ки шаклҳои нави таълим, усулҳои фаъоли

таълимро истифода карда, завқи донишҷӯёнро ба таҳсил ва дарёфти маълумот бештар намоянд ва барои рушди омӯзиши илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ шароити мусоид фароҳам оваранд.
Нақша ва барномаҳои таълимии амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ то ба имрӯз тибқи стандартҳои давлатии маълумоти миёнаи касбӣ (қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 1999 №353) ва стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисон аз 23 феврали соли 1996 № 96) таҳия шуда, амалӣ мегарданд, ки ба талабот ҷавобгӯ нест.
Гузариши системаи таҳсилоти олии касбӣ ба системаи бисёрзинагии таълим зарурати таҳияи нақшаҳои нави таълимӣ ва коркарди талаботи давлатиро ба системаи бисёрзинагӣ тақозо менамояд.
Компютерикунонии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ проблемаи дигаре мебошад, ки дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба назар мерасад. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ба ҳар 350 нафар донишҷӯ як компютер рост меояд ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бошад, ба ҳар 220 нафар донишҷӯ ва 20 нафар устод як компютер рост меояд, ки он аз сатҳи нишондиҳандаҳои байналмилалӣ хеле паст мебошад. Минбаъд марказҳо ва шабакаҳои компютерӣ сохта мешаванд ва онҳо ба шабакаи «Интернет» пайваст мегарданд. Ин вазъ дар ҳақиқат беҳбудӣ мехоҳад ва дар натиҷаи татбиқи барномаҳои давлатие, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳия менамоянд, амалӣ мегардад. Дар ин ҷода дарёфти грантҳо, ҳамкориҳо бо созмонҳои ҷамъиятии ғайридавлатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии хориҷи кишвар низ ёрии амалӣ хоҳад расонид.
Дар ин асос бояд фаъолияти хоҷагидории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тағйир дода шавад. Хизматрасонии таълими пулакиро ба роҳ монда, шаклу воситаҳои дигари дарёфти маблағҳои иловагиро пайдо намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Маблағгузории нокифояи буҷавӣ ба он овардааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ базаи таълимӣ-озмоишгоҳӣ коста гардида, шӯъбаҳо ва факултаҳо бо дастурҳои таълимию методӣ таъмин намешаванд ва тадқиқоти илмӣ пурра ба анҷом намерасанд. Маоши кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ паст мебошад, ки ин сабабгори ба соҳаи илм ва маориф ҷалб нашудани ҷавонони болаёқат гардидааст.
Синни миёнаи устодони унвондор дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 53 гузаштааст. Аз соли 1990-ум то соли 1998 теъдоди ками устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ унвонҳои профессор ва дотсенти кафедра гирифтаанд. Дифои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ низ кам шудааст. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ мувофиқи талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионии Комиссияи Олии Аттестатсионии Федератсияи Россия ба мушкилот дучор мешаванд. Дар баробари ин, миқдори қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ на ҳама вақт ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ мебошад.
Барои ҳалли ин масъалаҳои мубрам давра ба давра аз ҳисоби Буҷети давлатӣ зиёд намудани маоши кормандони педагогӣ, устодону кормандони ёрирасони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ ногузир мебошад. ҳамчунин, аз ҳисоби маблағҳои шартномавӣ ҳавасманд кардани муаллимон ва дигар кормандони ёрирасон бояд ба танзим даровarда шавад.
Дар оянда барои инкишофи илм ва тайёр намудани кадрҳо дар асоси Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 фаъолият намуда, барои ташкили шӯроҳои диссертатсионӣ шароит фароҳам овардан зарур мебошад.
Ба танзим даровардани миқдори қабули донишҷӯён ба мактабҳои миёна ва олии касбӣ дар асоси талаботи ҷомеа, шахсият ва бозори меҳнат сурат гирифта, аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ба танзим даровarда мешавад.

**6. Мақсад ва вазифаҳои асосии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

Ташаккули системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа, давлат ва шахсият, аз он ҷумла ба баланд бардоштани сифати мутахассис нигаронида шудааст. Он ба инсон имконияти васеъ медиҳад, ки дараҷа, мазмун, шакл ва мӯҳлати таҳсилро интихоб намояд.

Мақсади асосии Консепсия ба амалӣ гардидани ҳамин масъалаҳо равона шудааст. Вай татбиқи ислоҳоти куллии системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисонро дар ҷомеа таъмин менамояд. Ҳадаф ва мақсади умдатарини Консепсияи мазкур аз инҳо иборат мебошад:
- бунёди заминаи таҳсилоти босифат дар асоси дастовардҳои илмӣ ва арзишҳои фарҳангии миллию башарӣ, ташаккули худшиносии миллӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ, ифтихори ватандорӣ ва неруи ақлонии миллӣ;
- ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот ворид шудан ва инкишофи робитаи дутарафаи илмиву фарҳангӣ ва дастовардҳои маърифатии башарӣ;
- таҳия ва татбиқи Стандарти давлатии таҳсилот, ривоҷи интегратсия ва диференсиатсияи муосири илмҳо дар асоси принсип ва меъёрҳои муосири системаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, таъмини ҳамгироии таълим, тарбия ва истеҳсолот;
- равнақи низоми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар пайравӣ бо моделҳои эътироф ва пазируфташудаи системаи таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷаҳони мутамаддин;
- татбиқи амалии тадқиқоти илмӣ-бунёдӣ, ки арзишҳои баланди илмӣ-амалӣ доранд;
- ҷорӣ намудани технологияи муосир, ки барои инкишофи қобилияти зеҳнию фарҳангӣ ва арзишҳои маънавии инсон, муҳият ва неруи инсон мусоидат менамояд.
Вазифаи асосии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар асоси ба инобат гирифтани мақсад ва принсипҳои зикргардида аз нуктаҳои зерин иборат мебошад:
- таъмин ва дастраси тамоми табақаҳои ҷомеа гардонидани таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- тарбияи ватанпарастӣ, хештаншиносӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодии инсон;
- инкишофи афзалиятноки забони давлатӣ;
- ташкил ва густариши асосҳои меъёриву ҳуқуқии системаи миллии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар шароити демократикунонӣ ва гуманизатсияи таҳсилот;
- таҷдиди назар намудани мазмун ва сохтори соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар асоси анъанаҳои миллӣ, таҷриба ва принсипҳои рушди устувор;
- азнавсозии системаи таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва тайёр кардани кадрҳо мувофиқи меъёрҳои стандартҳои байналмилалии таҳсилот;
- бунёди модели яклухти бисёрзинагии тайёр кардани кадрҳо (бакалавриат, магистратура, аспирантура, докторантура) дар системаи таҳсилоти олии касбӣ;
- баланд бардоштани сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазир барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ;
- бунёди низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот;
- такмили таъминоти таълимию методӣ ва илмии ҷараёни таҳсилот;
- таҳкими пояи моддию техникии системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- ҳамгироии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо илм ва истеҳсолот;
- дарёфти механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ бо мақсади таъмини сифати таҳсилот;
- баланд бардоштани мақоми иҷтимоии кормандони педагогӣ, такмили таъминоти молиявию кадрии системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, тайёр намудани менеҷерҳои таҳсилот;
- таъмини тавозуни манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии муттасили бисёрзинагӣ.

**7.Мазмун ва мундариҷаи системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

Замони муосир дар назди системаи маориф вазифаҳои бузургро ба миён гузошта, аз он талаб менамояд, ки барои болоравии камолоти маърифати инсон ва аз бар намудани дастовардҳои илм дар раванди ҷаҳонишавӣ ва тамоюлҳои мухталифи он замина фароҳам оварад ва муносибатро ба мазмуни таҳсилот ҷиддитар намояд.
Муносибати инфиродӣ ба таълиму тарбияи ҳар мутахассис бошад, вазифаи масъулиятноки кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Он ба шахс тарзи таълими алоҳидаро пешбинӣ намуда, имконият медиҳад, ки маҳорату қобилияти касбии худро таҳким бахшад ва дониши зиёдтареро соҳиб гардад.
Дар оянда бояд сатҳи дониш ва фарогирии мутахассисони мо ба дараҷаи таълимдиҳии байналмилалӣ баробар эътироф шавад, чунки инкишофи таҳсилот бе бозгашт характери глобалӣ

мегирад. Ин падида дар замони муосир ҷараёни баҳамназдикшавии кишварҳою халқҳоро суръат бахшида, миёни онҳо ҳамкориҳои судмандро ба миён меорад. Ҳамкориҳои фаъол ҷабҳаҳои гуногуни истеҳсолоти моддию маънавии миллатҳои мухталифро тавассути истифода бурдан аз комёбиҳои илмию маърифатии якдигар ба ҳам омезиш дода, ҷараёни фароҳам омадани арзишҳои умумиҷаҳониро метезонад. Таҳсилот тадриҷан монеаҳои минтақавию маҳаллии маҳдуди хешро бартараф намуда, сифат ва моҳияти ҷаҳонӣ пайдо мекунад.
Омилҳои дар боло зикргардида дар инкишофи системаи таҳсилоти миёна ва олии касбии Тоҷикистон бояд меъёри асосӣ гардида, мазмун ва мундариҷаи онро ташкил диҳанд.

**8. Аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

Аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ», қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2003 №54 «Дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2005 №337 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ бо баъзе намудҳои фаъолият», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006 № 411 «Оид ба Департаменти аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад.
Аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ як намуди назорати давлатӣ ва санҷиши мукаммали фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ оид ба иҷрои нишондоди Стандарти давлатии таҳсилот ва таъмини сифатии талаботи нақшаву барномаҳои таълимӣ буда, барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимӣ, мустаҳкам кардани қонуният ва интизом, баланд бардоштани сатҳи корҳои таълиму тарбия ва сифати тайёр кардани таълимгирандагон хидмат менамояд.
Аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ падидаи муҳими ислоҳоти системаи муосири таҳсилоти ҷаҳонӣ буда, ҳадаф ва моҳияти он дар саросари олам барои таъмини сифат ва низоми таҳсилот нигаронида шудааст. Дар ин радиф тартиб ва раванди аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, бо назардошти талаботи ислоҳоти муосири соҳаи маориф, бояд ба раванди фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот мувофиқ карда шуда, баррасии он дар ду зина: иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсия амалӣ гардад. Дар ин асос бояд санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба талаботи замон мувофиқ таҳия карда шавад. Ҷараёни таълиму тарбия, аттестатсия, аккредитатсия инчунин баҳо додан ба сифати тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бояд ба сатҳи баланд бардошта шавад.

**9. Самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

Ҷаҳони муосир дар асри XXI тақозо менамояд, ки мутахассисон дар рӯҳияи эҳтироми принсипҳои гуманистӣ ва демократӣ тарбия ёбанд ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои худ волоияти қонунро дар ҳама ҷабҳаҳои демократикунонии ҷамъият риоя намоянд. Самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ дар доираи ҳамин принсипҳо ташаккул меёбанд.
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи интегратсионӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон дар раванди ҳалли масъалаҳои глобалии соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсат, равобити фарҳангию илмӣ ҳамкорӣ менамояд ва дар шароити ҳозира онро густариш мебахшад. Бо назардошти он ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё ва дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад, масъалаи тайёр намудани мутахассисони дар бозори меҳнати ҷаҳон рақобаткунанда аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, мутахассисоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тайёр карда мешаванд, бояд қобилияти инкишоф додани ҳама гуна равобитро бо ҳама давлатҳои ҷаҳон дар доираи ихтисос ва наздикшавии тамаддунҳо дошта бошанд.

Барои ноил гаштан ба ин мақсад бояд самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ояндаи наздик возеҳу равшан муайян карда шаванд, ки асоситаринашон аз чунин ҳадафҳои стратегӣ иборат мебошанд:
- таҳлил намудани таҷрибаи ҷаҳонии гирифтани таҳсилот ва дар ин асос таҳияи моделҳои гуногуни тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили муқоисавии санадҳои меъёрию ҳуқуқии тайёр намудани мутахассисон дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва дар ин замина таҳия намудани талаботи замонавӣ вобаста аз ихтисос ва равияҳо;
- таҳияи меъёрҳое, ки аз рӯи онҳо мутахассисони дар бозори озоди меҳнати ҷаҳонӣ тобовар тарбия меёбанд;
- таҳияи барномаи мутобиқгардонидашудаи миллии гирифтани таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз таҷрибаи ҷаҳонӣ;
- таҳияи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие, ки барои гирифтани таҳсилоти миёна ва олӣ мусоидат менамояд;
- таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар бораи ба тарзи озмуни озод қабул кардани кормандон, васеъ намудани эҳтимолияти ба кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ин раванд;
- ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои мавҷудаи соҳаи маориф ва таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.
Вобаста ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида ба Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаҳои таълимӣ, мазмуну мундариҷаи таҳсилот тағйироту иловаҳо ворид мешаванд. ҳангоми иҷро намудани ин ҳадафҳои стратегӣ, пеш аз ҳама мазмуну мундариҷаи фанҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ, техникӣ ва фанҳои дақиқ дигаргун мегарданд, тарзи омӯзиши онҳо ва талаботи аз худ намудани ин фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ҳамбастагӣ бо мактабҳои миёнаи умумӣ мутобиқ гардонида мешаванд. Барои рушди бемайлони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ талаботи ҳадди ақали тараққиёти онҳо дар самтҳои гуногуни фаъолияташон таҳия гардида, дар амал ҷорӣ карда мешаванд.

**10. Заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ**

Заифии заминаи моддию техникӣ, таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз пошхӯрии давлати Шӯравӣ оғоз шуда буд. Тоҷикистон бо соҳибистиқлол гардидан солҳои 1992-1997 ҳамчун давлати ҷавон мактабҳои олӣ ва миёнаи касбиро бо таҷҳизот, техника ва технологияи муосир таъмин карда натавонист.
Дар давраи солҳои 1998-2005 барқарор кардани заминаи моддию техникӣ, таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ шурӯъ шуда бошад ҳам, он натиҷаи дилхоҳ надода истодааст. Тайи ду даҳсолаи охир муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба маводи лабораторӣ, асбобҳои аёнӣ, воситаҳои нави таълимӣ, техникаи электронӣ пурра таъмин нестанд. Махсусан, муассисаҳои таълимии илмҳои дақиқ, техникӣ ва педагогӣ дар ин давра аз маводи таълимӣ бебаҳра монда, ба азнавсозиву бунёди такягоҳҳои моддиву техникӣ ниёз доранд. Дар ин замина Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра дар Буҷети давлатӣ маблағҳои мушаххасро пешбинӣ менамояд ва шаклҳои дигари маблағгузориро низ дар ин самт ҷустуҷӯ мекунанд.
Маблағгузории соҳаи илми Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2006 мунтазам афзудааст. Масалан, агар маблағгузории соҳаи илми Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2001 32 ҳазору 829 сомониро ташкил дода бошад, ин нишондод дар соли 2006-ум ба 370744 сомонӣ расидааст. Қисми асосии маблағи ҷудогардида барои тадқиқоти илмии Академияи илмҳои педагогӣ ва Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогӣ сарф мешавад. Масалан, соли 2006 аз 370744 сомонии аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудогардида 156 ҳазору 20 сомониаш (42%) барои Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ ва 135 ҳазору 548 (36%) сомониаш барои Академияи илмҳои педагогӣ сарф карда шудааст. Аз ин ҳисоб 79 ҳазору 176 сомонӣ (21%) барои иҷрои корҳои имӣ-тадқиқотӣ ва мустаҳкам кардани заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.
Ҳоло ҳам заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ кӯҳнаву фарсуда

буда, ба талаботи илму техникаи имрӯза ҷавобгӯ нестанд. Бо сабаби нарасидани маблағ шумораи ками монографияҳо, маҷаллаҳои илмӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ нашр карда мешаванд ва маҷаллаву китоб ва иттилооти дигари илмиро харидорӣ карда наметавонанд, ки ин ба сатҳ, сифат ва самаранокии тадқиқоти илмӣ ва таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад.
Гузаштан ба технологияи нави таълими кредитӣ дар оянда яке аз самтҳои асосии ислоҳоти соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад ва талаботи махсусро оид ба заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ ва илмӣ тақозо менамояд. Махсусан компютеркунонии пурраи ҷараёни таълиму тарбия, тартиб додани сармаҷмӯи маълумотҳо дар маркази бақайдгирӣ, ба ҳар як донишҷӯ додани маҷмӯи маводҳои таълимӣ-методӣ (силлабусҳо) ва курси мухтасари лексияҳо ва амсоли онҳо зарур мешавад, ки иҷрои онҳо ногузир мебошад.
Заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз нигоҳи тайёр намудани мутахассисон вобаста ба самтҳои тараққиёти иқтисодии кишвар мукаммал карда мешавад. Дар ин самт зарурияти истифодаи муфиди имкониятҳои вазоратҳо, корхонаҳо ва дигар сохторҳои мутасаддӣ масъалаи мубрами рӯз мегардад. Корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои ба мутахассисон эҳтиёҷманд минбаъд ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ имконияти васеи истифодаи техникаю технологияи муосирро фароҳам меоваранд. Бо ин роҳ самтҳои афзалиятноки таълимӣ ва илмӣ таҷдиди назар шуда, заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ таҳким меёбанд.

**11. Маблағгузории системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**
Давра ба давра зиёд кардани маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ягона воситаи расидан ба натиҷаи ниҳоии ин Консепсия ба ҳисоб меравад.
Ҳаҷми маблағгузории соҳаи маориф ҳамасола меафзояд ва он дар madди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.
Музди миёнаи меҳнати омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ниҳоят кам мебошад. Динамикаи инкишофи он аз 9,3 сомонии соли 2000 ба 41,2 сомонӣ дар соли 2006 расидааст. Стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ соли 2001 агар 2,1 сомониро ташкил диҳад, дар соли 2006 он ба 30,6 сомонӣ расидааст. Маблағи буҷетие, ки давлат ба ҳар як донишҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҷудо менамояд соли 2006 ҳамагӣ 335 сомониро ташкил медиҳад, ки ин маблағи ночиз аст. Динамикаи инкишофи маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ роҳҳои нави ҷустуҷӯ ва истифодаи маблағҳоро тақозо менамояд. Барои ноил гаштан ба ин мақсад маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия мешаванд, ки фазои мухторият ва мустақилияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро васеъ менамоянд.

**12. Истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ**
Истифодаи усулҳои нави таълим дар асоси истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ яке аз вазифаҳои асосии рушди таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ҳалли масъалаҳои ба ин алоқаманд дар сатҳи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи умумӣ оид ба Барномаи истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба роҳ монда мешавад. Барои амалӣ намудани барномаи мазкур бояд меъёрҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳангоми гирифтани литсензияи ҳуқуқи фаъолияти таълим ба инобат гирифта шаванд. Барномаи ташкил кардани китобхонаҳои электронӣ ва истифодаи манбаҳои электронӣ дар шабакаи интернет ва сармаҷмӯи фанҳои таълимӣ вобаста ба равия ва ихтисосҳо ба назар гирифта мешавад.
Истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ оид ба таҳия ва чопи китобҳои электронӣ имкон дода, донишҷӯёнро ба сарчашмаҳои навини иттилоотӣ шинос мегардонад. Татбиқи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди амалӣ гардидани таҳсилоти фосилавӣ низ нақши муҳим мебозад. Вобаста ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида ба ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Департаменти аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо дароварда мешавад.

**13. Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ**
Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Миллали Муттаҳид ва дигар ташкилоту иттиҳодҳои бонуфузи ҷаҳонӣ эътироф гардида, бо зиёда аз 150 давлати ҷаҳон муносибатҳои иқтисодӣ, дипломатӣ ва фарҳангию илмӣ барқарор намудааст. Барои равнақ бахшидани ин самтҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ низ вазифадор мебошанд. Яке аз талаботи асосии ин ҳамкориҳо бояд ҳимоя карда тавонистани манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намудани нерӯи ақлонӣ, мероси илмӣ-фарҳангии кишвар мебошад. Вобаста ба ин зарурати таҳияи барномаи алоқаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бо муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ ба вуҷуд омадааст. Зимни ин барнома бояд ҳадаф ва мақсадҳои гузоштагшуда возеҳ нишон дода шуда, самтҳои ҳамкорӣ муайян гарданд. Дар ин замина зарур аст, ки ба ғайр аз тайёр намудани мутахассисон, инчунин, маҷмӯи корҳои илмие таҳия ва амалӣ гардонида шаванд, ки онҳо бо ҷалби якҷояи олимону мутахассисони ҷумҳурӣ ва хориҷӣ ба сомон расонида мешавад. Бо ҳамин мазмун, таҳияи китобҳо бо иштироки муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои таълимӣ-методӣ низ метавонанд самаранокии ҳамкориҳоро баланд бардоранд ва нерӯи зеҳнии олимонро дар раванди масъалаҳои мубрами рӯз тақвият бахшанд.
Бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии мутахассисон вобаста ба эҳтиёҷот таҷрибаи тайёр намудани онҳо дар хориҷи кишвар дар оянда тақвият дода мешавад.

**14. Роҳҳои амалигардонии Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Омилҳои асосии амалӣ гардидани Консепсияи инҳо мебошанд:
Омилҳои ҳуқуқӣ;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф;
- таҳияи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- таҳияи санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ барои рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо мақсади рақобатпазирии онҳо ва ҷавобгӯ будан ба талаботи бозори меҳнат.
Омилҳои иқтисодӣ:
- мунтазам афзун намудани маблағгузории системаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- таҳия ва тасдиқи меъёрҳои навини пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва мунтазам баланд бардоштани музди меҳнати онҳо.
Омилҳои ташкилӣ:
- тағйири сохтори идории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- таҳия ва такмили стандартҳои давлатии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- таъминоти методии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- компютерикунонии ҷараёни таълим;
- ба роҳ мондани таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар хориҷи кишвар.
Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба талаботи иқтисодиёти миллӣ нақшаи қабули донишҷӯёнро ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ муайян намуда, ба мустаҳкам шудани заминаҳои моддиву техникӣ, маблағгузории кофӣ ва рушди бемайлони соҳа ва амалӣ гардидани ҳамин Консепсия масъул дониста мешавад.

**15. Натиҷагирӣ аз Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Консепсия бояд ба ҳадафҳои зерин ноил гардад:
- баланд шудани сифати таълим ва боло рафтани сатҳи дониши донишҷӯён;
- ҷавобгӯ будан ба талаботҳои бозори меҳнат ва рақобатпазирӣ дар системаи байналмилалии таҳсилот;
- мустаҳкам шудани пояи моддиву техникӣ ва таъминоти пурраи кадрӣ;
- ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ;
- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- татбиқи ислоҳоти системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;

- ба даст овардани натиҷаҳои назарраси илмӣ;
- густариши равобити байналмилалӣ;
- истифодаи мақсадноки технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълиму тарбия ва тадқиқотҳои илмӣ;
- рушди сохтории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- пайдо намудани роҳу усулҳои наву замонавии идораи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- мунтазам болоравии маблағгузории системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- ғанӣ гардонидани хазинаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ;
- созмон додани технопаркҳо.

Бо натиҷагирии ҳадафҳои фавқ татбиқи Консепсияи мазкур таъмин шуда, тағйироти сифатӣ дар рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба вуҷуд меояд.

Замима ба Консепсияи
рушди таҳсилоти касбӣ дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тадбирҳо оид ба амалӣ намудани Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Номгӯи чорабинӣ | Мутасаддӣ | Мӯҳлати иҷро |
|---|---|---|---|
| 1. | Дар робита ба гузариш ба системаи кредитии таҳсилот ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» | Вазорати маориф, Вазорати адлия, Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва савдо | то соли 2010 |
| 2. | Таҳияи Барномаи давлатии рушди | Вазорати маориф, Вазорати адлия, | то соли 2008 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва савдо | |
| 3. | Аз нав таҳия намудани Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи ҳуҷҷати мазкур | Вазорати маориф, Вазорати адлия, Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва савдо | то соли 2009 |
| 4. | Таҳияи меъёрҳои нави пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | Вазорати маориф, Вазорати адлия, Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва савдо | То соли 2008 |
| 5. | Пешбинӣ намудани маблағ барои харидории компютерҳо | Вазорати маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | ҳар сол |
| 6. | Пешбини намудани маблағҳои иловагӣ барои харидории маводҳои лабораторӣ ва методӣ | Вазорати маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | мунтазам |
| 7. | Ташкил ва назорати таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ва такмили ихтисоси кормандони | Вазорати маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | мунтазам |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | | |
| 8. | Дар буҷети муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ пешбинӣ намудани маблағ ҷиҳати пайваст ва истифодаи Интернет | Вазорати маориф, Вазорати молия, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | мунтазам |
| 9. | Таъсиси Маркази ягонаи миллии тестӣ | Вазорати маориф, Вазорати адлия, Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва савдо | то соли 2008 |
| 10 | Дар Буҷети давлатӣ мунтазам пешбини намудани афзоиши маблағгузории системаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | Вазорати маориф, Вазорати адлия, Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва савдо | ҳар сол |

## СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИ МАЪЛУМОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**1. Талабҳои умумӣ.**
1.1. Мундариҷа ва соҳаи татбиқ
1.2. Стандарти мазкур инҳоро муқаррар мекунад:
Сохтори маълумоти олии касбӣ, хуҷҷатҳо дар бораи маълумоти олӣ.
Талабҳои умумӣ ба барномаҳои асосии таълими маълумоти олии касбӣ ва шароити корбасти онҳо.
Меъёрҳои умумии кори таълимии донишҷӯи мактаби олӣ ва ҳаҷми он.
4. Озодиҳои академии мактаби олӣ дар муайянсозии мундариҷаи маълумоти олии касбӣ.
5. Талабҳои умумӣ ба феҳрасти самтҳои (тахассусҳои) маълумоти олии касбӣ.
6. Тартиби таҳия ва тасдиқи талаботи давлатӣ ба ҳадди ақалли мундариҷа ва дараҷаи омодагии хатмкунандагон аз рӯи самтҳои (тахассусҳои) мушаххаси олии касбӣ ба сифати ҷузъи марказӣ.

7. Қоидаҳои назорати давлатӣ ба риояи талаботи стандарти давлатии таълими маълумоти олии касбӣ.
1.3. Нуқтаҳои стандарти мазкур бояд аз ҷониби ҳамаи муассисаҳои таълимии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъгашта ва аз тарафи мақомоти давлатии идораи маълумоти олӣ ҳамчун мактаби олӣ акредитатсияшуда ҳатман истифода шаванд.

**2. Ишораҳои меъёрӣ ва таърифи мафҳумҳои соҳаи маълумоти олии касбии дар стандарти мазкур истифодашаванда.**

2.1. Дар стандарти мазкур нуктаҳои асосии муқаррароти низомномаи намунавии муассисаи таълимии маълумоти олии касбии (макотиби олии) Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби таҳия, тасдиқ ва корбасти стандарти давлатии маълумот барои маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба назар гирифта шудааст.
2.2. Маълумоти олии касбӣ маълумотест дар заминаи маълумоти миёнаи (пурраи) умумӣ ё маълумоти миёнаи касбӣ. Он дар мактаби олӣ аз рӯи барномаҳои асосии касбии таҳсилотиест, ки ҷавобгӯи талабҳои муқарраркардаи стандарти мазкур буда, бо аттестатсияи ҷамъбастӣ ва ба хатмкунанда додани ҳуҷҷат оид ба маълумоти олии касбӣ хотима меёбад, амалӣ мегардад.
2.3.Барномаи асосии маълумоти олии касбӣ ҳуҷҷатест (ё маҷмӯи ҳуҷҷатҳо), ки мутобиқи стандарти мазкур аз рӯи самт (тахассус) мундариҷаи маълумот, инчунин дараҷаи муайяни маълумоти олии касбиро ба шумули тамоми маҷмӯи хадамоти таҳсилот муайян месозад.
2.4.Сохтори маълумоти олии касбӣ маҷмӯи барномаҳои асосии таълими маълумоти олии касбии аз рӯи таъйинот ва мӯҳлатҳои меъёрии таҳсил гуногун мебошад, ки дараҷаи маълумоти олии касбиро ифода мекунад.
2.5.Ҳуҷҷати давлатӣ дар бораи маълумоти олии касбӣ ҳуҷҷати намунаи давлатӣ мебошад. Он аз тарафи мактаби олӣ барои тасдиқи он дода мешавад, ки дорандаи он барномаи асосии маълумоти касбиро муваффақона анҷом дода, ҳуқуқи идомаи таҳсил дар зинаи минбаъдаро соҳиб аст ва ё мувофиқи тахассуси гирифтааш аз рӯи самти (тахассуси) таҳсил метавонад фаъолияти касбӣ кунад.
2.6.Мӯҳлати меъёрии омӯзиш муҳосибаи фарогирии барномаи асосии таълими маълумоти олии касбӣ аз тарафи хатмкунанда барои таҳсили рӯзона мебошад, ки онро стандарт муқаррар карда ва дар заминаи маълумоти миёнаи (пурраи) умумӣ амалӣ мегардад.

**3. Сохтори маълумоти олии касбӣ, ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумоти олӣ**

3.1.Дараҷаи аввали маълумоти олии касбӣ маълумоти нопурраи олӣ мебошад, ки бояд аз ҷониби мактаби олӣ дар қисмати барномаи асосии маълумоти касбӣ дар ҳаҷми на камтар аз ду соли таҳсил амалӣ гардад. Қисмати зикршудаи барномаи асосии маълумоти касбиро хатм кардани донишҷӯ бояд ба ӯ ҳуқуқ диҳад, ё имкон фароҳам орад, ки маълумоти олиро давом диҳад, ё мувофиқи хоҳиш, бе аттестасияи ҷамъбастӣ дар хусуси маълумоти нопурраи олӣ шаҳодатнома гирад. Ҳаҷм ва мундариҷаи мушаххаси маълумоти нопурраи олӣ дар замимаи шаҳодатнома инъикос меёбад.
3.2. Дараҷаи дуюми маълумоти олии касбӣ маълумотест, ки бояд аз ҷониби мактаби олӣ аз рӯи барномаи асосии маълумоти касбӣ амалӣ гардад ва он тайёрии мутахассисро бо тахассуси "бакалавр" таъмин намояд. Барномаи асосии маълумоти касбӣ бояд фанҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ, табиатшиносӣ ва таҷрибаомӯзии таъиноти касбӣ доштаро фаро гирад. Мӯҳлати меъёрии таҳсил бояд аз чор сол камтар набошад. Барномаи мазкур бо аттестатсияи ҷамъбастӣ ва ба хатмкунанда додани тахассуси "бакалавр", инчунин дипломи тасдиқкунандаи он хотима меёбад.
3.3. Дараҷаи сеюми маълумоти олии касбӣ маълумотест, ки аз ҷониби мактаби олӣ аз рӯи барномаҳои асосии маълумоти касбии ду тип амалӣ гардад ва ин барномаҳо тайёр кардани мутахассисонро бо тахассуси "магистр" ё ба таври анъанавӣ нишон додани тахассуси "муҳандис", "омӯзгор", "агроном", "иқтисоддон" ва ғайра (номи умумии тахассус "мутахассис") таъмин намоянд. Вобаста ба махсусияти (ё соҳаи) мактаби олӣ, эҳтиёҷоти хоҷагии халқ ба мутахассисони дараҷаҳои гуногун ба таври баробар тайёр кардани бакалаврҳо ва муҳандисон (омӯзгорон, агрономҳо) бо тақсими шохаҳои марбути тарбият дар анҷоми дараҷаи аввал мумкин аст. Дар ин маврид ба муҳандисон (омӯзгорон ва ғайра), ки аз рӯи самт (тахассус) дипломи бакалавр надоранд, имкони дохил шудан ба магистратура пешбинӣ намешавад.

Давр аз рӯи самти марбута ва на камтар аз ду сол тайёрии махсус бо шумули таҷрибаомӯзӣ иборат буда, он фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва (ё) илмию омӯзгории хатмкунандаро дар назар дорад. Мӯҳлати умумии меъёрии таълим бояд на камтар аз шаш сол дар тарбияти мутахассисон бо ихтисоси "магистр", 5 сол дар тарбияти мутахассисон ба ихтисоси "муҳандис", "агроном", "иқтисоддон" ва ғайра аст.
Барномаи мазкур бо аттестатсияи ҷамъбастӣ бо шумули кори хотимавии (лоиҳаи) поёни таҳсил ва додани тахассуси "магистр" ба хатмкунанда, ки онро диплом тасдиқ менамояд, ба анҷом мерасад.
Барномаи ассосии маълумоти касбӣ фанҳои таълимии дорои характери умумимиллии гуманитарӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиатшиносӣ, фанҳои умумикасбӣ, инчунин тайёрии назарӣ ва амалиро аз рӯи ихтисос ва тахассус фаро мегирад, ки он намудҳои гуногуни фаъолиятро мувофиқи касб дар назар дорад. Барномаи мазкур бо аттестатсияи ҷамъбастӣ бо шумули кори хотимавии (лоиҳаи) поёни таҳсил ва додани тахассуси "муҳандис", "омӯзгор", "агроном", "иқтисоддон" ва ғайра, ки онро диплом тасдиқ менамояд, ба анҷом мерасад. Нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии амаликунандаи онҳо оид ба тайёр кардани мутахассисон бо муддатҳои барои онҳо муқарраршудаи омӯзиш, ки ҳангоми қабули стандарти мазкур фаъолият доранд, бо барномаи марбутаи асосии маълумоти касбӣ баробар шуморида мешавад.
3.4. Ба ашхосе, ки таҳсилро анҷом надодаанд, мувофяқи хоҳишашон маълумотномаи (справкаи) академии муайяннамуда ё дар сурати иҷрои шартҳои муайянкардаи стандарти мазкур шаҳодатномаи маълумоти нопурраи олӣ, ки дар он ҳаҷму мундариҷаи таҳсили гирифта инъикос мегардад, дода мешавад.
3.5. Мӯҳлатҳои меъёрии мушаххаси омӯзиш аз рӯи самтҳои (тахассусҳои) маълумоти олии касбӣ, инчунин шакли ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумоти олии касбӣ, шаҳодатномаи маълумоти ноппураи олӣ ва маълумотномаи академиро мақомоти давлатии идораи маълумоти олӣ муқаррар мекунад.
3.6. Ҳуҷҷатҳои стандарти намунаи давлатӣ ба ашхоси таълимгиранда ё омӯзишро дар мактаби олӣ аз рӯи самтҳои (тахассусҳои) акредитатсияшуда анҷом дода мешаванд.
3.7. Тахассуси хатмкунндагони мактабҳои олӣ, ки дипломи маълумоти олии касбӣ тасдиқ кардааст, имкон фароҳам меорад, ки онҳо навъҳои гуногуни фаъолияти касбии муайянкардаи стандарти давлатии маълумотро барои маълумоти олии касбӣ дар боби талаботи давлат нисбат ба ҳадди ақали мундариҷа ва дараҷаи тайёрии хатмкунандагон аз рӯи самтҳои (тахассусҳои) мушаххаси маълумоти олии касбӣ иҷро кунанд.
4.1. Барномаҳои ассосии таълимии маълумоти олии касбӣ бояд омӯзиши ҳатмии фанҳои зеринро аз ҷониби донишҷӯён пешбинӣ намоянд:
1. Фанҳои умумигуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ:
2.Фанҳои риёзӣ ва умумии табиатшиносӣ:
3.Фанҳои умумии касбӣ (барои ҳамин самт ё тахассуси омодагӣ):
**4. Фанҳои махсус.**
4.2. Ҳадди ақали ҳатмии мундариҷаи ҳар барномаи асосии таълими маълумоти олии касбӣ тавассути стандарти давлатии таълими маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки талаботро нисбат ба ҳадди ақалли мазмун ва дараҷаи омодагии хатмкунандагон аз рӯи самтҳои (тахассусҳо)-и мушаххас муайян мекунад, муқаррар карда мешавад.
4.3. Мундариҷаи барномаҳои асосии маълумоти касбӣ, ки махсусиятҳои минтақавии омодгии мутахассисонро инъикос менамояд, тавассути ҷузъҳои минтақавии стандарти давлатии маълумот барои маълумоти олии касбӣ муайян карда мешавад, ки он ҳангоми тарбияти мутахассисони анъанаҳои миллию маишӣ, махсусиятҳои табиию иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар мегирад. Тартиби истиқрории ҷузъҳои минтақавии стандарти давлатии маълумотро моддаи 16-и Қонуни маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.
4.4. Барномаҳои асосии маълумоти олии касбӣ дар қатори фанҳои ҳатмӣ мувофиқи интихоби донишҷӯ фанҳои факултативиро низ бояд дар бар гиранд.
4.5. Иҷозат дода намешавад, ки омӯзиш аз рӯи барномаҳои таълими маълумоти олии касбӣ чун қоидаи гирифтани маълумоти дуюми олии касбӣ баррасӣ гардад, агар таълими сатҳи ҳамин дараҷа бори аввал ба даст оварда шавад.
4.6. Иҷозат дода мешавад, ки аз рӯи барномаҳои асосии маълумоти касбӣ дар ҳамаи дараҷаҳои маълумоти олии касбӣ дар муддати мухтасар (нисбат ба муддатҳои меъёрии омӯзиш) бо

назардошти таълими муқаддимотии таълимгиранда омӯзиш сурат гирад.
4.7. Ашхосе, ки дипломи маълумоти олии касбии дараҷаи дуюм доранд, метавонанд маълумоти олиро дар дараҷаи баъдӣ давом диҳанд. Шароити идомаи таҳсил ё гузариш аз як барномаи асосии маълумоти касбӣ ба дигар барнома тавассути мактабҳои олӣ бино ба тартиби муқарраркардаи мақомоти ҷумҳуриявии (марказии)давлатии идораи маълумоти олӣ муайян карда мешавад. Дар ин ҳангом имкони дохил шудан ё гузаронидани хатмкунандагон (донишҷӯён)-и дигар мактабҳои олӣ ба дараҷаи баъдии омӯзиш таъмин карда мешавад.

**5. Меъёрҳои умумии кори таълими донишҷӯи мактаби олӣ**
ва ҳаҷми он
5.1. Ҳаҷми ҳадди аксари кори таълими кори донишҷӯ дар як ҳафта бо шумули ҳамаи навъҳои дарсҳои дохили дарсхонаҳо ва кори таълими берун аз дарсхонаҳо бояд аз 54 соат зиёд набошад.
5.2. Ҳаҷми ҳадди аксари дарсҳои ҳатмии дохили дарсхонаҳо дар шакли рӯзонаи таълим бояд бо стандарти давлатии маълумот барои маълумоти олии касбӣ дар он қисмат, ки талаботи давлатӣ нисбат ба ҳадди ақалли мундариҷа ва дараҷаи тарбияти хатмкунандагон аз рӯи самтҳои мушаххас ва тахассусҳои маълумоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад, маҳдуд гардад.
5.3. Дар шакли омӯзиши рӯзона, ғоибона (шабона) ҳаҷми дарсҳои дохили дарсхонаҳо дар як ҳафта бояд на камтар аз 10 соат бошад.
Дар шакли ғоибонаи таълим ба донишҷӯ барои машғулиятҳо бо муаллим дар ҳаҷми на камтар аз 160 соат дар як сол бояд имкон фароҳам сохта шавад.
Ҳаҷми умумии вақти таътил дар соли таҳсил бояд 7-10 ҳафта, аз ҷумла дар давраи зимистон на камтар аз ду ҳафтаро ташкил диҳад.

**6. Озодиҳои академии мактаби олӣ дар муайянсозии мундариҷаи маълумоти олии касбӣ**
6.1. Мактаби олӣ барномаҳои асосии таҳсилоти касбӣ, инчунин бар асоси нуктаҳои стандарти мазкур роҳҳои амалӣ сохтани онҳоро таҳия ва қабул мекунад.
6.2. Мактаби олӣ дар соҳаҳои муайянкунандаи стандарти мазкур дорои ҳуқуқҳои дигар аст, ки онҳоро қонунгузории амалкунанда дар соҳаи маориф ва низомномаи типии муассисаҳои таълимӣ барои маълумоти олии касбии мактаби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

**7. Талаботи асосӣ нисбат ба феҳрасти самтҳо (тахассусҳо)-и маълумоти олии касбӣ**
7.1.Феҳрасти самтҳо (тахассусҳо)-и маълумоти олии касбӣ бояд соҳаҳои мавҷуд ва дурнамои илм, техника ва фарҳангро дар бар гирад. Ҳар самт (тахассус) бояд аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсӣ дошта бошад.
7.2. Феҳрасти самтҳо (тахассусҳо)-и маълумоти олии касбӣ як қисми стандарти мазкури давлатии таълими маълумоти олии касбӣ мебошад ва чунин ном дорад: "Стандарти давлатии таълими маълумоти олии касбӣ таснифгари самтҳо ва тахассусҳои маълумоти олии касбӣ".

**8.Тартиби таҳия ва тасдиқи талаботи давлатӣ нисбат ба дараҷаи ҳадди ақали мундариҷа ва тайёр намудани хатмкунандагон аз рӯи самтҳо (тахассусҳо)-и мушаххаси маълумоти олии касбӣ ҳамчун ҷузъҳои ҷумҳуриявӣ**
8.1. Талаботи давлатӣ нисбат ба ҳадди ақалли мундариҷа ва дараҷаи тайёр кардани хатмкунандагон аз рӯи самтҳо (тахассусҳо)-и мушаххаси маълумоти олии касбӣ бино ба тартиби муқарраркардаи Қарори ҳукумати |Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда мешавад.
8.2. Талаботи давлатӣ нисбат ба ҳадди ақалли мундариҷа ва дараҷаи тайёр намудани хатмкунандагон аз рӯи самтҳои (тахассусҳо)-и мушаххаси маълумоти олии касбӣ як қисми стандарти мазкури давлатии маълумот барои маълумоти олии касбӣ мебошад ва чунин ном дорад: "Стандарти давлатии маълумот барои маълумоти олии касбӣ. Талаботи давлатӣ нисбат ба мундариҷаву дараҷаи ҳадди ақалли тайёр намудани хатмкунандагон". Стандарти мазкур алоҳида барои ҳар самт ва тахассус таҳия мегардад.

**9. Қоидаи назорати давлатӣ бар риояи талаботи стандарти давлатии маълумот барои маълумоти олии касбӣ**

9.1. Қоидаи назорати давлатӣ бар риояи стандарти давлатии маълумот барои маълумоти олии касбиро мақомоти ҷумҳурии давлатии идораи маълумоти олӣ муқаррар мекунад, Назорати давлатиро бар риояи талабҳои стандарти мазкур мақомоти давлатии идораи маълумоти олӣ ҳамроҳ бо вазоратҳо, идораҳо ва дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки дар ихтиёр мактабҳои олӣ доранд, анҷом медиҳанд.
9.2. Барои риоя накардани талаботи стандарти мазкур аз ҷониби (тарафи) мактаби олӣ ба он ҷазои дарҷшудаи моддаи 49-и Қонуни маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон корбаст мешавад.

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 5 феврали соли 2003**
**№ 54 тасдиқ карда шудааст**

**ТАРТИБИ**
**гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии**
**муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли моликият ва тобеият, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, низомномаҳои аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида ва тартиби мазкур аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.
2. Аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои типпи нав ба монанди литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо, таълимгоҳҳои шахсӣ, ширкатие, ки аҳамияти ҷумҳуриявӣ доранд, мактабҳои ғайридавлатӣ, мактабҳои миёнаи касбӣ ва олии ҷумҳурӣ, аспирантура, докторантура, Донишкадаҳои такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, Маркази ҷумҳуриявии корҳои беруназмактабӣ, литсейҳои касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии вазорату идораҳои қудратӣ, муассисаҳои таълимии беруназмактабӣ, муассисаҳои таълимии муштараки байналмилалӣ, муассисаҳои таълимии хусусӣ, (аз ҷумла муассисаҳои таълимие, ки аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ таъсис ёфтаанд), новобаста ба шакли моликият ва тобеияти идорӣ, аз тарафи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пулакӣ гузаронида мешаванд.
3. Аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои томактабӣ ва ҳамаи намудҳои мактабҳои миёнаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ғайр аз намудҳои мактабҳои фавқуззикр, аз тарафи идора ё шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бо назардошти ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маводи илмию методии тавсиякардаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Бо мақсади муайян кардани сифати санҷиш Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад интихобан аз нав аттестатсияи муассисаҳои таълимии аттестатсияшударо гузаронад.
4. Барои гузаронидани аттестатсия ё литсензиядиҳии Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ комиссияи экспертӣ ташкил медиҳанд, ки ба ҳайати он мутахассисони Дастгоҳи Вазорати маориф, коркунони муассисаҳои илмӣ, томактабӣ, муаллимону олимон, кормандони мақомоти органҳои таълимию тарбиявӣ, такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, мутахассисони ташкилотҳои манфиатдоре, ки барои тайёр кардани кадрҳо фармоиш медиҳанд, намояндагони вазоратҳо ва идораҳои соҳавӣ, намояндагони идораҳою шӯъбаҳои маориф, ҳокимиятҳо дохил мешаванд.
5. Барои гирифтани литсензия оид ба пайдо кардани ҳуқуқи пешбурди фаъолият муассисаи таълимӣ тибқи “Низомнома дар бораи литсензионидани муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки Вазорати маориф тасдиқ кардааст, ҳуҷҷатҳои дахлдорро мутаносибан ба Вазорати маориф, идораҳо, шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ пешниҳод менамояд.
6. Комиссияи литсензионии Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо таҳлил намуда, дар муассисаи

таълимӣ ташхиси пояи моддию техникӣ, ҳайати кадрӣ, таълимӣ, лабораторӣ, илмӣ, илмию методӣ, молиявӣ, таъминот бо адабиёт ва дигар маводҳои таълимию методӣ, барномаҳои таълимии касбӣ, омодагии муассисаи таълимиро доир ба қабули хонандагону донишҷӯён мегузаронад.
7. Комиссияи экспертӣ самтҳои асосии фаъолияти муассисаи таълимии литсензионидашавандаро таҳлил намуда, ба меъёрҳои мавҷуда мувофиқат кардани онро муайян мекунад ва дар асоси он ба Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф, идораҳои маорифи вилоятӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳрӣ, ноҳиявӣ хулосаи ниҳоӣ (мусбат ё манфӣ) пешниҳод менамояд.
8. Қарори Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф ва лоиҳаи фармон дар барои додани литсензия ба Вазири маориф, мутаносибан ба сардори Идора, мудири шӯъбаи маориф пешниҳод карда мешавад. Баъди тасдиқи қарори Шӯро ва баровардани фармони Вазири маориф аз ҷониби Идора ва шӯъбаҳои маориф ба муассисаи таълимӣ литсензия (бо замимааш) дода мешавад.
9. Ба муассисаи таълимии литсензиягиранда, вобаста ба хусусиятҳои хос ва шаклҳои таълим, ба мӯҳлати аз 1 то 5 сол литсензия дода мешавад ва баъд аз он аз аттестатсияи давлатӣ гузаронида мешавад.
Муассисаи таълимӣ танҳо баъди гирифтани литсензияи Вазорати маориф, идораҳои маорифи вилоятӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимиро пайдо менамояд.
Литсензия танҳо ба ҳамон фаъолияти таълимӣ ҳуқуқи амал кардан медиҳад, ки дар он равия, ихтисос, сатҳи тайёрӣ, миқдори ниҳоии муҳассилин, мӯҳлат ва дигар реквизитҳо муқаррар шуда бошад.
10. Муассисаи таълимие, ки ихтисоси нав мекушояд, ё аз рӯи барномаҳои нави таълимӣ амал мекунад, новобаста аз литсензияи доштааш, барои гирифтани литсензияи нав ҳуҷҷатҳоро мутобиқи Низомномаи литсензионидани муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташхис пешниҳод менамояд.
Ҳуҷҷатҳои барои гирифтани литсензия пешниҳодшуда дар давоми 20 рӯз аз лаҳзаи бақайдгирии ариза дар ин хусус дида баромада шуда, баъди ташхиси литсензионӣ дар давоми як моҳ оид ба он қарори дахлдор қабул карда мешавад.
11. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудани муассисаҳои таълимӣ бе литсензия манъ аст. Дар сурати тағйир ёфтани номгӯи самт ва ихтисосҳо, зинаи тайёркунии мутахассисон, мӯҳлати таҳсил, иваз шудани мақоми муассисаи таълимӣ ва дигар талаботҳои меъёрию назоратӣ, литсензияи Вазорати маориф эътиборашро гум мекунад.
12. Аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси нақша давра ба давра дар давоми панҷ сол як маротиба гузаронида мешавад. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ нақша-ҷадвали панҷсола ва яксолаи аттестатсияи муассисаҳои таълимии ҷумҳуриро тасдиқ менамоянд. Қисми нақша-ҷадвали гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои таълимии дар тобеияти Вазорати маориф набударо Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазоратҳою идораҳои дахлдор мувофиқа мекунонад. Аттестатсияи нахустини муассисаи таълимии навтаъсис баъди хатми аввалин тамомкунандагон аз рӯи аризаи он ба шарте гузаронида мешавад, ки баъд аз се соли литсензионидан натиҷаҳои аттестатсияи ҷамъбастӣ на кам аз нисфи хатмкунандагон мусбат бошад. Аттестатсияи нахустини муассисаҳои таълимии навтаъсиси ибтидоии умумӣ, асосӣ ва миёнаи (пурра)-и маълумоти ҳамагонӣ мумкин аст давра ба давра, вобаста ба зинаҳои маълумот (ибтидоии умумӣ, асосӣ, миёна (пурра)-и умумӣ гузаронида шаванд.
13. Комиссияи аттестатсионӣ оид ба самтхои асосии фаъолияти муассисаи таълимии аттестатсияшаванда-литсензиягиранда маълумотнома ва хулоса тайёр карда, ба Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораи маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ пешниҳод мекунад, ки вай дар навбати худ лоиҳаи фармон ва қарорро омода месозад.
Дар лоиҳаи қарор ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ чунин баҳо дода мешавад:
- агар муассисаи таълимӣ вазифаҳои мувофиқи Низомнома ва талаботҳои Стандарти давлатии

маълумот ба зиммааш гирифтаро қаноатбахш иҷро карда истода бошад, он аттестатсияшуда;
- агар дар кори муассисаи таълимӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳояш камбудиҳо ошкор гардида бошанд, ки онҳоро дар мӯҳлатҳои муайян (кӯтоҳ) бо роҳи анҷом додани тадбирҳои амалӣ барҳам доданашон мумкин бошад, аз аттестатсияи аввалин (шартан) гузашта ва аз нав аттестатсияшаванда;
- агар муассисаи таълимӣ вазифаҳояшро дар бобати тайёр намудани таълимгирандагон мувофиқи Стандарти давлатии маълумот ва низомномааш иҷро накарда бошад, аз аттестатсия нагузашта ҳисобида мешавад;
- оид ба барҳам додани муассисаи таълимӣ, аз нав ташкил кардани он, маҳдуд ва ё васеъ намудани фаъолияташ таклифҳо пешкаш менамояд.
14. Лоиҳаи қарор дар бораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ ба муҳокимаи мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мушовараи якҷояи Вазорати маориф, вазорату идораҳои соҳавӣ, шӯроҳои идораи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии маориф, лоиҳаи фармон дар бораи додани литсензия мутаносибан ба Вазири маориф, сардори идора, мудири шӯъбаи маориф пешниҳод карда мешавад.
15. Ба муассисаи таълимие, ки аз аттестатсия мусбат гузаштааст, барои 5 сол литсензия (бо замимааш) дар бораи тайёр намудани мутахассисон ё пешбурди фаъолияти таълимӣ дода мешавад, ки намунаашро Вазорати маориф тасдиқ кардааст.
16. Муассисаи таълимие, ки аз аттестатсия шартан гузаштааст, аз тарафи мақомоти бевосита ба он роҳбарикунанда сабабҳои миқдоран ва сифатан ба талабот мувофиқ накардани тайёрии умумӣ ва касбии таълимгирандагонро ҳаматарафа таҳлил намуда, якҷоя бо Вазорати маориф баҳри бартараф кардани нуқсонҳои мавҷуда тадбирҳо андешида, онҳоро амалӣ мегардонад ва баъд аз ду сол аттестатсияи такрорӣ гузаронида мешавад.
17. Агар муассисаи таълимӣ аз аттестатсия гузашта ҳисобида нашавад, пас Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати на зиёда аз се моҳ дар бораи табдилдиҳӣ, тағйир додани номгӯи ихтисосҳо ё барҳам додани муассисаи таълимӣ, вобаста ба хулосаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ қарори дахлдор қабул мекунад ва ё ба таври муқарраршуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд.
18. Муассисаи таълимии аз аттестатсияи давлатӣ гузашта тибқи Низомнома дар бораи аккредитатсияи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати маориф тасдиқ кардааст, барои аз аккредитатсия гузаштан ба комиссияҳои аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳо ё шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ муроҷиат менамояд.
19. Аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ муайян намудани мақоми он аз рӯи намуд (муассисаи таълимӣ) ва шакли он (донишгоҳ, академия, донишкада, коллеҷ, литсей, гимназия, интернат ва ғайра) вобаста ба имконияти муассиса ҷиҳати татбиқи барномаҳои тахассусӣ, мувофиқати мазмун ва сифати раванди таълим ба талаботи стандартҳои давлатии маълумот ва ҳуқуқи ба хатмкунандагон додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ мебошад.
Аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимиро бо ҷузъҳои таркибиашон, новобаста ба шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, комиссияи давлатии аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад.
Аккредитатсияи муассисаҳои таълимии мақоми маҳаллидоштаро мутобиқан комиссияи давлатии аккредитатсионии идораҳои маорифи вилоятӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, мегузаронанд.
20. Ба ҳайати комиссияи давлатии аккредитатсионӣ муовини Вазири маориф, сардори Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф, сардори Идораи маълумоти миёна ва олии касбӣ, сардори Идораи маълумоти ҳамагонӣ, сардори Идораи банақшагирӣ ва иқтисод, намояндагони дигар вазорату кумитаҳои дахлдор шомил мегарданд.
Ҳайати комиссияи аккредитатсионии идораҳои маорифи вилоятӣ ва шӯъбаҳои шаҳрию ноҳиявиро идораю шӯъбаҳои марбута дар асоси Низомнома оид ба аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, муайян мекунанд.
Комиссияи аккредитатсионии давлатӣ мақом, шакл ва намуди муассисаи таълимиро вобаста ба

талаботи нисбати он пешниҳодшуда муайян месозад.
21. Ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои ба аккредитатсия вобастабударо роҳбарияти муассисаи таълимӣ пас аз як моҳи қабули қарори мусбати мушовараи Вазорати маориф ё мушовараи якҷояи Вазорати маориф, вазорату идораҳои соҳавӣ ва қарори мушовараи идораҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ё Шӯрои шӯъбаҳои маорифи ноҳиявӣ оид ба натиҷаи аттестатсия ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳою шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ ва шаҳрӣ пешниҳод карда метавонад.
Агар филиали муассисаи таълимӣ то пешниҳоди аризаи муассисаи таълимии марказӣ оид ба аккредитатсия аз аттестатсия гузашта бошад, он гоҳ аккредитатсияро дар якҷоягӣ бо ин муассиса мегузарад.
22. Бо мақсади муайян кардани дурустии иттилоот аз ҷониби муассисаи таълимӣ доир ба аккредитатсия пешниҳодшуда ва муқаррар кардани мақоми муассисаи таълимӣ мумкин аст, комиссияи салоҳиятнок иборат аз 5 - нафар таъсис дода шавад, ки дар давоми як ҳафта дар таълимгоҳ кор карда, ба комиссияи аккредитатсионӣ хулосаро оид ба муассисаи таълимии аккредитатсияшаванда пешниҳод менамояд.
23. Бо назардошти муҳокима ва тавсияи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф комиссияи аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми муассисаи таълимӣ, номгӯи ихтисосҳои аз аккредитатсия гузаштаро муайян карда, оид ба додани нусхаи муқарраршудаи шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ бо замимааш қарор қабул мекунад ва бо қарори мушовараи Вазорати маориф тасдиқ карда мешавад. Ба муассисаи таълимии аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ дода мешавад, ки намунаашро Вазорати маориф тасдиқ кардааст. Дар шаҳодатнома мақоми муассисаи таълимӣ (донишгоҳ, академия, донишкада, коллеҷ, гимназия, литсей, интернат ва ғайра) муайян карда мешавад. Варақаи шаҳодатнома оид ба аккредитатсия бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Аккредитатсияи навбатии муассисаи таълимӣ аз рӯи муқаррарот баъди аттестатсия дар 5 сол як маротиба гузаронида мешавад.
24. Дар сурати қабули қарор оид ба мувофиқат накардани муассисаи таълимӣ ба мақоми пешниҳодшудааш оид ба надодани шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ дар муддати 2 ҳафта ба муассисаи таълимӣ расман хабар дода мешавад. Дар ин сурат муассисаи таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки дар давоми як сол баъди бартараф кардани камбудиҳо ба комиссияи аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан аз аккредитатсияи давлатӣ муроҷиат намояд.
Дар сурати барҳам хӯрдан ё аз нав ташкил кардан, тағйир ёфтани мақоми муассисаи таълимӣ, шаҳодатнома доир ба аккредитатсияи давлатии қаблан додашуда эътиборашро гум мекунад.
25. Пардохти масрафи кори аттестатсионӣ, аккредитатсионӣ ва литсензиядиҳӣ (ба ғайр аз мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии давлатӣ, муассисаҳои томактабӣ ва беруназмактабии давлатӣ) аз тарафи муассисаҳои таълимии арзёбишаванда то саршавии амалиёт ба амал бароварда мешавад. Вазоратҳо, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳое, ки дар ихтиёрашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ҳангоми тарҳрезии буҷет ин масрафро дар асоси харҷномаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои пешбинишаванда ба инобат мегиранд. Маблағҳои мазкур мувофиқи тартиботи муқарраарнамудаи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон харҷ карда мешаванд.
Литсензия фақат баъди пардохти маблағи кори литсензионӣ, аттестатсионӣ, аккредитатсионӣ ба муассисаи таълимӣ дода мешавад.

**Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**№ 3/4 аз 08 феврали соли 2006 тасдиқ шудааст**

## ДАСТУРАМАЛИ
## қабули духтарон ва писарон ба мактабҳои олӣ (беимтиҳон) тибқи квотаи Президентӣ

1. Дастурамали қабули духтарон ва писарон ба мактабҳои олӣ (беимтиҳон) тибқи квотаи Президентӣ (минбаъд Дастурамал) дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31

январи соли 2006 тахти №58 «Дар бораи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» бо мақсади таъмин намудани минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ бо мутахассисони маълумоти олидор аз ҷумлаи духтарону писарон ва ба низом даровардани чараёни қабул ба мактабҳои олӣ аз рӯи квотаи Президентӣ барои солҳои 2006-2010 таҳия гардидааст.
2.Қабули донишҷӯён тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.
3.Тадбирҳо оид ба интихоби касб, тартиби интихоб ва гузаронидани сӯҳбату озмунҳо дар бораи қабули донишҷӯён тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ вазифаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, ки дар тобеияташон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, воҳидҳои сохтории дахлдори онҳо ва мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.
4.Қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Шӯрои омӯзгории мактаб (агар аз хатми мактаби таҳсилоти умумӣ мӯҳлат гузашта бошад, ба ҷойи қарори Шӯрои омӯзгории мактаб, қарори Шӯрои меҳнатии ҷойи кори охирин пешниҳод мешавад), ҳуҷҷатҳои хатми мактаби таҳсилоти асосию умумӣ (синфҳои 9-11), тавсияи шӯъбаи маорифи ноҳия ва роҳхати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда мешавад (аз хатми мактаби таҳсилоти умумӣ набояд аз 4 сол гузашта бошад);
4.1.Довталабон хатмкардаи мактабҳои таҳсилоти умумии маркази шаҳру ноҳия набошанд.
4.2.Довталабоне, ки 2 соли охир аз шаҳри Душанбе ба дигар шаҳру ноҳияҳо рафта, синфҳои 10-11-ро дар мактабҳои таҳсилоти умумии ин ноҳияҳо хатм намудаанд, ба озмун роҳ дода намешаванд.
4.3.Довталабоне, ки омӯзишгоҳҳои педагогӣ, тиббӣ ва дигар таълимгоҳҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро хатм кардаанд ва бевосита дар истеҳсолот кор мекунанд, бо қарори Шӯрои меҳнатӣ ва роҳхати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тавсия карда мешаванд.
4.4.Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳар як ҷойи пешбинишуда ҳуҷҷатҳои на камтар аз се довталаб (ба ихтисосҳои соҳаи санъат ва варзиш аз 3 то 5 довталаб)-ро ба комиссияи озмуни қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳисоби кормандони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурӣ ташкил карда мешавад, пешниҳод менамояд.
4.5.Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идора ва шӯъбаҳои маорифи ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо рӯзи озмуни қабули донишҷӯёнро ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, барои мувофиқа ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.
4.6.Сардорони идораҳои маорифи вилоятҳои Хатлон, Суғд, ВМКБ, мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Рашт, ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва мудирони шӯъбаҳои маорифи дигар шаҳру ноҳияҳо барои гузаронидани озмун ҷиҳати қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази вилоятҳо (шаҳрҳои Хоруғ, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа), маркази ноҳияи Рашт (ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Ҷиргатол, Тавилдара) ва Донишкадаи марказии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ( шаҳру ноҳияҳои Роғун, Файзобод, Ваҳдат, Рӯдакӣ, ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, Варзоб) ҷойи гузаронидани сӯҳбатҳоро муайян намоянд.
4.7.Комиссияҳои қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи зербанди 4.4 дар рӯзҳои муайянгардида бо иштироки намояндаҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сӯҳбат ташкил карда, аз натиҷааш довталабро баъди 5 соати ба анҷом расидани сӯҳбатҳо огоҳ месозад.
5.Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти гузаронидани сӯҳбатҳоро барои қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз тобеияти идоравӣ зери назорат мегирад ва барои иштирок дар вақти сӯҳбат тибқи фармон намояндагони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро таъйин менамояд.
5.1.Протоколи сӯҳбат ва хулосаи комиссия ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ барои қабули довталаб ба

мактаби олӣ пешниҳод карда мешавад.
6.Натиҷаи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи сӯҳбат эълон гардида, 20 июл фармони ректор оид ба қабули донишҷӯён ба курси якуми мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баровар да мешавад.
7.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 10-уми август оид ба натиҷаи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазоратҳои маориф ва иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи хаттӣ пешниҳод менамоянд.
7.1.Натиҷаи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи октябр дар мушовараи васеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндаи Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима карда мешавад.
8.Духтарону писароне, ки ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд (танҳо дар шӯъбаи рӯзона таҳсил менамоянд), аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар гузаронида намешаванд. Ҳамчунин аз шӯъбаи рӯзона ба шӯъбаи ғоибона гузаштан танҳо дар ҳолате амалӣ гардонида мешавад, ки донишҷӯ (аз курси 2-юм) дар риштаи омӯзгорӣ таҳсил намуда, баъди гузариш дар маҳалли зисташ ба фаъолияти педагогӣ машғул шавад. Ин амал бояд дар асоси дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва пешниҳоди шӯъбаи маорифи ноҳия сурат гирад.
9.Фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва ҳамчунин ҷамъиятии донишҷӯён дар Шӯрои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон соле як маротиба муҳокима гардида, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои мушаххас андешида мешавад.
10. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо довталабоне, ки аз озмун барои ноил шудан ба роҳхати квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштаанд, созишномаи сеҷониба бо муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯ ба имзо мерасонанд. Тибқи ин созишнома донишҷӯ баъди хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳамон ноҳияе, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсил дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ фаро гирифта шудааст, ба кор фиристода мешавад. Дар мавриди иҷро нагардидани бандҳои ин созишнома маблағи таҳсил аз тарафи донишҷӯ ба буҷаи давлат баргардонида мешавад.
10.1 Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи имконият ба таҳсили донишҷӯён аз лиҳози моддию маънавӣ дастгирӣ намуда, се моҳ пеш аз хатми таҳсил ҷойи кор ва шароити онҳоро муайян менамояд.
11.Бо мақсади омӯзиши вазъи таълим ва шароити зисти донишҷӯёне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактабҳои олии Ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд, комиссияи муштараки вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, ки дар сохторашон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, таъсис дода мешавад.
11.1.Комиссияи муштарак дар сурати зарурат вазъи таълим ва шароити зисти донишҷӯёнеро, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд, дар маҷлиси Шӯрои ҳамоҳангсози муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима менамоянд.
12.Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти олии касбидошта донишҷӯёнеро, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд, бо хобгоҳ таъмин намуда, барои таҳсил ва зисти онҳо шароити мувофиқ фароҳам меоваранд.
13.Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, ки дар сохторашон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, баъди ҳар як сессияи санҷишӣ-имтиҳонӣ оид ба рафти иҷрои нишондодҳои квотаи Президентӣ ба Шӯрои ҳамоҳангсози муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи хаттӣ пешниҳод менамоянд.

**БОБИ II**

**Низомнома ва дастурамалҳо**

Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 апрели соли 2003 №8/7 тасдиқ шудааст

**НИЗОМНОМА**
**оид ба литсензионидани муассисаҳои таълимии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1.1.Низомномаи мазкур мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.02.2003 №54 «Дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақсад, самт, мундариҷа, ташкил ва тартиби литсензионии муассисаҳои томактабӣ, мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, гимназия, литсей, муассисаҳои махсуси таълиму тарбия, таълимгоҳҳои шахсӣ, ширкатӣ, мактабҳои ғайридавлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои таълимии беруназмактабӣ, муассисаҳои таълимии муштараки байналмилалӣ, муассисаҳои таълимии хусусӣ (аз ҷумла, муассисаҳои таълимие, ки аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ таъсис ёфтаанд), муассисаҳои таълимии вазорату идораҳои қудратӣ, Маркази ҷумҳуриявии корҳои беруназмактабӣ, муассисаҳои таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ, донишкадаҳои такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, коллеҷҳо, мактабҳои миёнаи касбӣ ва олӣ, аспирантура, докторантура, курсҳо, факултаҳо ва ғайра (минбаъд муассисаҳои таълимӣ), ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба шакли моликият ва тобеияти идоравиашон ҷойгиранд, муайян менамояд.

Тибқи Низомнома ба муассисаҳои таълимии зикргардида барои ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ литсензия дода мешавад.

1.2.Дар Низомнома зери мафҳуми литсензионидани муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани экспертиза (ташхис), таҳлил, ҷамъбасти он, қабул кардани қарору фармонҳо вобаста ба мақоми муассисаҳои таълимӣ оид ба додани литсензия дар бораи соҳиб шудан ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимии муассисаҳои таълимӣ фаҳмида мешавад.

1.3.Литсензионидани муассисаҳои таълимӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.02.2003 таҳти №54 «Дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи мазкур гузаронида мешавад.

1.4.Литсензионидани муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳурияви-дошта: мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гимназия, литсейҳо (аз ҷумла, гимназия ва литсейҳои назди мактабҳои олӣ, коллеҷҳо ва муассисаҳои таълимии маълумоти миёнаи касбӣ), муассисаҳои махсуси таълиму тарбия, таълимгоҳҳои шахсӣ, ширкатӣ, мактабҳои ғайридавлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои таълимии беруназмактабӣ, муассисаҳои таълимии муштараки байналмилалӣ, муассисаҳои таълимии хусусӣ (аз ҷумла, муассисаҳои таълимие, ки аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ таъсис ёфтаанд), муассисаҳои таълимии вазорату идораҳои қудратӣ, Маркази ҷумҳуриявии корҳои беруназмактабӣ, муассисаҳои таълимии маълумоти миёнаи касбӣ, донишкадаҳои такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, коллеҷҳо, мактабҳои олӣ, аспирантура, докторантура, курсҳо) ва ғайраҳо новобаста ба шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, аз тарафи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пулакӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.

1.5.Муассисаҳои таълимие, ки дар тобеияти вилоят, шаҳр ва ноҳия:

- муассисаҳои томактабӣ, маркази корҳои тарбиявии беруназмактабӣ, интернатҳо, литсею гимназияҳо, мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, курсҳо ва ғайраҳо (ба истисноӣ таълимгоҳҳои бо ширкати шаҳрвандони хориҷӣ таъсисёфта) муайян гардидаанд, аз тарафи Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи аризаи

муассисаи таълимӣ ё муассисон (ба ғайр аз мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии давлатӣ, муассисаҳои томактабӣ ва берунazмактабии давлатӣ) пулакӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.
1.6.Литсензионидани филиалҳои муассисаҳои таълимӣ бо тартибе, ки Низомномаи мазкур муқаррар кардааст, гузаронида, ба онҳо литсензияи алоҳида дода мешавад. Барои бақайдгирии филиал аз рӯи суроғаи аниқ, нусхаи қарордод доир ба таъсиси филиал дар асоси Низомномаи тасдиқгардидаи филиал ба Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ маълумотномаи иловагӣ пешниҳод карда мешавад.
1.7.Тартиби муайян намудани нархнома барои гузаронидани ташхис, арзиши тайёр кардани варақаи литсензия, пардохти хароҷоти литсензиониро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, тасдиқ менамояд.
1.8.Пардохти маблағи кори литсензионӣ аз тарафи муассисаи таълимии арзёбишаванда то саршавии амалиёт дар асоси харҷномаи Идора ё ки шӯъбаҳо ва қарордоди дутарафа (муассисаи таълимӣ ва Идора ё шӯъбаҳои аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ) ба амал баровардa мешавад. Вазоратҳо ва ташкилотҳое, ки дар ихтиёрашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ҳангоми тарҳрезии буҷа ин маблағро бояд ба инобат гиранд.
1.9.Пардохти маблағи сафари хидматии комиссияҳои литсензионии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ давлатӣ, муассисаҳои томактабӣ ва берунazмактабии давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардашуда аз ҷониби шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, дар мавриди мавҷуд набудани хадамоти аттестатсионии дар асоси ҳисоби ҳоҷагӣ ташкилдодашуда ҳангоми тарҳрезии буҷа ба инобат гирифта мешавад.
1.10.Литсензия ба муассисаи таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта пас аз пешниҳод бо қарори Шӯрои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ, фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои муассисаҳои мақоми ҷумҳуриявӣ надошта бошад, пас аз пешниҳод бо қарори Идора ё шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар асоси нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти хароҷоти кори литсензионӣ дода мешавад.
1.11.Варақаи литсензия ва замимаи он аз рӯйи намунаи тасдиққардаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда мешавад. Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар варақаи литсензия номи Идора ва шӯъбаи маорифи литсензиядиҳандаро низ дарҷ менамоянд.
1.12.Варақаи литсензия аз ҷиҳати дараҷаи ҳифз баробари коғазҳои қиматнок буда, серия ва рақамҳои ҳисобии он зери назорати қатъӣ гирифта мешавад.
1.13.Тайёр намудан ва супоридани варақаҳои литсензионӣ ба муассисаҳои таълимии литсензионидашуда пас аз пардохти маблағи дар ҳарҷнома буда аз тарафи Идораи аттестасияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ (мақоми ҷумҳуриявинадошта) амалӣ карда мешавад.
1.14.Ба даст овардан, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории варақаи литсензионӣ аз тарафи муассисаи таълимии литсензияшаванда ба амал баровардa мешавад.
1.15.Ба муассисаҳои таълимие, ки мақоми ҷумҳуриявӣ доранд, варақаи литсензия аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба муассисаҳои боқимондаи таълимӣ аз ҷониби Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба имзо расида, бо мӯҳр тасдиқ карда дода мешавад. Дар замимаи литсензия низ мӯҳр гузошта, дар он номгӯи ихтисосҳо ва дигар маълумоти меъёрӣ нишон дода мешаванд. Литсензия бе замима эътибор надорад.
1.16. Нусхаи қарор доир ба ташкил, таъсис, Низомнома ва қайди филиал, ки бо тартиби муайянкардашуда тасдиқ карда шудааст, пешниҳод карда мешавад.
1.17.Таълимгоҳе, ки ҷузъҳои таркибӣ дорад, нусхаи Низомномаи алоҳидаи худро бо тартиби муайяни тасдиққардашуда, пешниҳод менамояд.
1.18. Муассисаҳои таълимии тобеи вазорату идораҳои қудратӣ, ки барои тайёр намудан, баландбардории такмили ихтисос ва аз нав тайёр кардани мутахассисони соҳа ва касбомӯзӣ машғуланд, барномаҳои таълимии бо вазорату идораҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқашудаpo пешниҳод менамоянд.
Барои ихтисосҳое, ки ба беҳатарии иттилоотӣ мансубанд, барномаҳои таълимӣ бо Вазорати алоқа мувофиқа карда мешаванд.
1.19.Намудҳои зерини фаъолияти таълимӣ литсензионида намешаванд:

а) лексияҳо, таҷрибаомӯзӣ, коромӯзӣ, семинарҳо ва дигар намудҳои омӯзиш, ки ҳуқуқи аз аттестатсияи ҷамъбастӣ гузаштан ва додани ҳуҷҷатҳоро доир ба маълумот ва дараҷаи тахассусӣ надоранд;
б) фаъолияти меҳнатии инфиродии омӯзгорон, аз ҷумла, дар соҳаи тайёрии касбӣ.
1.20.Ҳамаи ҳуҷҷатҳои литсензия, ки аз тарафи муассисаи литсензияшаванда ба Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ пешниҳод карда мешаванд, ба қайд гирифта шуда, то мӯҳлати дар литсензия нишондодашуда нигоҳ дошта мешаванд.
1.21.Моҳияти асосии литсензионидан аз характери давлатию ҷамъиятӣ доштан ва беғаразона будани он иборат аст.
1.22.Муассисаҳои таълимӣ ва беруназмактабии мақоми ҷумҳуриявинадошта аз тарафи идораҳои маорифи вилоятӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бо назардошти ҳуҷҷатҳои расмию меъёрӣ, илмию методии тавсиякардаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз экспертиза гузаронида шуда, литсензия дода мешавад. Бо мақсади муайян кардани сифати санҷиш Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад муассисаҳои таълимии литсензиягирифтаро интихобан аз нав санҷад.
1.23.Муассисаи литсензияшаванда мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки ҳуҷҷатҳои лозимиро пешниҳод намуда, барои ташхис шароити мусоид фароҳам созад.

**2.Мақсади литсензионидан**
2.1.Таъмин намудан ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи он барои гирифтани маълумоти ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот ҷавобгӯ, амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф, танзими давлатии раванди таълим ва тарбия дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», риояи тартиботи меъёрию ҳуқуқӣ аз тарафи муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон.
2.2.Ба вуҷуд овардани кафолати меъёрию ҳуқуқӣ аз тарафи муассисаи таълимӣ (новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ) доир ба таълиму тарбияи хонандагон. Тайёр намудани мутахассисони маълумоти миёнаи касбӣ, олӣ, маълумоти касбии баъд аз хатми мактаби олӣ ва ғайра аз рӯи ихтисосҳо ва самтҳо.
2.3.Баҳо додан ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ барои амалӣ гардонидани раванди таълиму тарбияи хонандагон, тарбиягирандагон, донишҷӯён, бакалаврҳо, мутахассисҳо, магистрҳо, коромӯзон, курсантҳо, (адюнктҳо, интернҳо, ординаторҳои бемористонҳо), аспирантҳо, докторантҳо, довталабони дарачаҳои илмии муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ. Шунавандагони шӯъбаҳои тайёрии мактабҳои олӣ, сохтори такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо ва ғайраҳо. Аз рӯи меъёрҳои давлатии маълумоти миёнаи умумӣ, маълумоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олӣ, касбии баъд аз хатми мактаби олӣ ба нишондодҳои стандартҳои давлатии маълумот, Низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилот ва Низомнома дар бораи литсензионидани муассисаҳои таълимӣ.
2.4.Муайян кардани шароити ба амал баровардани ҷараёни таълимӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот», стандартҳои давлатии таҳсилот, ки ба талаботи давлатӣ ва маҳаллӣ нисбат ба қоидаҳои сохтмонӣ, санитарию гигиенӣ, оташнишонӣ, ҳифзи саломатии муҳассилину кормандон, таҷҳизонидани бинои таълимию синфхонаҳо, лабораторияҳои таълимӣ ва умуман таъмини пояи моддию техникӣ, таълимию методӣ ва молиявӣ дар раванди таълим, дараҷаи маълумотнокии кормандони педагогӣ ва пуррагии ҷадвали кормандони асосӣ мувофиқат намояд.

**3.Вазифаҳои литсензионидан**
3.1.Ташхиси пояи моддию техникӣ, молиявӣ, таълимӣ, лабораторӣ, илмӣ, илмию методӣ, меъёрҳои санитарӣ ва гигиенӣ, оташнишонӣ, ҳайати кадрӣ (омӯзгорону профессорон, мураббиён), дараҷаи маълумотнокии онҳо ва пурра будани кормандони асосии муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо адабиёт ва дигар маводи таълимию методӣ, барномаҳои таълимии касбӣ. Муайян кардани имкониятҳо барои пеш бурдани раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои

таълимӣ бо назардошти талаботи меъёрии масъалаҳои номбурда.
3.2.Муайян кардани дараҷаи омодагии муассисаҳои таълимӣ доир ба тайёр намудани хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои беруназмактабӣ, мутахассисони маълумоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олидор аз рӯйи равияҳо ва ихтисосҳои пешбинишуда.
3.3.Аз рӯи натиҷаи ташхис тайёр намудани хулоса дар бораи муваффақият ва камбудиҳои муассисаи таълимии ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот ҷавобгӯ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимӣ, ба Низомномаи мазкур мувофиқат (хулоса, лоиҳаҳои қарори Шӯрои Идора ва фармони Вазорати маориф) намудани муассисаи таълимӣ ва ба он додани ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ. Ҳангоми мувофиқат накардани фаъолияти муассисаи таълимӣ ба санадҳои номбурда литсензия дода намешавад.

**4.Ташкил ва тартиби литсензионии муассисаҳои таълимӣ.**
4.1.Экспертизаро (ташхис) комиссияи литсензионии Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Идораи маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ки литсензиониданро ба зимма доранд, мувофиқи ҳамин Низомнома мегузаронанд.
4.2.Ба ҳайати комиссияи литсензионӣ экспертҳои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф, мутахассисони дастгоҳи Вазорати маориф, коркунони муассисаҳои илмӣ, томактабӣ, муаллимону олимон, кормандони мақомоти органҳои таълимию тарбиявӣ, такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, мутахассисони ташкилотҳои манфиатдоре, ки барои тайёр кардани кадрҳо фармоиш медиҳанд, намояндагони вазоратҳо, идораҳои соҳавӣ, намояндагони идораҳои шӯъбаҳои маориф ва ҳокимиятҳо дохил мешаванд.
4.3.Ба ҳайати комиссияи литсензионии муассисаҳои таълимӣ мақоми ҷумҳуриявинадошта, мутахассисони дастгоҳи Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, томактабӣ, муаллимони пешқадам, ҳокимият ва дигар намояндагони муассисаҳои дар банди 4.2 нишондодашуда, ки дар маҳалҳо фаъолият мекунанд, дохил мешаванд.
4.4.Раисии комиссияи литсензионӣ дар асоси пешниҳоди Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф ва фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи сардор ё муовинони сардор гузошта мешавад.
Ин вазифаро дар баъзе мавридҳо, ба таври истисно, метавонанд мудирони шӯъбаҳои аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намоянд.
4.5.Раисии комиссияи литсензионии муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявинадошта бо фармони сардори Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба зиммаи мудири шӯъбаи хадамоти аттестатсиони (агар таъсис дода шуда бошад), муовини сардори Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ё мудири кабинети методӣ ё шахсе, ки ба зиммааш кори аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии Идораю шӯъбаҳои номбурда вогузор карда шудааст, гузошта мешавад.
4.6.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ шахсоне, ки дар муассисаи литсензиягиранда фаъолият доранд, шомил шуда наметавонанд.
4.7.Раиси комиссияи литсензионӣ кори комиссияро ташкил карда, барои мӯътадил фаъолият намудани он шароити мусоид фароҳам меоварад, тамоми ҳуҷҷату маводи ба ташхиси литсензионӣ зарурбударо тайёр менамояд.
4.8.Муассис ва роҳбари муассисаи таълимии арзёбишаванда бо хулосаи комиссияи литсензионӣ ва қарорҳои Шӯрои ИАМТ, Идораю шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ шинос кунонида мешавад.
4.9.Литсензионидани филиалҳои муассисаҳои таълимӣ ба тартибе, ки ин Низомнома муқаррар кардааст, гузаронида шуда, ба онҳо литсензияи алоҳида дода мешавад.

**5.Қабули қарор оид ба додани литсензия.**
5.1.Комиссияи литсензионӣ оид ба самтҳои асосии фаъолияти муассисаи таълимии литсензионидашуда хулоса тайёр карда, аввал ба муҳокимаи ҷаласаи шӯъбаи дахлдори ИАМТ баъд ба Шӯрои Идора пешниҳод мекунад, ки вай дар навбати худ вобаста ба натиҷаи муҳокима

қарори дахлдор қабул карда, лоиҳаи фармонро тайёр менамояд.
5.2.Қарори қабулшудаи Шӯрои ИАМТ дар асоси хулосаи шӯъбаҳо ва лоиҳаи фармон барои тасдиқ ба Вазорати маориф пешниҳод карда мешавад. Баъди тасдиқи қарори Шӯро ва баровардани фармон ба муассисаи таълимӣ литсензияи Вазорати маориф бо замимааш дода мешавад. Дар замима меъёрҳои фаъолияти кори муассисаи таълимӣ оид ба тайёр намудани толибилмон муайян мегардад.
5.3.Комиссияи литсензионии муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявинадошта оид ба самтҳои асосии фаъолияти муассисаи таълимии литсензионидашуда хулоса тайёр карда, аввал ба муҳокимаи ҷаласаи шӯрои шӯъбаи хадамоти аттестатсионӣ (агар таъсис дода шуда бошад), ҷаласаи комиссияи литсензионӣ, баъд ба Шӯрои Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ пешниҳод менамояд, ки вай дар навбати худ вобаста ба натиҷаи муҳокима қарори дахлдор қабул карда, лоиҳаи фармонро тайёр мекунад.
Қарори қабулкардаи Шӯрои номбурда дар асоси хулосаи комиссияи аттестатсионӣ ва лоиҳаи фармон барои тасдиқ ба Идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ пешниҳод карда мешавад.
Баъди тасдиқи қарори Шӯро ва баровардани фармон ба муассисаи таълимӣ литсензия бо замимааш дода мешавад. Дар замима меъёрҳои фаъолияти кори муассисаи таълимӣ оид ба тайёр намудани толибилмон муайян мегардад.
5.4.Муассисаи таълимӣ танҳо баъд аз гирифтани литсензия ҳуқуқи қабул кардани хонандагону донишҷӯён ва пешбурди фаъолияти таълимиро пайдо мекунад.
5.5.Литсензия ҳуқуқи амалӣ гардонидани фақат он фаъолияти таълимиро медиҳад, ки дар он равия, сатҳи тайёрӣ, миқдори ниҳоии муҳассилин, мӯҳлат ва ғайраҳо зикр гардидааст.
5.6.Мақомоти идоракуни бевосита назоратро аз болои фаъолияти таълимгоҳҳои литсензиягирифта нисбат ба таъмин кардани иҷрои меъёрҳои дар замимаи литсензия сабтгардида ба амал мебарорад.
5.7.Ба шахсони ғайриҳуқуқӣ додани литсензия манъ аст.
5.8.Мӯҳлати пешакӣ баррасӣ гардонидани муҳокимаи ҳуҷҷатҳои барои литсензионӣ пешниҳодгардида аз рӯзи бақайдгирӣ набояд аз 20 рӯз зиёд бошад. Кори комиссияи литсензионӣ то як моҳ аз рӯзи таъсиси он давом мекунад. Қарор дар бораи додан ё рад кардани литсензия 2 ҳафта пас аз ба расмият даровардани хулосаи литсензионӣ қабул карда мешавад.
5.9.Ба муассисаҳои таълимии арзёбишаванда вобаста ба хусусиятҳои хос ва шаклҳои таълим ба мӯҳлати аз 1 то 5 сол литсензия дода мешавад.
5.10.Идораи литсензиядиҳанда литсензияҳои додашударо ба қайд мегирад, ки дар он:
а) маълумот дар бораи Идораи литсензионӣ, ки литсензияро додааст;
б) маълумот дар бораи муассисаи литсензионидашуда;
в) таърихи қабули қарор оид ба додани литсензия, рақами бақайдгирии он;
г) мӯҳлати эътибори литсензия;
д) асос ва таърихи қатъ намудан ва аз нав барқарор намудани эътибори литсензия дарҷ меёбанд.
5.11.Маълумотҳое, ки дар дафтари қайди литсензияҳо омадаанд, барои шинос шудани шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дастрас мебошанд. Роҳбари муассиса гирифтани нусхаи маълумотро аз дафтари қайди литсензияҳо доир ба муассисаи лозимӣ ҳуқуқ дорад.
5.12.Ба дигар муассисаи таълимӣ, инчунин дар асоси литсензияи муассисаи таълимӣ фаъолият намудани филиали он, манъ аст.
5.13.Муассисаҳои таълимие, ки бе литсензия фаъолият мекунанд, (аз он ҷумла филиалҳои онҳо), дар назди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**6.Қоидаҳо оид ба эътибори литсензия.**
6.1.Дар сурати тағйир ёфтани номгӯй, самт ва ихтисосҳо, зинаи тайёркунии мутахассисон, мӯҳлати таҳсил, иваз шудани мақоми муассисаи таълимӣ ва дигар талаботи меъёрию назоратӣ литсензия эътиборашро гум мекунад.
6.2.Агар тағйирёбии шароити ба амал баровардани раванди таълим боиси вайронкунии нишондиҳандаҳои дар замима сабтгашта гардад, он гоҳ таълимгоҳ (муассиси он) дар ин бобат ба ИАМТ ва дигар идораю шӯъбаҳои марбута ҳуҷҷатҳои мувофиқро барои экспертизаи иловагӣ

пешниҳод мекунад.
6.3.Агар муассисаи таълимӣ иҷрои талабот ва меъёрҳои назорати дар замимаи литсензия нишондодашударо таъмин нанамояд ва ба вайрон кардани онҳо роҳ диҳад, он гоҳ литсензия аз ҷониби ИАМТ ва дигар идораю шӯъбаҳои маориф баргардонида гирифта мешавад. Аз нав барқароркунии литсензия бо тартибе, ки он дода шуда буд, ҳамон тавр ба амал бароварда мешавад.
6.4.Дар чунин ҳолатҳо ба муассисаи таълимӣ литсензия дода намешавад:
а) дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида сабт шудани факту рақамҳои носаҳеҳ ё нодуруст;
б) мувофиқ набудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодкарда бо талаботҳои замимаи Низомномаи мазкур;
в) хулосаи манфии комиссияи литсензионӣ оид ба шароити пешниҳоднамудаи муассисаи литсензияшаванда барои татбиқ кардани ҷараёни таълим, ки ба талаботҳои Стандарти давлатӣ ҷавобгӯ нестанд.
6.5. Дар сурати гум кардани литсензия муассисаи таълимӣ барои гирифтани литсензияи такрорӣ ба муассисаи литсензиядиҳанда муроҷиат мекунад. Литсензияи такрорӣ тибқи қарорҳои қаблан қабулшуда дода мешавад.
6.6.Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:
а) фаъолияти таълимгоҳро оид ба амалигардонии талаботи дар замимаи литсензия нишондодашуда зери назорат гирад;
б) оид ба вайронкунии талаботҳои литсензия, ки дар натиҷаи тафтиши назоратӣ ошкор шудааст, ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи муфассал пешниҳод намояд;
в) оид ба ислоҳи хатою камбудиҳои роҳдодашуда қарор барорад, таълимгоҳ ва муассиси онро оид ба бартараф намудани камбудиҳо вазифадор намояд;
г) ҳангоми вайрон кардани шарт ва талаботҳои дар замимаи литсензия нишондодашуда, аз ҷониби таълимгоҳ ислоҳ накардани камбудиҳою норасоиҳои аз тарафи комиссияи литсензионӣ ошкоргардида ва ғайра. Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ, Идораю шӯъбаҳои маорифи литсензиядиҳанда эътибори литсензияро ба таври пурра ё муваққатан қатъ мегардонанд;
д) аз салоҳиятҳои худ, ки дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, истифода барад.
6.7. Додан ё рад намудани литсензия ба муассисаи литсензияшаванда бо нишондоди сабабҳо ба таври хаттӣ дар мӯҳлати 10 рӯз баъди қабул шудани қарори Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ расонида мешавад.
6.8. Дар ҳолати азнавбарқароркунии муассисаи таълимӣ, ки дар он ном, суроға ва дигар тағйирот ба амал наомадааст ва он боиси вайрон кардани нишондодҳои замимаи литсензия намегардад, ё худ ҳангоми гум шудани литсензия роҳбари таълимгоҳ ё шахси ӯро ивазкунанда дар давоми 15 рӯз барои аз нав гирифтани литсензия ариза ва ҳуҷҷатҳои заруриро ба Вазорати маориф пешниҳод менамояд.
Муассисаи таълимӣ дар асоси иҷозатномаи муваққатии муассисаи литсензиядиҳанда то расмӣ шудани литсензия фаъолияташро давом дода метавонад.
Аз рӯзи ба қайд гирифтани ариза дар давоми то 30 рӯз литсензия бе гузаронидани ташхис бояд ба расмият дароварда шавад.
6.9.Муассисаи таълимӣ метавонад дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани фаъолияти муассиса мувофиқи Қонун ба идораҳои дахлдор муроҷиат намояд.
6.10.Муассисаи таълимие, ки ихтисоси нав мекушояд, ё аз рӯйи барномаҳои нави таълимӣ амал мекунад, навобаста ба литсензия доштанаш, ҳуҷҷатҳоро оид ба ихтисоси нав барои ташхиси литсензионӣ ба Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.
6.11.Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ вазифадор аст, ки мӯҳлати ислоҳи камбудиҳоро, ки сабаби қатъ гардидани фаъолияти литсензия гаштааст, дар мувофиқа бо таълимгоҳ муайян кунад. Мӯҳлати ислоҳи камбудиҳо набояд аз 6 моҳ зиёд бошад. Дар сурати ислоҳ накардани камбудиҳо литсензия аз эътибор соқит дониста мешавад.
Ташкилотҳои литсензиядиҳанда ҳуқуқ доранд пурра ва ё қисман қатъ гардонидани амали литсензияро аз рӯйи барномаҳои алоҳидае, ки дар замимаи литсензия омадаанд, анҷом диҳанд.

6.12.Аз муассисаҳои таълимии литсензияшаванда талаб кардани ҳуҷҷатҳои иловагие, ки дар Низомномаи мазкур нишон дода нашудааст, манъ аст.
6.13.Агар дар муддати муқарраршуда аз ҷониби муассисаи таълимӣ камбудиҳои ошкоргардида ислоҳ нагарданд, ташкилоти литсензиядиҳанда вазифадор аст бо ариза дар бораи ба аз эътибор соқит намудани литсензия ба суд муроҷиат намояд.
Муассисаи литсензионидашаванда оид ба ислоҳи камбудиҳое, ки сабаби пеш аз мӯҳлат қатъ намудани

Идораи литсензиядиҳанда ҳуҷҷатҳои дахлдор ва ахбориро ба таври хаттӣ пешниҳод менамояд.
Идораи литсензиядиҳанда дар ин ҳолат вазифадор аст, ки дар мӯҳлати як ҳафта оид ба барқарор намудани фаъолияти муассисаи таълимии мазкур қарор қабул намуда, дар шакли хаттӣ муассисаи литсензияшаванда, муассиси он ва Идораи андозро, ки дар қаламрави хамин минтақа воқеъ аст, хабардор намояд.
6.14.Дар асоси аризаи литсензиядиҳанда суд метавонад литсензияро беэътибор ҳисобад, дар айни ҳол идораи литсензиядиҳанда ҳуқуқ дорад, ки аз рӯзи супоридани ариза ба суд то тасдиқ шуданаш амали литсензияро қатъ гардонад.
6.15.Барои беэътибор донистани литсензия инҳо асос шуда метавонанд:
а) дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида сабт шудани факту рақамҳои носаҳеҳ ё нодуруст;
б) аз тарафи муассисаи таълимии литсензияшаванда дағалонаю чандинкарата вайрон кардани талабот ва шартҳои дар замимаи литсензия нишондодашуда;
в) ғайриқонунӣ будани қарор дар бораи додани литсензия.
г) назорат аз болои иҷрои талабот ва шартҳои дар замимаи литсензия нишондодашуда ба зиммаи ташкилотҳои литсензиядиҳанда гузошта мешавад.
Барои гирифтани литсензия муассисаи таълимии литсензиягиранда ба идораи литсензиядиҳанда ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод менамояд. (замимаи 1)
Номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба литсензионидани муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
1.Аризаи муассиса барои гузаронидани ташхиси литсензионӣ (ҷ.1)
2.Нусхаи Оинномаи муассисаи томактабӣ, ки ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи муассисаҳои томактабӣ, Низомнома дар бораи муассисаи томактабӣ ҷавобгӯ бошад.
3. Нусхаи гувоҳнома дар бораи аз қайд гузаштани муассисаи томактабӣ.
4.Нусхаҳои тасдиқгардидаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи молик ба истифода бурдани биноҳо.
5.Хулосаи хадамоти санитарию эпидемиологӣ ва оташнишонӣ дар хусуси ҷавобгӯ будани бино ба талаботҳои меъёрӣ, масоҳати умумӣ ва таълимии муассисаи томактабӣ.
6.Нусхаи шиносномаи техникии муассисаи томактабӣ.
7.Маълумотнома дар бораи таъминоти моддию техникӣ (мебел, васоити техникӣ, асбобу анҷом, таҷҳизот, зарфҳо, бозичаҳо ва ғайраҳо), таҷҳизонидани ҷараёни педагогӣ. (ҷ.2)
8.Нусхаи шартнома дар бораи таъсиси хизмати тиббӣ ва таъмини хӯроки кӯдакон.
9.Маълумотнома дар бораи барномаҳои тарбиявӣ ва фаннии кӯдакон дар муассисаи томактабӣ. (ҷ.3)
10.Маълумотнома дар бораи таъминоти кадрии муассисаи томактабӣ. (ҷ.4)
11.Мактуби кафолатӣ дар бораи пардохти маблағи ташхиси литсензионӣ (барои муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ).
Номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба литсензионидани мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои беруназмактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
1.Аризаи муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ё муассисаи беруназмактабӣ. (ҷ.5)
2.Нусхаи тасдиқкардашудаи Низомнома ва Оинномаи муассисаи таълимӣ ё муассисаи беруназмактабӣ бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».
3.Нақша ва барномаҳои таълимии муассисаи таълимӣ мутобиқи талаботи Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ. (ҷ.6)
4.Маълумот дар бораи масоҳати бинои истифодашаванда. (ҷ.7.)
5.Нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифода кардани биноҳо.
6.Хулосаи хадамоти санитарию эпидемиологӣ, оташнишонӣ дар бораи ба самтҳои пешбарандаи

раванди таълим мувофиқ будани бино.
7.Маълумот дар бораи бо адабиёт ва таҷҳизоти таълимӣ таъмин будани раванди таълим. (ҷ.8)
8.Маълумот дар бораи бо кадрҳо таъмин будани раванди таълим. (ҷ.9)
9.Мактуби кафолатӣ дар бораи пардохти маблағи ташхиси литсензионӣ.
Номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба литсензионидани муассисаҳои таълимии маълумоти миёнаи касбӣ.
1.Аризаи муассис ва роҳбари муассисаи маълумоти миёнаи касбӣ барои гузаронидани санҷиши литсензионӣ. (ҷ.10)
2.Нусхаи Оинномаи муассисаи маълумоти миёнаи касбӣ, мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».
3.Нусхаи гувоҳнома дар бораи аз қайд гузаштани муассисаи таълимии маълумоти миёнаи касбӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ.
4.Нақшаи таълимӣ ва барномаҳои таълимии фаннӣ аз рӯи самту ихтисосҳо.
5.Маълумот дар бораи ҷузъҳои таркибии муассисаи таълимӣ, теъдоди таълимгирандагон ва омӯзгорон. (ҷ.11)
6.Маълумот дар бораи масоҳате, ки муассисаи таълимии касбӣ истифода мебарад. (ҷ.12)
7.Нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифода кардани биноро тасдиқ мекунад.
8.Хулосаномаи хадамоти санитарию эпидемиологӣ ва оташнишонӣ оид ба истифода мувофиқ будани биноҳои таълимӣ.
9.Маълумот дар бораи адабиёти таълимӣ ва бо таҷҳизотҳои техникӣ таъмин будани раванди таълим аз рӯи ихтисосҳо. (ҷ.13)
10.Маълумот дар бораи бо кадрҳо таъмин будани раванди таълим мувофиқи ихтисосҳо. (ҷ.14)
11.Маълумот дар бораи маблағҳои муассисаи таълимии касбӣ ва арзиши таҷҳизот.
12.Мактуби кафолатӣ дар бораи пардохтани маблағи ташхиси литсензионӣ.
13.Дар ҳолате ки муассисаҳои таълимии касбии ғайридавлатӣ таҷҳизот, фонд, бинои (зали) китобхона, муассисаҳои соҳаи маишӣ-иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои муассисаҳои таълимии давлатиро дар шакли иҷора ё якҷоя истифода мебаранд, ба маҷмӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ҳамчунон розигии муассисаи таълимии давлатӣ низ бояд илова гардад.
Номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба литсензионидани муассисаҳои таълимии олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
1.Аризаи муассис ва роҳбари муассисаи таълимӣ. (ҷ.15)
2.Нусхаи Оинномаи муассисаи таълимӣ ва ҷавобгӯ будани он ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (моддаҳои 8,9,10) ва Низомномаи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3.Нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба таъсис ва бақайдгирии муассисаи таълимӣ.
4. Нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии фанҳо мувофиқи самт, ихтисосҳо ва зинаҳои таълим.
5.Маълумоти пурра дар бораи сохтори муассисаи таълимӣ, теъдоди қабули толибилмон аз рӯи самт ва ихтисос. Шумораи умумии донишҷӯён. Маълумоти умумӣ дар бораи таъминоти мактаби олӣ бо кормандони таълимию ёрирасон ва хоҷагию маъмурӣ (ҷ.16).
6.Маълумот дар бораи масоҳати умумии муассисаи таълимии олӣ (бо овардани масоҳати ҷузъҳои алоҳида (ҷ.17).
7.Нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи майдонҳои умумии таълимии (бо овардани ҷузъҳои алоҳида) муассисаи маълумоти олӣ.
8.Хулосаи хадамоти санитарию эпидемиологӣ ва оташнишонӣ дар бораи мувофиқ будани бинои таълимии макотиби олӣ барои ташкили раванди таълим.
9.Маълумот дар бораи таъмини раванди таълим бо адабиёт, китобҳои дарсӣ, маводи таълимию методӣ (мувофиқи самт ва ихтисосҳо) ва таҷҳизотҳои техникӣ (ҷ.17.).
10. Маълумот дар бораи таъминоти кадрии раванди таълим (мувофиқи самт ва ихтисосҳо) (ҷ.18.).
11.Маълумот дар бораи ҳолати молиявии муассисаи таълимӣ, мол ва маводи арзишноки муассиса (ҷ.19).
12.Мактуби кафолатӣ оид ба пардохти маблағи ташхиси литсензионӣ.
Ҳуҷҷатҳо оид ба литсензионидани муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ:
1.Аризаи муассисон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ барои гузаронидани санҷиши (экспертизаи) литсензионӣ (ҷ.20).

2.Нусхаи Низомнома, Оинномаи муассисаи таълимӣ мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».
3.Нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии муассисаи таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ.
4.Нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии фаннӣ аз рӯи самту ихтисосҳо.
5.Маълумоти умумӣ дар бораи сохтор ва ҷузъҳои таркибии муассисаи таълимӣ, теъдоди таълимгирандагон ва омӯзгорон (ҷ.21).
6.Маълумот дар бораи биноҳои таълимӣ, хобгоҳ, толорҳои варзишӣ, ки муассисаи таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ истифода мебарад (ҷ.22).
7.Нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифода кардани биноро тасдиқ мекунад.
8.Хулосаномаи Хадамоти санитарӣ-эпидемиологӣ ва органҳои давлатии сӯхторхомушкунӣ оид ба истифода мувофиқ будани биноҳои таълимӣ.
9.Маълумот дар бораи адабиёти таълимӣ ва бо таҷҳизот таъмин будани раванди таълим аз рӯи ихтисосҳо (ҷ.23).
10.Маълумот дар бораи бо нуқтаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии тиббӣ ва ғайра таъмин будани муассисаи таълимӣ.
11.Маълумот дар бораи бо мутахассисон таъмин будани раванди таълим, дараҷаи кормандони педагогӣ ва шартҳои ба кор гирифтани онҳо мувофиқи ихтисосҳо (ҷ.24).
12.Маълумот дар бораи маблағҳои муассисаи таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ ва арзиши таҷҳизот (ҷ.25).
13.Мактуби кафолатӣ барои пардохтани ҳаққи хизмати санҷишӣ (экспертизакунӣ).
14.Дар ҳолате ки муассисаҳои таълимии маълумоти ибтидоии касбии ғайридавлатӣ таҷҳизот, фонд, бино, китобхона ва дигар маводу воситаҳои муассисаи таълимии давлатиро дар шакли иҷора ё якҷо истифода мебаранд, ба маҷмӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ҳамчунин розигии муассисаи таълимии давлатӣ низ илова карда мешавад.
1.15.Барои пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо аз намунаи ҷадвалҳои дар замимаҳои 1-6 (барои мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ ва муассисаҳои беруназмактабӣ), 7-14 (барои муассисаҳои маълумоти миёнаи касбӣ), 15-19 (барои муассисаҳои таълимии олӣ), 20-28 (барои муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ) истифода карда мешавад.
**Эзоҳ**: Маркази ҷумҳуриявии корҳои беруназмактабӣ, маркази корҳои тарбиявии беруназмактабӣ, донишкадаҳои такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, аспирантура, докторантура, курсҳо ва ғайраҳо вобаста ба хусусиятҳои хоси муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ба ариза маводу ҳуҷҷатҳо мувофиқи номгӯи дар Низомномаи мазкур муқарраргашта пешниҳод карда мешавад.

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маорифи Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон аз 03 сентябри**
**с.2004 №18/8 тасдиқ шудааст**

## НИЗОМНОМА
## дар бораи аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Низомнома мақсад, принсип, вазифа ва тартиби гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.
1.2.Мақсади аттестатсия додани баҳои давлатӣ ба фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.
1.3.Принсипҳои асосии аттестатсия характери беғаразона, воқеӣ, мустақилият, ошкорбаёнӣ ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ҳамчунин, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи таҳсилоти олӣ мебошад.

1.4.Аттестатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаи 29-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.02.2003 таҳти рақами 54 «Дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҳамин Низомнома амалӣ карда мешавад.
1.5.Тамоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аттестатсия ҳатмӣ бояд гузаранд. Аттестатсияи онҳо дар асоси нақшаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи тасдиққардашудаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.
Муассисаҳои таълимие, ки дар асоси иҷозатнома фаъолият доранд ва барои гузаштан аз аттестатсия пеш аз мӯҳлати иҷозатнома ғайринавбатӣ хоҳиш менамоянд, бояд ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:
- ариза аз рӯи намуди пешниҳодгашта;
- нусха аз қарори Шӯрои илмӣ оид ба гузаронидани аттестатсия;
- нусхаи иҷозатномаи пешина ва ҳозира оид ба фаъолияти таълимӣ бо замимааш;
- шаҳодатномаи қайд;
- нусхаи Оиннома (барои филиал нусхаи Низомнома).
1.6.Аттестатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аспирантура, докторантура, магистратура, донишкадаҳои такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идорӣ, ба мақсади муайян намудани мувофиқати фаъолияти онҳо ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, қарорҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мактабҳои олӣ, дараҷаи мувофиқат намудани мактаби олӣ ё Коллеҷ бо мақоми он ва маълум намудани қудрати мактаби олӣ ё Коллеҷ дар тайёр намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳо аз тарафи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пулакӣ гузаронида мешавад.
1.7.Муассисаҳои таълимие, ки аз тарафи буҷаи давлатӣ ва ё маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, ҳангоми тарҳрезии буҷа бояд ин масрафро ба инобат гиранд.
1.8.Тамоми хароҷоти амалиёти аттестатсионӣ ва ҳайати комиссияи аттестатсионӣ аз тарафи муассис ё муассисаи таълимии олии аттестатсияшаванда то саршавии аттестатсия пардохта мешавад. Дар ҳолати сари вақт напардохтани маблағ, мувофиқи қарордод муассиса фоизи батаъхирмонии онро мепардозад.
1.9.Аттестатсияи аввалини муассисаи таълимии навтаъсис, филиали он ё мактаби олии дорои аккредитатсияи давлатӣ, ё ки аз рӯйи барномаҳои маълумоти алоҳида фаъолияткунанда баъди иҷозатномадиҳӣ мутобиқи аризаи муассисаи таълимӣ пас аз хатми донишҷӯёни аввалин, бо назардошти баохиррасии мӯҳлати меъёрии азхудкунии барномаҳои таҳсилот, тибқи муқаррароти Стандарти давлатии таҳсилот амалӣ карда мешавад.
1.10.Агар филиали мактаби олӣ раванди таълимро аз рӯйи барномаи таълимӣ пурра амалӣ гардонад ва аттестатсияи давлатии ниҳоии хатмкунандагонро гузаронад, дар ин сурат аттестатсияи он алоҳида гузаронида мешавад. Дар сурати аз рӯйи барномаи таҳсилоти пурра амалӣ нагардонидани раванди таълим аттестатсияи филиали муассисаи таълимӣ дар якҷоягӣ бо худи ҳамон мактаби олӣ гузаронида мешавад.
1.11.Аттестатсия ба фаъолияти 5-солаи коллективи мактаби олӣ ё Коллеҷи дар сохтори мактаби олибуда, баҳои давлатӣ дода, масъалаи ҳуқуқи давом додани раванди таълимро оид ба тайёр намудани мутахассисон аз рӯйи самтҳо ва ихтисосҳои мушаххас ҳаллу фасл мекунад. Муассисаи таълимӣ метавонад баъди аз аттестатсия гузаштан, барои гузаштан аз аккредитатсияи давлатӣ ба комиссияи давлатии аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани мақоми худ муроҷиат намояд.
1.12.Вобаста ба натиҷаи аттестатсия муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба тарғиб ва ташвиқи технологияи нави пешқадами таълим чораҳо андешида, якҷоя бо дигар сохторҳои Вазорати маориф оид ба инкишофи минбаъдаи муассисаҳои таълимии олии касбӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо таҳия мекунад.
1.13.Ҳангоми дар фаъолияти таълимии мактаби олӣ ба амал омадани тағйироти зерин Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ метавонад оид ба беэътибор донистани иҷозатномаи муассисаи таълимӣ ба Вазорати маориф лоиҳаи қарорро пешниҳод намояд:
а) дигар намудани номи муассиса, самт ва ихтисосҳо;
б) гузаштан аз як зинаи таълим ба зинаи дигар;
в) иваз шудани мақоми муассисаи таълимӣ;
г) дар мӯҳлати муқарраргардида бартараф накардани камбудиҳои аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ пешниҳодшуда;
д) иваз шудани суроғаи муассисаи таълимӣ, ба бинои нав ё ба дигар шаҳру ноҳия кӯчидани он.
Баъди тасдиқ шудани қарори Идора иҷозатномаи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ эътиборашро гум мекунад ва муассиса мувофиқи тартиботи маъмул аз нав аз аттестатсия мегузарад.

## 2.ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ АТТЕСТАТСИЯ:

2.1.Баҳо додан ба татбиқи мақсадноки сиёсати ягонаи давлат дар соҳаи маориф, таъмини сатҳи таҳсилот ва сифати тайёр намудани мутахассисон дар мактаби олӣ.
2.2.Баҳо додан ба фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, иҷро кардани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои давлатӣ, ӯҳдадориҳои шартномавӣ, фармону қарорҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқие, ки ба мактабҳои олӣ ва коллеҷҳо тааллуқ доранд.
2.3.Таъмини татбиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ.
2.4.Таҳлили ҳаматарафаи сифати тайёр намудани мутахассисон, ҳайат, дараҷа ва таъмин будан бо кадрҳои илмию педагогӣ ва адабиёти таълимӣ (мувофиқи самтҳо ва ихтисосҳо), баҳо додан ба фаъолияти ташкилии тамоми ҷараёни таълиму тарбия, муайян намудани самаранокии тадқиқотҳои илмӣ, ҳолати заминаи моддию техникӣ, таъминоти таълимию методӣ ва фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ.
2.5.Иҷозат додан ё надодани раванди таълим ба муассисаи таълимӣ оид ба тайёр намудани мутахассисон дар асоси далелҳое, ки аз натиҷаи аттестатсия бармеоянд.
2.6.Пешниҳоду тавсияҳо ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои бартараф намудани норасоиҳои дар фаъолияти онҳо ошкоргардида ва дастгирӣ кардани ташаббуси ояндадори эҷодӣ.
2.7.Аттестатсияи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ характери комплексӣ дошта, як қисми асосии системаи ягонаи назорати давлатии соҳаи маориф ба шумор рафта, баҳодиҳии сифати масъалаҳои:
- фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию тадқиқотӣ, истеҳсолӣ, эҷодӣ, маъмурию хоҷагӣ ва молиявию иқтисодӣ;
- кадрҳои илмию педагогӣ;
- заминаи моддию техникӣ (бино ва иншоот, таҷҳизоти ҷойҳои корӣ, васоити техникии таълим, базаи табъу нашр, захираи адабиёт) ва ғайра;
- ҷузъҳои сохтори муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ (филиалҳо, ҷойҳои таълимию дастурдиҳӣ, факултаҳо, кафедраҳо, лабораторияҳо, китобхонаҳо, базаҳои таҷрибавии истеҳсолии таълимӣ, комплекси таълимию истеҳсолӣ ва ғайра)-ро дар бар мегирад.

## 3.АТТЕСТАТСИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

3.1.Дар асоси нақшаи Вазорати маориф аттестатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи мӯҳлати эътибори иҷозатнома аз тарафи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 5 сол як маротиба гузаронида мешавад.
3.2.Нақшаи аттестатсия аз ҷониби Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ дар мувофиқа бо дигар вазорату кумитаҳое, ки дар тобеияти худ мактаби олӣ доранд, таҳия гашта, аз тарафи

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.
3.3.Ба нақшаи аттестатсия барои соли оянда муассисаҳои таълимие, ки мӯҳлати эътибори иҷозатнома оид ба аттестатсияи давлатӣ ба охир расидааст, ё муассисаҳои таълимии олӣ бо филиалҳояшон, ки аввалин бор аз аттестатсия мегузаранд, дохил карда мешаванд.
3.4.Нақшаи муайяншуда шаш моҳ пеш аз саршавии аттестатсия ба маълумоти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ расонида мешавад.
3.5.Муассисаҳои таълимие, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, мутобиқи нақшаи 5-солаи Вазорати маориф аз аттестатсия гузаронида мешаванд.
3.6.Барои гузаронидани аттестатсия дар соли хониши навбатӣ мактаби олӣ бояд то 1 декабри соли қаблӣ ба Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ ҳуҷҷатҳоро оид ба натиҷаи аттестатсияи дохилитаълимгоҳӣ пешниҳод намоянд:
- нусхаи қарори Шӯрои илмӣ оид ба гузаронидани аттестатсияи дохилитаълимгоҳӣ;
- маълумотнома аз натиҷаи аттестатсияи дохилии муассисаи таълимӣ ва филиали он.
3.7.Аттестатсияи дохилӣ яке аз талаботи зарурии аттестатсияи давлатӣ буда, барои баҳо додан ба фаъолияти мактаби олӣ ва ҷузъҳои таркибиаш гузаронида мешавад ва дар натиҷаи он масъалаи тайёрии мактаби олӣ ва филиали он ба аттестатсияи давлатӣ ҳаллу фасл мегардад.
3.8.Талаботи муқарраршуда оид ба гузаронидани аттестатсияи дохилӣ аз ҷониби Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.
3.9.Роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба дақиқии маълумоти аттестатсияи дохилии таълимгоҳ ва филиали он бевосита ҷавобгӯй мебошад.
3.10.Дар сурати пешниҳоди нопурра ё нодурусти мавод, ё вайрон кардани мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо муассисаи таълимии олӣ ва филиали он аз нақшаи аттестатсия бароварда шуда, аттестатсияи онҳо ба мӯҳлати дигар гузаронида мешавад.
3.11.Бо супориши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ дархости муассисаҳои таълимӣ, вазорату идораҳои дахлдорро оид ба масъалаҳои баҳсноки ташкилу гузаронидани аттестатсия дида мебароад.
3.12.Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ мувофиқати базаи таълимию моддӣ, имкониятҳои илмӣ ва таъминоти таълимию методии муассисаҳо (филиалҳо)-и нави таълимии олӣ дар ин ё он минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисёбандаро санҷида, дар бораи идомаи раванди таълим дар онҳо ба ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса ва лоиҳаи қарори Идора ва мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод мекунад.
3.13.Барои гузаронидани аттестатсия Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ комиссияи аттестатсиониро таъсис медиҳад, ки он бо фармони Вазири маориф тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ экспертҳои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ, кормандони дастгоҳи Вазорати маориф, мутахассисони баландихтисоси илмию педагогии мактабҳои олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, мутахассисон, кормандони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони вазоратҳою идораҳои дахлдор, мутахассисони марказҳои таълимию методӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил карда мешаванд. Маоши экспертҳои ба комиссияҳо ҷалбкардашуда (новобаста ба мӯҳлати кор дар ҳайати комиссияи аттестатсионӣ) дар ҷойи кори асосиашон нигоҳ дошта мешавад.
Ба ҳайати комиссияи экспертӣ шахсоне, ки бо муассисаи таълимии (филиали он) аттестатсияшаванда муносибати меҳнатӣ доранд, шомил шуда наметавонанд.
3.14.Тестҳо ва матнҳои супоришҳои назоратӣ аз рӯйи ихтисос ва санҷиши онҳо аз ҷониби комиссияи аттестатсионии Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф таҳия карда мешаванд.
3.15.Комиссияи аттестатсионӣ бевосита дар мактаби олӣ ба муддати то як моҳ (дар коллеҷҳо 20 рӯз) фаъолият мекунад. Раиси комиссияи аттестатсионӣ ва муовини он дар ташкил ва сатҳи гузаронидани аттестатсия масъул мебошанд.
3.16.Барои гузаронидани аттестатсия ба мақсади маълум намудани сатҳи дониши таълимгирандагон комиссияи аттестатсионӣ метавонад аз саволномаҳо, матнҳо, тестҳо ва дигар мавод истифода барад.

3.17.Роҳбарияти муассисаҳои таълимии олӣ вазифадор аст, ки барои гузаронидани аттестатсия (мувофиқи талаботи барномаи аттестатсия) маълумотҳои лозимиро таъмин намояд, ҳисоботи муассисаи таълимӣ оид ба бартараф намудани камбудиҳои қайдгашта аз ҷониби комиссияи аттестатсионӣ дар муассисаи таълимӣ ва барои кори мӯътадили комиссияи аттестатсионӣ шароит муҳайё созад.
3.18.Комиссияи аттестатсионӣ дар асоси хуҷҷатҳои меъёрӣ ва маводи методӣ (меъёри баҳои дониш, маҳорат ва малака, захираи корҳои санҷишӣ) мувофиқати дараҷаи умумӣ, касбӣ ва умумиилмии донишҷӯёнро ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад.
3.19.Мувофиқати баҳо оид ба дараҷаи тайёрии касбӣ ва умумии донишҷӯёни мактаби олӣ (коллеҷҳо) бо усулҳои тестию тафтишӣ ва аз натиҷаи иҷрои супоришҳои комплексии назоратӣ доир ба тахассусҳои дахлдор, инчунин дар асоси натиҷаи сессияҳои имтиҳоноти ҷорӣ, имтиҳоноти давлатӣ ва ҳимояи корҳои курсию дипломӣ анҷом дода мешавад.
3.20.Дараҷаи самаранокии тадқиқоти илмӣ дар мактабҳои олӣ татбиқшаванда ва мувофиқати онҳо ба талаботи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
3.21.Комиссияи аттестатсионӣ имконоти мактаби олиро, ки он аз нишондиҳандаи комплексии гуногун ва шароитҳои кор иборат мебошад (аз қабили таъминоти кадрӣ, таълимию лабораторӣ, таълимию методӣ ва ғайра), таҳлил карда ва баҳо дода, дар асоси муқоиса ба сатҳи воқеии тайёрии касбӣ ва умумии хатмкунандагон хулоса мебарорад.
3.22.Роҳбарии умумӣ, ташкилӣ, методӣ ва назорати аттестатсияи муассисаҳои таълимии олиро дар ҷумҳурӣ Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санҷиши масъалаҳои зерин амалӣ мегардонад:
- иҷрои нақшаи ҷадвали аттестатсияи мактабҳои олиро месанҷад ва таъмин мекунад;
- санҷиши корҳои назоратии комплексиро аз рӯйи ихтисосҳо бо шаклҳои гуногун ташкил менамояд;
- таҷрибаи пешқадами кори мактабҳои олиро оид ба хулосаи аттестатсия ҷамъбаст ва паҳн мекунад;
- арзу шикоят (апеллятсия)-ро аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсия баррасӣ мекунад;
- аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсия бо тартиби маъмул ба масъалаҳое, ки қарори мушовараи Вазорати моариф, вазорату идораҳои соҳавӣ ҳал мекунанд, таклифҳо пешниҳод мекунад.

## 4. НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯ

4.1.Дар асоси таҳлили маҷмӯи самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии олӣ комиссияи аттестатсионӣ маълумотномаи ҷамъбастиро дар бораи натиҷаҳои аттестатсия тайёр намуда, ба шӯъбаи аттестатсия, аккредитатсия ва литсензионии мактабҳои олии Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ пешниҳод мекунад. Пас аз баррасӣ ва таҳлили маълумотномаи комиссияи аттестатсионӣ шӯъба натиҷаи аттестатсияро муҳокима намуда, лоиҳаи хулосаи худро ба муҳокимаи Шӯрои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ пешниҳод менамояд. Қарори дар Шӯрои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ қабулшуда (бо замимааш) барои баррасӣ ва тасдиқ ба мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.
4.2.Бо мақсади пешбинии тараққиёти минбаъдаи соҳавии муассисаи таълимии олӣ ва беҳбуди системаи маориф комиссияи аттестатсионӣ метавонад ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳое, ки дар сатҳи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл мегарданд, таклифу дархостҳо пешниҳод намояд.
4.3.Натиҷаи аттестатсия дар Шӯрои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ ва мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарони муассисаи таълимии олӣ (ректор ё муовинони он), намояндагони вазорату кумитаҳои дахлдор муҳокима карда ва онҳо метавонанд фикру ақидаҳои худро нисбат ба аттестатсия изҳор намоянд.
4.4.Бо назардошти манфиатҳои давлатӣ ва талаботи ҳуқуқӣ, дар асоси маводи ташхисшуда комиссияи аттестатсионӣ доир ба масъалаҳои ташкилии муассисаҳои таълимӣ, воҳидҳои сохтории онҳо, кушодан ва ё қатъ кардани ихтисосҳо, кафедраҳо, факултаҳо ба фаъолияти кории роҳбарони муассисаҳои таълимии олӣ (ректор, директор, муовини ректор, декан, муовини декан,

мудирони кафедраҳо ва омӯзгорон) баҳо медиҳад.
4.5.Дар ҳолати ошкор шудани нуқсонҳои ҷиддӣ (қонунвайронкунӣ, сӯийстеъмол, бемасъулиятӣ ва ғайра) дар фаъолияти роҳбарони таълимгоҳҳо Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар Вазорату кумитаҳои дахлдор мувофиқи тартиботи муқарраршуда таклифҳо пешниҳод мекунад.
4.6.Ба фаъолияти муассисаҳои таълимии олӣ комиссияи аттестатсионӣ чунин баҳо медиҳад:
- агар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ вазифаи худро мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ қаноатбахш иҷро карда бошад, муассисаи таълимӣ аз аттестатсия гузашта ҳисобида шуда, барои пешбурди фаъолияти таълимӣ ва тайёр намудани мутахассисон ба мӯҳлати 5 сол иҷозатнома дода мешавад;
- агар дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ камбудиҳо ошкор гардад, вале дар мӯҳлати муайян бо роҳи анҷом додани тадбирҳои амалӣ барҳам додани онҳо мумкин бошад, муассисаи таълимӣ аз аттестатсия шартан гузашта ва аз нав аттестатсияшаванда ҳисобида мешавад. Дар сурати шартан аз аттестатсия гузаштани муассисаи таълимӣ ба чунин таълимгоҳ варақаи иҷозатнома дода намешавад ва дар асоси қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба мӯҳлати 2 сол то гузаштан аз аттестатсияи такрорӣ фаъолият намояд;
- агар мактаби олӣ вазифаҳояшро дар бобати тайёр намудани мутахассисон мувофиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро накарда бошад, муассисаи таълимӣ аз аттестатсия нагузашта дониста шуда, Шӯрои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ тибқи маълумотномаи комиссияи аттестатсионӣ ва хулосаи шӯъба оид ба барҳам додани муассисаи таълимии олӣ ва ё аз нав ташкил кардани он, маҳдуд намудани фаъолияташ ба мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод менамояд.
4.7.Мақомоти бевоситаи роҳбарикунандаи муассисаи таҳсилоти олӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддати тахассусии аз аттестатсия шартан гузашта сабабҳои миқдоран ва сифатан ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот мувофиқат накардани мактаби олиро ҳаматарафа омӯхта, бо назардошти чорабиниҳои пешниҳодкардаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ, якҷо бо шӯъбаю идораҳои вазорати дахлдор, баҳри бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда тадбирҳо андешида, онҳоро ислоҳ менамояд. Аттестатсияи такрорӣ мутобиқи мӯҳлати муқарраргардида гузаронида мешавад.
4.8.Ба муассисаи таълимӣ вобаста ба натиҷаи аттестатсия оид ба тайёркунии мутахассисон иҷозати давом додани раванди таълим дода мешавад. Ҳамзамон, фаъолияти ихтисосҳое, ки ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй нестанд, қатъ карда мешавад.
4.9.Пас аз гузаштани аттестатсияи навбатӣ ба муассисае, ки ҳуқуқи давом додани фаъолияти таълимиро гирифтааст, дар баробари иҷозатнома, инчунин, замима оид ба тайёр кардани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳо дода мешавад ва дар замима вобаста ба имкони муассисаи таълимии олии касбӣ теъдоди қабули донишҷӯён нишон дода мешавад. Иҷозатнома бе замима эътибор надорад.
4.10.Мақомоти бевоситаи роҳбарикунандаи муассиссаи таълимии олии аз аттестатсия шартан гузашта сабабҳои миқдоран ва сифатан ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот мувофиқат накардани фаъолияти мактаби олиро ҳаматарафа омӯхта, бо назардошти чорабиниҳои пешниҳодкардаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ, якҷо бо шӯъбаю идораҳои вазоратҳои дахлдор баҳри бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда тадбирҳо андешида, онҳоро ислоҳ менамояд.
4.11.Дар мавриди аз аттестатсия нагузаштани муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ Шӯрои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ оид ба барҳам додан ё ба дигар шакл ташкил кардан, маҳдуд намудани фаъолияти муассисаи таълимӣ ба мушовараи Вазорати моариф таклиф пешниҳод менамояд.
4.12.Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Шӯрои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ дар муддати 3 моҳ оид ба пешниҳоди Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ қарори дахлдор қабул намуда, онро ба таври муқарраршуда ба ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва муассисон пешниҳод менамояд.
4.13.Иҷрои қарори Шӯро ва нақшаи чорабиниҳои таҳиянамудаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф баъд аз тасдиқи мушовараи Вазорати маориф аз ҷониби мақомоти роҳбарикунандаи муассисаи таълимии олии касбӣ ҳатмӣ мебошад.
Муассисаи таълимӣ метавонад оид ба норозигии худ аз кори комиссияи аттестатсионӣ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд.
4.14.Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ дар дафтари махсус муассисаҳои таълимии аз аттестатсия гузаштаро ба қайд мегирад ва натиҷаи онро дар матбуоти даврӣ интишор менамояд.
4.15.Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ назорати иҷрои қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд ва аз рӯйи тартиби маъмул барои чораҳо андешидан нисбат ба шахсони масъул, ки аз иҷрои онҳо саркашӣ мекунанд, ба Вазорати маориф, вазорату идораҳои дахлдор ва муассисон то дараҷаи аз кор озод кардан ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо таклифҳо пешниҳод мекунад.
4.16.Ба мақсади таъмини иҷрои қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи аттестатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ доир ба бартараф кардани камбудиҳои ошкорнамудаи комиссияи аттестатсионӣ Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ дар мӯҳлати муқарраргардида санҷиши назоратӣ гузаронида, аз натиҷаи он ба Шӯрои Идора маълумот медиҳад.
4.17.Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ вазифадор аст, ки ҳуҷҷатҳои ба аттестатсияи муассисаи таълимии марбутаро то ба охир расидани мӯҳлати иҷозатнома нигоҳ дорад ва баъди ба охир расидани мӯҳлати иҷозатнома онҳоро ба бойгонии Идора супорад.

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 03 сентябри соли 2004**
**№ 18/6 тасдиқ шудааст**

## МЕЪЁРҲОИ
## муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии (мактаби олии) Ҷумҳурии Точикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.1996, таҳти рақами 71 тасдиқ гардидааст, тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ дар донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо ва коллеҷҳо ба роҳ монда мешавад.
Фаъолияти мактабҳои олӣ дар асоси як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ доир ба мактаби олӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, сурат мегирад.
Мақоми Донишгоҳ, Академия, Донишкада ва Коллеҷро гирифтани ҳар як муассисаи таълимии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъди гузаштан аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.02.2003, таҳти рақами 54 «Дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад. Ба муассисаи таълимие, ки аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ гузаштааст, иҷозатнома ва шаҳодатнома дода мешавад.
Меъёрҳои муайянкунандаи Донишгоҳ, Академия, Донишкада, Коллеҷ ба таври умумӣ чунинанд:

### 1. ДОНИШГОҲ

Фаъолияти Донишгоҳ бояд ба инкишофи таълиму тарбия, маориф, илм ва фарҳанг равона шуда бошад. Дар Донишгоҳ аз рӯйи зинаҳои таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз мактаби олӣ доир ба соҳаҳои мухталифи фанҳои табиӣ, гуманитарӣ, техникӣ, маданӣ ва ғайра таълим дода мешавад. Инчунин, дар Донишгоҳ тадқиқотҳои фундаменталии (бунёдии) илмӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар сохтори Донишгоҳ донишкадаҳо, коллеҷҳо, филиалҳо, литсейҳо ва гимназияҳо метавонанд фаъолият кунанд.
Донишгоҳ намуди рӯзона ва ғоибона (шабона)-и таълимро фаро гирифта метавонад.
Миқдори толибилмони шакли рӯзонаи таълим дар донишгоҳҳое,ки 5 сол фаъолият доранд, бояд на камтар аз 1000 нафар, 10 сол фаъолият доранд, 1500 нафар ва зиёда аз 10 сол фаъолият доранд, миқдори донишҷӯён бояд 2500 нафарро ташкил диҳад. Таносуби муаллимону донишҷӯён 1:8 аст.
Масоҳати умумии майдони таълимӣ ба як донишҷӯ бояд на камтар аз 8 метри мураббаъро ташкил диҳад.
Тадқиқоти илмӣ аз рӯйи 5 равияи илмӣ ба роҳ монда мешавад, ки онҳо ба таркиби барномаҳои илмии ҷумҳуриявӣ дохиланд.
Донишгоҳ мактабҳои илмии ташаккулёфта дорад. Донишгоҳ, агар то 5 сол фаъолият дошта бошад - 20%, то 10 сол фаъолият дошта бошад - 25% ва аз 10 сол зиёд фаъолият дошта бошад - 35%-и ҳайати омӯзгоронаш бояд соҳиби дараҷаю унвони илмӣ бошанд.
Раванди таълим бо мутахассисони пешбар, профессорҳо ва дотсентон таъмин карда мешаванд.
Донишгоҳ таълими донишҷӯёнро бояд аз рӯйи нақшаҳои таълимии бисёрзинагии тағирёбандаи тайёркунии мутахассисон дар асоси буҷавӣ (давлатӣ) ва шартномавӣ ва барномаҳои ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот мувофиқ ба роҳ монад.
Номгӯи самтҳо, тахассусу ихтисосҳо бо назардошти талаботи соҳаҳои ниёзи хоҷагии халқ муайян карда мешавад. Донишгоҳ метавонад бакалавр, мутахассис ва магистрҳоро тайёр кунад.
Донишгоҳ дорои лабораторияҳои илмию татқиқотӣ, лабораторияи илмию истеҳсолии соҳавӣ, муассисаҳо ва ҷузъҳои таркибии таҷрибавӣ, конструкторӣ, курсҳо ё факултаи такмили ихтисоси мутахассисон аст.
Донишгоҳ дорои хобгоҳ, нуқтаи тиббӣ, осоишгоҳ, нуқтаҳои хӯрокхӯрӣ (ошхона, буфет) ва заминаи варзишию тансиҳатӣ мебошад.
Донишгоҳ заминаи табъу нашри худро дорад, ки бо таҷҳизоти нусхабардорӣ, техникаи компютерии баландмаҳсул, таҷҳизоти расмгирӣ ва муқовабандӣ ҷиҳозонида мешавад.
Донишгоҳ дорои шабакаи васеи техникаи электронӣ-ҳисоббарорӣ, васоити техникии таълимии замонавӣ, компютерҳои инфиродӣ бо структураи маҳаллӣ (локалӣ) ва васеи интегралӣ мебошад.
Вақти истифодаи компютер барои як донишҷӯ дар як сол на кам аз 12-15 соатро бояд ташкил диҳад.
Донишгоҳ бояд китобхонаи дорои захираи на камтар аз 300 ҳазор нусха китобҳои таълимию илмӣ, методӣ, бадеӣ ва қироатхонаи дорои толорҳои на камтар аз 200 ҷойи нишастро дошта бошад.
Таъминот бо адабиёти таълимӣ бояд 70%, таълимию методӣ 60%, илмӣ 40% ва бадеӣ 33%-ро ташкил диҳад. Дар Донишгоҳ ҳар сол конференсияи илмии донишҷӯён ва муаллимон гузаронида шуда, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ нашр карда мешаванд.
Дар Донишгоҳ шӯроҳои махсусгардонидашудаи ҳимояи диссертатсияҳо мавҷуд аст. Донишгоҳ аъзои ассотсиатсияи мактабҳои олӣ буда, конференсияю симпозиумҳои илмии байнидавлатиро низ доир менамояд.

**2. АКАДЕМИЯ**

Академия аз Академияи илмҳо бо он фарқ мекунад, ки фаъолияти худро доир ба инкишофи маориф, илм ва фарҳанг ба воситаи амалигардонии татқиқотҳои илмӣ ва ташкили раванди таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти олӣ, баъди мактаби олиро аз рӯйи яке аз соҳаи илм ё фарҳанг амалӣ мегардонад.
Вобаста ба самти худ Академия маркази пешқадами таълимӣ ва методӣ ба шумор меравад. Дар сохтори Академия коллеҷҳо, филиалҳо, литсейҳо вуҷуд дошта, тибқи низомномаҳои мавҷуда фаъолият карда метавонанд.
Дар Академия тайёркунии мутахассисон дар асоси маълумоти бунёдӣ ва олии пурра амалӣ гардида, доир ба самти Академия тавсияҳои илмии мутобиқ ба такмилдиҳии соҳа (вобаста ба самти Академия) омода карда мешаванд.
Тадқиқотҳои илмӣ дар Академия дар доираи 1-2 мавзӯи илмии соҳаҳои ҳамрадифи илм ва

истеҳсолот сурат мегирад. Академия, агар то 5 сол фаъолият дошта бошад, 20%, то 10 сол фаъолият дошта бошад, 25% ва аз 10 сол зиёд фаъолият дошта бошад, 35%-и ҳайати омӯзгоронаш бояд дорои дараҷаю унвонҳои илмӣ, аз ҷумла докторони илм ва профессорон бошанд. Таносуби муаллимону донишҷӯён бояд 1:8 бошад.
Дар Академия лабораторияҳои соҳавӣ ва илмию татқиқотӣ, аспирантура фаъолият карда метавонанд. Азнавтайёркунии мутахассисон дар Академия дар факултаҳои махсус ба роҳ монда мешавад. Тадриси толибилмон дар Академия дар асоси Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои соҳавӣ (вобаста ба самт) тасдиқшуда, ки тайёркунии мақсадноки мутахассисонро мутобиқ ба талаботҳои хоҷагии халқ дар асоси системаи бисёрзинагӣ ва маблағгузории буҷа ва шартномавӣ таъмин мекунад, амалӣ мегардад.
Академия бакалаврҳо, мутахассисон ва магистрҳоро тайёр мекунад. Агар Академия то 5 сол фаъолият дошта бошад, теъдоди умумии донишҷӯёни шӯъбаи рӯзона на кам аз 500 нафар, агар то 10 сол фаъолият дошта бошад -750 нафар ва аз 10 сол зиёд фаъолият дошта бошад, 1500 нафарро бояд ташкил диҳад. Масоҳати умумии истеҳсолӣ ба як донишҷӯ бояд аз 6,5 метри мураббаъ кам набошад.
Академия дорои хобгоҳ барои донишҷӯён, китобхона бо захираи (фонди) на камтар аз 200 ҳазор нусха адабиёт ва қироатхона бо доштани на камтар аз 150 ҷойи нишаст. Таъминот бо адабиёти таълимӣ бояд на кам аз 65%, илмию методӣ 55%, илмӣ 35% ва бадеӣ 30% бошад.
Академия бояд шабакаи мошинҳои ҳисоббарории электронӣ ва компютеркунонии раванди таълимро дошта бошад. Дар Академия асбобҳои зиёдкунии маводи таълимию методӣ, нашрӣ, инчунин нуқтаи хӯроки умумӣ бояд мавҷуд бошад.
Ҳар сол дар Академия конференсияҳои илмии донишҷӯён ва муаллимон гузаронида мешавад. Академия Шӯрои махсусгардонидашуда оид ба ҳимояи диссертатсияҳоро дорад. Академия фаъолияти таълимӣ ва методиашро дар чорчӯби Ассотсиатсияи мактабҳои олӣ ва шартномаҳоро оид ба ҳамкории эҷодӣ бо кишварҳои хориҷи наздик ва дур ҳамоҳанг месозад.

**3. ДОНИШКАДА**

Донишкада мактаби таҳсилоти олӣ ё қисми таркибии Донишгоҳ буда, дар он барномаҳои таълимии касбӣ аз рӯйи 1-2 самти илм, техника ва фарҳанг амалӣ гардонида шуда, татқиқоти илмӣ гузаронида мешаванд. Дар тобеияти донишкада, коллеҷҳо ва литсейҳо буда метавонад. Дар Донишкада шаклҳои рӯзона ва ғоибонаи таълими донишҷӯён ба роҳ монда мешавад.
Донишкада бакалаврҳо ва мутахассисонро аз рӯйи номгӯйи ихтисосҳои дар асоси талаботҳои Стандарти давлатии таҳсилот муқарраршуда тибқи нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии бисёрзинагӣ тайёр мекунад.
Миқдори толибилмон дар шӯъбаи рӯзонаи таҳсил дар Донишкада набояд аз 1000 нафар кам бошад. Майдони таълим барои як донишҷӯ бояд аз 5 метри мураббаъ кам набошад. Таносуби омӯзгорон ва донишҷӯён ба 1:10 баробар бошад.
Донишкада дорои хобгоҳ барои донишҷӯён, китобхона бо захираи (фонди) на камтар аз 200 ҳазор нусха адабиёт ва қироатхона, ки на камтар аз 100 ҷойи нишаст дошта бошад. Таъминот бо адабиётҳои таълимӣ бояд на кам аз 65%, илмию методӣ 55%, илмӣ 35% ва бадеӣ 30% бошад.
Агар Донишкада то 5 сол фаъолият дошта бошад, теъдоди умумии омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмидор -15%, то 10 сол фаъолият дошта бошад -20% ва аз 10 сол зиёд фаъолият дошта бошад, аз -30% кам набошад. Донишкада компютеркунонии раванди таълим ва мавҷудияти шабакаи компютерҳои инфиродиро таъмин мекунад. Вақти истифодаи компютер барои як донишҷӯ дар давоми сол бояд на кам аз 7-10 соатро ташкил диҳад.
Кафедраҳои Донишкада татқиқоти илмиро доир ба самтҳои гуногуни илму техника, вобаста ба ниёзи соҳаҳои хоҷагии халқ ва умумибашар амалӣ менамоянд. Донишкадае, ки ба сохтори Донишгоҳ дохил намешавад, бояд дорои китобхона, толори хониш, нуқтаи хӯроки умумӣ ва тиббии мустақил ва дигар шӯъбаҳое, ки барои пешбурди раванди таълим алоқаманданд, бошад. Дар ҳолати вобастаи сохтори Донишгоҳ будани Донишкада баъзе кафедра ва аксари шӯъбаҳои он чун умумидонишгоҳӣ амал мекунанд.

**4. КОЛЛЕҶ**

Коллеҷ ҳамчун муассисаи таълимии мустақил ё ҷузъи таркибии Донишгоҳ, Академия, Донишкада ҳисоб шуда, барномаҳои умумии таҳсилоти олии нопура ё пурраи касбиро амалӣ мегардонад. Коллеҷ одатан, барои тайёр кардани мутахассисон аз рӯйи зинаи аввали таҳсилот (олии нопурра) ва мутахассисони хурд фаъолият мекунад. Дар баъзе мавридҳо коллеҷ ҳуқуқи додани таҳсилоти олӣ бо тайёр намудани бакалаврро низ дошта метавонад.
Нақша ва барномаҳои таълимии зинаи аввали таҳсилот дар Коллеҷ оид ба тайёр намудани мутахассисон ва ё аз рӯйи самт ва ё ихтисосҳо бояд бо нақшаю барномаҳои таълимии иртиботдоштаи мактабҳои олии ҳамсамт ба пурраги мувофиқат намоянд.
Коллеҷ тайёр кардани мутахассисонро аз рӯйи ихтисос ё самти муайян ба роҳ мемонад. Сохтори Коллеҷро мактаби олие, ки Коллеҷ ҷузъи таркибии он аст, ё Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё вазорату идораҳои дахлдор муайян мекунанд.
Миқдори толибилмон дар шӯъбаи рӯзонаи таҳсил дар Коллеҷ набояд аз 500 нафар кам бошад. Майдони таълим барои як донишҷӯ бояд аз 4 метри мураббаъ кам набошад. Таносуби омӯзгорон ва донишҷӯён ба 1:10 баробар бошад.
Коллеҷ дорои хобгоҳ, китобхона бо захираи (фонди) на камтар аз 100 ҳазор нусха адабиёт ва қироатхона на камтар аз 50 ҷойи нишаст дошта бошад. Таъминот бо адабиётҳои таълимӣ бояд на кам аз 50%, илмию методӣ 40%, илмӣ 30% ва бадеӣ 25% бошад. Агар Коллеҷ то 5 сол фаъолият дошта бошад, теъдоди умумии омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмидор -10%, то 10 сол фаъолият дошта бошад, 15% ва аз 10 сол зиёд фаъолият дошта бошад, аз 20% кам набошад. Коллеҷ компютеркунонии раванди таълим ва мавҷудияти шабакаи компютерҳои инфиродиро таъмин мекунад. Вақти истифодаи компютер барои як донишҷӯ дар давоми сол бояд на кам аз 5-6 соатро ташкил диҳад.
Фаъолияти Коллеҷ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба роҳ монда мешавад. Коллеҷ дар давраи таҳсил ба донишҷӯён касбҳои мушаххасро дода метавонад.

**Меъёрҳои муайянкунандаи мақоми**
**муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Т/р | Номгӯи нишондиҳандаҳо | | Муассисаҳои таълимӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Донишгоҳ | Академия | Донишкада | Коллеҷҳои дар сохтори мактабҳои олӣ буда |
| 1х | Миқдори барномаҳои таҳсилотии амалишаванда. | То 5 сол фаъолият дорад 15, то 10 сол фаъолият дорад 20, зиёда аз 10 сол фаъолият дорад зиёда аз 30 барнома. | То 5 сол фаъолият дорад 10, то 10 сол фаъолият дорад 15, зиёда аз 10 сол фаъолият дорад 20 барнома. | То 5 сол фаъолият дорад 10, то 10 сол фаъолият дорад 15, зиёда аз 10 сол фаъолият дорад 20 барнома. | То 5 сол фаъолият дорад 8, то 10 сол фаъолият дорад 12, зиёда аз 10 сол фаъолият дорад 15 барнома. |
| 2х | Тахассуси (дараҷаи ихтисос)-и | Магистр, мутахассис, бакалавр, мутахассиси | Магистр, мутахассис, бакалавр, мутахассиси | Мутахассис, бакалавр, мутахассиси хурд | Мутахассиси хурд. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | додашаванда | хурд | хурд | | |
| 3х | Намуди таълим | Рӯзона, ғоибона, шабона | Рӯзона, ғоибона, шабона | Рӯзона, ғоибона, шабона | Рӯзона, ғоибона, |
| 4х | Миқдори самтҳои тат-қиқотҳои илмӣ | На камтар аз 5 | На камтар аз 2 – 3 | На камтар аз 1 – 2 | |
| 5х | Фоизи омӯзгорони штатӣ аз шумораи умум ҳангоми ташхис | 70% | 65% | 60% | 50% |
| 6хх | Фоизи умумии омӯзгорони штатии дорои унвону дараҷаи илмӣ | То 5 сол фаъолият дорад 25%, то 10 сол фаъолият дорад 30%, аз 10 сол зиёд фаъолият дорад 40%. | то 5 сол фаъолият дорад 20%, то 10 сол фаъолият дорад 25%, аз 10 сол зиёд фаъолият дорад 35%. | то 5 сол фаъолият дорад 15%, то 10 сол фаъолият дорад 20%, аз 10 сол зиёд фаъолият дорад 30%. | то 5 сол фаъолият дорад 10%, то 10 сол фаъолият дорад 15%, аз 10 сол зиёд фаъолият дорад 20%. |
| 7хх | Фоизи устодоне, ки дорои дараҷаи доктори илм бошанд | 10% | 8% | 5% | |
| 8хх | Фоизи омӯзгорони ҷавони (то 35 сола) дорои дараҷаи илмӣ (аз ҳайати умумии омӯзгорони дорои унвону дараҷаи илмӣ дар соли охир) | 15% | 10% | 5% | 3% |
| 9хх | Шумораи соҳаҳои илм, ки аз рӯи онҳо аспирантура фаъолият менамояд. | 5 | 2-3 | 1-2 | -- |
| 10хх | Маблағи буҷавӣ, ки барои корҳои илмии як устоди унвондор сарф | 350 | 250 | 200 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мешавад (ба ҳисоби сомонӣ) | | | | |
| 11хх | Маблағи ғайрибуҷавӣ ва аз дигар манбаъҳо воридшуда барои корҳои илмию тадқиқотӣ (барои як омӯзгор) | 120 | 80 | 40 | |
| 12хх | Шумораи монографияҳои чопшуда дар ду соли охир (барои 100 устоди унвону дараҷаи илмидор) | 2,0 | 1,5 | 1,2 | |
| 13хх | Шумораи чопи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимие, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар чоп шудаанд (ба 100 омӯзгори унвону дараҷаи илмидор) | 0,5 | 0,3 | 0,15 | |
| 14хх | Миқдори соҳаҳои илм, ки доир ба онҳо Шӯроҳои ҳимояи рисолаҳои илмӣ мавҷуд аст | 3 | 2 | 1 | |
| 15хх | Фоизи докторантҳо ва аспирантҳое, ки рисола дифоъ кардаанд (ба ҳар 100 нафар омӯзгор) дар ду соли охир | 4% | 3% | 2% | 0,5% |
| 16хх | Миқдори компютерҳои | 5,0 | 4,0 | 3,0 | 2,0 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Pentiym (ба 100 донишҷӯ дар 2 соли охир) | | | | |
| 17хх | Миқдори компютерҳое, ки ба сети «Интернет» васл мебошанд. | 4,0 | 2,0 | 2,0 | 1,0 |
| 18хх | Сатҳи минималии холҳои озмун, ки довталабон аз имтиҳонҳои қабул бо тариқи тестӣ дар соли охир гирифтаанд | 80 | 65 | 50 | 30 |
| 19хх | Фоизи корҳои дипломӣ ва лоиҳаҳое, ки комиссияи давлатии имтиҳонӣ бо баҳои «хуб» ва «аъло» қадр кардааст | 30% | 20% | 15% | 10% |
| 20хх | Теъдоди донишҷӯён | то 5 сол фаъолият дорад 1000 нафар, то 10 сол фаъолият дорад 1500 нафар, аз 10 сол зиёд фаъолият дорад на камтар аз 2500 нафар | то 5 сол фаъолият дорад 500 нафар, то 10 сол фаъолият дорад 750 нафар, аз 10 сол зиёд фаъолият дорад на камтар аз 1500 нафар | то 5 сол фаъолият дорад 500 нафар, то 10 сол фаъолият дорад 750 нафар, аз 10 сол зиёд фаъолият дорад на камтар аз 1000 нафар | То 5 сол фаъолият дорад 300 нафар, то 10 сол фаъолият дорад 400 нафар, аз 10 сол зиёд фаъолият дорад на камтар аз 600 нафар |
| 21хх | Сохтор (ҷузъҳои таркибӣ) | Гиназияҳо, литсейҳо, коллеҷҳо, донишка-даҳо, филиалҳо, аспирантура, докторан-тура, лаборатори-яҳои илмӣ-тадқиқотӣ, | Гимназия, литсейҳо, аспирантура, докторан-тура, лаборатори-яҳои илмӣ-тадқиқотӣ, факултаҳо, донишкада-ҳо ва ё факултаҳои | Коллеҷҳо, литсейҳо, гимназияҳо, филиалҳо, аспирантура | Литсейҳо, гимназияҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | факултаҳои такмили ихтисос, курсҳои такмили ихтисос | такмили ихтисос, филиалҳо | | |
| 22xx | Масоҳати таълимию лабораторӣ барои як донишҷӯ | На камтар аз 8 метри квадратӣ | На камтар аз 6,5 метри квадратӣ | На камтар аз 5 метри квадратӣ | На камтар аз 4 метри квадратӣ |
| 23xx | Вақти компютерӣ барои як донишҷӯ дар як сол | 12–15 соат | 10–12 соат | 7–10 соат | 5–6 соат |
| 24xx | Таъминот бо адабиёт:<br>-таълимӣ<br>-илмию методӣ<br>-илмӣ<br>-бадеӣ | 70%<br>60%<br>40%<br>33% | 65%<br>55%<br>35%<br>30% | 60%<br>50%<br>35%<br>30% | 50%<br>40%<br>30%<br>25% |
| 25xx | Миқдори ҷои нишаст дар қироатхона | На камтар аз 250 ҷой | На камтар аз 150 ҷой | На камтар аз 150 ҷой | На камта аз 50 ҷой |

**Эзоҳ:** нишондиҳандаҳое, ки бо як Х ишора шудаанд, иҷрояшон ҳатмӣ мебошад. Нишондиҳандаҳое, ки бо ду ХХ ишора шудаанд, иҷрояшон аз рӯи имкон.

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 03 сентябри соли 2004**
**№ 18/9 тасдиқ шудааст**

## НИЗОМНОМА
## дар бораи аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**1.Муқаррароти умумӣ.**

1.1.Аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ муайян намудани мақоми он аз рӯйи намуд (муассисаи таълимӣ) ва шакли он (Донишгоҳ, Академия, Донишкада, Коллеҷ, техникум, омӯзишгоҳ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, литсейҳои касбӣ, литсей, гимназия, интернат ва ғайра), вобаста ба имконти муассиса ҷиҳати татбиқи барномаҳои тахассусӣ, мувофиқати мазмун ва сифати раванди таълим ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва ҳуқуқи ба хатмкунандагон додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ мебошад.

1.2.Принсипҳои асосии аккредитатсия аз мустақилӣ, ошкорбаёнӣ ва озод будани он иборат мебошад.

1.3.Мақсади аккредитатсия ин тасдиқ намудани сифати баланди таҳсил, такмил додани раванди

таълим дар муассисаи таълимӣ, таъмин намудани шахсони мутасаддӣ бо иттилооти зарурӣ оид ба муассисаи таълимӣ ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳсилот мебошад.
1.4.Аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.02.2003 таҳти рақами 54 «Дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҳамин Низомнома гузаронида мешавад.
1.5.Аккредитатсияи муассисаҳои таълимии байналҳалқӣ ва хориҷии воқеъ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали онҳо низ тибқи зербанди 1.4. амалӣ карда мешавад.
1.6.Аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимиро бо ҷузъҳои таркибияшон, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идорӣ, комиссияи давлатии аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад.
Аккредитатсияи муассисаҳои таълимиеро, ки мақоми маҳаллӣ доранд, мутобиқан комиссияи давлатии аккредитатсионии идораҳои маорифи вилоятӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ мегузаронанд.
1.7.Ба муассисаи таълимие шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ дода мешавад, ки агар натиҷаи аттестатсияи он мусбат арзёбӣ гардад.

**2.Тартиби гузаронидани аккредитатсия**
2.1.Дар сурати натиҷаи мусбати аттестатсияи давлатӣ роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ барои гузаштан аз аккредитатсияи давлатӣ бо ҳуҷҷатҳои зерин ба Вазорати маориф муроҷиат мекунад:
- аризаи роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба тасдиқ ё муқаррар кардани мақоми муассисаи таълимӣ. Дар аризаи муассисаҳои таълимие, ки тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, муассиси онҳо имзо ва мӯҳр мегузорад (замимаи 1);
- маълумот дар бораи муассисаи таълимӣ;
- нусха аз қарори Шӯрои илмии (педагогии) муассисаи таълимӣ оид ба гузаронидани аккредитатсияи давлатӣ;
- нақшаи дурнамои тараққиёти муассисаи таълимӣ.
- қарори Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ ва қарори ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаи аттестатсияи муассисаи таълимӣ;
- нусхаи иҷозатнома бо замимааш оид ба пешбурди фаъолияти таълим.
2.2.Аккредитатсияи муассисаи таълимӣ аз ҷониби комиссияи давлатии аккредитатсионӣ таҳти раёсати Вазири маориф гузаронида мешавад.
2.3.Ба ҳайати комиссияи давлатии аккредитатсионӣ муовини Вазири маориф, сардори Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф, сардори Идораи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, сардори Идораи таҳсилоти умумӣ, сардори Идораи банақшагирӣ ва иқтисод ва намояндагони дигар вазорату ташкилотҳои дахлдор дохил мегарданд.
Ҳайати комиссияи аккредитатсионии идораҳои маорифи вилоятӣ ва шӯъбаҳои шаҳрию ноҳиявиро идораю шӯъбаҳои марбута дар асоси Низомнома оид ба аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамоянд.
2.4.Комиссияи аккредитатсионии давлатӣ мақом, шакл ва намуди муассисаи таълимиро вобаста ба талаботи нисбат ба он пешниҳодшуда муайян месозад.
2.5.Бо мақсади муайян намудани мақоми давлатии муассисаи таълимӣ комиссияи аккредитатсионӣ нишондиҳандаҳои зеринро бояд ҳаматарафа таҳлил намояд:
- дар асоси хулосаномаи комиссияи аттестатсионӣ баҳо додан ба сатҳи барномаҳои амалишавандаи таҳсилот;
- дар асоси таҳлили нақша ва барномаҳои таълимӣ баҳо додан ба амалигардонии мақсадноки барномаҳои маълумот (ихтисос);
- дар асоси хулосаномаи комиссияи аттестатсионӣ баҳо додан ба сифати тайёр кардани мутахассисон;
- вобаста ба талаботи меъёрии аккредитатсионӣ баҳо додан ба таъминоти кадрӣ, ҳиссаи кормандони штатӣ, маҳорати касбии омӯзгорон, кадрҳои муҳандисӣ, омӯзгорӣ, кадрҳои

роҳбарикунандаи муассисаи таълимӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ, чопи китобҳо ва ғайраҳо;
- вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ баҳо додан ба таъминоти техникии раванди таълим дар муассисаи таълимӣ;
- тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ баҳо додан ба шароитҳои тиббию иҷтимоии хонандагону донишҷӯёни намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимии аккредитатсияшаванда.
2.6.Мақоми давлатии муассисаи таълимӣ бо назардошти нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад.
2.7.Ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои ба аккредитатсия вобастаро (тибқи зербанди 2.1.) роҳбарияти муассисаи таълимӣ пас аз як моҳи баромадани қарори мусбии мушовараи Вазорати маориф ё мушовараи якҷояи Вазорати маориф, вазорату идораҳои соҳавӣ ва қарори мушовараи идораҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ё Шӯрои шӯъбаҳои маорифи ноҳиявӣ оид ба натиҷаи аттестатсия ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳою шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ ва шаҳрӣ пешниҳод карда метавонад.
2.8.Агар филиали муассисаи таълимӣ то пешниҳоди аризаи муассисаи таълимии марказӣ оид ба аккредитатсия аз аттестатсия гузашта бошад, он гоҳ аккредитатсияро дар якҷоягӣ бо ин муассиса мегузарад.
2.9.Комиссияи аккредитатсионӣ аризаи муассисаи таълимиро ба қайд гирифта, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо таҳлил мекунад:
- мӯҳлати ташхиси ҳуҷҷатҳои ба аккредитатсия пешниҳодшуда пас аз бақайдгирии онҳо бояд аз 2 ҳафта зиёд набошад;
- мӯҳлати гузаронидани ташхиси аккредитатсионӣ ва қабули қарор оид ба аккредитатсияи давлатӣ аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
2.10.Дар сурати пурра набудани ҳуҷҷатҳо, ошкор шудани камбудиҳо ё иттилооти нодуруст дар маводи пешниҳодшуда дар муддати 2 ҳафта ҳуҷҷатҳо ба муассисаи таълимӣ баргардонида мешаванд.
2.11.Дар сурати ба пуррагӣ ва бехато пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳо масъалаи аккредитатсияи муассисаи таълимӣ ба рӯзномаи ҷаласаи навбатии комиссияи аккредитатсионӣ дохил карда мешавад.
2.12.Бо мақсади муайян кардани дурустии иттилоотӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ доир ба аккредитатсия пешниҳодшуда ва муқаррар кардани мақоми муассисаи таълимӣ комиссияи салоҳиятнок иборат аз 5 нафар таъсис дода мешавад, ки дар давоми як ҳафта дар таълимгоҳ кор карда, ба комиссияи аккредитатсионӣ хулосаро оид ба муассисаи таълимии аккредитатсияшаванда пешниҳод менамояд.
2.13.Мӯҳлати таҳлил, тайёр намудан ва пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои муассисаи таълимӣ ба комиссияи аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли як моҳ сурат мегирад.

**3.Ҷамъбасти аккредитатсияи давлатӣ**
3.1.Бо назардошти муҳокима ва тавсияи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф комиссияи аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми муассисаи таълимӣ, номгӯйи ихтисосҳои аз аккредитатсия гузаштаро муайян карда, оид ба додани нусхаи муқарраршудаи шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ (сертификат) бо замимааш қарор қабул мекунад ва бо қарори мушовараи Вазорати маориф тасдиқ карда мешавад. Ба муассисаи таълимии аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ дода мешавад, ки намунаашро Вазорати маориф тасдиқ кардааст. Дар шаҳодатнома мақоми муассисаи таълимӣ (Донишгоҳ, Академия, Донишкада, Коллеҷ, техникум, омӯзишгоҳ, омӯзишгоҳи касбию техникӣ, гимназия, литсей, интернат ва ғайра) муайян карда мешавад. Варақаи шаҳодатнома оид ба аккредитатсия бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Аккредитатсияи навбатии муассисаи таълимӣ аз рӯйи муқаррарот баъди аттестатсия дар 5 сол як маротиба гузаронида мешавад.
3.2.Қарор оид ба аккредитатсияи муассисаи таълимӣ ба таври овоздиҳии кушод, бо бартарии овозҳо (50% «тарафдор» бо иловаи як овоз), дар сурати дар ҷаласаи комиссияи аккредитатсионӣ ширкат доштани на камтар аз се ду ҳиссаи аъзо қабул карда мешавад.
3.3.Оид ба аккредитатсия дар ҳолатҳои зерин қарори мусбат қабул карда мешавад:

- агар ҳамаи ҳуҷҷатҳо тибқи талаботи нишондоди зербанди 2.1 пешниҳод шуда бошанд;
- агар намуд ва шакли муассисаи таълимии дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба талаботҳои меъёрии нисбат ба аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ (Донишгоҳ, Академия, Донишкада, Коллеҷ, техникум, омӯзишгоҳ, омӯзишгоҳи касбию техникӣ, литсей, гимназия ва ғайра) муайяншуда мувофиқ бошад;
- агар дар мавриди аз аттестатсия гузаштани барномаҳои таҳсилоти касбӣ, ки оид ба онҳо дар муассисаи таълимӣ мутахассисон тайёр карда мешаванд, қарори мусбати комиссияи давлатии аттестатсионӣ мавҷуд бошад.

3.4.Варақаи шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ коғази арзишнок буда, дорои серия, рақам ва ҳуҷҷати ҷиддии ҳифзшаванда мебошад ва дар он мӯҳр гузошта мешавад. Варақаи шаҳодатнома оид ба аккредитатсия бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад (замимаи 2).

Нусхаи шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ ва замимаи он (замимаи 3) бо ҳамроҳии ҳуҷҷатҳои муассисаи таълимӣ то хотима ёфтани мӯҳлати эътибори шаҳодатнома дар Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

Шаҳодатнома бо замимааш пас аз гузоштани имзо дар журнали қайд (замимаи 4) ба ректор (директор) ё ноиби он ва ё шахси ваколатдори муассисаи таълимӣ супорида мешавад. Дар шаҳодатнома рақами бақайдгирӣ, мӯҳлати додан ва эътибори он, нишонии муассисаи таълимӣ, номи пурра ва мақоми он нишон дода мешавад.

Дар замимаи шаҳодатнома номгӯйи ихтисосҳо доир ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ки аз аккредитатсия гузаштаанд, зинаҳои таълим, номгӯй ва нишонии филиалҳо, номгӯйи ихтисосҳои аккредитатсияшудаи дар филиалҳо амалишаванда сабт карда мешаванд. Шаҳодатнома бе замима эътибор надорад.

3.5.Шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ дар давоми як моҳ пас аз қабули қарор оид ба аккредитатсия аз тарафи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои раиси комиссияи давлатии аккредитатсионӣ ва мӯҳри Вазорати маориф ба муассисаи таълимӣ дода шуда, муассисаи таълимӣ ба рӯйхати муассисаҳои таълимии аз аккредитатсия гузашта дохил карда мешавад.

3.6.Ба филиалҳо, шӯъбаҳо ва дигар қисмҳои сохтории дар алоҳидагӣ ҷойгиршуда нусхаи шаҳодатномаи аккредитатсияи муассисаҳои таълимии асосӣ дода мешавад.

3.7.Натиҷаи аккредитатсия оид ба муассисаҳои таълимӣ ва номгӯйи ихтисосҳои он дар матбуоти даврӣ чоп карда мешавад.

3.8.Шӯроҳои махсусгардонидаи ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ фақат дар назди муассисаҳои таълимии олии аккредитатсияшуда таъсис дода мешаванд.

3.9.Аз тариқи аспирантура ва докторантура тайёр кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии аз аккредитатсия нагузашта иҷозат дода намешавад. Магистратура, аспирантура ва докторантура, ки ҳамчун ҷузъҳои сохторӣ бо қарори ташкилоти болоии идораи маориф ташкил шудаанду барои фаъолият иҷозатнома доранд ва аз аттестатсия гузаштаанд, дар якҷоягӣ бо дигар қисмҳои таркибии муассисаи таълимӣ аз аккредитатсияи давлатӣ гузаронида мешаванд.

3.10.Дар сурати қабули қарор оид ба мувофиқат накардани муассисаи таълимӣ ба мақоми пешниҳодшудааш оид ба надодани шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ дар муддати 2 ҳафта муассисаи таълимӣ ба таври расмӣ хабардор карда мешавад. Дар ин сурат муассисаи таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки дар давоми як сол барои бартараф кардани камбудиҳо ба комисияи аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан аз аккредитатсияи давлатӣ муроҷиат намояд.

3.11.Қарори манфӣ дар чунин мавридҳо қабул карда мешавад:
- агар ҳамаи ҳуҷҷатҳо тибқи зербанди 2.1 пешниҳод нашуда бошанд, ё ҳангоми санҷиш дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумоти нодуруст ошкор шаванд;
- агар маълумоти дар ҳуҷҷатҳо нишондодашуда ба талаботи меъёрии намуд ва шакли муассисаи таълимии ба аккредитатсия пешниҳодшуда мувофиқ набошад;
- агар натиҷаи аттестатсияи комиссияи давлатии аттестатсионӣ оид ба як ё якчанд тахассуси олии

касбӣ ва ё якчанд ихтисосҳои илмии таҳсилоти пас аз олӣ дар муассисаи таълимӣ ба таври манфӣ арзёбӣ шуда бошад.
3.12.Комиссияи давлатии аккредитатсионии Вазорати маориф ҳуқуқ дорад, ки мақоми муассисаи таълимиро паст фарорад (баланд бардорад) ва ё дар бораи азнавташкилкунии он қарор қабул карда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намояд.
3.13.Таълимгоҳ ҳуқуқ дорад, ки аризаашро дар бораи гузаронидани аккредитатсияи давлатӣ то қабули қарори мушовара баргардонида гирад.

**4.Тартиби ба шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ дохил намудани иловаҳое, ки ба барномаҳои аккредитатсияшудаи муассисаҳои таълимӣ ва филиалҳояшон тааллуқ доранд.**

4.1.Аккредитатсияи барномаҳои таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ ва филиалҳое, ки аттестатсияро дар давоми мӯҳлати эътибори шаҳодатнома гузаштаанд, дар асоси хулосаи аттестатсияи онҳо ба амал бароварда мешаванд.
4.2.Ҳайати мушовара мувофиқати мазмун, сатҳ ва сифати тайёр намудани хатмкунандагонро аз рӯйи барномаҳои таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ ё филиал бо талаботи Стандарти давлатии таҳсилот тасдиқ менамояд.
4.3.Дар асоси қарори ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсия ва аккредитатсияи барномаҳои таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ ё филиал ва мӯҳлати эътиборнокии шаҳодатнома фармон бароварда мешавад.
4.4.Мувофиқи фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссия замимаҳои иловагиро ба шаҳодатнома таҳия менамояд ва дар он барномаҳои аккредитатсияшуда, зинаҳои таҳсилот, тахассусҳое, ки ба хатмкунандагон дода мешаванд, номгӯй ва ҷойгиршавии филиалҳо, рӯйхати барномаҳои аккредитатсияшудаи дар филиалҳо амалишаванда нишон дода мешаванд.

**5.Дар мавридҳои зерин муассисаи таълимӣ пеш аз мӯҳлат аз шаҳодатномаи аккредитивӣ маҳрум карда шуда, маълумот оид ба ин масъала ба муассис расонида мешавад:**

- пешниҳоди аризаи муассиси (муассисони) таълимгоҳ;
- ошкор шудани маълумоти собитнашуда дар ҳуҷҷатҳое, ки барои аккредитатсия пешниҳод шудаанд;
- вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»;
- ғайриқаноатбахш ба роҳ мондани раванди таълим дар таълимгоҳ;
- пешниҳоди хулосаи манфӣ аз рӯйи натиҷаи аттестатсия.

6.Дар баъзе ҳолатҳо, агар бо сабабҳои объективӣ фаъолияти шаҳодатнома манъ карда шавад, комиссияи аккредитатсионӣ метавонад барои аз нав барқарор кардани фаъолияти он иҷозат диҳад. Ахбор оид ба ин масъала дар муддати як моҳ пас аз қабули қарор ба муассис (муассисон) расонида мешавад.
7.Дар ҳолати гум кардани шаҳодатнома комиссияи аккредитатсионӣ дар асоси аризаи муассисаи таълимӣ ба он нусхаи дуюми шаҳодатномаро дар бораи аккредитатсия медиҳад.
8.Дар сурати барҳам хӯрдан ё аз нав ташкил кардан, тағйир ёфтани мақоми муассисаи таълимӣ шаҳодатнома доир ба аккредитатсияи давлатии қаблан додашуда эътиборашро гум мекунад.
9.Муассисаи таълимӣ вазифадор аст, ки ҳангоми тағйир ёфтани мақом ва шакли он ба комиссияи аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин тағйирот ба таври расмӣ хабар диҳад ва дар давоми як моҳ, пас аз қабули қарор шаҳодатномаи аккредитивиро ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонад. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки оид ба ин масъала фармон барорад ва дар дафтари қайди муассисаҳои таълимии аккредитатсияшуда тағйирот дохил намояд.
10.Дар сурати аз эътибор соқит ҳисобидани шаҳодатнома он ба тарзи муқаррааргардида барқарор карда мешавад.
11.Муассисаи таълимӣ дар сурате ба хатмкунандагони худ ҳуқуқи додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ бо тасдиқи мӯҳри нишони давлатидошта дорад, ки агар муассисаи таълимӣ аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта, шаҳодатнома гирифта бошад.
12.Шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ мақоми давлатӣ, сатҳи татбиқи барномаҳои таҳсилот ва мувофиқ будани сифати тайёр намудани мутахассисон ба стандартҳои давлатии таҳсилотро эътироф намуда, ба муассисаи таълимӣ дар бораи додани ҳуҷҷатҳои

намунаи давлатӣ оид ба дараҷаи таҳсилот ҳуқуқ медиҳад.
13.Таҳсилот дар бораи муассисаи таълимии аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта бо номгӯи барномаҳои аккредитатсияшуда, инчунин, таҳсилот дар бораи муассисаи таълимӣ, мӯҳлати эътибори шаҳодатнома ё беэътибор донистани он ба реестри муассисаи таълимии аккредитатсияшуда дохил карда шуда, он дар матбуоти даврӣ чоп карда мешавад.
14.Пардохти масрафи кори аккредитатсионӣ (ба ғайр аз мактабҳои таҳсилоти умумии давлатӣ, муассисаҳои томактабӣ ва беруназмактабии давлатӣ) аз тарафи муассисаҳои арзёбишаванда то саршавии амалиёт ба амал бароварда мешаванд. Вазоратҳо, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки дар ихтиёрашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ҳангоми тарҳрезии буҷа ин масрафро дар асоси ҳарҷномаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои пешбинишуда ба инобат мегиранд. Маблағҳои мазкур мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон харҷ карда мешаванд.
15.Шаҳодатномаи аккредитатсионӣ фақат баъди пардохти маблағи кори аккредитатсионӣ ба муассисаи таълимӣ дода мешавад.

**Замимаи 1**
**бо фармони Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 03 январи соли 2003**
**№ 3 тасдиқ шудааст**

**ТАРТИБИ**
**дида баромадани ҳуҷҷатҳо дар вақти гузаронидани аккредитатсияи давлатии мактабҳои олии касбиии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тартиби мазкур пайдарҳамии дида баромадани ҳуҷҷатҳоро ҳангоми гузаронидани аккредитатсияи давлатии мактабҳои олӣ муқаррар кардани (тасдиқ барои мӯҳлати навбатӣ) мақоми аккредитатсияи давлатӣ аз рӯи намуд (муассисаи таълимии олӣ) ва хели он (Донишкада, Академия, Донишгоҳ) бо муқаррар намудани номгӯи барномаҳои таҳсилот, ки аз рӯи онҳо мактаби олӣ ҳуқуқи ба хатмкунандагон додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро оид ба таҳсилот медиҳад, (минбаъд барномаҳои аккредитивӣ) муайян месозад.

1.Тартиби дида баромадани ҳуҷҷатҳо ҳангоми гузаронидани аккредитатсияи давлатии мактаби олӣ бо мақсади тасдиқ ё муқаррар намудани мақоми аккредитатсияи нахустини давлатӣ.
1.1.Пешниҳоди аризаи роҳбарияти мактаби олӣ барои гузаронидани аккредитатсияи давлатӣ бо замимаи ҳуҷҷатҳои иттилоотию методӣ оид ба аккредитатсияи давлатӣ.
Баъди ба итмом расидани кори комиссияи аттестатсионӣ ва ба фаъолияти мактаби олӣ баҳои комплексӣ додан роҳбари он ба Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Идора) оид ба тасдиқ ва муқарраркунии мақоми давлатии он (барои муассисаҳои таълимии навташкил) аризаи шакли муқарраршударо пешниҳод менамояд.
Барои мактабҳои олие, ки дар тобеияти Вазорати маориф намебошанд, ариза бо имзо ва мӯҳри муассис (муассисон) ё ташкилоте, ки ваколатдор аст, тасдиқ карда мешавад.
Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:
- нусхаи қарори Шӯрои илмии мактаби олӣ оид ба гузаронидани аккредитатсияи давлатӣ;
- нусхаи қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани баҳои комплексӣ ба фаъолияти мактаби олӣ;
- нусхаи фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба литсензионии такрории (навбати) мактаби олӣ, нусхаи литсензия бо замимааш;
- нусхаи хулоса оид ба аттестатсияи мактаби олӣ бо номгӯи барномаҳои таҳсилоти аттестатсияшуда, ки аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд;

- маълумотномаи муфассал дар бораи муассисаи таълимӣ доир ба нишондодҳои аккредитатсияи давлатӣ;
- нақшаи дурнамои муассисаи таълимӣ.
Ариза бо замимааш ба Вазорати маориф дар ду нусха пешниҳод карда мешавад.
Бо мақсади пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иттилоотию методӣ дар бораи тартиби аккредитатсияи давлатии мактаби олӣ бо Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф дар асоси Низомномаи аккредитатсияи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома мебандад.
Филиалҳои мактаби олие, ки то пешниҳоди ариза оид ба аккредитатсияи давлатӣ аз аттестатсия гузаштаанд, дар таркиби мактаби олӣ аз аккредитатсия мегузаранд.

1.2.Бақайдгирии аризаи мактаби олӣ оид ба аккредитатсияи давлатӣ.
Идора аризаи мактаби олиро доир ба аккредитатсияи давлатӣ дар китоби қайдҳо сабт менамояд ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро таҳлил мекунад.
Ҳуҷҷатҳои нопурра пешниҳодгардида ва ё дар онҳо мавҷуд будани иттилоотҳои ноаниқ ё ғалат асоси қабул накардани ҳуҷҷатҳои мактаби олӣ мегарданд. Дар ин ҳолат дар муддати 5 рӯз аз вақти ба қайд гирифтан ҳуҷҷатҳо ба мактаби олӣ баргардонида мешаванд.
Дар сурати ба талаботи мазкур ҷавобгӯ будани ҳуҷҷатҳо Идора масъалаи марбути аккредитатсияи мактаби олиро ба рӯзномаи навбатии ҷаласаи комиссияи аккредитатсионии Вазорати маориф дохил менамояд.

1.3.Омода намудани ҳуҷҷатҳои мактаби олӣ барои баррасӣ дар комиссияи аккредитатсионӣ.
Идора ҳуҷҷатҳои бақайдгирифташудаи мактаби олиро ба комиссияи аккредитатсионии Вазорати маориф пешниҳод менамояд.
Мӯҳлати омода намудани ҳуҷҷатҳои мактаби олӣ аз рӯзи ба қайдгирӣ барои дида баромадани комиссияи аккредитатсионӣ набояд аз 30 рӯз зиёд бошад.

1.4.Баррасии ҳуҷҷатҳои мактаби олӣ дар мушовараи Вазорати маориф оид ба аккредитатсияи давлатӣ, қабули қарор оид ба аккредитатсияи давлатӣ.
Комиссияи аккредитатсионӣ дар асоси хулосаи аттестатсия мутобиқ будани мазмун, дараҷа ва сифати тайёр намудани хатмкунандагони муассисаи таълимиро бо талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот тасдиқ намуда, мақоми аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимиро аз рӯи намуди мактаби олӣ муайян мекунад ва маводро барои тасдиқ ба мушовараи Вазорати маориф пешниҳод менамояд.
Дар ҳолати тасдиқ (муқаррар) шудани намуди (тип) мактаби олӣ мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ариза, нишондодҳо ва меъёрҳои аккредитатсияи давлатӣ оид ба тасдиқи (муқарраркунии) намуди мактаби олӣ (Донишкада, Академия, Донишгоҳ) мӯҳлати эътибори шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатиро (минбаъд шаҳодатнома) муқаррар менамояд.
Дар асоси хулосаи комиссияи аттестатсионӣ мушовараи Вазорати маориф номгӯи барномаҳои таҳсилоти аз аттестатсия ва аккредитатсия гузаштаро муқаррар менамояд.
Мактаби олӣ ҳуқуқ дорад, ки то қабули қарори мушовараи Вазорати маориф аризаи худро баргардонида гирад.

1.5.Ба расмият даровардани шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатии мактаби олӣ.
1.5.1.Дар асоси қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазири маориф оид ба аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии мактаби олӣ фармон бароварда, дар фармон мақоми давлатии аккредитативии (шакл, навъ) мактаби олӣ ва номгӯи барномаҳои таҳсилоте, ки аз аттестатсия ва аккредитатсия гузашта ҳисобида шудаанд, нишон дода мешаванд.
Қарори манфии комиссияи аккредитатсионӣ оид ба масъалаи аккредитатсияи давлатӣ баъди ба расмият даровардани қарори комиссияи аккредитатсионӣ дар муддати 5 рӯз ба маълумоти мактаби олӣ расонида мешавад.
1.5.2.Идора мувофиқи қарори мушовара ва фармони Вазорати маориф шаҳодатнома ва замимаро ба расмият дароварда, мактаби олиро ба рӯйхати муассисаҳои таълимии аккредитатсияшудаи

Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил менамояд.
Дар замимаи шаҳодатнома барномаҳои таҳсилоти ҳамаи дараҷаҳои таҳсилот, ки мактаби олӣ ба амал мебарорад, инчунин зинаи таҳсилот, тахассус (дараҷаҳо), ки ба хатмкунандагон дода мешаванд, номгӯй ва суроғаи филиалҳо, рӯйхати барномаҳои аккредитативии дар филиалҳо татбиқшаванда нишон дода мешаванд.
Шаҳодатнома бе замима эътибор надорад.
Агар дар вақти аккредитатсия муайян гардад, ки мақоми мактаби олӣ (намуд) аз нишондоди пешниҳодшуда фарқ мекунад, он гоҳ ба мактаби олӣ шаҳодатномаи муваққатӣ (ба мӯҳлати 6 моҳ) бо нишон додани номи кӯҳнаи он дода мешавад. Чунин шаҳодатнома дар мӯҳлати нишондодашуда ҳамаи ҳуқуқҳои мактаби олиеро, ки аккредитатсияи давлатӣ доранд, медиҳад.
Шаҳодатномаи доимӣ ба мактаби олӣ баъди ба тартиб даровардани номи он мутобиқи мақоми муқаррарнамуда, ҳангоми аккредитатсия дар асоси ариза ва ҳуҷҷатҳои оиди таъсис, ки дар онҳо тағйирот даровaрда шудаанд, дода мешавад.
Нусхаи шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ ва замимаи он бо якҷоягии ҳуҷҷатҳои мактаби олӣ, ки барои аккредитатсияи давлатӣ пешниҳод шудаанд, дар муддати то ба охир расидани эътибори шаҳодтанома нигоҳ дошта мешаванд.
1.5.3. Ректор, муовини ӯ ва шахси боавариноки онҳо шаҳодатнома ва замимаро аз Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф мегиранд, ки он дар китоби махсус қайд карда мешавад.

2.Тартиби баррасии ҳуҷҷатҳои мактаби олии аккредитатсияшуда дар ҳолати муайян намудани мақоми дигари аккредитатсияи давлатӣ доир ба намуд (Донишкада, Академия, Донишгоҳ).
2.1.Пешниҳоди аризаи мактаби олӣ оид ба аккредитатсияи давлатӣ бо тағйир додани шакл дар давраи эътибор доштани шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ, баррасии ҳуҷҷатҳои мактаби олӣ аз ҷониби комиссияи аккредитатсионӣ, қабули қарор роҷеъ ба аккредитатсияи давлатӣ.
Роҳбари мактаби олӣ ба унвони комиссияи аккредитатсионии Вазорати маориф аризаи намунаи муқарраршударо доир ба муайян намудани мақоми мактаби олӣ пешниҳод мекунад.
Барои мактабҳои олие, ки дар тобеияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ариза бо имзо ва мӯҳри муассис (муассисон) ё ташкилоте, ки ваколатдор аст, тасдиқ карда мешавад.
Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:
- нусхаи қарори Шӯрои илмии мактаби олӣ оид ба гузаронидани аккредитатсияи давлатӣ;
- нақшаи дурнамои мактаби олӣ;
- маълумотномаи муфассал дар бораи муассисаи таълимӣ;
- хулоса ва қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба номгӯи барномаҳои таълимии аттестатсияшуда;
- маълумот аз рӯи нишондодҳои аккредитатсияи давлатии дар асоси меъёрҳои муайянкунандаи мақоми мактаби олӣ таҳияшуда, ки онро мушовараи Вазорати маориф аз 30.12.2002 таҳти №26/7 тасдиқ кардааст, пешниҳод карда мешавад.
Бо мақсади тасдиқ намудани дурустии пешниҳодҳои иттилоотии мактаби олӣ доир ба нишондодҳои аккредитатсияи давлатӣ, барои муайян намудани шакли мактаби олӣ ба мактаби олӣ дар ҳайати намояндагони мактабҳои олӣ, Вазорати маориф, Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф, иттиҳодияҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳо мумкин аст комиссия равон карда шавад. Шумораи ҳайати комиссия на зиёда аз 5 нафар ва вақти кории онҳо дар мактаби олӣ бояд аз як ҳафта зиёд набошад.
Бақайдгирии аризаи мактаби олӣ, тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иттилоотию методии аккредитатсияи давлатӣ, омода будани ҳуҷҷатҳо барои бозрасии комиссияи аккредитатсионӣ ва ба тартиб даровардани шаҳодатнома дар фасли 1 оварда шудааст.
Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ариза, нишондодҳои фаъолияти мактаби олиро бо меъёрҳои муайян намудани аккредитатсияи давлатӣ доир ба муқаррар кардани (инкор намудан) шакли мактаби олӣ (Донишкада, Академия, Донишгоҳ) қарор қабул карда, муддати амалии эътибори аккредитатсияи давлатиро муайян менамояд.
Дар ҳолати қабул гардидани қарори мусбат бо тартиби муайяншуда шаҳодатнома дар бораи

аккредитатсияи давлатӣ ба расмият дароварда мешавад. Дар сурати қабули қарори манфии мушовара дар мӯҳлати 5 рӯз аз вақти ба расмият даровардани он ба маълумоти мактаби олӣ расонида мешавад.

3.Тартиби дохил намудани иловаҳо ба шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатии мактаби олӣ, ки ба барномаҳои аккредитатсионии мактабҳои олӣ ва филиалҳои он тааллуқ доранд.
Аккредитатсияи барномаҳои таълимии мактаби олӣ ва филиали он, ки дар мӯҳлати эътибори шаҳодатнома аз аттестатсия гузаштаанд, дар асоси хулосаи аттестатсияи онҳо ба амал бароварда мешавад.
Мушовараи Вазорати маориф мутобиқати мазмун, дараҷа ва сифати тайёрии хатмкунандагонро аз рӯи барномаҳои таҳсилоти мактаби олӣ ва филиали он ба талаботҳои Стандарти давлатии таҳсилот тасдиқ мекунад.
Дар асоси қарори мушовараи Вазорати маориф, фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсия ва аккредитатсияи барномаҳои таҳсилоти мактаби олӣ ва филиали он дар мӯҳлати эътибори шаҳодатнома бароварда мешавад.
Мутобиқи фармони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Идораи аттестатсионӣ замимаи иловагиро ба шаҳодатнома ба танзим медарорад, ки дар он барномаҳои аккредитативӣ, дараҷаи таҳсилот, тахассусҳои (дараҷаҳо) ба хатмкунандагон додашаванда ва номи аниқ, суроғаи филиалҳо, номгӯи барномаҳои аккредитатсияшудаи дар филиали он татбиқшаванда нишон дода мешаванд.
Ректор, муовинон ё шахси бовариноки онҳо шаҳодатнома ва замимаи онро аз Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта, дар китоби қайдҳо имзо мегузоранд.

**Замимаи №1**
**ба фармони Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 03 январи соли 2003**
**№ 4 тасдиқ карда шудааст**

**НОМГӯИ**
**ҳуҷҷатҳои муассисаҳои таълимии**
**олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои**
**гузаштан аз аккредитатсияи давлатӣ.**

**1.Аризаи муассисаи таълимӣ**
**2.Нусха аз қарори Шӯрои илмӣ дар бораи номгӯи барномаҳои таҳсилоте, ки барои аккредитатсияи давлатӣ пешниҳод карда мешаванд.**
**3.Нусхаи литсензия бо замимааш.**
**4.Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ.**
**5.Маълумотнома дар бораи муассисаи таълимӣ.**
**6.Нақшаи дурнамои муассисаи таълимӣ.**
**7.Нусхаи қарори мушовараи Вазорати маориф оид ба додани баҳои комплексӣ ба фаъолияти мактаби олӣ.**
**8.Нусхаи фармони Вазири маориф оид ба иҷозатномадиҳии такрорӣ (навбатӣ)-и мактаби олӣ**

**Бо фармони Вазири маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 01 декабри соли 2003**
**тасдиқ шудааст**

**МЕТОДИКАИ**
**истифодаи технологияи таълими фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва таҳсилоти иловагии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1.Мақсад ва вазифаҳои таълими фосилавӣ.
1.Таълими фосилавӣ бо истифодаи маҷмӯи маълумотҳои технологӣ, ки ифодаи ғайримустақими мақсаднок ва ё ифодаи ғайримустақими нопурраи ҳамкории таълимгиранда ва омӯзгор, новобаста ба ҷои мавҷудият ва тақсимоти вақт дар асоси ташкили педагогии технологияи иттилоотӣ, пеш аз ҳама бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ ба амал бароварда шуда, таъмин карда мешавад.
Технологияҳои асосии таълими фосилавӣ аз технологияи кейс, технологияи интернет, те хнологияи телекоммуникатсионӣ иборат мебошад. Намудҳои асосии технологияро дар як вақт истифода бурдан мумкин аст.
2.Мақсади таълими фосилавӣ бевосита имкони додан ба таълимгирандагон барои аз худ кардани барномаҳои асосӣ ва ё таҳсилоти иловагии касбӣ, таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (минбаъд- барномаҳои таълимӣ) дар ҷои истиқомат, ё истиқомати муваққатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва таҳсилоти иловагии касбии таълим мувофиқат намояд (минбаъд – муассисаҳои таълимӣ).
3.Раванди таълим бо истифодаи таълими фосилавӣ ба воситаи муассисаҳои таълимӣ бо гирифтани таҳсили рӯзона, рӯзонаю ғоибона (шабона), ғоибона дар шакли экстернат, ё ин ки дар якҷоя намудани шаклҳои номбурда ба амал бароварда мешавад.
Баланд бардоштани ихтисос ва азнавтайёркунии мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои таълимии такмили ихтисос ҷудо аз ҷои кор, бе тарк кардани ҷои кор, қисман аз кор ҷудо будан ва ё аз рӯи шаклҳои таълимӣ ҷудогона (фардӣ) гузаронида мешавад.
Муассисаҳои таълимӣ метавонанд раванди таълимро мустақилона ва ё ба воситаи қисматҳои сохтории худ – филиалҳо ва намояндагӣ амалӣ намоянд.
4.Шӯъбаи муассисаи таълимӣ вазифаҳои худро дар асоси тартиби муайяншуда иҷро менамояд.
5.Бо мақсади расонидани кӯмак ва аз худ кардани барномаҳои таълимӣ ба донишҷӯёни шӯъбаи ғоибонаи мактаби олӣ бевосита дар ҷои кор ва истиқомат гузаронидани консултатсия, назорати ҷории азхудкунӣ ва аттестатсияи мобайнии таълимгирандагонро бо роҳи ҷалб кардани кормандони илмӣ-педагогии мактабҳои олӣ дар асоси заминаи моддию таълимии намояндагон амалӣ мекунад..
Фаъолияти муқарраршуда бо ризояти мақомоти Идораи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2.Роҳҳои истифодабарии технологияи таълими фосилавӣ.
1.Муассисаи таълимӣ метавонад таълими фосилавиро аз рӯи як ё якчанд барномаи таълимӣ бо истифодаи қисман, ё ин ки пурра амалӣ гардонад. Аз рӯи баъзе самтҳо ва ихтисосҳо барномаҳои таҳсилоти иловагии касбӣ мумкин аст барои аз худ кардан бо истифода дар ҳаҷми пурраи таълими фосилавӣ маҳдуд карда шаванд.
Барномаҳои таълимии таълими фосилавӣ дар он сурат амалигардида ҳисобида мешаванд, ки барои барномаҳои таълимӣ мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ва воситаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ на кам аз 80%-и ҳаҷми соатҳои фанҳои умумигуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, риёзӣ ва фанҳои илми умумитабиии иҷро бояд гардад.
Ташкили раванди таълим барои гирифтани таҳсилот дар шӯъбаи рӯзона бо истифода дар ҳаҷми пурраи таълими фосилавӣ ҳангоми ба ҳисоб гирифтани талаботи муайяншуда ба ташкили раванди таълим барои гирифтани таҳсилот роҳ дода мешавад.
2.Дохилшавандагони муассисаи таълимие, аз рӯи барномаи таълими фосилавӣ фаъолият мекунанд, бояд ба шарту шароити ин усули таълим шинос карда шуда, имзои онҳо гирифта шавад.
3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои таълимгирандагоне, ки барномаи таълимиро бо истифодаи таълими

фосилавӣ аз худ мекунанд, шакли маълумоти мегирифтаашон дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3.Захираҳои асосӣ барои раванди таълими фосилавӣ.
1.Барои таъмини раванди таълими фосилавӣ, дар баробари захираҳои анъанавии иттилоотӣ, чунин воситаҳои таълими фосилавӣ: китобҳои махсус бо мувофиқ кардани мултимедӣ, комплексҳои электронии таълимию методӣ, китобҳои электронии воридшуда, китобҳои таълимӣ, барномаи компютерӣ тренингӣ, машгулияти амалии компютерӣ, маҷмӯи тестҳои санҷишӣ, видеофилмҳои таълимӣ, сабтҳои аудӣ, маъхазҳои дигаре, ки барои бурдани барнома аз рӯи алоқаи каналҳои телекомуникатсионӣ пешниҳод шудаанд, истифода мешаванд.
2.Ба сифати захираҳои асосии иттилоотӣ дар раванди таълим заминаҳои иттилоотии методии коркардашудаи нишондодҳои таълими фосилавӣ истифода бурда мешаванд, ки дараҷаи талаботи замонавиро ҳангоми истифодаи он таъмин менамояд, тибқи ҳаҷм ва мазмуни худ ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот, барномаҳои асосии таълимие, ки дараҷа ва ё талаботи мундариҷаи барномаҳои таълимии иловагии касбиро муайян менамояд, мувофиқ мебошанд.
Заминаи таълими фосилавии додашуда дар шакли маводи нашрӣ метавонад аз навъҳои мухталифи захираи адабиёти таълимӣ ва таълимию методӣ, анвои гуногуни нашрияҳои даврӣ, нашрияҳои соҳавию тахассусие, ки тибқи тайёр намудани мутахассисони соҳа гирд оварда мешаванд, адабиёти ахборӣ–библиографӣ, ҳамчунин нашрияҳои ҷамъиятию сиёсии оммавии марказиву маҳаллӣ, захираи адабиёти илмие, ки дар шакли монографиявию нашрияҳои илмии даврии соҳавӣ гирд омадаанд, пурра гардонида мешаванд.
3.Ҳангоми таълими фосилавӣ муассисаи таълимӣ ба ҳар як таълимгиранда барои истифодаи воситаҳои таълими фосилавӣ ва захираи асосии иттилоотии миқдори соатҳои нақшаи таълимӣ, ки барои омӯзиши барномаи таълимӣ ва ё қисми он зарур мебошад, шароити мусоид фароҳам меоварад.
Бо мақсади таъмини баҳрабардорӣ толибилмон аз манбаи ахборӣ, воситаҳои дигари таълими фосилавӣ дар заминаи муассисаи таълимӣ, шӯъбаҳо, намояндагиҳо ва муассисаи таълимии инфиродӣ аз васоити телекоммуникатсионӣ истифода мебаранд.
Дар сурати мавҷуд набудани воситаҳои зарурии дастгоҳҳои барномавӣ ба таълимгиранда муассисаи таълимӣ ин таҷҳизотро мутобиқи шарту шароит ва қоидаҳои ҷории амалкунанда метавонад алоҳида пешкаш намояд.
4.Ҳангоми таълими фосилавӣ муассисаи таълимӣ ёрии илмӣ ва таълимию методиро ба таълимгирандагон тавассути маслиҳати омӯзгорони варзида, бо истифода аз воситаҳои телекоммуникатсионӣ амалӣ мегардонад.
4.Усул, тарзи баҳодиҳӣ ва санҷиши донишҷӯён.
1.Назорати ҷорӣ ва аттестатсияи мобайнии таълимгирандагон аз ҷониби муассисаи таълимӣ бо усулҳои анъанавӣ, инчунин бо истифода аз воситаҳои электронӣ (саволномаи электронӣ ва ғайра), ки пешравии шахс ба воситаи онҳо имконпазир аст, амалӣ гардонида мешавад. Аттестатсияи ҷамъбастии хатмкунандагон ба тавру усулҳои анъанавӣ гузаронида мешавад.
2.Профессорон ва ҳайати устодон таълими фосилавиро метавонанд аз ҳисоби кормандони омӯзгории муассисаи таълимӣ, филиалҳои он, ки дар шаҳру ноҳияҳои гуногун истиқомат мекунанд, воситаҳои ташкилию методии телекоммуникатсионии раванди таълимро дар филиал ба роҳ монда, консултатсия, назорати ҷории пешрафт ва аттестатсияи мобайниро дар шӯъбаи ғоибонаи таълим дар реҷаи шабакаи намояндагиҳо бо истифодаи телекоммунактивӣ ва дигар воситаҳо, новобаста аз маҳалли ҷойгиршавии кормандони омӯзгорӣ ба амал баронанд.
3.Муассисаи таълимӣ метавонад як ё якчанд барномаи таълимиро дар раванди таълим бо истифодаи ҳаҷми пурраи таълими фосилавӣ дар шабакаи филиалҳои худ ҳангоми консултатсия, назорати ҷории пешрафт ва аттестатсияи мобайнии таълимгирандагони шӯъбаи ғоибонаро дар намояндагиҳо, ки раванди таълимро ташкил менамояд, амалӣ кунад.

5.Талаботи ташкили таълими фосилавӣ.
1.Барои тасдиқи имкони татбиқи як ва ё якчанд барномаи таълимӣ бо истифодаи комили таълими фосилавӣ муассисаи таълимӣ метавонад ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

ариза оид ба гузаронидани санҷиши ин тарзи тайёрӣ мутобиқи талаботи зерин ва дигар талаботи методикаи мазкур муроҷиат намояд:
- мавҷуд будани комплексҳои таълимию методӣ аз ҳар як фанни таълимдиҳанда ва ё мавҷуд будани кейсҳои махсус (комплесҳои инфиродӣ (ҷудогона)-и маводи таълимию методӣ бо истифода аз воситаҳои мултимедиявӣ);
- мавҷуд будани системаи иттилоотии идтиҳодиявӣ (корпоративӣ)-и гардиши ҳуҷҷатҳо (аз он ҷумла электрони)-е, ки ба пуррагӣ ҷараёни таълимро идора мекунад;
- мавҷуд будани устодоне, ки махсус барои кор бурдан дар муҳити иттилоотию таълимии муосир тайёр карда шудаанд;
- мавҷуд будани шаклҳои санҷишӣ дараҷаи дониши толибилмон (аз он ҷумла шаклҳои электронӣ).
Дар ин сурат ҳаҷми талаботе, ки барои муассисаҳои таълимӣ муайян карда мешавад, аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти намуди муассисаи таълимӣ ва махсусиятҳои истифодаи технологияи таълими фосилавӣ муқаррар карда мешавад.
Ҳангоми ташкили санҷиш иштироки масъулони маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин барои муассисаҳои таълимии омӯзиши касби иловагӣ иштироки намояндагони соҳавие, ки муассисаи таълимии мазкур дар тобеияташ аст, ба мақсад мувофиқ мебошад.
2.Муассисаи таълимӣ тибқи қоидаи муқарраргардида қабули донишҷӯёнро ба таълим дар асоси барномаҳои таълимӣ, гузариш ва хориҷ амалӣ мегардонад.
3.Ҳангоми таъсиси таълими фосилавӣ ба мақсад мувофиқ будани натиҷаи раванди таълим ва ба воситаи коргузории дохилӣ дар намуди электронӣ бо истифода аз қоидаҳои қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4.Теъдод ва истифодабарии каналҳои телекоммуникатсионии раванди таълим бо таҷҳизоти махсусгардонидашуда ва лабораторӣ (чи шахсӣ ва чи иҷоравӣ), воситаҳои расонидани донишҳо ба толибилмон дар муассисаи таълимӣ, шӯъбаҳо ва ба таври инфиродӣ (индивидуалӣ) бояд тибқи реҷаи воқеии вақту замон ё дар шакли сабт имкони татбиқи таълими фосилавиро таъмин намояд.
5.Муассисаи таълимӣ метавонад ҳаҷми пурраи сарбории аудиторӣи толибилмонро оид ба ҳар як ихтисос, бо истифода аз дарсҳое, ки барои гузаронидани онҳо воситаҳои телевизионӣ, компутерӣ, алоқавӣ ва ғайра вуҷуд дорад, таъмин намояд.
Ҳамчунин, тамоми таълимгирандагон бояд бо ҷойҳои кории таълимие, ки барои таълими фосилавӣ бо назардошти ивазшавандагӣ муҷаҳҳазанд, таъмин карда шаванд.
Ҷойҳои кории таҷҳизонидашудаи таълимгирандагонро ба шароити мусоиди истифодабарӣ аз воситаҳои таълими фосилавӣ ва захираҳои асосии иттилоотӣ таъмин намудан лозим аст.
6.Барои гузаронидани дарсҳои лабораторию амалӣ, тибқи нақшаи таълимӣ, муассисаи таълимӣ барои толибилмон имкон медиҳад, ки дар ин дарсҳо воқеӣ иштирок намоянд ва ё бо истифода аз таълими фосилавӣ бархурдор бошанд (кори лабораторӣи виртуалӣ ё кор дар лабораторияи дастраси дур).
7.Вобаста ба интихоби технологияи таълими фосилавӣ муассисаи таълимӣ бояд теъдоди муайяни ҳуҷраҳои ба таври махсус ҷиҳозонидашудае, ки гузаронидани рафти таълимро мутобиқи тамоми стандартҳои давлатии таҳсилот имкон медиҳад, дошта бошад. Тамоми ҳуҷраҳо ва ҷойҳои корӣ бояд ҷавобгӯи талаботи муайянгардида бошанд.
8.Муассисаи таълимӣ ба толибилмон имкони гузаштани таҷрибаомӯзиҳои таълимию истеҳсолиро, ки тибқи стандартҳои давлатии таҳсилот ба нақша гирифта шудаанд, таъмин менамояд. Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ аз ҷониби таълимгиранда бо назардошти технологияи муқарраргардидаи анъанавӣ ё таълими фосилавӣ амалӣ мегардад. Таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ (ҳамчунин таҷрибаомӯзиҳои технологиву пеш аз дипломӣ)-и таълимгирандагон одатан ба таври анъанавӣ гузаронида мешаванд.
9.Ба муассисаи таълимӣ тавсия дода мешавад, ки барои ташкили такмили маҳорати касбӣ ва ё баландбардории ихтисоси ҳайати профессорон-устодон, омӯзгорон ва ходимони ёрирасон аз рӯи усули технологияи таълими фосилавӣ дар филиалҳою намояндагиҳо, дар ҳаҷми на камтар аз 72 соат омӯзиш ва такмили ихтисоси онҳоро ба роҳ монад.

**Бо фармони Вазири маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 08 январи соли 2004**
**№ 25 тасдиқ гардидааст**

## Талаботи иҷозатномадиҳӣ ҳангоми ташкили раванди таълим бо истифодаи технологияи фосилавӣ дар асоси барномаҳои таълимии таҳсилоти мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Талаботи иҷозатномадиҳӣ (минбаъд «Талабот») ҳангоми аз ташхиси иҷозатнома гузаронидани мактабҳои олии (филиалҳои) амалкунанда, ки дар асоси барномаҳои асосӣ ва иловагии худ аз чунин технологияи маълумоти фосилавӣ ТМФ ба монанди: технологияи кейсӣ, интернет ё телекоммуникатсионӣ (шабакавӣ) истифода мебаранд; ин технологияҳо ба дараҷаи таълимоти муассисаи таълимӣ (филиал) бо ҷойҳои корӣ: таҷҳизи раванди таълим, дараҷаи таҳсилоти ҳайати профессорону омӯзгорон, такмилу таъмини штатҳо, ки ба теъдоди ҳадди аксари муҳассилин мувофиқат менамоянд, амал мекунад.

### 1. Талабот ба таҷҳизоти бинои таълимӣ

1.1. Талаботи умумӣ
Сарфи назар аз истифодаи технологияи таълими фосилавӣ мактабҳои олӣ (филиалҳо) бояд синфхонаҳои таълимии махсуси чиҳозонидашуда дошта бошанд, ки раванди таълимро аз ҳамаи фанҳо мувофиқи Стандарти давлатии таҳсилот амалан ба роҳ монда тавонанд. Мувофиқи нақшаҳои таълимии амалкунанда барои гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ мактабҳои олӣ (филиалҳо) бояд лабораторияҳои ҷиҳозонидашуда дошта бошанд ё худ имкон дошта бошанд, ки бо истифода аз технологияи таълими фосилавӣ фаъолияти муҳассилинро (корҳои вертуалии лабораторӣ, кор дар лабораторияи дар масофаи дур қарордошта ё дар маҷмӯи лабараторияҳои кейсии шабеҳ) таъмин карда тавонанд.
Мактабҳои олӣ (филиалҳо), ки дар раванди таълим технологияи таълими фосилавиро ба пуррагӣ истифода мебаранд, бояд студияи муҷаҳҳаз ва техникаи видеопроексионӣ барои гузаронидани телеконференсияҳо дошта бошанд. Таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ ва серверӣ, техникаи нусхабардор ва сканер дар бинои алоҳидаи барои шахсони бегона дастнорас бояд ҷойгир карда шаванд.
Мактаби олӣ (филиал) вазифадор аст, ки ба донишҷӯёни таълими рӯзона фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро мувофиқи соатҳои дар Стандарти давлатии таҳсилот пешбинишуда таъмин намояд. Ба донишҷӯёне, ки вобаста бахшҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошанд, иҷрои мустақилонаи машғулиятҳои тарбияи чисмонӣ иҷозат дода мешаванд. Чунин донишҷӯён вазифадоранд, ки оид ба машғулияташон дар бахши (сексия) тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва мувофиқати он ба Стандарти давлатии таҳсилот ба мактаби олӣ маълумотнома пешниҳод намоянд.
Бо мақсади назорати ҷорӣи донишазхудкунӣ аз рӯи барномаи таълим бо назардошти ҳаҷми пурраи технологияи таълими фосилавӣ аттестатсияи донишҷӯён гузаронида мешавад. Дар раванди назорати ҷории донишазхудкунии донишҷӯён кифояти донишҳои бадастомада ва шахсияти хонандагон низ ба эътибор гирифта мешаванд.

### 1.2. Технологияи кейсӣ

Машғулиятҳои кейсӣ дар синфхонаҳои барои таълими рӯзона таҷҳизонидашуда гузаронида мешаванд.
Барои самаранокии машғулиятҳо ва истифодаи усули фаъоли таълим маводи тасвирии таълим мавҷудияти шабакаи дохилии компютер (интернет): иттилооти ҳозиразамон ва таҷҳизоти намоищдиҳанда зарур аст.

**1.3. Технологияи интернет (шабакавӣ)**

Ташкили раванди таълим бо истифодаи пурраи технологияи шабакавӣ барои ташкили таълими рӯзона тақозо дорад, ки тамоми донишҷӯён ҷойи барои таълими фосилавӣ ҷиҳозонидашудаи худро дошта бошанд, ё бо ин гуна ҷой аз тарафи таълимгоҳ таъмин карда шаванд.

Таҳти мафҳуми ҷойи кории барои таълими фосилавӣ ҷиҳозонидашуда инҳо дар назар дошта мешаванд: компютер бо васоити мултимедия, ки ба воситаҳои вурудият ба интернет ҷиҳозонида шудааст. Ҷойи кории дурдасти донишҷӯён дар асоси аризаи шахсии худи онҳо сабт карда мешавад. Барои дар дигар шаклҳои таълим ба таври пурра истифода кардани технологияи интернет (шабакавӣ) синфхонаҳоро махсус ҷиҳонозидан шарт нест. Кифоя аст, ки дорои компютерҳо ва имкони ба интернет воридшавиро дошта бошанд, то ки ҳамаи намудҳои аттестатсияҳо гузаронида шаванд.

Ба ҳар омӯзгор бояд имкон фароҳам оварда шавад, ки дар реҷаи «on-line» ва «of-line» гуфтушуниди таълимӣ анҷом диҳад ва аз захираю имконоти ахбории таълими фосилавӣ баҳри идоракунии фаъолияти донишҷӯён, ки ҳаҷман мутобиқи фанни тадрисшаванда мебошад, комилан истифода барад.

Таълимгоҳ бояд биноӣ махсусгардонидашуда дошта бошад, ки дар он чунин воситаҳои технологияи шабакавӣ (интернет)- касб карда тавонад:

- асбобҳои серверӣ, ба монанди сервери маълумотдиҳандаи дорои захираи ахборӣ ва таълимӣ, сервери талекоммуникатсионӣ, сервери муҳофизатӣ аз воридшавии худсарона ва монанди инҳо;
- техникаи ташкилӣ (нусхабардор, техникаи аудио ва видео ҳам барои сабт ва ҳам намоиш);
- мултимедияи компютер барои сабт ва намоиш дар CD ҚОМ: васоити алоқаи видеоконференсия.

**1.4. Технологияи коммуникатсионӣ**

Таълимгоҳ бояд барои гузаронидани телеконференсияҳо студия ё студияҳо ва барои филиалҳо ва намояндагиҳояшро бо видео телеконференсияҳо таъмин карда, дастаи «комплектӣ» асбобҳои видеонамоишдиҳӣ дошта бошад. Асбобҳои телекоммуникатсионӣ ва сервис бояд дар биноӣ алоҳида ва дастрасияш маҳдуд ҷойгир карда шаванд. Ташкили раванди таълим тақозо дорад, ки муҳассилин бо назардошти коэффисенти ивазшавияшон бо ҷойи кори таълимӣ таъмин карда шаванд, ки номгӯйи тахминии ин ҷойҳо чунин аст:

- ҷойи ба компютери шахсӣ ҷиҳозонидашуда;
- ҷойи дар толорҳои видеонамоиш ва теленамоиш, ки имкони дидани коллективонаи барномаҳои компютерӣ, телевизион ё видеофилмро дорад ва имкони иштирок дар телеконференсияҳоро фароҳам меоварад;
- ҷойи ба асбобҳои тестгузаронӣ ҷиҳозонидашуда;
- ҷойи бо асбобҳои видеосабт ва видеонамоиш ҷиҳозонидашуда.

Ҷойҳои дигаре, ки истифодабарии воситаҳои таълими фосилавӣ ва ахбори таҳсилотиро имконпазир мегардонад.

**2. Муҳайё сохтани раванди таълим**

2.1.Таҷҳизоти раванди таълими коммуникатсионӣ

2.1.1. Талаботи умумӣ

Дар шароити таълими фосилавӣ таълимгоҳ вазифадор аст, ки ҳар як муҳассилро дар ҳаҷми соатҳои нақшаи таълим бо захира ва воситаҳои асосии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки барои азхудкунии барномаҳои таълим кифоя мекунанд, таъмин намояд.

Дар ҳолати мавҷуд набудани барномаҳои таълим мактаби олӣ метавонад ин воситаҳоро вобаста ба шароит, тартибот ва қонунҳои амалкунанда ба донишҷӯён бевосита пешниҳод намояд.

**2.1.2. Технологияи кейсӣ**

Барои истифодаи технологияи кейсӣ ва воридшавӣ ба каналҳои коммуникатсионӣ баҳри ба даст овардани маълумоти асосӣ ба донишҷӯён талаботи махсус пешниҳод карда намешавад.

Ба мактаби олӣ зарур аст:

- баромадан ба интернет;
- Wӯӣ-сайт бо саҳифаҳо, ахбори мазмуни таълимию методӣ ва таълимию маъмурӣ барои

донишҷӯён таъмини алоқаи дутарафа байни устодон ва донишҷӯёни мактаби олӣ (1-то Wӯӣ-сайт барои якчанд мактаби олӣ). Адади Wӯӣ-сайт аз рӯи нишондоди ҒҚL шартнома барои хидматрасонии провайдерӣ ё корбарии сайтӣ бо ҳуҷҷатҳо (фармонҳои дохилӣ, санадҳо ва ғайра) асоснок мегардад. ҳангоми якҷо истифодабарӣ аз Wӯӣ-сайт якчанд мактаби олӣ бояд миёни худ шартнома банданд;
- бояд якчанд рақами телефон (алоқаи бисёрканалии телефонӣ) барои консултатсия ба ихтиёри омӯзгорон (рӯзона) дода шавад.

**2.1.3.Технологияи шабакавӣ (интернет)**
Раванди таълим бо истифодаи технологияи шабакавӣ (интернет) комилан ба муҳити махсусгардонидашудаи ахборою таҳсилотӣ такя мекунад. Ин муҳит воситаҳои таҳия, нигаҳдорӣ, дастрасгардонӣ, сафарбарӣ ва идораи раванди таълимро аз тариқи интернет фароҳам меоварад. Барои амалигардонии раванди таҳсилот таълимгоҳи асосӣ (базавӣ) бояд воситаҳои зеринро муҳайё созад:
- равобити шабакавӣ дар заминаи шабакаи комютерӣ тақсимшудаи корпоративӣ ё маҳдуд;
- имкони воридшавӣ ба шабакаи Интернет аз тариқи хатти канали ҷудошуда, ки қобилияти интиқолияш на камтар аз ду Мбайт/сония аст;
- Wӯӣ-сайти ахборотию таҳсилотӣ ё тавоноии таҳсилотӣ;
- хидматрасонии интернет – провайдер дар асоси қарордод;
- мавҷудияти ҳуҷҷате, ки бақайдгирии расмии доменро тасдиқ мекунад, мавҷудияти ҳуҷҷати берунӣ ё дохилӣ, ки истифодабарии сайти таҳсилотиро иҷозат медиҳад. Дар сурати истифодаи шариконаи Wӯӣ-сайт аз тарафи якчанд муассиса мавҷудияти шартномаи миёни онҳо;
- мавҷудияти хатти телефони робитаи фаврӣ бо ҳамаи иштирокдорони раванди таълим;
- мавҷудияти васоити фаврии онлайн ва офлайн барои ҳамаи иштирокдорони муҳити ахборию таҳсилотӣ, анҷуман (форуми) мубоҳисот, телеконференсия, мукотиботи электронӣ, ICQ, CHAT, FAQ, ки дар Wӯӣ-сайт маҳфуз аст;
- мавҷудияти алоқаи видеоконференсия.
Муассисаи таҳсилотӣ ба донишҷӯён речаи шабонарӯзии кории асбобҳои серверӣ ва воситаҳои воридшавӣ ба захираҳои ахбории таҳсилот, омодабошии тамоми воситаҳои техникӣ ва барномавии равобит бо омӯзгоронро кафолат медиҳад. ҳамзамон, муназзимӣ ва пайдарпайии ахборивазкунии миёни муассисаи таҳсилотии асосӣ ва ҷузъҳои минтақавии он бояд таъмин карда шавад.

**2.1.4.Технологияи телекоммуникатсионӣ**
Қудрати интиқолии телекоммуникатсионии таълимгоҳи таҳсилотӣ (филиал, намояндагӣ) барои ташкили раванди таълим аз рӯи ҳамаи намудҳои фаъолияти таълимии дар нақшаи таълим ва ҷадвали тақвимии раванди таълим пешбинишуда бояд кифоя кунад.
Ҳангоми истифодаи технологияи телекоммуникатсионӣ хатҳои коммуникатсионии алоқа бояд ба ҳар ҷойи таълими компютерӣ воридшавиро ба шабакаи умумӣ таъмин намояд. Қудрати интиқолии ин шабака на камтар аз 30 Кбит/сония бошад, захираҳои ахборотӣ бояд дар гиреҳбандҳои қудрати интиқолии хатҳои каналҳояшон на камтар аз 1 Кбит/сонияро барои як донишҷӯ дошта бошанд.
Ҳангоми истифодаи технологияи телекоммуникатсионӣ хатҳои алоқа бояд қудрати зерини интиқолиро дошта бошанд:
- ба сӯи донишандӯз на камтар аз 1 Мбит/ сония;
- аз сӯи донишандӯз на камтар аз 8 Кбит/ сония.
Талабот ба речаи кори дастгоҳӣ-барномавии раванди таълими телекоммуникатсионӣ ҳамон аст, ки ба технолгияи шабакавӣ (интернет) пешниҳод шуда буд.

**2.2. Талабот ба таҷҳизоти раванди таълим**
2.2.1. Талаботи умумӣ
Шумораи компютерҳо дар синфхонаҳо ва ҷобаҷогузории онҳо мувофиқи қоидаҳои санитарию

меъёрии Сан ПиН 2.2.2. 542-96 муайян карда мешаванд: масоҳати 1 ҷойи кори компютерӣ бояд на кам аз 4,0 м. кв-ро ташкил диҳад. ҳамаи компютерҳо бояд ба шабакаи умумӣ пайваст карда шуда бошанд.
Компютерҳо дар ҷойи корӣ бояд мувофиқи намудҳои корҳои таълимӣ ҷо ба ҷо карда шаванд. Дар ҳар ҷои корӣ гузариши картаи овоздиҳанда ва гӯшак бояд мавҷуд бошад.
Мактаби олӣ бояд иҷозатномаи таҳияю таъмини барномаҳои таълим ва ҳуқуқи дар филиалҳо амалӣ сохтани онҳоро дошта бошад.

**2.2.2. Технологияи кейсӣ**

Барои омӯзгорон ва кормандони маъмурӣ ҷойҳои кории бо компютер ҷиҳозонидашуда ва вуруд ба шабакаи коммуникатсионӣ (интернет, системаи радифи телевизионӣ) зарур аст. Барои мактабҳои олӣ технолгияи кейсии таълими фосилавӣ бо усули фаъоли таълими телекоммуникатсионӣ дар раванди таълим ба 100 донишҷӯ на кам аз 9,5 воҳид техникаи ҳисоббарор ҳатмист. Барои гузаронидани телеконференсияи коллективона ба 100 донишҷӯ ба миқдори 0,2 дастаи видеопроексионии аппаратҳо лозим мешавад. Адади техникаи компютерӣ бояд талаботи фардии донишҷӯёни аризадодаро барои истифодаи компютерҳо дар шабакаҳо, шумораи муайяни аз ҷойҳои кор ва истиқоматӣ ба компютер воридшавандаро қонеъ намояд. Бинобар ин, дар балансии муассисаҳои таълимӣ ба 100 донишҷӯ техникаи ҳисоббарор набояд аз 0,13 воҳид кам бошад.

**2.2.3.Технологияи шабакавӣ (ннтернетӣ)**

Технологияи иттилоотии таълимӣ бояд тарзҳои гуногуни баёнгардонии захираҳои иттилоотӣ ва роҳҳои фаврӣ ва васоити иттилооти воридшавиро дар бар гирад. Захираи иттилоотӣ бояд комилан раванди таълим ва сифати дониши донишҷӯёнро таъмин намояд. Воридшавии фаврӣ ба захираҳои иттилоотӣ дар асоси шабакаҳои компютерӣ ва технологӣ бояд анҷом ёбад. Ба ҳисоби миёна ба 8 нафар донишҷӯ бояд 1 компютер рост ояд. Барои гӯш кардани сабти аудио ва дидани сабти видео ба 15 нафар донишҷӯ на кам аз 1 комплект аппаратураи нав бояд муҷаҳҳаз бошад.
Аз ин маълум мешавад, ки барои устодони мактабҳои олӣ миқдори ҷойҳои кории комютерӣ ба меъёри дар 1 рӯз 3 соат муайян шуда, ба 4 устод 1 ҷои кориро ташкил медиҳад.
Ба ҳар як устод бояд имкони гуфтугӯи таълимӣ дар «on-line» ва «of-line» барои реҷа ва идора намудани фаъолияти таълимии донишҷӯён мувофиқи фанҳои таълимӣ таъмин гардад.
Муҳайё будани низоми автоматикунонидашудаи раванди таълими дорои бонки маълумоти пурра, инчунин бонки ахбори таълимии (супоришҳои санҷишӣ ва ғайра) камёфт зарур мебошад.
Бунёди мукаммали таҳсилот дар мактабҳои олӣ мавҷуд буда, дар филиалҳо сегментҳои бевоситаи ба фаъолияти онҳо алоқаманд ҷой дода мешаванд: дар ин ҳолат бунёди автоматикунонидашудаи таҳсилоти мактаби олӣ ва филиали он бояд таъмин карда шавад.
Чунин сохтори идоракунии раванди таълим ягонагии давраи омӯзишро дар мактаби олӣ таъмин менамояд.

**2.3. Таъминоти раванди таълим бо адабиёт, маводи таълимию методӣ ва иттилоотӣ**

**2.3.1. Талаботи умумӣ**

Мактаби олӣ вазифадор аст, ки ба ҳар як донишҷӯ мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилот адабиёти таълимӣ, маводи таълимию методии дар коғазҳо ё варақаи электронӣ сабтшуда, ташкили раванди таълим, барномаҳои таълимии ҳамаи фанҳоро комилан дастрас гардонад. Дар раванди таълим ба сифати захираи иттилооти ахбори таълими фосилавӣ тавре истфода мешавад, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ бошад. Ин ахбори таълими фосилавӣ аз рӯи ҳаҷм ва мундариҷа ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот, барномаҳои асосии таълим ва мундариҷаи барномаҳои таълими иловагии касбӣ мувофиқат мекунанд.
Асосҳои илмию методии таълими фосилавӣ дар мазмун ва мундариҷаи нашриёҳои гуногуни зерин инъикос меёбанд: адабиёти таълимию методӣ, нашриёҳои даврӣ ва муҷаҳҳазкунонидашудаи соҳавӣ мансуб ба тайёр кардани кадрҳо нашриёҳои иттилоотию китобдорӣ, инчунин нашриёҳои дигари марказӣ ва ҷамъиятию сиёсии маҳаллӣ;
Дар манографияҳо ва нашриёҳои даврии мансуб ба барномаи фанни таълимии пешниҳодгардида.

Барои таъмини раванди таълими фосилавӣ аз чунин адабиёт ва маводи таълимию методӣ ва иттилоотӣ истифода бурдан мумкин аст: китобҳои дарсии махсусгардонидашуда бо истифодаи таҷҳизоти аёнӣ, комплексҳои таълимию методии электоронии мутобиқ ба китобҳои электоронӣ, воситаҳои таълимӣ, барномаҳои компютерии тренингӣ, корҳои амалию лабораторӣии компютерӣ, маҷмӯи тестҳои санҷишӣ, видеофилмҳои таълимӣ, сабтҳои аудио ва дигар маводи мувофиқ ба каналҳои телекоммуникатсионӣ.

**2.3.2. Технологияи кейсӣ**

Адабиёти таълимию методӣ барои кори мустақилона ва тайёрӣ ба аттестатсияи ҷории донишҷӯён ба дараҷаи кофӣ бояд муҳайё бошад. Бинобар ин таҷҳизоти таълимию методии кейс барои донишҷӯён бояд инҳоро фаро гирад:

- нақшаи кори семестрии дониш;
- ҷадвали чорабиниҳо дар шӯъбаҳои рӯзона;
- тайёрӣ ва машварат (консултатсия);
- қайд намудани мундариҷаи мавзӯъҳои назариявӣ, ки ба нақшаи таълими риштаҳо (ихтисосҳо) ва дар навбати худ ба Стандарти давлатии таҳсилот мувофиқанд ва дар шакли барномаҳои кории фаннӣ, курсҳои назариявӣ, самти корҳои амалию лабораторӣ ва моделкунонӣ оварда шудаанд;
- воситаҳои дидактикӣ, истифода аз таҷрибаи фардии донишҷӯ, мантиқи солиму фаҳмо ва таъмини идораи корҳои мустақилонаи донишҷӯ; мақсад ва вазифаи таълим, тезис ва проблемаи асосӣ (аз рӯи мавзӯъ); воситаҳои проблемавӣ (саволу супоришот); супоришоти санҷишӣ ва машқҳои худназораткунӣ ва тадриҷан азхудкунии васеи маводи таълимӣ бар асоси мисолҳо, ҷадвалу нақшаҳо;
- курси лексияҳо (китобу дафтарҳои корӣ), ки дар шакли чопӣ (бо назардошти имкони донишҷӯ ва шароити кори мустақилона), ё худ дар воситаҳои электронӣ буда метавонанд;
- маҷмӯи супоришот, машқҳо, мавзӯи корҳои санҷишӣ, ки иҷрои онҳо аз рӯи курсҳои назариявии нақшаи таълим барои аттестатсия заруранд;
- адабиёти иловагии таълимӣ, маҷмӯи матнҳою маводи асосӣ ва иловагие, ки аз китобхонаи муассисаи таълимӣ барои донишҷӯ дастнорасанд ё бо душворӣ ба даст меоянд, ба шакли электронӣ дар дискетаҳо ё CD-ҚОМ , дар формати гипертекст, ё гипермедиа, ба шакли барномаҳои видео ва аудио нашр ва дастрас карда мешаванд;
- тавсияҳои методӣ оид ба курсҳо, мақсад ва вазифаҳои курс, ки дар сохторҳо сабт гардиданд, тавсияҳо оид ба истифодаи комплекти таълимию методӣ, ташкили кори мустақилона муносибати фаъоли коммуникатсионӣ бо устодон ва маъмурияти мактаби олӣ, тартиби иҷрои нақшаи аттестатсионӣ, тарзи банақшагирии вақти таълим, тартиби ҷамъбасти мустақилонаи таҷрибаомӯзии таълимӣ ва ҳисоботи ҷамъбастиро дар бар мегирад.

Микдори воҳидҳои комплекти таълимию методие, ки дар ихтиёри муассисаи таълимӣ ё дар истифодаи шахсии донишҷӯён қарор дорад, бояд баробари шумораи донишҷӯён ё аз онҳо зиёд бошад.

Дар муассисаи таълимӣ мавҷудияти инҳо заруранд:

- китобхонаи электронӣ бо мавҷудияти адабиёти асосӣ ба воситаи Wӯӣ-сайт оид ба фанҳои нақшаи таълим;
- бонки электронии тестҳо, ки гузаронидани тренингҳоро дар шакли тестӣ имконпазир мегардонад.

Иҷрои талаботи охирин метавонад бо ҳайати комплекти таълимию методии (кейсӣ) мувофиқ иваз ё илова карда шавад.

**2.3.3. Технологияи шабакавӣ (интернет)**

Талабот ба маҷмӯи таълимию методӣ (минбаъд МТМ) ба муқаррароте, ки дар талаботи умумии ташкили раванди таълим тавассути захираҳои ахборию таҳсилотӣ оварда шудаанд, комилан мутобиқ аст.

МТМ дар муҳити ахборию таҳсилотӣ ҷой дода мешавад ва аз далелҳои тақсимшудаи бонкӣ иборат аст. Ба ин далелҳои бонкӣ ҳар як донишҷӯ мувофиқи пороли инфиродӣ кафолати воридшавӣ дода мешавад. ҳамаи унсурҳои МТМ бояд ба андозаи рақамӣ пешниҳод ва дар сервер бо тартиби

муайян ҷой дода шуда бошанд. Онҳо бояд возеҳу равшан ҳамчун маводи графикаи аудио (видео) инъикос шуда бошанд ва ба андозаи матни далелҳо (ҳамчун маводи электронӣ) мувофиқат намоянд. Онҳо воридшавиро ба ҳамаи бобҳои таълимӣ таъмин намоянд, андозаи муносиб (мавод дар коғаз) дошта бошанд. Донишҷӯён бо ахбори муфассал ва дастури ҳама намудҳои машварат (консултатсия), бо график ва дастури гузаронидани ин машғулятҳо таъмин карда мешаванд:
- машваратҳои гуногунзамонӣ - мукотибаи электронӣ: FAQ, анҷумани мубоҳисот, телеконференсия, ҳаҷмаш на камтар аз 10 фоизи меҳнати азхудкунии фан аст;
- машваратҳои ҳамзамонӣ - CHAT, ICQ видеоконференсия, ҳаҷмаш на камтар аст аз 5 фоиз меҳнати азхудкунии фан мебошад.

**2.3.4. Технологияи телекоммуникатсионӣ**
Талабот дар МТМ ба муқарарроте, ки дар талаботи умумии ташкили раванди таълим тавассути захираҳои ахбороти таҳсилотӣ оварда шудаанд, комилан мутобиқ аст.
Мавҷудияти маводи видео ва аудио ҳатмӣ мебошад. Маводи таълимӣ, ки ба кори инфиродӣ марбут аст, бояд ба ҳар донишҷӯ як нусхаро ташкил диҳад. Замимаи мултимедиа (сабти аудио ва видео) метавонад дар реҷаи гурӯҳи хурд истифода шавад; ба 8 донишҷӯ на камтар аз як нусхаи мултимедияҳо бояд ростояд. Китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ бояд якнусхагӣ барои ду донишҷӯ муҳайё бошад.

3. Талабот ба таъмини кадрии раванди таълим
3.1. Такмили штатҳои кормандони педагогӣ
**3.1.1. Талаботи умумӣ**
Кормандони педагогии мактабҳои олӣ, ки раванди таълими фосилавиро таъмин мекунанд, аз гурӯҳҳои зерин иборат мебошанд ва онҳо бо вазифаҳои баӯҳдадоштаашон аз якдигар фарқ мекунанд:
- ҳайати профессорон-устодон;
- ҳайати идора ва ходимон;
- ҳайати кормандони ёрирасон;
- ҳайати муҳандисон ва техникҳо;
- устодон ва кормандони ходим ва технолог-педагогҳо, ки бо истифода аз технологияи таълими фосилавӣ дар филиалҳо бо донишҷӯён машғулиятҳо мегузаронанд.
Бо сабаби ин фарқиятҳои вазифавӣ талабот низ ба онҳо фарқ мекунанд.
Такмили штатҳои устодон – методистҳо аз ҳисоби кормандоне, ки дар мактаби олии мазкур ҷои кори асосӣ ё иловагӣ доранд, бояд чунин бошад:
барои мактабҳои олие, ки то 2 сол фаъолият доранд, на– кам аз 10 %;
барои мактабҳои олие, ки аз 1 то 3 сол фаъолият доранд,– на кам аз 15 %;
барои мактабҳои олие, ки аз 3 то 5 сол фаъолият доранд,– на кам аз 20 %;
барои мактабҳои олие, ки аз 5 то 9 сол фаъолият доранд,– на кам аз 30 %;
барои мактабҳои олие, ки зиёда аз 9 сол фаъолият доранд,– на кам аз 40 %.
Дар ин нишондод саҳми кормандони (педагогӣ), асосӣ (штатӣ) ва ҳамкорони (педагогҳо) дохилӣ ба назар гирифта шудаанд.
Педагог - технологҳо дар муассисаи таълимӣ ба сифати корманди штатӣ (асосӣ): ё дар соҳаи интихобкардаашон, ки ба самти барномаи тахассусӣ мувофиқат менамоянд, ҳамчун ҳамкор фаъолият мекунанд.
Шумораи устод - методистҳо ва педагог-технологҳо, ҳамчунин таносуби шумораи онҳо вобаста ба шумораи донишҷӯён бо зарурати корӣ аз ҷониби роҳбарияти мактаби олӣ мустақилона муайян карда мешавад.
Ҳангоми дар шаҳрҳо ва маҳалҳои гуногун сукунат доштани ҳайати профессорнону устодони мактаби олӣ ва дигар кормандони педагогӣ онҳо бояд аз ҷиҳати ташкилӣ ва методӣ ба воситаҳои телекоммуникатсионӣ муттаҳид карда шуда бошанд; ҳар яке аз онҳо бояд дар ихтиёри худ воситаҳои мувофиқи талекоммуникатсионӣ дошта бошад, ки барои ба амал овардани чараёни таълим, машварат, назорати ҷории азхудкунӣ, аттестатсияи бобвори донишҷӯён, корҳои таълимию методии кафедра лозим аст.

Вазифаҳои асосие, ки педагог-технологҳо иҷро мекунанд, сарфи назар аз технологияи таълими фосилавии амалкунанда, инҳоянд:
- роҳбарии бевосита ба кори донишҷӯён;
- машғулиятҳо бо донишҷӯён дар ҳайати гурӯҳҳои таълимӣ;
- назорати сифати азхудкунии қисмҳои барномаи таълим ва гузаронидани аттестатсияи бобвор;
- машваратҳои техникӣ ба ҳайатҳои гуногуни донишҷӯён чи дар шакли инфиродӣ (индивидуалӣ) ва чи дар гурӯҳҳо;
- саҳмгузорӣ дар таҳияи маводи таълимӣ ва методӣ.
Вазифаҳои асосии кории устод-методистҳо инҳоянд:
а) Кор бо технологияи кейсӣ;
- таъмини густариши саривақтии маводи таълимӣ ва методӣ дар миёни донишҷӯёну устодон;
- тайёрии касбӣ ва дастгирии илмию методии фаъолияти педагог-технологҳо, иштирок намудан дар аттестатсия ва баланд бардоштани савияи дониши онҳо;
- иштирок дар аттестатсияҳои бобвор ва ҷамъбастии донишҷӯён ва шунавандагоне, ки ҳоло таълим гирифта истодаанд.
б) Технологияи шабакавӣ;
- доир кардани лексияҳо, семинарҳо, машваратҳо бо истифодаи технологияи «on- linӯ» ё «off-linӯ».

3.2. Меъёри таҳсилоти миқдори педагогҳо
Дар ҳайати устодон-методистон бояд на камтар аз 60% шахсон дараҷа ё унвони илмӣ ва на камтар аз 20% дараҷа ё унвони доктори фанҳо, ё профессор дошта бошанд. Вазифаи устод- методистро шахсоне соҳиб шуда метавонанд, ки таҳсилоти бунёдияшон ба равияи фанне, ки таълим медиҳанд, мувофиқат кунад.
Дар ҳайати педагог – технологҳо бояд на камтар аз 20% шахсон дорои унвони илмӣ бошанд. Ҳамаи педагог- технологҳо бояд таҳсилоти олии касбӣ ва оид ба омӯзиши курси махсуси таълим (дар ҳаҷми на камтар аз 72 соат) ҳуҷҷат дошта бошанд, ки аз омӯзиши усулҳои таълимӣ ба технологияи таълими фосилавӣ асосёфта гувоҳӣ диҳанд.

3.3. Бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси педагогҳо
**3.3.1. Талаботи умумӣ**
Мактаби олӣ вазифадор аст, ки системаи бозомӯзии касбҳо ё такмили ихтисосро ба роҳ монад: ҳайати профессорону устодон (устод-методистҳо) барои гузаронидани дарсҳо дар муҳити нави таълимию иттилоотӣ; устодон ва кормандони махсуси таълимӣ- ёрирасон (педагог-технологҳо) барои кор бо технологияи таълими фосилавӣ дар филиалҳо ҷалб карда мешаванд. Ҳаҷми омӯзиш на камтар аз 72 соат ва на дертар аз як маротиба дар 5 сол. Мактаби олӣ вазифадор аст, ки сифати таълимро мунтазам назорат кунад.
Барномаи таълим барои устод- методистон ва педагог – технологҳо бояд силсилаи фанҳои махсусро фаро гирад, ки дар натиҷаи аз худ намудани онҳо устод- методистҳо ва педагог-технологҳо бояд:
- оид ба фанҳои соҳавӣ ва фанҳои ба онҳо наздик соҳиби дониши касбӣ бошанд, ки шарти зарурии гузаронидани машғулиятҳои комплексӣ, ҳамгӣро ва аттестатсия мебошад;
- тайёр ва гузаронида тавонистани машғулиятҳои гурӯҳӣ дар шакли бозиҳои корӣ «ҳуҷумҳои фикрӣ», ки ба принсипи таҳарруки (динамикаи) гурӯҳ мувофиқат намояд;
- тарзу услуҳои машваратҳои инфородии (консултатсияҳо) таълимӣ ва психологӣ, инчунин, тарзи машвартаро ба воситаи интернет дар реҷаи «off-line» ва «on-line» донанд;
- дар баҳодиҳӣ ба сифати дониш, тафтиш, тақризнависӣ, роҳбарӣ ба навиштани корҳои санҷишӣ ва курсӣ, аз ҷумла лоиҳавӣ ва татқиқотӣ, ки аз тарафи гурӯҳҳои аз устод дур иҷро карда мешаванд, донишу малакаи махсус дошта бошад;
Аз технологияи компютерии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама, аз ҳамаи технологияҳои кор бо WWW-ро дилпурона истифода бурда тавонад.
Ин талабот барои устод-методистҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, барои педагог- технолог ҳатмист.

**4. Таносуби масоҳати таълимӣ ва шумораи донишҷӯён**

Мактаби олӣ (филиал), ки барномаҳои таълимиро бо истифодаи ҳаҷми пурраи таълими фосилавӣ ба амал мебарорад, миқдори ниҳоии донишҷӯёнро аз рӯи масоҳати биноҳои таълимӣ-лабораторӣ муайян мекунад.
Меъёри масоҳати таълимию лабораторӣ ба ҳар як донишҷӯи таълими рӯзона ба таври зайл муайян карда мешавад (ҷадвали 1):

| | **Технологияҳои таълими фосилавӣ** | |
|---|---|---|
| **Равияҳои барномаи таълимӣ** | **Технологияи кейсӣ** | **Технологияи шабакавӣ (интернет)** |
| Гуманитарӣ: умумитаълимӣ ва илмҳои табиӣ | 5,5 м/м | 6 м/м |
| Байнисоҳавӣ ва техникӣ | 7,5 м/м | 6,8 м/м |

Миқдори ниҳоии донишҷӯён бо назардошти технологияи таълими фосилавӣ ва равияҳои барномаи таълим муайян карда мешавад.
Миқдори ниҳоии донишҷӯён мувофиқи афзоиши коэфипсенти смена дар асоси ҷадвали раванди таълим метавонад тағйир дода шавад.
Чунин тарзи баҳисобгирии миқдори ниҳоии донишҷӯён барои шакли рӯзонаи таълим пешбинӣ шудааст. Барои гузариш ба шумораи дақиқи донишҷӯён коэфисентҳои зерин истифода мешаванд: 1,0; 0,25; 0,1 мутаносибан барои шаклҳои таълими рӯзона, рӯзона-ғоибона (шабона) ва ғоибона.

**Бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июли соли 2004 № 309 тасдиқ карда шудааст**

**Дастури методӣ
оид ба ташкили гузаронидани худаттестатсиякунонии муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, олӣ ва баъди мактаби олиро амалӣ мегардонанд.**

1.Дастури методии мазкур оид ба ташкили гузаронидани худаттестатсиякунонии муассисаҳои таълимие (минбаъд-тавсия) мебошад, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, олӣ ва баъди мактаби олиро амалӣ магардонанд, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.02.2003 таҳти №54 «Дар бораи тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.
2.Дастур барои гузаронидани худаттестатсиякунонии муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, олӣ ва баъди мактаби олиро, новобаста ба шакли моликият ва тобеияти идорӣ, мувофиқи тартиботи ягона ва ҳаҷм амалӣ мегардонад, нигаронида шудааст.
3.Худаттестатсиякунонӣ бо мақсади таҳлили воқеӣ ва худбаҳодиҳии захираҳои стратегӣ ва самарабахшии фаъолияти муассисаҳои таълимии маориф оид ба баланд бардоштани сифати

хизматрасонии таълимӣ ва комёбиҳою вазифаҳои он гузаронида мешавад.
4.Вазифаҳои худаттестатсиякунонӣ аз инҳо иборатанд:
- муайян ва таҳлил намудани фаъолияти таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, молиявию иқтисодӣ, ташкилию тарбиявӣ; иқтидори кадрӣ; вазъияти заминаи моддӣ-техникӣ, таъмини китобхона бо маводи ахбориву методӣ;
- муайян ва таҳлил намудани самаранокии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар амалигардонидани барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои ҳатмии умумии давлатие, ки ба дараҷаи таҳсилот мувофиқат мекунанд:
- ташкили нақшаи аниқи чорабиниҳо оид ба бартараф кардани камбудиҳои ошкоркардашуда ва такмили фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;
- таъмини асосҳои воқеӣ барои банақшагирии стратегӣ, инкишоф, такмил ва баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ;
- таҳияи стратегияи инкишофи минбаъдаи муассисаҳои таълимӣ;
- ташкили базаи ягонаи мутамаркази таҳсилот аз рӯи ҳамаи самтҳои фаъолият;
- омодагии муассисаҳои таълимӣ барои гузаштан аз аттестатсияи давлатӣ.
5.Худаттестатсиякунонии муассисаҳои таълимӣ, шӯъбаҳои он ва тахассусҳо, ки аз рӯи онҳо мутахассисон тайёр карда мешаванд, қоидаҳои ҳатмии гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи гузашта ба ҳисоб меравад.
6.Худаттестатсиякунонии муассисаҳои таълимӣ аз рӯи ҳамаи ихтисосҳои таълимгоҳҳои миёнаи касбӣ, олӣ ва баъди мактаби олӣ, ки тибқи иҷозатномаи давлатӣ фаъолиятащро амалӣ мегардонад, гузаронида мешавад.
7.Муассисаҳои муштараки байналмилалӣ, муассисаҳои таълимие, ки аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ таъсис ёфтаанд ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, аз рӯи ҳамон тартибу қоида, ки барои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст (агар дигар шартномаҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ нашуда бошад), худаттестатсия карда мешаванд.
8.Худаттестатсияи филиалҳо мувофиқи ҳаҷм ва тартибе, ки барои ташкили таълим тавсия мешаванд, гузаронида мешавад.
9.Мусоидати худаттестатсия:
- такмили системаи назорати дохилӣ барои таъмини сифати таълим;
- баланд бардоштани самарабахшии амал кардан ва тайёрии ташкилотҳои таълимӣ ба ҷараёни аттестатсияи давлатӣ;
- муҳити психологӣ, ошкорбаёнӣ ва рушди ҳамдигарфаҳмии коллектив ҳангоми иштироки фаъоли роҳбарияти ташкилоти таълимӣ, муассисаҳои сохтории он, намояндагии ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни таълим, аз ҷумла хонандагон (донишҷӯён), муҳокимаи васеъ дар ҳар давраи баҳодиҳии фаъолияти муассисаи таълимӣ.
2.Ташкил ва гузаронидани аттестатсия
10.Худаттестатсияи муассисаҳои таълимӣ бо қарори Шӯрои илмӣ ва ё педагогӣ, ки дар асоси он фармони роҳбари таълимгоҳ дар хусуси мӯҳлати гузаронидан ва ҳайати комиссия оид ба гузаронидани худаттестатсия бароварда мешавад, гузаронида мешавад.
Раиси комиссия роҳбари муассисаи таълимӣ ё ҷонишини он маҳсуб мешавад.
11.Барои ҳар як самтҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ ва равияҳои тайёркунии ихтисосҳо зеркомиссия таъсис дода мешавад.
12.Ба ҳайати комиссия роҳбарони ҷузъҳои сохторӣ ва мутахассисони пешбари муассисаҳои таълимӣ дохил мешаванд.
Инчунин, ба ҳайати комиссия метавонанд экспертҳои беруна, намояндагони базаҳои таҷрибаомӯзӣ, муассисаҳои маҳаллии идораи таълимӣ ва ташкилот, ки ба хатмкунандагони ҳамон ташкилоти таълимӣ эҳтиёҷ доранд, дохил гарданд.
13.Мӯҳлати гузаронидани худаттестатсияи муассисаи таълимӣ бо реҷаи гузаронидани аттестатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ, ки барномаҳои таълимии миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъд аз олии касбиро амалӣ мегардонанд ва ҳар сол он реҷа аз ҷониби Вазорати маориф тасдиқ карда мешавад, мувофиқат мекунад.
Аттестатсияи дохилӣ на дертар аз 2 моҳ то оғози аттестатсияи давлатӣ гузаронида мешавад.

14.Ҳисоботи комиссия доир ба натиҷаи худаттестасияи муассисаи таълимӣ (минбаъд ҳисобот) дар асоси нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ барои 3 сол тибқи бахшҳои зерин:
- маълумоти умумӣ дар бораи таълимгоҳ;
- таҳлили иқтидори кадрӣ;
- таҳлили фаъолияти ҳайати идорӣ-маъмурӣ;
- фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ;
- корҳои таълимӣ-методӣ;
- фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ;
- таъмини ахбор ва китобхонаҳо дар ҷараёни таълим;
- фаъолияти эҷодӣ (барои ташкилотҳои таълимии соҳаи санъат);
- базаи моддию техникӣ;
- базаи иҷтимоӣ;
- ҳамкории байналмилалӣ;
- системаи идораи сифати таълимӣ;
- камбудӣ ва норасоиҳо, роҳҳои бартараф кардани онҳо;
- хулоса ва пешниҳодот оид ба бехтар ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия тайёр карда мешавад.
15.Дар мавриди таҳлили ҳайат ҳатман нишон дода мешавад:
- миқдори умумии ҳайати профессорону омӯзгорон (минбаъд ҲПО);
- миқдори ҲПО, ки дар басти пурра (650-700 соат) ва зиёда кор мекунанд;
- фоиз ва синну соли миёнаи ҲПО-и штатӣ бо дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳо ва ё бо категорияҳо;
- миқдори докторони илм дар таносуби фоизи бо миқдори умумии ҲПО;
- миқдори номзадҳои илм дар таносуби фоизи бо миқдори умумии ҲПО;
- шумораи ҲПО, ки бо забони тоҷикӣ дарс мегузаранд;
- шумораи ҲПО, ки базаи таълимӣ надоранд.
Ҳамин тавр, то чӣ андоза оқилонаю самарабахш фаъолият намудани системаи амалкунандаи тайёрӣ, пешазтайёрӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории ҳайати идорию маъмурӣ, роҳбарияти муассисаҳои сохторӣ, ҲПО ва ғайра бояд таҳлил шавад.
16.Ҳангоми тавсифи фаъолияти ҳайати идорию маъмурӣ (минбаъд ҲИМ) бояд нишон дода шавад:
- мутобиқи миқдори умумии ҲИМ бо ҷадвали штатӣ;
- миқдори ҲИМ, ки дараҷаи илмӣ, унвон ва ё категория доранд;
- синни миёнаи ҲИМ;
- собиқаи истеҳсолӣ, собиқаи корӣ дар системаи таълим ва дар корҳои роҳбарӣ;
- таҳсилоти базавӣ;
- иштироки ҲИМ дар корҳои Шӯрои илмии тахассусӣ, иттиҳодияҳои таълимӣ-методии ҷумҳуриявӣ, комиссияҳои вазоратҳо доир ба таҳияи стандартҳои давлатии таълимоти умумӣ ва ҳуҷҷатхои меъёрию дастурӣ;
- иҷрои сарбории методӣ-таълимӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотии ҲИМ.
Ҳатман таҳлил карда шаванд:
- самарабахшии фаъолияти ҳайати маъмурӣ доир ба идораи ташкилоти таълимӣ;
- оқилона тақсим намудани мансабҳои масъул байни кормандон ва сифати интизоми меҳнат ва иҷрои вазифа;
- фаъолияти системаи ҷории интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо;
- баланд бардоштани квалификатсияи бахши роҳбарият, кор бо захираҳои меҳнатӣ;
- амалӣ намудани нишондодҳои миқдорӣ ва сифатии рушди кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ташкили таълим.
17.Ҳангоми таҳлили фаъолияти молиявию иқтисодии ташкилоти таълимӣ ҳатман муайян карда шавад:
- ҳолати молиявӣ, рентабелӣ, устувории вазъи молиявии муассисаи таълимӣ;
- миқдори миёнаи моҳонаи ҲПО ва кормандон бо инъикоси динамикаи тағйирот дар 3 соли охир;
- ҳаҷми солонаи васоити ҷудошуда барои такмили фонди китобҳо бо нишондоди номгӯи адабиёти воридшуда; техникаи компютерӣ;
- ҳаҷми васоити ҷудошуда барои ташкили гарантҳои мактаби олӣ ва фондҳои ёрии молиявӣ

барои дастгирии муҳассилин ва кормандони эҳтиёҷманд;
- ҳаҷми васоити ҷудошуда барои таҷҳизонидани лабораторияҳо, асбобҳои таълимӣ, воситаҳои техникӣ ва аёнии таълим;
- ҳолат ва ҳисоби мукаммали донишҷӯён ва муҳассилин, ки дар асоси шартнома таҳсил мекунанд, миқдори шатрномаҳо, маблағи таҳсили онҳо аз рӯи ихтисосҳои гуногун ва асоснокии онҳо.
18. Дар ҳисоботи 3 - солаи фаъолияти таълимӣ-методии макотиби олӣ ва коллеҷҳо бояд нишон дода шавад:
- мутобиқати мундариҷаи нақшаҳои намунавӣ ва кории барномаҳои таълимии тахассусии намунавӣ ва корӣ, таъмини методии ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ талаботҳои муосири тайёр намудани мутахассисон;
- мундариҷаи иҷрои саривақтии корҳои банақшагирифта (нақшаи корӣ, ҳисоботи солона, қарорҳои маҷлисҳои муассисаҳои сохторӣ, дафтари назорати дохили кафедраҳо ва иштирок ба дарсҳои ҳамдигар, нақшаҳои инфиродии муаллимон ва ғайра);
- дараҷаи таъмини методии раванди таълиму тарбия, мутобиқати талаботи муосир бо сифати тайёр намудани мутахассисон;
- сифати барномаҳои таълимии корӣ, дастурҳои методӣ ва тавсияҳо доир ба намудҳои фаъолияти таълими муҳассилин, ташкили семинарҳои методӣ ва ғайра;
- самарабахшии татбиқи технологияи муосири педагогӣ ва усулҳои нави таълим, васоити фаъол намудани фаолияти маърифатии муҳассилин, нерӯмандии тайёрии инфиродӣ ва мустақилона баланд бардоштани сифат ва интенсификатсияи ҷараёни таълим;
- сифати ташкили назорати ҷорӣ ва натиҷавии дониши муҳассилин, аттестатсияи онҳо доир ба интихоби сиклҳои таълимӣ, истифодаи назорати шаклҳои тестӣ ва ғайра;
- натиҷаи дифои лоиҳа (корҳо)-и дипломӣ ва супоридани имтиҳоноти давлатӣ, тақризҳои раисони комиссияи аттестатсионии давлатӣ, муассиса, корхона ва ташкилот дар хусуси сифати тайёр намудани мутахассисон;
- дараҷаи ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ ва мувофиқати онҳо бо вазифа ва мақсадҳои тайёр намудани мутахассисон;
- шумораи шартномаҳо дар хусуси гузаштани таҷрибаомӯзиҳо ва натиҷаи онҳо;
- ҳолати таълимӣ ва таълимию методии таълимгоҳ доир ба тайёр намудани мутахассисони аз истеҳсолот ҷудонашуда (ғоибона, шабона);
- дараҷаи тақсимоти хатмкунандагон мувофиқи ихтисосҳо (тақсимот бо роҳхат, бо дархости фармоишгар, бо фармоишгари давлатӣ, бо шартнома ва ғайра), натиҷаи фаъолияти бо кор таъминкунӣ;
- миқдори китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ, такмили таълимию методии нашрнамудаи омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, ба забони тоҷикӣ (дар маҷмӯъ ба ҳисоби ҳар як штати омӯзгор).
19.Тавсифи мундариҷаи шакл ва усулҳои корҳои тарбиявӣ ва самарабахшии онҳо.
Комиссия вазифадор аст:
- санҷидани таъминоти ҳуқуқӣ, методӣ, ташкили иқтисодии заминаҳои тарбия дар ташкили таҳсилот;
- таҳлил кардани мундариҷаи шаклу методи тарбия, вазифаҳои муосири таълимоти касбӣ ва навъҳои қобилияти рақобати хонандагон ва донишҷӯён.
Ҳатман тафтиш карда шавад:
- сифати пешниҳоди масоили корҳои тарбиявӣ дар нақшаҳои шӯроҳои илмӣ ва педагогии муассисаҳои таълимӣ ва самарабахшии натиҷаи онҳо;
- амал кардани кори Шӯрои кураторон;
- самарабахшии чорабиниҳои маданию фарҳангӣ ва варзишӣ;
- бунёди шароити зарурӣ барои ифодаи шахсият дар соҳаҳои гуногун (кори маҳфилҳо, кори ҷамъият, сексияҳои варзишӣ ва ғайра);
- ҷорӣ намудани фаъолияти тарбиявии инфиродӣ бо муҳассилин ва кормандон;
- ҳолати таъмини ахбор ва усулҳои ҷараёни таълим;
- дараҷаи иштироки муҳассилин дар фаъолияти ташкилотҳои ҷавонони ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;
- дараҷаи иштироки муҳассилин дар олимпиадаҳо, лоиҳаҳо, мусобиқаҳо, аксияҳо ва намудҳои

гуногуни варзиш;
- фаъолияти муассисаи таълимӣ дар хусуси беҳтар кардани вазъи иқтисодию иҷтимоии муҳассилин (ташкил намудани тамошои бепули театр, музей, намоишҳо, истифодаи бепули китобхона, толори хониш ва ғайраҳо).
20.Сифат ва натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ бо таҳлили нишондодҳои воқеии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, аз ҷумла, маълумот доир ба ҳаҷми молиявии соҳавӣ ва мақсадноки корҳои илмӣ-тадқиқотии дақиқ аз рӯи буҷаи давлатӣ, шартномаҳои хоҷагӣ ва грантҳо муайян карда мешаванд.
Ба таври ҳатмӣ бояд саҳми таълимгоҳ дар иҷрои барномаҳои илмию лоиҳа аз рӯи нишондодҳои зер муайян карда шавад:
- миқдори барномаҳои илмие, ки аз рӯи онҳо муассисаи таълимӣ пешбаранда ҳисоб меёбад;
- миқдори корҳои илмӣ-тадқиқотие, ки бо вазоратҳо ва дигар муассисаҳои давлатӣ, барнома (лоиҳа)-ҳои байналхалқӣ мувофиқа карда шудаанд;
- иштироки кормандон дар мусобиқа, конфронс ва намоишҳо;
- миқдори ихтироот, патентҳо, чопи илмӣ, монографияҳои ҲПО;
- натиҷаҳои КИТ, ки дар истеҳсолот татбиқ шудаанд;
- миқдори донишҷӯён дар КИТ: ҳаҷми пурраи молиявӣ аз рӯи буҷаи давлатӣ, шартномаҳои хоҷагӣ, аз рӯи ҳисоб ба ҳар як штати омӯзгор;
- истифодаи натоиҷи КИТ дар рафти таълим, тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва ғайра.
21. Таъмини ахборӣ-моддӣ ва таъмини китобхонаҳо дар рафти таълим.
Комиссия бояд муайян кунад:
- миқдор ва самарабахшии истифодаи техникаи компютерӣ дар ташкили раванди таълим;
- дастрасии терминалҳо дар корҳои intӯқnӯt;
- миқдори компютерҳое, ки дар шабакаҳои маҳдуди intӯқnӯt ва intӯқҳӯt муттаҳид шудаанд;
- ҳаҷми воситаҳое, ки ҳар сол барои нав кардани базаи компютерӣ ва таъмини барномавӣ ҷудо карда мешаванд;
- миқдори самтҳои шахсӣ дар шабакаи intӯқnӯt;
- миқдори ахбороти базаҳои маълумотӣ ва ғайра;
- мувофиқати талаботе, ки барои ташкили фоизи китобхонаҳо пешниҳод шудаанд;
- сифати фонди асосии адабиёти таълимӣ тибқи ҳар як ихтисос бо назардошти кӯҳнашавии онҳо;
- миқдори фонди адабиёти иловагӣ (расмӣ, маълумотӣ-библиографӣ ва рӯзномаҳо);
- ҳаҷми фонди китобхонаҳо дар таносуб бо теъдод ва мутобиқат, мақсад ва вазифаҳои раванди таълим (таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва адабиёти илмӣ, дастури таълимӣ);
-ба таври ҳатмӣ тафтиш кардани ҳолати умумии китобхона;
- кифояи ҷойҳои нишаст дар толори хониш;
- миқдори компютерикунонидашудаи феҳристҳои ахборӣ-библиографӣ;
- дастрасӣ ба базаҳои муосири иттилоотӣ;
- имконоти фаврии табодули ахбор бо макотиби олии ватанӣ ва хориҷӣ;
- китобхона ва ташкилотҳо, ворид шудан ба intӯқnӯt;
- ҳаҷми васоите, ки ҳар сол барои нав кардани фонди китобхонаҳо ҷудо карда мешавад;
- сарчашмаҳои ахборӣ-таълимӣ доир ба ҳар як ихтисос;
- теъдоди номгӯи дастур ва коркардҳои методӣ (рӯйхат) ва ғайра;
- пуррагардонии штати кормандони китобхона, мувофиқати маълумоти базавӣ бо вазифаҳо;
- баланд бардоштани квалификатсияҳо.
22.Тавсифи базаҳои моддӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ;
- ба таври ҳатмӣ муайян кардани чараён ва тағйироти онҳо, мувофиқати базаҳои моддӣ-таълимӣ дар шароити иҷтимоии зиндагӣ ба талаботи муҳассилин, ки ташкилотҳои таълимӣ пешниҳод менамояд;
- вазифа ва мақсадҳои рафти таълим.
Комиссия бояд муайян кунад
- дараҷаи муҳимми мутобиқат, майдони хусусӣ ва иҷоравии ҷавобгӯи меъёрҳои санитарӣ ва талаботи бехатарии зиддисӯхторӣ, ки дар иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ дарҷ ёфтааст;

- дараҷаи рӯшноии кабинетҳои таълимӣ-лабораторӣ бо таҷҳизоти муосир (воситаҳои таълимии аудивидиоӣ, инвентарҳои таълимӣ ва ғайра);
- таъмини муҳассилин бо биноҳои варзиш, муассисаҳои табобатӣ, хобгоҳҳо, ошхона;
- теъдод ва нерӯи маркази таҳририю интишоротӣ.
23.Ҳамкории байналхалқӣ аз рӯи талаботи зайл муайян карда шавад:
- миқдори шартнома ва розигиҳо ба макотиби олии хориҷӣ ва муассисаҳои таълимӣ доир ба коромӯзии донишҷӯён ва ҲПО, тайёр намудани мутахассисон, баланд бардоштани квалификатсия, тайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогӣ;
- самарабахшии ҳамкории илмӣ бо ташкилоти таълимии хориҷӣ, фондҳои байналхалқӣ ва асотсиатсияҳо, марказҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо.
3.Системаи идораи сифати таълим.
24.Барои таҳлили ҳамаҷонибаи дараҷаи ташкили рафти таълим дар маҷмӯъ ва сифати дониши муҳассилин аз рӯи ихтисосҳое, ки аз аттестатсияи комиссия оид ба худаттестатсия мегузаранд:
- гузаронидани пурсишномаи (анкетаи) муҳассилин, ҲПО ва кормандон, раис ва аъзои КАД, падару модарон:
- сӯҳбат бо иштирокчиёни раванди таълим ва кордиҳандагон;
- таҳлили самарабахшии фаъолияти ҲИМ доир ба назорати дохилии ташкилот барои сифати дониши муҳассилин;
- иштирок дар машғулиятҳо ва базаҳои таҷрибаомӯзӣ;
- санҷиши дониши муҳассилин (пурсишҳои шифоҳӣ, вазифаҳои хаттӣ, тестӣ, супоришҳои бо истифода аз васоити техникии таълим);
- омӯхтан ва таҳлил кардани ҳуҷҷатҳо доир ба шаклҳои амалисозии назорати дохилӣ барои сифати таълим;
- таҳлили системаи самарабахш доир ба идораи сифати тайёр намудани муҳассилин.
25.Маводи супоришҳои санҷишӣ ва саволҳо таҳти роҳбарии идораи таълимӣ-методӣ (қисми таълим)-и муассисаҳои таълимӣ таҳиякарда мешаванд, ки аз бахши фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоӣ ва илмӣ - тиббӣ барои муҳассилини курсҳои боло; барои курсҳои хатмкунанда аз бахши фанҳои умумитахассусӣ ва тахассусӣ бармеоянд.
26.Ба сифати рафти асосии баҳогузории донишҳои боқимондаи муҳассилин курсҳои боло ва хатмкунанда, ки аз аттестатсия мегузаранд, комиссияи худаттсетатсия санҷиши тестӣ мегузаронанд.
Бо қарори Шӯрои илмӣ ва педагогӣ методҳо ва шаклҳои дигари баҳогузориро метавон истифода кард.
27.Таҳлили санҷиши дониши муҳассилин ва самарабахшии системаи идораи сифати дониш (натиҷаҳои тестӣ, пурсишҳо, шаклҳои дигари санҷиши дониш ва маҳорати муҳассилин, пурсишнома, омӯзиши ҳуҷҷатҳо, шаклҳои назорати ҲПО ва кормандон ва ғайра) аз ҷониби комиссия амалӣ карда мешавад ва дар асоси он тавсиянома такмил мегардад.
4.Гузаронидани худаттестатсияи ихтисосҳо.
28.Худаттестатсияи ихтисосҳо бо ҳамон ҳаҷму тартиб ва самте, ки барои муассисаҳои таълимӣ дар маҷмӯъ муқаррар шудаанд, гузаронида мешаванд.
29.Мавод доир ба худаттестатсияи ихтисосҳо ва ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ доир ба худаттестатсияи муассисаҳои таълимӣ замима мегарданд.
5.Ҷамъбасти корҳои комиссияи худаттестатсия.
30.Комиссия маводи худаттестатсияи ҳар як ихтисос ва ҳар як бахшро меомӯзад, таҳлил мекунад ва натиҷаҳои онҳоро барои баҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ дар маҷмӯъ ҷамъбаст менамояд.
Аз рӯи маводи худаттестатсияи ихтисосҳо ва бахшҳо комиссия ҳисоботро омода мекунад. ки дар он таҳлили фаъолияти муассисаи таълимӣ дар 3 сол оварда мешавад.
Дар хулоса пешниҳоду хулосаҳои мушаххас доир ба мувофиқати дараҷаи мундариҷа ва сифати тайёр кардани мутахассиси ҳар як ихтисос ва ҷавобгӯи стандартҳои умумиҳатмии таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъд аз олии касбӣ пешниҳод мегардад.
31.Натиҷаи худаттестатсия дар маҷлиси васеи Шӯрои илмӣ ва педагогии муассисаи таълимӣ муҳокима карда мешавад ва ба самти ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим расонида мешавад.
Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои худаттестатсия ба Wӯв-сайти ташкилоти таълимӣ даровarда

мешавад.
Нақшаи чорабиниҳо доир ба бартараф кардани камбудию норасоиҳо бо нишондоди мӯҳлати мушаххас ва масъулин омода карда мешавад.
32.Баъд аз бартараф кардани норасоиҳои муайяншуда комиссия тафтиши интихоботӣ мегузаронад ва натиҷаҳои онро ба барасии Шӯрои илмӣ ва педагогӣ пешниҳод менамояд ва Шӯро дар хусуси омодагии ҳар як ихтисос ва дар маҷмӯъ муассисаи таълимӣ барои гузаштан аз аттестатсияи давлатӣ қарор мекунад ва ҳисоботро тасдиқ менамояд.
33.Ҳисобот бояд маълумоти дақиқро доир ба қисмати барномаи макотиби олӣ ва барномаи коллеҷҳо бо замима дар шакли ҷадвалҳо, инчунин, нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ ва Низомномаро дар бар гирад.
Ба таври алоҳида маводи худаттестатсияи филиалҳои ташкилоти таълимӣ ва ихтисосҳо пешниҳод карда мешавад.
34.Маводи худаттестатсияи ташкилоти таълимӣ ба вазорат на дертар аз як моҳ то мӯҳлати гузаронидани аттестатсияи давлатии тибқи реҷаи муқарраршуда пешниҳод карда мешавад.
Ба он дохил мешавад:
- нусха аз қарори маҷлиси Шӯрои илмӣ ва педагогӣ бо қарор дар хусуси худаттестатсия;
- фармон дар бораи таъсиси комиссия доир ба гузаронидани худаттестатсияи аз ҷониби роҳбари муассисаи таълимӣ тасдиқгардида;
- қарори маҷлиси Шӯрои илмӣ ва педагогӣ дар бораи тасдиқи ҳисоботи комиссия оид ба худаттестатсия;
- бонки маълумот, ки барои назорати сифати дониш истифода мешавад;
- ҳисобот доир ба натиҷаи худаттестатсия.
35.Дар асоси маводи бадастомадаи худаттестатсияи ташкилоти таълимӣ ба шарти мувофиқати онҳо ба талаботи пешниҳодшудаи Вазорати маориф дар бораи ҳайати комиссияи аттестатсионӣ ва мӯҳлати мушаххаси гузаронидани аттестатсияи давлатӣ қарор мекунад.
36.Барои эътимоднокӣ ва воқеияти маводи худаттестатсия, ки ба Вазорати маориф пешниҳод шудаанд, масъулият ба дӯши роҳбари муассисаи таълимӣ вогузор карда мешавад.

Бо қарори мушовараи Вазорати<br>маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз 03 сентябри соли 2004<br>№ 18/12 тасдиқ карда шудааст

## НИЗОМНОМАИ
## Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Идора) ҷузъи сохтории мустақили дастгоҳи марказии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ташкилоти назоратию идоракунӣ мебошад ва татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф таъмин менамояд. Идора фаъолияти худро мувофиқи қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои (актҳои) меъёрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовара ва фармонҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, дар алоқамандӣ ва ҳамкорӣ бо ҷузъҳои дигари Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои (идораҳои) соҳавӣ, идораҳою шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, инчунин дигар ташкилоту муассисаҳо ба амал мебарорад. Идора санҷиши нақшавӣ, хулосаҳои ошкоро ва демократии экспертизаи давлатиро дар ҷараёни гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ таъмин менамояд.

**2.Вазифаҳои асосии Идора:**
2.1.Ба амал баровардани назорати мақсаднок дар татбиқи сиёсати ягонаи давлатии соҳаи маориф,

стандартҳои давлатии таҳсилот, баҳои давлатӣ додан ба тамоми ҷараёни таълиму тарбия ва сифати тайёр кардани мутахассисон бо роҳи экспертизаи ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ.
2.2.Гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои умумии асосӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, гимназияҳо ва литсейҳо, мактабҳои таълими умумии солимгардонӣ, мактаби интернатҳои санаторӣ, хонаҳои санатории бачагона, мактабҳои махсуси таълими умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус, муассисаҳои мухталифи махсуси таълиму тарбия, муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор, муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, аз он ҷумла хусусӣ, муассисаҳои дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд, литсейҳои касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, омӯзишгоҳҳои махсуси касбӣ, комбинатҳои таълимӣ, марказҳо, техникумҳо, омӯзишгоҳҳо, коллеҷҳо ва дигар муассисаҳои таълимии ба инҳо баробар, донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои касбии ба инҳо баробар, магистратура, аспирантура (ординатура), докторантура, академияҳои хурди илмӣ, қасрҳо, стансияҳо, клубҳо ва марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, мактабҳои ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва рассомӣ, курсҳои дӯзандагӣ, наққошӣ, ронандагӣ, муассисаҳои солимгардонӣ ва дигар муассисаҳо (аз ҷумла, муассисаҳои таълимие, ки аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ таъсис ёфтаанд), муассисаҳои таълимии вазорату идораҳои қудратӣ, Маркази ҷумҳуриявии корҳои берунамактабӣ, донишкадаҳои такмилу ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, факултаҳо ва ғайраҳо (минбаъд муассисаҳои таълимӣ), ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд ва мақоми ҷумҳуриявӣ доранд, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идорӣ.
2.3.Вобаста ба натиҷаи ташхиси аттестатсионӣ ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯйи самтҳо ва ихтисосҳо додани иҷозатнома ва муайян кардани мувофиқати таълимгоҳ ба мақомаш (статусаш) ва аз рӯйи тартиби муқарраргардида додани шаҳодатнома.
2.4.Пешгирӣ кардан ва барҳам додани вайронкуниҳои интизоми давлатӣ, меҳнатӣ, иҷрокунандагӣ ва инчунин, баланд бардоштани масъулияти кадрҳои роҳбарикунанда ва педагогӣ нисбат ба иҷрои вазифаҳои базиммадоштаашон.

**3. Вазифаҳои Идора:**
3.1.Назорати касбиро дар масъалаи аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ иҷро карда шудани қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои давлатӣ, ӯҳдадориҳои шартномавӣ, фармонҳо, қарорҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи маориф таъмин менамояд.
3.2.Роҳбарии ташкилию методии кори экспертиза, аттестатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии ҷумҳуриро таъмин намуда, барои санҷиши сатҳи дониши таълимгирандагон комплекси супоришҳои санҷиши матнҳо ва тестҳоро омода месозад.
3.3.Нақшаи ҷадвали панҷсола ва солонаи гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои таълимиро дар мувофиқа бо вазорату идораҳою ташкилотҳои дахлдор ва муассисони онҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, тартиб медиҳад ва барои тасдиқ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад.
3.4.Барои гузаронидани ташхиси иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ, идора ва шӯъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро бо ҳуҷҷатҳои дастурию методӣ таъмин менамояд.
3.5.Ба органҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии идоракунии маориф дар гузаронидани экспертизаи муассисаҳои таълимии тобеашон ёрии методӣ ва консултативӣ мерасонад.
3.6.Ба кори аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби органҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии идоракунии маориф гузаронида мешаванд, назорат менамояд.
3.7.Дурустии натиҷаҳои аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимиро, ки органҳои идоракунии маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ мегузаронанд, интихобан месанҷад, аз рӯйи зарурат баъзеи онҳоро такроран аттестатсия мекунад.

3.8.Мувофиқи тартиботи маъмул аз ҷамъбасти аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ ба органҳои роҳбарикунандаи онҳо, ё ки органҳои болоӣ дар бораи бартараф намудани камбудиҳо ва инкишофи ояндаи муассисаҳои таълимӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.
3.9.Аз натиҷаҳои иҷозатномадиҳӣ, аккредитатсия ва аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи иттилоотӣ пешниҳод менамояд.
3.10.Мувофиқати заминаи таълимию моддӣ, кадрӣ, потенсиали илмӣ ва таъминоти таълимию методии муассисаҳои (филиалҳои) нави таълимии дар ин ё он минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисёбандаро санҷида, дар бораи мақсаднокии таъсиси онҳо ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса ва қарори Шӯрои Идораро пешниҳод мекунад.
3.11.Бо супориши роҳбарияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, идораҳо, дархости муассисаҳои таълимӣ, масъалаҳои баҳсноки ташкил, гузаронидан ва ҷамъбасти аттестатсияро бозрасӣ менамояд.

**4.Органи олии Идора**
4.1.Органи олии Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои Идора буда, он дар асоси «Низомнома дар бораи Шӯрои Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолият мекунад. Низомномаи Шӯро ва шумораи ҳайати шахсии он аз тарафи Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.
Шӯрои Идора дар ҷаласаҳояш дар қатори масъалаҳои дигар маълумотномаи ҷамъбастии кори комиссияҳои экспертӣ (иҷозатномадиҳӣ) ва комиссияҳои аттестатсиониро оид ба натиҷаи аттестатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима намуда, ба сифати кори роҳбарони муассисаҳои таълимӣ баҳо медиҳад ва доир ба дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии арзёбишаванда қарори дахлдор қабул мекунад.
Қарорҳои Шӯро бо овоздиҳии кушод қабул шуда, иҷозатномадиҳӣ бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аттестатсия бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.
Иҷрои қарори Шӯрои Идора аз ҷониби роҳбарони муассисаҳои таълимии арзёбишаванда баъди аз тарафи Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудани он ҳатмӣ мебошад.
5.Барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Идора гузошташуда оид ба аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Вазири маориф дар назди он комиссияҳои аттестатсионӣ ва ё экспертӣ ташкил карда мешаванд, ки ба ҳайати онҳо раёсат ва экспертҳои Идора, мутахассисони дастгоҳи Вазорати маориф, коркунони муассисаҳои илмӣ, томактабӣ, муаллимону олимон, кормандони органҳои таълимию тарбиявӣ, такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, мутахассисони ташкилотҳои манфиатдоре, ки барои тайёр кардани кадрҳо фармоиш медиҳанд, намояндагони вазоратҳо ва идораҳои соҳавӣ, намояндагони идораҳою шӯъбаҳои маориф, ҳокимиятҳо дохил мешаванд. Комиссияҳои экспертӣ ва аттестатсионӣ дар асоси барномаи аттестатсияи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаҳо дар бораи аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, фаъолият мекунанд.
5.1.Аккредитатсияи муассисаҳои таълимии ҷумҳуриявӣ аз тарафи комиссияи аккредитатсионии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи «Низомнома дар бораи аккредитатсияи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба амал бароварда мешавад.
6.Шӯъбаҳои дахлдори Идора аз рӯйи натиҷаи кори комиссияҳои аттестатсионӣ вазифадоранд:
6.1.Маълумотнома ва хулосаю пешниҳодро оид ба натиҷаи аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаи таълимӣ ба муҳокимаи Шӯрои Идора пешниҳод намоянд.
6.2.Нисбат ба бартараф намудани камбудиҳои дар маълумотномаи комиссияи аттестатсионӣ зикршуда нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, барои тасдиқ ба Шӯрои Идора пешниҳод намоянд.
6.3.Аз рӯйи ҷамъбасти аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ мувофиқан лоиҳаи қарорҳои Шӯрои Идора, мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармони

Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода созанд.
7.Идора ташхиси маводи аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимиро, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идорӣ, ҳамчунин хизматҳои консултатсионию методиро дар асоси шартнома бо муассисаҳои таълимӣ пулакӣ иҷро менамояд.

**8. Идора ҳуқуқ дорад:**
8.1.Дар асоси маводи ташхиси аттестатсионӣ дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои соҳавӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ дар бораи беҳтар кардани фаъолияти органҳои идоракунии муассисаҳои таълимӣ, мустаҳкам кардани қонуният ва интизом, баланд бардекоштани сатҳи корҳои таълиму сифати тайёр кардани таълимгирандагон таклифу тавсияҳо пешниҳод намояд.
8.2.Бо назардошти манфиатҳои давлатӣ ва талаботи ҳуқуқӣ дархостҳоеро, ки оид ба масъалаҳои ташкилии муассисаҳои таълимии мавҷуда ва воҳидҳои сохтории онҳо, кушодан ва ё дар онҳо қатъ кардану тайёр намудани кадрҳо аз рӯйи самтҳо ва ихтисосҳои алоҳида ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, дида барояд ва хулосаю таклифҳо пешниҳод кунад.
8.3.Вобаста ба хусусиятҳои муассисаҳои таълимӣ ва шаклҳои таълимии арзёбишаванда ба мӯҳлати аз 1 то 5 сол ба онҳо иҷозатнома дода метавонад.
8.4.Аз муассисаҳои таълимӣ ва органҳои идоракунии онҳо барои назорат, тафтиш ва экспертизаю аттестатсия кардан маводи заруриро талаб намояд.
8.5.Дар бораи боздоштани амали фармонҳо ва амрҳое, ки органҳои идоракунии таълимгоҳҳо ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ хилофи қонунҳои амалкунанда, низомномаҳо ва ҳуҷҷатҳои (актҳои) меъёрию ҳуқуқӣ баровардаанд, қарор карда, ба мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намояд.
8.6.Дар вақти ошкор намудани вайронкуниҳо, сӯистеъмолкуниҳо, бемасъулиятӣ аз ҷониби роҳбарияти таълимгоҳҳо ва воҳидҳои сохтории онҳо ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони органҳои идоракунии маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар бораи мувофиқи тартиботи маъмул ба онҳо додани ҷазоҳои интизомӣ ва ё аз вазифаҳояшон сабукдӯш кардан таклифҳо пешниҳод намояд.
8.7.Такмили ихтисоси кормандони Идораро дар давлатҳои хориҷи дуру наздик ташкил намояд, барои кормандони Хадамоти аттестатсионӣ ва комиссияи аттестатсионии назди идораҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар назди Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маориф курсу семинарҳо ташкил намояд.
8.8.Бо назардошти пешбинии илмии тараққиёти соҳа, ки ба беҳтаршавии сохтори маориф нигаронида шудааст, дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳоеро гузорад, ки онҳо дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл мегарданд.
8.9.Оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияташ дохил мешаванд, дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазоратҳо, идораҳо ва органҳои дахлдори давлатии идоракунии маорифи мамлакатҳои хориҷи кишвар робита дошта бошад.
8.10. Дар сохтораш шабакаи хурди компютерӣ ташкил намояд, ки он дорои заминаҳои маълумотдиҳӣ, факсҳо, почтаи электронӣ ва полиграфӣ бошад.
8.11.Дар нашрияҳои марбутаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳо натиҷаҳои таҳлили фаъолияти таълимгоҳҳо ва ҷамъбасти аттестатсияро ба табъ расонад, адабиёти илмию методии заруриро чоп намояд ва ба фурӯш барорад.
8.12. Дар кори мушовара ва дигар ҷаласаҳои вазоратҳо, идораҳо, шӯроҳои (ҷаласаҳо) ректорони мактабҳои олӣ, коллеҷҳо, техникумҳое, ки аҳамияти ҷумҳуриявӣ доранд, мактабҳои ғайридавлатӣ, мактабҳои миёнаи касбӣ, литсейҳои касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, донишкадаҳои такмили ихтисосу азнавтайёркунии кадрҳо, маркази ҷумҳуриявии корҳои беруназмактабӣ, муассисаҳои таълимии вазорату идораҳои қудратӣ, муассисаҳои таълимии беруназмактабӣ, муассисаҳои таълимии муштараки байналмилалӣ, муассисаҳои таълимии хусусӣ, маҷлисҳои органҳои идоракунии маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ки масъалаҳои ба салоҳияти Идора дохилшавандаро баррасӣ менамоянд, ширкат варзад.
9.Дар назди органҳои идоракунии маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бо мақсади ба низом даровардани масъалаҳои аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии

минтақаҳо, дар асоси ҳисоби ҳоҷагӣ, хадамотҳои аттестатсионӣ ташкил кардан мумкин аст (сардори хадамот ба Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад).
10.Ба Идора сардор, ки аз тарафи Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор таъйин ва аз вазифааш озод карда мешавад, роҳбарӣ мекунад. Сардори Идора дар як вақт раиси Шӯрои Идора мебошад. Сардори Идора ду ҷонишин дорад, ки онҳо бо пешниҳоди ӯ аз тарафи Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор таъйин ва озод карда мешаванд. Сардори Идора қисми ваколатҳояшро ба ҷонишинҳояш медиҳад. Сардори Идора барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда шахсан масъул буда, дар бораи кораш ба Шӯрои Идора ва дар назди Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.
11.Сардори Идора дар доираи салоҳияти худ мувофиқи қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда доир ба масъалаҳои аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ фармонҳо, дастурамалҳо, нишондоду амрҳо мебарорад.
12.Сохтор ва шумораи кормандони воҳидии Идораро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Дар айни замон, ба сардори Идора ҳуқуқ дода мешавад, ки вазифаҳои касбии коркунон, сметаи хароҷоти дастгоҳи Идора, масъалаҳои вобаста ба натиҷанокии меҳнати ҳар як корманди Идора, аз ҷиҳати моддӣ ҳавасмандгардонии экспертҳоро аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва сарфашудаи фонди музди меҳнат ба амал барорад ва харидани таҷҳизоти кориро барои кормандони Идора ҳаллу фасл намояд.
13.Дар Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул кардани мудирони шӯъбаҳо, сарэксперту экспертҳои пешбар бо тартиби муқарраргардида дар асоси озмун ва қарордод сурат мегирад. Сардори Идора ҳуқуқ дорад, ки дар байни озмунҳо кормандонро бо фармон ба кор қабул намояд.
14.Сардори Идора ҳуқуқ дорад, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ (аз рӯйи зарурат) дар асоси шартнома ба шӯъбаи молиявию хоҷагӣ, кормандони хоҷагӣ, котиба ва дигар мутахассисонро вобаста ба талаботи истеҳсолӣ ба кор қабул намояд.
15.Ба мақсади такмили фаъолияти хизмати давлатӣ, беҳбуд, тайёркунӣ, хоста гирифтанд ва ҷобаҷогузории кадрҳо, таъмини мувофиқати онҳо ба мансаби ишғолнамуда, ҳавасмандонии камолоти дараҷаи касбӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии кор, мунтазам гузаронидани аттестатсияи хизматии давлатӣ, ба истиснои онҳое, ки мансабҳои категорияҳои олӣ ва якумро ишғол мекунанд, гузаронида мешавад.
Тартиб ва шароити гузаронидани аттестатсия тавассути қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.
16.Идора суратҳисоб ва мӯҳри худро дорад, ки дар он нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номнависи худ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тасвир гардидааст.
17.Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ ба Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунад.
18.Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо музди кори кормандони Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби буҷа маблағгузорӣ менамояд, дигар намудҳои хароҷотҳо (сафарҳои хизматӣ, харидории асбобу анҷом, таъмири асосӣ ва ҷорӣ, ҳавасмандкунии моддӣ-то 40%-и даромади умумӣ, мавод барои хизматрасонӣ ва тараққиёт, иҷора, хизматҳои пулакӣ ва ғайра) аз ҳисоби маблағҳое, ки ба Идора аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ ба ивази кори иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия, аккредитатсия ва хадамот ворид мегардад, пардохта мешавад.

**Вазири маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 15 октябри соли 2006**
**тасдиқ мекунам**

**НИЗОМНОМАИ**
**Раёсати таҳсилоти миёна, олии касбӣ**
**ва баъди муассисаи олии касбӣ**

**1. Қоидаҳои умумӣ**

1. Раёсати таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва баъди муассисаи олии касбии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Раёсат) воҳиди сохтории Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Раёсат мутобиқи вазифаҳои ба зиммаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузоргардида фаъолият менамояд.
2. Раёсат фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

**2. Сохтори Раёсат**

**3. Раёсатро сардор роҳбарӣ мекунад. Дар Раёсат ҳамчунин муовини сардори Раёсат, 2 сармутахассис, 2 мутахассиси пешбар ва 1 мутахассис фаъолият менамояд. Бахши стандарти давлатӣ ва талабот ба кадрҳо ба Раёсат шомил буда, дар он 2 нафар (1 мудири бахш - сармутахассис ва 1 мутахассиси пешбар) кор мекунад.**

**3. Вазифаҳои Раёсат**

4. Аз иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои ба раёсат воридшуда ҳисобот тайёр намуда, барои татбиқи онҳо нақша –чорабиниҳо тартиб медиҳад;
5. Иҷрои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маорифро назорат менамояд;
6. Татбиқи сиёсати ягонаи давлатиро дар тайёр намудани мутахассисони таҳсилоти миёна ва олии касбидошта новобаста аз тобеияти идоравиашон назорат менамояд;
7. Сатҳи дониш ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дорои дониши мукаммали назариявӣ ва амалии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро мутобиқи Стандартҳои давлатии таҳсилот мавриди санҷиш қарор медиҳад;
8. Такмили ихтисос, бозомӯзии устодон ва корҳои илмӣ-методиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ сарфи назар аз тобеияти идоравиашон таҳти назорати ҷиддӣ қарор медиҳад;
9. Ба ҷаласаи мушовара, ҷаласаҳои назди Вазир, муовини Вазир ҳисобот, ахбор ва маълумотномаҳо пешниҳод менамояд;
10. Дар тартиб додани нақшаҳои солона ва дурнамои шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ширкат варзида, ба мактубу аризаҳои шаҳрвандон ҷавоб менависад;
11. Оинномаҳо ва нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро аз муоина гузаронида, ба онҳо хулоса менависад;
12. Дар кори шӯроҳои илмӣ, комиссияҳои илмӣ-методӣ ва комиссияи имтиҳони қабули муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва дар тақсимоти мутахассисони ҷавон ба ҷойи кор иштирок мекунад;
13. Лоиҳаи фармонҳоро оид ба тасдиқи раисони комиссияҳои имтиҳони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд;
14. Дар гузаронидани семинарҳо, комиссияҳои илмӣ-методӣ, шӯроҳо ва дар кори комиссияи имтиҳони қабул ва тақсимоти мутахассисони ҷавон иштирок менамояд;
15. Иҷрои татбиқи барномаҳои давлатӣ, қонуни забон ва такмили омӯзиши забонҳои русию англисиро назорат мекунад;
16. Дар кори татбиқи қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, оид

ба иҷрои онҳо ҳисобот ва маълумотномаҳо таҳия намуда, ба ҷаласаҳои мушовара, назди Вазир, ва муовинони Вазир барои муҳокима пешниҳод менамояд;
17. Оид ба масъалаҳои рушду инкишофи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таклифҳо пешниҳод мекунад;
18. Тартиби гузаронидани донишҷӯёнро аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар муайян ва назорат менамояд.

**4. Самтҳои асосии фаъолияти Раёсат**

19. Сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва баъди муассисаи олии касбӣ муайян менамояд;
20. Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиву меъёриро дар соҳаи таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва баъди муассисаи олии касбӣ таҳия менамояд;
21. Фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва илми методиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва баъди муассисаи олии касбӣ назорат менамояд.
22. Иҷрои нақша ва барномаҳои таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва баъди муассисаи олии касбӣ назорат менамояд.
23. Иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»-ро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ назорат менамояд.

**5. Ҳуқуқҳои Раёсат**

24. Аз вазифаҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ доранд, тибқи таъиноти муқаррааргардида маводҳои зарӯриеро, ки барои кори раёсат лозиманд, талаб намояд;
25. Тибқи муқаррароти мавҷуда бо ташкилот ва муассисаҳои ҷумҳуриявӣ аз рӯи масъалаҳои дар салоҳияташ буда мукотиба намояд;
26. Нақша ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро сарфи назар аз тобеияти идоравиашон аз рӯи равия ва ихтисосҳо аз муоина гузаронида, барои тасдиқ пешниҳод намояд;
27. Бо тартиби муқаррааргардида лоиҳаи низомномаҳо, дастурамалҳо, стандартҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олиии касбиро таҳия кунад;
28. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар ҳамкорӣ бо Департаменти аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозат-номадиҳии муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон месанҷанд, дар тайёр намудани мутахассисон ёрии амалӣ мерасонанд ва таҷрибаи пешқадами онҳоро ҷамъбаст ва баррасӣ кунад;
29. Татбиқи технологияи нави таълим ва равандҳои инноватсиониро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ сарфи назар аз тобеияти идоравиашон ҷорӣ ва назорат намояд.

**Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 1/4 аз январи соли 1995 тасдиқ шудааст.**

**НИЗОМНОМАИ**
**Шӯрои ректорони мактабҳои олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Шӯрои ректорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои ректорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯрои ректорон) мақомоти давлатӣ - ҷамъиятии идоркунии маълумоти олӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон мебошад.

2. Шӯрои ректорон бо мақсади мутобиқ гардонии фаъолияти мактабҳои олӣ оид ба масъалаҳои инкишофи маълумоти олӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам дойр ба ташкили раванди таълим, корҳои илмӣ, такмили ихтисоси кадрҳои илмӣ-педагогӣ, баланд бардоштани сохтори маълумоти муттасил, инчунин ҳимояи иҷтимоии аъзоёни коллективи мактабҳои олӣ ва вусъати таъсири мактаби олӣ ба инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маърифатии инкишофи ҷомеа таъсис дода мешавад. Самти асосии фаъолияти Шӯрои ректорон чунин аст:
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба муайян намудани сиёсат дар бораи маълумоти олӣ, ки ба такмили минбаъдаи раванди таълим, инкишофи илм ва беҳтар гардидани заминаи моддӣ- техникии мактабҳои олӣ нигароонида шуда бошад;
- таҳияи чорабиниҳо оиди татбиқи қонунҳо карорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маълумоти олӣ;
- мутобиқгардонии барномаҳои маҷмӯӣ, мусоидат намудан барои истифодаи натиҷаи онҳо дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоию инкишофи корҳои илмии донишҷӯён;
- ташкили конференсияҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои таълимӣ, илмӣ-методӣ доир ба масъалаҳои маълумоти олӣ ва илм бо мақсади такмили ихтисоси кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва дигар кормандони мактабҳои олӣ;
- иштирок намудан дар литсензиякунонӣ ва аттестатсияи мактабҳои олӣ бо пешниҳоди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мусоидат намудан ба фаъолгардонии донишҷӯён ва кормандони илмӣ-педагогӣ, инкишофи якҷояи мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ дар соҳаи бозомузӣ ва такмили ихтисоси мутахассион ва тадқиқоти илмӣ;
-таҳкими алоқаи мактабҳои олӣ бо ташкилотҳои давлатӣ, хусусӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба масъалаҳои тайёр намудани донишҷӯён, таъмин намудани хатмкунандагони мактабҳои олӣ бо ҷойҳои кор;
- мутобиқ гардонидани фаъолияти мактабҳои олӣ оид ба интихоби касб ва кор бо ҷавонони лаёқатманд;
- таҳияи чорабиниҳо ва пешниҳодот оид ба иншоотҳои мактабҳои олӣ, беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо, омӯзгорон ва дигар кормандони мактабҳои олӣ;
- мутобиқ гардонидани фаъолияти мактабҳои олӣ оид ба инкишоф ва мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникӣ, иншоотҳои маданӣ, маишӣ, варзишӣ, тиббӣ ва фарҳангӣ;
- мустаҳкам намудани ҳамкорӣ ва инкишофи равобити байналхалқии мактабҳои олӣ;
- аз муоина (экспертиза) гузаронидани лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии вобаста ба масъалаҳои маълумоти олӣ бо супориши Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мувофиқаи рӯйхати номзадҳо барои гирифтани идрорпулии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мутобиқгардонии фаъолияти мактабҳои олӣ оид ба паҳн намудани донишҳо дар байни аҳолӣ;
- ҳамкорӣ бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияи соҳавӣ, иттифоқҳои касаба, фондҳо ва ғайраҳо;
- татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва касбии омӯзгорон ва дигар кормандони мактабҳои олӣ;
- ҳамкорӣ оид ба баланд бардоштани мақоми иҷтимоии ректорон ва дигар мақомоти роҳбарикунандаи мактабҳои олӣ;
- расонидани хидмати иттилоотӣ ва консултативӣ ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон оид ба масъалаҳои фаъолияти мактабҳои олӣ.
4. Шӯрои ректорон дар фаъолияти худ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Низомнома, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад. Ин низомнома самтҳои кори Шӯрои ректорон, салоҳият ва сохтори онро муайян мекунад.
5. Шӯрои ректорон ба қарори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати мавҷудияти на камтар аз се мактаби олӣ таъсис (барҳам) дода мешавад.
6. Ба ҳайати Шӯрои ректорон аз рӯи вазифа ректорони мактабҳои олии давлатӣ новобаста аз тобеъияти идоравӣ, ректорони мактабҳои олии ғайридавлатии аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта, инчунин, раиси Шӯрои директорони мактабҳои миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

дохил мешаванд.
Низомномаи Шӯрои ректорон, дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси Шӯрои ректорон тасдиқ карда мешавад.

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 26 майи соли 2006**
**№ 18/3 тасдиқ шудааст**

**НИЗОМНОМАИ**
**Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти**
**олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.**

1.Шӯрои олимон бо мақсади баррасии масъалаҳои асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию методӣ ва молиявию хоҷагидории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар назди ректор таъсис дода мешавад.
2.Вазифаҳои асосии Шӯрои олимон:
- муттаҳид намудан ва самаранок истифода бурдани нерӯи илмӣ, таълимӣ ва методии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистсн «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», низомномаи мазкур ва дигар асноди меъёриву ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- татбиқи амалии фармону дастур ва қарорҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти болоӣ ҷиҳати таъмини тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои самтҳои мухталифи иқтисодиёт;
- мусоидат намудан ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ, амалигардонӣ ва рушди минбаъдаи тадқиқоти илмӣ, инкишофи корҳои таълимию методӣ ва тарбиявӣ дар байни донишҷӯён;
- назорат аз болои иҷрои қарорҳои қабулшуда.
3.Раисии Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбиро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ӯҳда дорад.
4.Шӯрои олимон дар ҳайати зерин ташкил карда мешавад:
- ҳайати асосии Шӯрои олимон: ректор, ноибони ректор, деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, мудири китобхона, мудирони шӯъбаҳои таълим ва илм, мудири шӯъбаи аспирантура, намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ, намояндагони дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки 50 фоизи ҳайати умумии Шӯрои олимонро ташкил медиҳанд, аз ҷониби ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.
- мудирони кафедраҳои факултет, намояндагони ҳайати профессорону омӯзгорон, ки аз ҷониби Шӯрои олимони факултет пешбарӣ мешаванд, (ба ҳайати намояндагони факултетҳо кормандони илмӣ, докторантҳо, аспирантҳо низ шомил шуда метавонанд) 50 фоизи ҳайати умумии Шӯрои олимонро ташкил медиҳанд.
5.Ҳайати Шӯрои олимонро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи фармон ба мӯҳлати 3 (се) сол тасдиқ менамояд. ҳангоми аз ҳайат баромадан (бозхондан)-и аъзои Шӯрои олимон то анҷоми мӯҳлати салоҳияти Шӯро, пурра кардани ҳайати он дар оғози соли таҳсил бо ҳамон

тартибе, ки Шӯрои олимон ташкил карда мешавад, сурат мегирад.
6.Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- доир ба ташкили ҷараёни таълиму тарбия, корҳои илмию тадқиқотӣ, фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ қарор қабул менамояд;
- натиҷаҳои фаъолияти солонаи таълимӣ ва илмиву тадқиқотиро ҷамъбаст намуда, барои беҳтар намудани онҳо тавсия медиҳад;
- ҳисоботи фаъолияти таълимӣ, илмию тадқиқотӣ ва корҳои тарбиявии тайёр кардани мутахассисон (дар факултетҳо) ва фаъолияти ҷамъиятҳои илмии дар назди муассисаи таҳсилоти олӣ қарордоштаро мешунавад;
- масъалаҳои таъсис намудан ва бастани факултетҳо, кафедраҳо, озмоишгоҳҳои илмӣ ва номгузории онҳоро чун қоида бо назардошти таҳкимбахшии онҳо, бунёди коллективҳое, ки метавонанд вазифаҳои дар назди муассисаи таълимӣ истодаро дар маҷмӯъ иҷро намоянд, ҳаллу фасл менамояд;
- нақшаҳо ва барномаҳои таълимии тайёр кардани мутахассисонро тасдиқ намуда, номгӯйи барномаҳоеро, ки тарбияи махсуси мутахассисонро дар ҳаҷми 15 фоизи ҳаҷми умумии вақти таҳсил барои инъикоси фаврии дастовардҳои навтарини илму техника дар мазмуни таълим, инчунин хусусиятҳои кори ояндаи мутахассис муайян шудаанд, муқаррар ва тасдиқ менамояд;
- масъалаҳои ташкили раванди таълим аз ҷумла тағйири таносуби машғулиятҳои гуногуни таълимиро танзим намуда, инкишофи корҳои мустақилона ва амалии донишҷӯёнро пешбинӣ ва ҳаллу фасл менамояд;
- меъёрҳои намунавии вақтро барои ҳисоби ҳаҷми умумии корҳои таълимӣ, ки аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон иҷро мешаванд, тағйир медиҳад ва пурра мегардонад;
- номзадҳоро барои дарёфти идрорҳои номӣ ва инчунин идрорҳои Шӯрои олимон аз ҷумлаи донишҷӯёни аълохони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва аспирантон тавсия менамояд;
- барои гузаронидани чорабиниҳои дар боло зикргардида захираҳои молиявӣ ва меҳнатиро тасдиқ мекунад;
- дар асоси арзёбии самаранокии фаъолияти илмию ташкилии шӯъбаҳои таълим ва илм доир ба мувофиқи мақсад будан ва ё барҳам додани онҳо қарор қабул менамояд;
- номзадҳоро барои дохил шудан ба докторантура, аспирантураи яксола, гузаронидан ба вазифаҳои ходими хурд ва калони илмӣ, инчунин додани рухсатии эҷодии 3-моҳа, 6-моҳа ва яксола барои ба анҷом расонидани рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ, тавсия намуда, мавзӯи рисолаҳои номзадиву доктириро тасдиқ менамояд;
- барои ишғоли вазифаҳои озоди профессорию омӯзгорӣ, вазифаҳои илмӣ ва мудирони кафедраҳо озмун мегузаронад.
- харҷномаи даромад ва хароҷоти ғайрибуҷавии муассисаи таҳсилоти олии касбиро муҳокима ва тасдиқ намуда, ҳисоботи солонаи иҷрои харҷномаи мазкурро мешунавад ва хулосагирӣ мекунад;
- ҳисоботи фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаи таҳсилоти олии касбиро мешунавад;
- масъалаҳои дигари ба фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ марбутро баррасӣ менамояд.
7.Фаъолияти Шӯрои олимон мутобиқи нақшае, ки барои ҳар як нимсола таҳия мегардад, сурат мегирад. Нақшаи кории Шӯрои олимонро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз баррасии он дар Шӯрои олимон тасдиқ менамояд.
8. Қарорҳои Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба ҳамаи масъалаҳои таълимиву илмӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро, бо ҷонибдории аксарият қабул карда мешавад, вале ҳангоми гузаронидани озмун барои ишғоли вазифаи мудири кафедра вазифаи озоди ҳайати устодону омӯзгорон ва ҳайати илмӣ, додани унвонҳои дотсент, ходими калони илмӣ ва профессор овоздиҳӣ тибқи тартиби муқарраргардида (пинҳонӣ) сурат мегирад.
9.Қарори Шӯрои олимон аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба тасвиб расонида шуда, ҳукми воқеӣ мегирад.
10.Қарори Шӯрои олимон дар ҳалли масъалаҳои ишғоли вазифа он гоҳ қабул карда мешавад, ки агар ба тарафдории он аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯрои олимон, ки дар ҷаласа ҳузур доранд, овоз диҳанд.
11.Ҳангоми баробар шудани овозҳо ё нагирифтани миқдори зарурии овозҳои аъзои Шӯрои олимон пас аз фосилаи як моҳ дар ҷаласаи навбатӣ масъалаи мазкур аз нав муҳокима гардида,

мавриди овоздиҳӣ қарор дода мешавад.
12.Ҷаласаҳои Шӯрои олимон дар суратҷаласа қайд карда мешавад. Ба суратҷаласа раиси Шӯро ва котиби он имзо мегузоранд.
13.Раиси Шӯрои олимон иҷрои мунтазами қарорҳои Шӯрои олимонро зери назорат гирифта, роҷеъ ба он ҳар се моҳ як маротиба дар ҷаласаи Шӯрои олимон гузориш медиҳад.
14.Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва бо ризоияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин метавонад қарори Шӯрои олимонро бекор намояд:
- агар қарори қабулшуда хилофи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармону қарорҳои мақомоти болоӣ бошад;
- агар қарори қабулшуда ба ҷараёни таълиму тарбия ва фаъолияти илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ зараровар бошад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>№ 8/5 аз 13 апрели соли 2006<br>тасдиқ шудааст

## НИЗОМНОМАИ шӯъбаи кадрҳои муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.**

1. Шӯъбаи кадрҳо ҷузъи таркибии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар асоси Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Низомнома амал намуда, дар фаъолияти хеш меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ва фармонҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба роҳбарӣ мегирад.
2. Вобаста ба шумораи кормандон ва ҳаҷми кор дар назди шӯъба бахшҳои Ҷудогона ташкил мешавад.
3. Шӯъбаи кадрҳо вазифадор аст:
- интихоб ва Ҷобаҷогузории кадрҳои маъмурӣ - идоракунӣ, илмӣ, педагогӣ, муҳандисӣ, техникӣ, ҳайати ёрирасону хизматрасони таълимӣ ва хоҷагидорӣ;
- ёрӣ расонидан ба раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мустаҳкам намудани интизоми истеҳсолӣ - меҳнатӣ ва риояи қонунгузории меҳнат;
- ба расмият даровардани (қабул, ҷойивазкунӣ ва хориҷ намудани кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ) фармонҳои ректор, инчунин омода ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои кормандон ба вазифаҳое, ки дар ваколати органҳои болоӣ қарор доранд ва аз тарафи онҳо тасдиқ мешаванд;
- ба низом даровардани парвандаҳои шахсии омӯзгорон, корман-дони маъмурӣ ашхоси ёрирасони корҳои таълимӣ ва хоҷагидорӣ;
- омода намудани ҳисоби омории ҳайати кадрии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва такмили ихтисоси онҳо;
- иштирок дар кори комиссияи тарификатсионӣ ва дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ таҳия намудани лоиҳаи фармонҳо дар бораи муқаррар намудани моҳонаи кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар ҳамкорӣ бо бахши таҷрибаомӯзӣ гузаронидани тақсимоти мутахассисони ҷавон, тайёр намудан ва ба онҳо додани ҳуҷҷатҳои хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- иштирок дар кори комиссияи аттестатсионӣ;
- тайёр намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои кормандоне, ки ба сафари хидматӣ фиристода

мешаванд;
- омода сохтани парвандаҳои шахсии кормандон ва маълумот-номаҳои зарурӣ дар бораи онҳо;
- ба ҳисоб гирифтани ӯҳдадории ҳарбии ҳайати кормандон ва ба хизмати ҳарбӣ омода сохтани ҳуҷҷатҳои онҳое, ки ба синни хизмати ҳарбӣ расидаанд (дар ҳолати набудани сохтор ва ё шахси барои ин кор таъйингардида);
- тайёр намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои муқаррар намудани нафақаи кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар якҷоягӣ бо иттифоқи касаба;
- омода ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои сарфароз гардонидан бо мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ.
4. Кормандони шӯъбаи кадрҳо вазифадоранд пайваста дараҷаи тахассус ва савияи дониши хешро баланд бардоранд.
5. Сардори шӯъбаи кадрҳо аз ҷониби ректор ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.
6. Сардори шӯъбаи кадрҳо барои ҳифз ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ниҳоии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи қонун ва меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ҷавобгар аст.

**Бо қарори мушовараи Вазорати**
**маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 13 апрели соли 2006**
**№ 8/6 тасдиқ шудааст**

## НИЗОМНОМАИ
## шӯъбаи коргузории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.**

1. Қоидаҳои умумӣ.
1.1.Шӯъбаи коргузорӣ сохтори мустақили муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, фаъолияти он дар асоси Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.
1.2.Шӯъбаи коргузорӣ дар фаъолияти хеш Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи коргузориро ба роҳбарӣ мегирад.
1.3.Шӯъбаи коргузорӣ вобаста ба теъдоди кормандон ва ҳаҷми кор метавонад бахшҳои зеринро созмон диҳад: умумӣ, ирсоли мактубҳо, ҳисобу бақайдгирии мактубҳо, назорат, таҳияи фармонҳо, ҳуруфчинҳо, бойгонӣ ва ғайра. Воҳиди кории шӯъбаи коргузорӣ бо пешниҳоди ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис вобаста ба теъдоди умумии коргарон, фонди музди меҳнат ва маблағгузорӣ бо хароҷоти маъмурӣ – идоравӣ тасдиқ карда мешавад.

2. Вазифаҳои асосӣ:
2.1.Ба роҳ мондан ва такмил додани коргузорӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
2.2.Ташкили дурусти ҳисоб ва бақайдгирии мактубҳо;
2.3.Назорати иҷрои саривақтии ҳуҷҷатҳо ва фармоишҳои ташкилоти болоӣ, роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва аризаю пешниҳодҳои шаҳрвандон;
2.4.Ташкил ва ба роҳ мондани тарзи дурусти истифодабарии ҳуҷҷатҳо ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои мӯҳлати истифодабариашон баитмомрасида;

2.5.Шӯъбаи коргузориро мудир роҳбарӣ мекунад. Мудири шӯъбаи коргузорӣ аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

3. Мудири шӯъбаи коргузорӣ ҳуқуқ дорад:
- масъалаҳои коргузориро ба роҳ монда, иҷрои ҳуҷҷатҳоро назорат намояд;
- аз болои кори бойгонӣ назорат бурда, ба он супориш диҳад;
- аз дигар шӯъбаҳои сохторӣ оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳо, пешниҳоду аризаҳои шаҳрвандон ҳисобот талаб намояд.
3.1.Шӯъбаи коргузорӣ дорои мӯҳри мудаввари бенишон буда, он дар ихтиёри мудири шӯъба қарор мегирад.

4.ӯҳдадориҳои мудири шӯъбаи коргузорӣ:
- қабулу ирсоли ҳуҷҷат ва мактубҳо;
- бақайдгирии саривақтӣ, ҳисобу ҷобаҷогузорӣ ва ба роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷату аризаҳои шаҳрвандон, назорати доимӣ аз болои иҷрои онҳо;
- бо фармону дастурҳо шинос намудани кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- ба роҳбарият пешниҳод намудани маълумот оид ба коргузорӣ ва назорат аз болои иҷрои он;
- кӯмаки методӣ оид ба тарзи коргузорӣ дар сохторҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- пешниҳоди мушаххас оид ба такмили ҳуҷҷатнигорӣ, ворид сохтан ва истифода бурдани технологияи нав дар шӯъба;
- такмили ихтисос, таҳияи дастурҳо оид ба вазифаҳои хидматии кормандони шӯъбаи коргузорӣ.

**Бо қарори мушовараи Вазорати**
**маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз «___» _______соли 2006**
**№__ тасдиқ шудааст**

## НИЗОМНОМАИ
## нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (филиалҳо, факултетҳо ва зершӯъбаҳо)

**Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.**

1. Нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (филиалҳо, факултетҳо ва зершӯъбаҳо) ҷузъи таркибии муассисаи таҳсилоти олии касбии таҳсили ғоибона мебошад ва он бо мақсади расонидани ёрии таълимию методӣ ба донишҷӯёни шӯъбаи ғоибонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешавад. Самти фаъолияти нуқтаи таълимию машваратӣ бевосита ба такмил додани савияи дониш ва маҳорату малакаи касбии донишҷӯёни ғоибхон равона карда мешавад.
2.Нуқтаи таълимию машваратӣ дар шаҳру ноҳия ва минтақаҳои аҳолинишин бо назардошти мавҷудияти пояи моддию техникӣ ва таъмини он бо мутахассисони соҳибмаълумот барои пешбурди корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмию методӣ таъсис дода мешавад.
3.Нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамон вақт таъсис дода мешавад, ки агар дар он на камтар аз 200 нафар донишҷӯёни ғоибхон таҳсил мекарда бошанд.
4.Нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо қарори Шӯрои олимон ва ризояти муассис дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.
5.Макони Нуқтаи таълимию машваратӣ аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян шуда, суроғаи он бо муассис ва Вазорати маорифи

Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад.
Нуқтаи таълимию машваратиро дар назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ низ таъсис додан мумкин аст.
6.Нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар раванди фаъолияти худ метавонад биноҳои таълимию озмоишгоҳ, осорхонаву китобхона ва дигар васоити таълимию ёрирасонро мавриди истифода қарор диҳад.
7.Нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии таҳсили ғоибона ва донишҷӯёни ғоибхони дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (чунин донишҷӯён метавонанд бо ризоияти ректорони ҳар ду муассисаи таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз тобеияти идоравиашон аз он истифода баранд) метавонад ёрии таълимию методӣ расонад.
8. Нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ ва илмию методии зеринро ба роҳ монад:
а) консултатсия;
б) хондани лексияҳо дар мавзӯъҳои гуногун;
в) гузаронидани семинарҳо, машғулиятҳои амалӣ.
9.Шаклҳои дигари фаъолияти таълимию методии нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби вазорату идораҳое, ки таълимгоҳҳо доранд, вобаста ба ҳайати мутахассисони соҳавӣ ва пояи моддию таълимӣ муайян карда мешаванд.
10.Роҳбарияти нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбиро мудири он ба ӯҳда дорад, ки ӯ аз ҷониби ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъйин карда мешавад. Мудири нуқтаи таълимию машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби кормандоне, ки дорои таҳсилоти олӣ, таҷрибаи кори педагогӣ, таълимию методӣ ва ташкилӣ мебошанд, таъйин карда мешаванд.
11. ӯҳдадориҳои мудир:
- ташкил ва ба роҳ мондани раванди таълимию методӣ мутобиқи банди 8-и Низомномаи мазкур ва назорати иҷрои онҳо;
- таъмини донишҷӯён бо китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ;
- назорат аз болои иҷрои корҳои таълимию методӣ ва илмиву тадқиқотии донишҷӯён;
- назорати иҷрои нақшаю барномаҳои таълимӣ;
- бо мақсади муҳайё намудани шароити корӣ барқарор намудани робита бо ташкилоту муассисаҳое, ки дар онҳо донишҷӯёни ғоибхон фаъолият мекунанд;
- тавассути васоити ахбори умум гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни коргарон, хизматчиён ва шаҳрвандон роҷеъ ба қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини нуқтаи таълимию машваратӣ бо таҷҳизот ва асбобу анҷоми зарурӣ;
- пешниҳоди саривақтии ҳисобот оид ба фаъолияти нуқтаи таълимию машваратӣ.
- ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои пешбурди фаъолият дар нуқтаҳои таълимию машваратӣ вобаста карда мешаванд.
12.Мудири нуқтаи таълимию машваратӣ фаъолияти хоҷагию молиявиро дар асоси ваколатномае, ки аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ӯ дода шудааст, анҷом медиҳад.
13. Мудири нуқтаи таълимию машваратӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои таълимию методӣ, оморӣ ва ғайра тибқи тартиби муқарраргардида ҳисобот пешкаш менамояд.
14.Воҳиди кории нуқтаи таълимию машваратӣ аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва ризоияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.
15.Нуқтаи таълимию машваратӣ дар асоси Низомномаи мазкур ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 13 апрели соли 2006
№ 8/9 тасдиқ шудааст

**НИЗОМНОМАИ**
**факултети муассисаи таҳсилоти**
**олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.**

1.Факултет ҷузъи таркибии сохтори таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ ва маъмурии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, тибқи қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо ризоияти муассис дар сурати мавҷуд будани пояи моддию техникӣ ва илмию фарҳангӣ мувофиқ ба меъёрҳо таъсис дода мешавад.
2.Факултет дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи Низомномаи мазкур таъсис дода шуда, дар асоси он фаъолият менамояд.
3.Факултет вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:
- тайёр намудани кадрҳои баландихтисос аспирант ва докторантҳо;
- ба роҳ мондани низоми таълим, тарбия, такмили ихтисоси устодон ва кормандони техникию ёрирасон;
- пешбурди фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ, илмию методӣ ва илмию тадқиқотӣ.
4.Факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар назди муассисаҳои калони истеҳсолӣ, корхона, ташкилот ва муассисаҳои таълимии минтақаҳои гуногун таъсис дода мешавад.
5.Факултет мутахассисонро дар истеҳсолот ва ҷудо аз истеҳсолот тайёр менамояд.
6.Барои ташкили корҳои самараноки таълимӣ ва тарбиявӣ дар сохтори факултет шӯъбаҳои гуногун созмон дода мешаванд.
7.Факултет озмоишгоҳҳо, кафедраҳо (тахассусӣ, умумитаълимӣ ва умумиҷамъиятӣ)-и муассисаи таҳсилоти олии касбиро муттаҳид месозад.
8.Факултет дар сурате таъсис дода мешавад, ки агар дар шакли таълими рӯзона на камтар аз 200 донишҷӯ, дар шакли таълими шабона на камтар аз 400 донишҷӯ ва дар шакли таълими ғоибона на камтар аз 500 донишҷӯ дошта бошад.
Эзоҳ: Ҳангоми дар факултет таҳсил намудани донишҷӯёни таълими рӯзона, шабона ва ғоибона чунин таносуб ба инобат гирифта мешавад: миқдори донишҷӯёни таълими рӯзона барои ташкил намудани факултет 1:1, шабона 0,5:1 ва ғоибона 0,4:1.
9.Роҳбарии факултетро декан ба ӯҳда дорад. Декани факултетро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва ризоияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муддати 4 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.
10.Ба вазифаи декани факултет номзади илм, дотсент ба муддати на зиёда аз як мӯҳлат, доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду мӯҳлат пайи ҳам таъин карда мешавад.
11.Декани факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки мӯҳлати деканиаш тибқи муқаррароти банди 9 ва 10-уми Низомномаи мазкур гузаштааст, ҳуқуқи минбаъд декан таъин шудан надорад.
12.Маҳдудияти синну солӣ ҳангоми таъини декани факултет тибқи муқаррароти кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
13.Фаъолияти ҳамасолаи декани факултет бо роҳи анкетагузаронӣ дар байни донишҷӯён ва кормандони он аз тарафи раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.
14.Вазифа ва ӯҳдадориҳои декани факултет мувофиқи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур муайян карда мешавад.
15.Иҷрокунандаи вазифаи декани факултет то 3 моҳ иҷозат дода мешавад.
16.Дар факултет барои амалӣ сохтани фаъолияти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва маъмурӣ Шӯрои

олимони факултет таъсис дода мешавад.
17.Фаъолияти Шӯрои олимони факултет тибқи Низомномаи Шӯрои олимони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.
18.Роҳбарии Шӯрои олимони факултетро декани факултет ба ӯҳда дорад.
19.Декани факултет мувофиқ ба миқдори донишҷӯён дар ихтиёри худ муовинон дорад:
- муовини декани факултет оид ба корҳои таълим;
- муовини декани факултет оид ба корҳои тарбия;
- муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ;
- муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона.
20.Муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ ба тариқи ҷамъиятӣ фаъолият менамояд ва дар сарбории солонааш 100 соат пешбинӣ карда мешавад.
21.Вазифаи муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона ҳамон вақт таъсис дода мешавад, ки агар миқдори донишҷӯёни таҳсили ғоибона на камтар аз 500 нафар бошад.
22.Барои ба роҳ мондани корҳои методӣ дар факултет Шӯрои илмӣ-методӣ таъсис дода мешавад. Роҳбари Шӯрои илмию методӣ аз ҳисоби устодони унвони илмидошта дар Шӯрои олимони факултет интихоб карда мешавад.
23.Феҳрасти ҳуҷҷатгузорӣ дар факултет ба тариқи зайл сурат мегирад:
1). Қарорҳо, фармонҳо, дастурҳою санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
2). Фармонҳои ректор.
3). Қарорҳои ректорат.
4). Қарорҳои Шӯрои олимон.
5). Фармоишҳои декани факултет.
6). Дастурҳои вазифавии кормандон.
7). Нақшаҳо ва ҳисоботи солонаи факултет.
8). Нақшаҳои солонаи тақсимот ва ҳисоботи сарбории омӯзгорон.
9). Нақшаҳои таълимӣ.
10). Ҳуҷҷатҳои кории Шӯрои олимони факултет ва ҳисоботи он
11). Ҳуҷҷатҳои кории Шӯрои илмию методии факултет.
12). Ҳуҷҷатҳои магистратура.
13). Ҳисобот ва суратҷаласаҳои комиссияи имтиҳоноти давлатӣ.
14). Суратҷаласаҳои деканат.
15). Ҳуҷҷатҳои нишондиҳанда оид ба ҷадвали воҳиди корӣ.
16). Корҳои илмӣ-тадқиқотии устодон ва донишҷӯён.
17). Ҳуҷҷатҳои такмили ихтисоси омӯзгорон.
18). Корҳои кураторӣ.
19). Мукотиба бо ташкилот ва шаҳрвандон.
20). Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, таълимӣ ва ҳисоботи онҳо.
21). Корҳои мустақилонаи донишҷӯён.
22). Ариза, маълумот, пешниҳод ва телефонограммаҳо.
23). Рӯйхати донишҷӯён.
24). Ҳуҷҷатҳои таъин намудани идрор ба донишҷӯён.
25). Ҷадвали дарсҳои таълимӣ, санҷишҳо ва имтиҳонҳо.
26). Сессияҳои имтиҳонотӣ ва пешрафти донишҷӯён.
27). Фармонҳои ректор оид ба аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯён.
28). Фармонҳои ректор оид ба хориҷ намудани донишҷӯён.
29). Фармонҳои ректор оид ба қабул, гузаронидан ва барқароркунии донишҷӯён.
30). Рӯйхати донишҷӯён аз рӯи гурӯҳҳои таълимӣ.
31). Нақшаҳои тақвимию мавзӯии фанҳо.
32). Барномаҳои таълимӣ ва тақвимии корӣ аз фанҳо.
33). Нақшаи инфиродии омӯзгорон.

34). Давомоти донишҷӯён ба дарсҳо.
35). Дафтари қайди дарсҳо.
36). Маълумотномаи академии донишҷӯён.
37). Суратҷаласаҳои комиссияҳои экспертӣ.
38). Рӯйхати амволи кафедраҳо.
39). Рӯйхати амволи шӯъбаҳо, озмоишгоҳҳои илмӣ ва таълимӣ.
40). Ҳуҷҷатҳои кории шӯъбаҳо, озмоишгоҳҳои илмӣ ва таълимӣ.
41). Номгӯи корҳои курсӣ ва дипломӣ.
42). Ҳуҷҷатҳои бойгонишуда.
43). Санадҳо.
44). Китоби содирот ва воридот.
45). Феҳрастҳо.

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 26 майи соли 2006**
**№ 18/2 тасдиқ шудааст**

**НИЗОМНОМАИ**
**Шӯрои олимони факултети муассисаи**
**таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.**

1.Шӯрои олимон бо мақсади баррасии масъалаҳои асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию методӣ ва дигар масъалаҳои муҳими пешбурди кори факултет таҳти роҳбарии декани факултет (бо фармони ректор ) таъсис дода мешавад.
2.Вазифаҳои асосии Шӯрои олимони факултет:
- муттаҳид намудани имкониятҳои нерӯи илмию ақлонии ҳайати устодону омӯзгорон ва кормандон дар ҳаллу фасли вазифаҳои марбут ба фаъолияти факултет;
- дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», низомномаи мазкур ва дигар асноди меъёриву ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- татбиқи амалии фармону дастур ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти болоӣ ҷиҳати таъмини тайёр намудани мутахассисони баландихтисос аз рӯи ихтисосҳои факултет;
- мусоидат намудан ба тайёр кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ, амалигардонӣ ва рушди минбаъдаи тадқиқоти илмӣ, инкишофи корҳои таълимию методӣ ва тарбиявӣ дар байни донишҷӯён;
- назорат аз болои иҷрои қарорҳои қабулшуда.
3.Шӯрои олимон дар ҳайати декани факултет, муовинони ӯ, мудирони кафедраҳо, намояндагони иттифоқи касаба ва созмони ҷавонон таъсис дода мешавад. Ба ҳайати Шӯрои олимон кормандони илмиву педагогии факултет, олимони шинохта, инчунин мутахассисони муассисаҳо ва ташкилоту корхонаҳоеро, ки фаъолияташон бо факултет алоқаманд аст, шомил намудан мумкин аст.
4.Теъдод ва ҳайати шахсии аъзои Шӯрои олимони факултетро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муддати 2 (ду) сол тасдиқ менамояд.

5.Шӯрои олимони факултет масъалаҳои зеринро баррасӣ менамояд:
- лоиҳаи нақша, барномаҳои таълимӣ ва корҳои илмию тадқиқотӣ;
- ҳисоботи фаъолияти таълимию методӣ ва илмию тадқиқотии кафедраҳо;
- парвандаҳои пешниҳоднамудаи омӯзгоронро барои дарёфти унвони профессор ва дотсент мутобиқи тартиби муқаррааргардида;
- нақшаи корҳои илмию тадқиқотӣ, таълимию тарбиявӣ ва такмили ихтисоси ҳайати профессорону омӯзгорон;
- ҳисоботи декани факултет оид ба корҳои таълимию методӣ, илмӣ ва тарбиявӣ;
- пешниҳоди номзадҳо барои дохил шудан ба аспирантура ва ординатураҳои клиникӣ аз ҷумлаи хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии додашуда, инчунин номзадҳо барои маъмурият ва аспирантураи яксола;
- ҳолату чорабиниҳо барои беҳбудии минбаъдаи корҳои илмию тадқиқотии кормандон ва донишҷӯёни факултет;
- ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ, илмию методӣ ва таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии донишҷӯён;
- мутобиқи тартиби муқаррааргардида гузаронидани озмунҳо барои ишғол намудани вазифаҳои озоди ҳайати омӯзгорон–дотсентон, муаллимони калон ва ассистентон;
- тасдиқи нақшаҳои инфиродии аспирантҳо ва ординаторҳои клиникӣ ва ҳамасола баррасӣ намудани мавод доир ба аттестатсияи онҳо;
- дигар масъалаҳои марбут ба пешбурди фаъолияти факултет.
6. Фаъолияти Шӯрои олимон мутобиқи нақшаи барои соли таҳсил таҳияшуда, ки аз ҷониби ректор тасдиқ шудааст, сурат мегирад;
7.Қарорҳои Шӯрои олимон оид ба корҳои таълимӣ ва илмии факултет бо овоздиҳии ошкоро, бо ҷонибдории аксарият қабул карда мешавад, вале муҳокимаи масъалаҳо ҷиҳати гузаронидани озмун барои ишғол намудани вазифаҳо тибқи тартиби муқаррааргардида бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад.
8.Ҷаласаҳои Шӯрои олимон дар суратҷаласа қайд шуда, аз ҷониби Раис ва котиби Шӯро имзо карда мешавад.
9.Раиси Шӯро назорати мунтазами иҷрои қарорҳои Шӯрои олимонро ташкил намуда, дар бораи онҳо ба аъзои Шӯро маълумот
медиҳад.

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 13 апрели соли 2006**
**№ 8/4 тасдиқ шудааст**

## НИЗОМНОМАИ
## кафедраи муассисаи таҳсилоти олии
## касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.**

1. Кафедра ҷузъи таркибии сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (факултет) буда, дар байни донишҷӯён ва омӯзгорон корҳои таълимию тарбиявӣ, илмию методиро ба роҳ мемонад.
2. Кафедра дар сурати мавҷуд будани на камтар аз 5 воҳиди корӣи барои кормандони илмию педагогӣ пешбинишуда, ки аз ин миқдор на камтар аз 2 нафарашон номзад ва доктори илм бошанд, ташкил карда мешавад. Кафедраҳои махсус, тарбияи ҷисмонӣ ва забонҳои хориҷӣ (дар

факултетҲои ғайрифилологӣ) аз ин талабот истисно мебошанд.
3. Кафедра бо пешниҳоди Шӯрои олимони факултет, тибқи қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис ва барҳам дода мешавад.
4.Кафедраҳои тахассусии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар истеҳсолот филиалҳои худро дошта метавонанд.
5.Кафедраро мудир роҳбарӣ мекунад. Мудири кафедра аз ҷумлаи доктороні илм, профессорон ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муддати 4 сол интихоб карда мешавад.
Ба таври истисно мудири кафедра аз зумраи номзадҳои илм, дотсентон ба муддати 4 сол ва на зиёда аз ду мӯҳлат пайи ҳам, ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихоб карда мешавад. Мудирони кафедраҳое, ки то вақти амалӣ шудани Низомномаи мазкур ду мӯҳлат пайи ҳам адои вазифа кардаанд (аз зумраи номзадҳои илм ва дотсентон), минбаъд ҳуқуқи иштирок намуданро дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра надоранд.
6. Интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи омӯзгороне, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, манъ аст. Барои баъзе ихтиссосҳо-забонҳои хориҷӣ, варзиш, соҳаи фарҳанг, ба таври истисно барои як муддат иҷозат дода мешавад.
7.Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.
Озмун аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 1 моҳ пеш аз интихоби мудири кафедра дар саҳифаҳои васоити ахбори умум эълон ва интишор карда мешавад:
- дар озмун довталабон мутобиқи бандҳои 2 ва 5-и Низомномаи мазкур, мувофиқ ба ихтисос ва шифри тахассус иштирок карда метавонанд;
- ҳамон нафаре мудири кафедра ҳисобида мешавад, ки агар дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми овоздиҳӣ аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои Шӯрои олимонро гирад;
- овоздиҳӣ ба таври пинҳонӣ сурат мегирад.
8. Мудири кафедра узви Шӯрои олимони факултет мебошад.
9.Ба ҳайати кормандони кафедра, доктори илм, профессор-мушовир, номзади илм, дотсент, омӯзгор, омӯзгори калон, ассистент, ходими калон ва хурди илмӣ, докторант ва аспирант, муҳаққиқ–коромӯз ва кормандони таълимию ёрирасон (лаборант, лаборанти калон, мудири лаборатория, мудири кабинет, котиби кафедра) дохил мешаванд.
10. Ба зиммаи кафедра вазифаҳои зерин гузошта мешавад:
- ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ (амалӣ), лабораторӣ ва дигар намуди машғулиятҳои таълимӣ тибқи нақшаҳои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (дараҷаи баланди илмию назариявӣ);
- роҳбарӣ ба корҳои таълимию истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ, курсӣ, лоиҳа ва корҳои дипломӣ, ҳамчунин корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ташкил ва гузаронидани санҷишу имтиҳони ҷорӣ;
- ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён;
- мувофиқи тартиби муқаррааргардида таҳия ва табъу нашри барномаҳои таълимӣ оид ба фанҳои тадрисшаванда;
- пешниҳоди тақриз ва хулоса ба барномаҳои таълимие, ки аз тарафи кафедраҳои дигар омода гардидаанд;
- таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, дигар маводҳои методӣ, аёният ва хулосаҳои илмию методӣ барои нақшаҳои таълимӣ ва тахассусҳои нав;
- ба роҳ мондани корҳои илмию тадқиқотӣ дар асоси нақшаи тасдиқшуда;
- роҳбарӣ ба корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён;
- муҳокимаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва татбиқи онҳо дар амалияи ҷамъиятӣ-истеҳсолӣ;
- ба нашр тавсия намудани таълифоти анҷомёфта;
- баррасии нақшаву барномаҳои инфиродии таълимӣ, илмӣ, методӣ ва корҳои тарбиявии устодон ва кормандони кафедра;
- омӯзиш, баррасӣ ва татбиқи таҷрибаи пешқадами омӯзгорони кафедра;
- дастгирӣ ва ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавон ва камтаҷриба дар роҳи такмил додани маҳорати педагогии онҳо;
- таҳия ва баррасии чорабиниҳо оид ба истифодаи маводҳои муосири таълимӣ ҳангоми

машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ;
- тайёр намудани кадрҳои илмию педагогӣ;
- муҳокимаи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, барои дифоъ пешниҳод намудани онҳо;
- бо супориши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муҳокима ва баррасии рисолаҳои номзадӣ ва доктории аз берун воридшаванда;
- барқарор намудани алоқа бо истеҳсолот ва татбиқи робитаи назария бо амалия;
- ташкили робитаи мунтазам бо хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, собиқ аспирантон ва докторантони кафедра;
- ташвиқу тарғиби дастовардҳои илмии омӯзгорон ва кормандони кафедра, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси устодон ва кормандон;
- ташкил, баррасӣ ва муҳокимаи дарсҳои кушоди устодони кафедра;
- муҳокимаи матни лексияҳои устодони кафедра ва тасдиқи онҳо.

11. Омӯзгорон ва кормандони кафедра бояд ҳар 5 сол 1 маротиба аз коромӯзӣ ва курси такмили ихтисос гузаранд.

12. Ишғоли вазифа аз ҷониби ҳайати профессорон, омӯзгорон ва кормандони илмии кафедра дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи озмун, талаботи Низомномаи мазкур ва дар асоси шартномаи тарафайн тибқи қонунгузории ҷорӣ ба амал бароварда мешавад.

13.Фаъолияти ҳамасолаи мудири кафедра бо роҳи анкетагузаронӣ дар байни донишҷӯён ва кормандони он аз тарафи раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.

14.Маҳдудияти синну солӣ ҳангоми интихоби мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи муқаррароти кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

15.Феҳрасти ҳуҷҷатгузорӣ дар кафедра ба тариқи зайл сурат мегирад:

1). Қарорҳо, фармонҳо, дастурҳо, санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.
2). Фармонҳои ректор ва супоришҳои ноибони он.
3). Қарорҳои ректорат ва Шӯрои олимон.
4). Суратҷаласаҳои кафедра ва машваратҳои илмӣ.
5). Дастурҳои вазифавии кормандон.
6). Нақшаҳои кории кафедра.
7). Ҳуҷҷатҳои татбиқи корҳои илмӣ.
8). Ҳуҷҷатҳои такмили ихтисоси устодон ва кормандони кафедра.
9). Нақшаҳои инфиродӣ ва ҳисоботи солонаи устодон.
10). Барномаҳои корӣ оид ба раванди таълим.
11). Ҳисоботи солонаи кафедра.
12). Ҳисоботи аспирантҳо.
13). Воҳидҳои корӣ ва тақсимоти соатҳои устодон.
14). Номгӯи мавзӯъҳои корҳои дипломии донишҷӯён.
15). Ҳуҷҷатҳо оид ба корҳои дипломӣ ва тақриз ба онҳо.
16). Номгӯи корҳои курсӣ ва санҷишӣ.
17). Билетҳои имтиҳонӣ аз фанҳои таълимии кафедра.
18). Ҳуҷҷатҳои ҷамъияти илмии донишҷӯён.
19). Ҳуҷҷатҳо оид ба таъминоти моддию техникии ҷараёни таълим.
20). Тақризҳо ва хулосаҳои кафедра.
21). Дафтари бақайдгирии журналҳо.
22). Дафтари бақайдгирии иҷрои сарбории таълимӣ.
23). Дафтари бақайдгирии корҳои курсӣ ва санҷишӣ.
24). Ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ.
25). Дафтари бақайдгирии суратҷаласаҳо.
26). Дафтари бақайдгирии иштироки устодон ба дарсҳои ҳамдигар.
27). Дафтари бақайдгирии воситаҳои техникӣ дар ҷараёни таълим.
28). Ҷадвали навбатчигии устодон дар кафедра.
29). Ҷадвали қабули сабақгардонӣ.
30). Ҷадвали қабули микросанҷишҳо ва коллоквиумҳо.

31). Ҷадвали машваратҳои иловагӣ ва инфиродӣ.
32). Ҷадвали супоридани санҷишу имтиҳонҳо, лоиҳаҳои курсӣ ва корҳои назоратӣ.
33). Ҳуҷҷатҳои бойгонишуда.
34). Санадҳо.
35). Феҳрастҳо.
36). Дафтари воридот ва содирот.
16. Кафедра дар асоси нақшаи корӣ ҳар моҳ 1 маротиба ҷаласа мегузаронад.
17. Дар ҳолати набудани мудири кафедра вазифаи онро муваққатан яке аз аъзои ботаҷрибаи кафедра иҷро мекунад.
18. Ба кафедраҳое, ки зиёда аз 20 нафар аъзо доранд, вазифаи муовини мудири кафедра иҷозат дода мешавад.
19. Барои роҳбарӣ ба кафедра дар сарбории мудири кафедра 50 соат ба нақша гирифта мешавад.
20.Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра то 3 моҳ иҷозат дода мешавад.
21.Барои навиштани рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ, омӯзгорони кафедра метавонанд ба муддати се моҳ, шаш моҳ ва як сол ба рухсатии эҷодӣ бароянд.

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 28 июли соли 2006**
**№ 23/3 тасдиқ шудааст**

**НИЗОМНОМАИ**
**Шӯъбаи тайёрии муассисаи таҳсилоти**
**олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1.Шӯъбаи тайёрии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тайёрии таҳсилоти умумии ҷавонон ва тайёр намудани онҳо барои дохил шудан ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси худмаблағгузорӣ ташкил карда мешавад.
1.2.Шӯъбаи тайёрӣ аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва бо ризоияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷуд будани базаи моддию техникӣ, таълимию методӣ ва кафедраҳои услуби таълими фаннӣ ташкил карда мешавад. Нақшаи қабул ба шӯъбаи тайёрӣ аз рӯйи шаклҳои таълим ва нархномаи ҳаққи таҳсил аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.
1.3.Шӯъбаи тайёрии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки аз рӯйи шакли таълими рӯзона довталабонро барои дохилшавӣ тайёр мекунад, дар ҳолати мавҷуд будани на камтар аз 75-100 нафар довталаб ташкил карда мешавад.
1.4.Машғулиятҳои таълимӣ дар шӯъбаи тайёрӣ чун қоида аз рӯи шаклҳои таълими рӯзона, шабона ва ғоибона гузаронида мешаванд.

## 2. Сохтор ва тартиби кори шӯъбаи тайёрӣ

2.1.Шӯъбаи тайёрӣ аз роҳбарияти шӯъба (мудири шӯъба, танзимгар, оператори компютер) ва ҳайати омӯзгорон иборат аст. Музди меҳнати мудир, кормандон ва омӯзгорони шӯъбаи тайёрӣ

мувофиқи музди меҳнати тасдиқнамудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон аз ҳисоби маблағҳои бадастовардаи шӯъба пардохт карда мешавад.

Шӯъбаи тайёрӣ бо деканати факултетҳо, кафедраҳои услуби таълим, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи махсус, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон, барои ба таҳсил ҷалб намудани ҷавонон ва ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами таълим ва сифатан беҳтар гардонидани корҳои таълимию методӣ ҳамкорӣ менамояд. Дар заминаи ҳамкориҳо масъалаҳои таъмини шунавандагон бо барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, дастурҳои методӣ, асбобу анҷоми хониш ҳаллу фасл мегарданд.

2.2.Роҳбарии умумии фаъолияти шӯъбаи тайёрӣ аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ гардонида мешавад.

2.3.Ба корҳои таълимию методии шӯъбаи тайёрӣ ноиби ректор оид ба таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври умумӣ роҳбарӣ менамояд.

2.4.Роҳбарии методии фаъолияти шӯъбаи тайёрӣ аз тарафи Шӯрои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ анҷом дода мешавад.

2.5.Мудири шӯъбаи тайёрӣ аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷриба дар мувофиқа бо муассис ва бо ризоияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2.6.Мудири шӯъбаи тайёрӣ ҳамчун узви ректорат ва Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҷаласаҳо иштирок намуда, оид ба фаъолияти шӯъба гузориш медиҳад.

2.7.Вазифаҳои мудири шӯъбаи тайёрӣ аз инҳо иборатанд:

- ба корҳои таълимию тарбиявии шӯъба бевосита роҳбарӣ менамояд;
- машғулиятҳоро аз рӯи нақшаву барномаҳои тасдиқшудаи таълимӣ ташкил мекунад;
- ҷараёни таълимро таъмин ва мунтазам назорат менамояд;
- ҷадвали машғулиятҳои дарсиро таҳия намуда, барои тасдиқ ба ноиби ректор оид ба корҳои таълим пешниҳод менамояд;
- кори мунтазами мустақилонаи шунавандагонро ба роҳ мемонад;
- бо роҳбарияти факултетҳо, кафедраҳои услуби таълим, озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ, китобхонаҳо, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи махсус, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимию методӣ робитаи мунтазамро нигоҳ медорад;
- барои хориҷ намудани шунавандагон бо сабабҳои давомоти нокифоя ва вайрон кардани интизоми меҳнати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ба ректор таклиф пешниҳод менамояд;
- барои шунавандагон ҳуҷҷатҳои лозимаро таҳия ва омода менамояд.